# АСКАР ҲАКИМ

## ҶИЛДИ ДУВУМ

**Чамани ишқу андеша**
**(рубоиёт, дубайтиҳо, байтҳо)**
**Достон ва манзумаҳо**
**Гуфтор дар бораи худ**

**Нашриёти «Адиб»**
**Душанбе**

**Аскар Ҳаким. МАҶМӮАИ АШЪОР.**
– Душанбе: Адиб, 2021. – саҳ.

Дар ин маҷмӯаи ашъори Шоири халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯабдулло Рӯдакӣ Аскар Ҳаким рубоиву дубайтиву байтҳо, достону манзумаҳои ӯ гирд оварда шуда, қисмате аз онҳо нав буда, аввалин бор дар ин ҷо ба чоп мерасанд. Бархе аз ин асарҳо, ки ба забонҳои дигар тарҷума гаштаанд, аз ҷониби ноқидони шеър баҳои баланде гирифта, аз дастовардҳои адабиёти муосири тоҷик шинохта шудаанд. Дар охир ёддошти мухтасари “Гуфтор дар бораи худ” оварда шудааст, ки хондани он барои шинохти беҳтари шеъру шоир мадад мекунад.

**ЧАМАНИ**
**ИШҚУ АНДЕША**

(рубоиёт, дубайтиҳо, байтҳо то с. 2017)

## РУБОИЁТ

### МАН ОМАДААМ…

Боист шинохт оламу одамро*,
Садрангии ҷовидони бешу камро.
Ин даҳр тиҳӣ буд ба чандин миллярд,
Ман омадаам, ки пур кунам оламро.

### ДАРУНХОЛӢ

Ту айбу гунаҳ чӣ мениҳӣ гардунро,
Ту дарси вафо чӣ медиҳӣ Маҷнунро.
Холӣ ки бувад даруни ту ҳамчу дуҳул,
Овози ту ларза медиҳад берунро.

### РУХЗАРДИИ БЕДАРДӢ

Дарде ба дилат, ки нест, дардӣ моро,
Гарде зи ғамат, ки нест, гардӣ моро.
Ҳайфо ки ба ин бардамию рӯсурхӣ,
Рӯсурхии мо не, рухи зардӣ моро.

*Рубоиҳову дубайтиҳову байтҳо аз рӯйи ҳарфи охири қофияҳо наздик ба алифбои форсӣ ба сириллики тоҷикӣ ба ин тартиб оварда шудаанд:
О,Б,П,Т,С,Ҷ,Ч,Ҳ,Х,Д,З,Р,Ж,Ш,Ъ,Ғ,Ф,Қ,К,Г,Л,М,Н,У(Ӯ),А,Ӣ(Й,Е).

**КУШТАМ ХУДРО**

Гар сахт гирифтамат, дуруштам худро,
Нафрин бибарам ба пушт-пуштам худро.
Мӯсо ки ба мушт кӯфт фиръавниро,
Зад бар сари худ мушт, ки куштам худро.

**ШЕВАИ ДАВЛАТСОЗӢ**

Бадном ба каф барад калиди нонро,
Нофармоне раво кунад фармонро.
Имрӯз ба ин шева, ки давлат созем,
Фардо барем оё ба саломат ҷонро?

**ҲАЙВОН ЧӢ КУНАД?**

Ҳайвон ки ба одам ба сар орад дамро,
Мафтуни камоли худ кунад оламро.
Бечораи ҳайвон чӣ кунад, лек агар
Бинад ҳаявонхӯй бани одамро?!

**БУЗУРГЕЮ БУЗУРГӢ**

Санге нашикаст санги дарёиро,
Ранге набурид ранги дарёиро.
Ҳар ҷо, ки бузургест, бузурге хоҳад,
Дар кӯл маҷӯ наҳанги дарёиро.

**ДИЛБОХТАВУ САРБОХТА**

Дилдода агар туӣ, диландохта мо,
Аз ёр ишораву ба сар тохта мо.
Дигар сабақи ишқу вафомон чӣ диҳӣ,
Ҷое ки ту дил бохта, сар бохта мо.

**ШАККИ БУЗУРГӢ**

Дардат ки ба дил нест, макун ҳеҷ нидо,
Бе дарди диле кай бирасад кас ба Худо.
Эй кӯҳ, дигар шак ба бузургит орам,
Чун бо пари коҳ медиҳӣ акси садо.

**КӮҲИ БЕТАМКИН**

Ёрон, ба ҳама сару садои дунё,
Хомӯш чӣ сон бимонам аз баҳри Худо?!
Кӯҳе чу наёрад, ки ба он тамкинаш
Бар нимсадое надиҳад акси садо.

**САРИ ПУРБОД**

Аз кӯҳи баланд аст чу ҷӯйи дарё
Рафтан ба амиқӣ аст хӯйи дарё.
Ин фавҷи ҳубоб аст, ки мағрур давад
Бо он сари пурбод ба рӯйи дарё.

**ИШҚИ САМО**

Ишқе, ки гирифтаст ба дилҳо маъво,
Гӯяд, ки ту ошиқӣ, биё, ҷониби мо.
Ҳар дона, ки ишқ бо само меварзад,
Аз хок бурун мекашадаш ишқи само.

**ХОР ДАР ПО**

То кӯйи мурод ӯ дарорад поро,
Сад бор бубинаду шуморад поро.
Онро, ки халидааст дар пояш хор,
Бар барги гул оҳиста гузорад поро.

**ДУ ЛАБИ ДӮХТА**

Ҳолам чӣ бад асту бад, Худоё, чӣ бадо,
Гӯё ки шудам аз туву аз хеш ҷудо.
Бо ин ду лаби дӯхтаам, чун гӯям,
Аз фарри шаҳию ҳоли бадтар зи гадо?!

**БАҲОР БО ЛОЛАРУХЕ**

Он ёри ба ҷон хоста ёраш бодо,
Чун ҷони азиз дар канораш бодо.
Ҳар кас ки кунад баҳор бо лоларухе,
Як лолаи рӯй сад баҳораш бодо.

**САЙДИ САЙЁДБАРАНДА**

Дилбар раваду ба дил ниҳад ёдашро,
Ҳаргиз нарасад ғаме дили шодашро.
Ин оҳуи мушкин чӣ аҷаб хуш сайдест,
Сайде, ки барад ба дом сайёдашро.

**ОБИ ТАҲИ КОҲ**

Як умр Худоё, ту ба мо роҳ намо,
Аз макри адӯи хомуш огоҳ намо.
Баски натавонад бикунад сели дамон,
Гоҳ он чӣ кунад оби таҳи коҳ ба мо.

**ТАНМУРДАВУ ДИЛМУРДА**

Дилдода равад кучову дилбурда куҷо,
Гилхӯрда равад кучову дилхӯрда куҷо.
Ин хок, ки мадфани вуҷуди хокист,
Танмурда равад ба гӯр, дилмурда куҷо?

**ХАЙЁТИ ЗАМОН**

Эй кош, барем то ба охир раҳро,
Кӯҳе нанамоем пас аз ин каҳро.
Хайёти замон агар туӣ, боз чаро
Ҷое, ки дароз аст, бурӣ кӯтаҳро?!

**РӮЙИ СИЯҲ**

Бошад, шунавам ман сифати хӯйи туро,

То саҷда баранд мардумон кӯйи туро.
Гар умр кунад мӯйи сиёҳи ту сафед,
Ҷуз ту накунад касе сияҳ рӯйи туро.

## ДИЛ ҶӮЙ...

Дил ҷӯй, ки мардум диҳадат дар дил ҷо,
Дарди дили ту кунанд бо меҳр даво.
Дар даҳри муомалат на ин аст равиш,
К-аз дасти ту гиранд, ту гирӣ аз по.

## РЕШАВУ ТЕША

Сабз аст агар ба хоки тар решаи мо,
Хушкондани хок аст дар андешаи мо.
Моро набувад ҳеҷ гаҳе шикваи ғайр,
Бар решаи мо занад фақат тешаи мо.

## ШАКАР ВА НАВО

Гар дарди бадатро набувад ҳеҷ даво,
Нолиданат аз чархи фалак нест раво.
Ин шева ба найшакар кӣ омӯхтааст,
Пур буда, шакар диҳад, чу холист наво.

## МАЪНОИ ДАҲР

Ҳар қадр ман аз даҳр, ки ҷустам маъно,
Маънои дигар нашуд ҷуз инам пайдо:
Даҳр аст агарчи як маҳалли раву о,
Ё ҳеҷ аз он марав ту, ё ҳеҷ маё!

## КАСАЛДЕВОНҲО

Дидем, ҳама зери бағал девонҳо,

Хондем, чӣ буд дар ин ғазалдевонҳо.
Аз мо дигар аз ақл мапурсед, ки мо
Девона шудем аз ин касалдевонҳо.

## ДАР ТАҲИ БОЛИ МАГАС

Гар рафт навомон зи замин то ба само,
Ин давлати мо нест ба ҷуз ҳиммати мо.
Эй он, ки ту бахт ҷуста дар сояраве,
Бингар, таҳи боли магасӣ, ё ки Ҳумо.

## КУ ДАВО?

Чун дарди башарро набувад ҳеҷ даво,
Ҷанг аст ба болои бало боз бало.
Дар олами зиндагон намебинам сулҳ,
Ё сулҳ фақат ба мурдагон аст раво?!

## ХАНДОНЛАБ

Эй шохаи гул, баҳори аслӣ моро,
Бо барги лабат хумори васлӣ моро.
Гул фасли баҳор агар фақат механдад,
Хандонлаби ҳар чаҳор фаслӣ моро.

## ЧУ ХУРШЕД БИЁ!

Бар рӯйи ҷаҳон, ки омадӣ, ид биё,
На чун шаби ғам, чу субҳи уммед биё.
Чун абр макун гирифтарӯ омаду рафт,
Хандон чу маҳе раву чу хуршед биё!

## ДАВЛАТИ ПОДОР

Ин сояи ҷонпарвари беду лаби об,
Андоз гуле дар обу бардор гулоб.

Болин ба канору даст дар гардани ёр,
Эй Хизр, биё давлати подор биёб!

## САЙДИ РАСТА

Сайёд ба мо кард чунон хашму итоб,
К-он рӯзи ҳисоб ҳам наояд ба ҳисоб.
Моро кӣ тавонад, ки дигар сайд кунад,
Сайдем, ки растем зи чанголи уқоб.

## ДӮЗАХДИДА

Ҷонам ҳама озурда шуд аз ранҷу итоб,
Гаҳ сӯхт тафи оташу гаҳ сардии об.
Тарсе нахурад сӯхта аз оташи кин,
Бар дӯзахдида чӣ кунад нори азоб?!

## ПОДОШИ САВОБ

Будам зи само умеди подоши савоб,
Лек ахтари рахшони маро кард шиҳоб.
Тухме, ки ба хок киштаам, сохт тиҳӣ,
Обе, ки ба дашт бурдаам, кард сароб.

## БЕЁДИ МУҲАББАТ

Сарчашмаи нӯш бе ту буд мавҷи сароб,
Рӯзе, ки гузашт бе ту, буд рӯзи азоб.
Дар фасли муҳаббати ту беёд будам,
Ҳушам, ки ба сар расид, буд рӯзи ҳисоб.

## ФАРОБ[1] Ё ШАРОБ?

Рӯзе, ки раҳо шуд Одам аз оби азоб,

[1] Сохтаи муаллиф аст дар муқобили шар-об, фар-об, яъне обе, ки фар дорад.

Ғарқид зи нав дубора дар мавҷи сароб.
Аз мардуми саҳрои араб гардам, лек
Хӯрданд фаробу аз чӣ гуфтанд шароб?!

## ЧАШМАИ НӮШ

Дар деги само ситора ҷӯшид имшаб,
Дарё ба канори мо хурӯшид имшаб.
Ду ташналабе, ки лаб ба лаб часпонид,
Аз чашмаи нӯши Хизр нӯшид имшаб.

## РАҲИ ЁР

Сад роҳ наваштем, ки раҳдор куҷост,
Аз дор гузаштем, сари дор куҷост.
Ҷустем раҳе ба ёру ёвар умре,
Олам ҳама роҳ аст, раҳи ёр куҷост?!

## ДАСТЕ БА САРУ…

Ин назми ҷаҳон ба нобасомон заду рафт,
Ҳар лангу шале таъни хиромон заду рафт.
Ҳар омада бар даҳр, ки ду дасте дошт,
Дасте ба сару даст ба домон заду рафт.

## РОЗИ ВУҶУД

Ин рози ҷаҳон буд, ки таҳ дар таҳ рафт,
Ё ҳамчу хаёл аз чаҳе то маҳ рафт.
Аз аҳли хирад наёфт кас рози вуҷуд,
Дарёфт варо касе, ки ноогаҳ рафт.

## ТАРСӢ, КИ БИАФТӢ…

Оне, ки раҳе рафт, куҷо огаҳ рафт,
Он рафт раҳи ёр, ки ноогаҳ рафт.

Чун пой баромадат, қадам бояд зад,
Тарсӣ, ки биафтӣ ту, набояд раҳ рафт.

## ҚАСРИ ПОДОР

Шамъам, ки зи шамси ту пуранвортар аст,
Як лаҳзаам аз асри ту пурбортар аст.
Ҳақ ҷуставу ҳақ гуфта, ки месозам шеър,
Як байти ман аз қасри ту подортар аст.

## ДАРЁВУ НАҲАНГ

Шӯре, ки ба баҳри дил бувад, ҳар ҷо нест,
Тӯфони дил аммо ба назар пайдо нест.
Моҳича турову лофи дарё чӣ занӣ,
Дарё, ки наҳангаш набувад, дарё нест.

## БЕДОРИИ ФАРДО

Оне, ки диҳад рӯз сару савдоят,
Ором диҳад дар оғуши шабҳоят.
Он гаҳ, ки барад ба хоби ҷовидонат,
Бедории ҷовид диҳад фардоят.

## ДАРБОХТ

Оне, ки шаб офарид, рӯзе ҳам сохт,
Густурд замину осмон ҳам афрохт.
Ҷин сохту одаме, валекин одам
Чун сохт ба ҷин, Худову худро дарбохт.

## ПУНБАГӮШӢ

Бигзашт ҳама, суханфурӯшӣ нагузашт,
Дар мадҳу қасида сахткӯшӣ нагузашт.
Ҳарчанд замона шӯри маҳшар дорад,

Аз аҳли сухан пунбабагӯшӣ нагузашт.

## АЗ БУНИ ДИГАР

Моро ба ҷуз ин дил дили хуне дигар аст,
К-онро ҳама сад чарову чуне дигар аст.
Ҳар дил агар аз решаи тан зинда бувад,
Ин ҷони дили зинда зи буне дигар аст.

## ЗОҒ - ДОҒУ БУЛБУЛ - БОҒ

Ҳар ҷой, ки зоғ аст, ба дилҳо доғ аст,
Оғози хазон садои наҳси зоғ аст.
Аз қар-қари зоғ гулшане чӯл шавад,
Булбул сари ҳар шох, ки хонад, боғ аст.

## САБРИ ҶОНБОЗӢ

Аз хидмати ишқи ту беҳин хидмат нест,
В-аз давлати ишқи ту беҳин давлат нест.
Гуфтам, ки ба пеши пойи ту ҷон бозам,
Гуфтӣ, ки каме сабр бикун, фурсат нест.

## МАГАСШЕР

Оне, ки надод дод, бедодгар аст,
Дар шеваи ҷабру ситам имдодгар аст.
Хунхораяке беш бувад ташнаи хун,
Ҳаққо, ки магас зи шер хунхортар аст.

## САРИ САНГ

Эй халқи азиз, ному нангат кофист,
Бо бешарафони даҳр ҷангат кофист.
Баски сари санг аст ба дунё ватанат,
Дар сангари дунё сари сангат кофист.

## ОЙИНАИ КАҶБИН

Аз даҳри каҷандеш маро темор аст,
Тӯмори ғамам фақат дили бемор аст.
Чашми сари ман ойинаи каҷбинест,
Дар даҳри каҷ ойина магар ҳамвор аст?!

## САРХАМИИ БЕБОРӢ

Эй ёр, сарам ба сарфарозӣ ёр аст,
Бебор саре баланд кардан ор аст.
Аммо сари хам гаҳе зи пурборӣ нест,
Сархам маҷнунбед, вале бебор аст.

## ЗАҒАН РАҲБАРИ БАШАР

Ё раб, чӣ касе биофаридӣ, ки нахуст
Коре, ки бикард, кушт додарро чуст.
Пас зоғ биёмӯхт варо кандани қабр,
Эй вой башарро, ки заған раҳбари ӯст.[2]

## РАСТОХЕЗ

Умрат ба масал агар чу дастовез аст,
Некаш нигарӣ, ба роҳи ҳақ маҳмез аст.
Ҳоло накунӣ ба роҳи ҳақ растохез,
Ҳар рӯзи пас аз марги ту растохез аст.

## МУСАХХАРИ АҚЛ

Гӯянд, ки ақли ман зи эҳсони Худост,

[2] Ишора ба Қуръони маҷид, Сураи Ал-Моида, ояи 31: «Худо калоғеро водошт, то заминро биковад ва ба ӯ биёмӯзад, ки чӣ гуна бародари худро пинҳон созад». Сухан аз ду писари ҳазрати Одам Ҳобил ва Қобил аст, ки Қобил аз рӯи ҳасад Ҳобилро мекушад.

Тасхири ҳамин ақл кунун арзу самост.
Киштӣ ҳам аз ин хирад ба рӯйи об аст,
Ё з-он ки сабук чӯб зи оби дарёст?!

**РӮДИ ШИРИН**

Эй он, ки туро муроди дил таскин аст,
Дар ранҷу азоб ҳикмати дерин аст.
Дар роҳати худ талх бувад уқёнус,
Рӯде, ки ба санг сар занад, ширин аст.

**ҒАМИ ШИРИНИ ҶУДОЙӢ**

Дар васли ду соҳил чӣ басе ҳоилҳост,
Аммо ғазали мавҷ раҳе бар дилҳост.
Ширинии савти рӯд, донӣ, аз чист,
Ширин зи ғами ҷудоии соҳилҳост.

**ДИЛИ БЕДОР**

Олам ҳама сард аст, чу дил бе ёр аст,
Одам ҳама дард аст, чу дил бемор аст.
Гар чашм ба хоби ҷовидон ҳам бандӣ,
Хобат набарад ҳеҷ, чу дил бедор аст.

**ПАЙВАНДИ АРЗУ САМО**

Гардуни ситоразор баҳри ману туст,
Дарёи гуҳарнисор баҳри ману  туст.
Пайвандгари арзу само чун моем,
Ин олами беканор баҳри ману туст.

**ДУНЁИ ДИГАР**

Дар касби камоли дил асар пайдо нест,
Дар мадди назар ҳадди зафар пайдо нест.

Дигаршуди олам накунад суде, чун
Дар қалби ту дунёи дигар пайдо нест.

**БОРОНУ ТӮФОН**

То рӯйи  ҷаҳон ба зиндагӣ имкон аст,
Он ҷост ниёзе, ки ниёзи ҷон аст.
Як панҷаи обе, ки ба гул борон аст,
Дар хонаи мӯр бадтар аз тӯфон аст.

**ХАНДАИ НОБАҶО**

Имрӯз, ки даврони камон асту зеҳ аст,
Сад оҳи шикаста дар гулӯям гиреҳ аст.
Чун булбулу гул ба хуни худ ғарқ шуда,
Аз хандаи нобаҷои ту гиря беҳ аст.

**ХУДЁБӢ**

Фармони фалакро ба худӣ фармонест,
Ҳар дарди Худоро ба худӣ дармонест.
Ҳаллоҷ вале рафт сари дор, ки гуфт:
Онро, ки биҷӯем, ба ҷуз дар мо нест.

**КӮҲОНИ ШУТУР**

Як зарра дар ин реги биёбон нам нест,
Бебаҳраи зиндагӣ вале як дам нест.
Бори ғами дил нест ба ҳар кӯзаи пушт,
Кӯҳе, ки шутур ба пушт дорад, ғам нест.

**ДАРКУШОӢ**

Хуш ҳоли диле, ки сӯйи дил дар сафар аст,
Дил ҷуставу дар мулки Худо дарбадар аст.
Девор задан миёни дилҳо чӣ ҳунар,

Девор фиканда, дар кушодан ҳунар аст.

## НАМАКСУД

Оташ ҳама ҷо, оташи бедуд куҷост,
Мойӣ ҳама ҷо, мояи мавҷуд куҷост.
З-ин давраи бенамак чӣ меҷӯйӣ суд,
Ҷойе, ки намак нест, намаксуд куҷост?!

## ДОНАКАШУ ДОНАФИШОН

Эй бодсаро, он чӣ ту гӯйӣ, бод аст,
Кай ҳарзаи ту ба даҳр суде додаст.
То дона фишонад ба замин деҳқоне,
Ё дона кашад мӯр, ҷаҳон обод аст.

## МАВЛУД

Як ношудаке дар пайи нобуди ман аст,
Нобуди гапаш, ҷаҳон пур аз суди ман аст.
Бо он дили мурдааш куҷо донад ӯ,
Ҳар байти навам масдари мавлуди ман аст.

## ОЙИНАИ ОСМОН

Ин кӯл магар ба дил равон доштааст,
Аз хислати одамӣ нишон доштааст.
Аз чашм, ки қаъри худ ниҳон доштааст,
Ойина ба рӯйи осмон доштааст.

## СИТОРАИ ЁР

Ин мавҷи насим ишораи ёри ман аст,
Ин бӯйи гул аз канораи ёри ман аст.
Ин ахтари сӯзон, ки фурӯзони самост,
Сӯзандаи ман, ситораи ёри ман аст.

## ҲОСИЛИ АЪЛО

Ин навданиҳоли сабз монои ту аст,
Гӯё қаламе зи қадди болои ту аст.
Як ҷуфт муруди шохаи ларзонаш
Савдои ману ҳосили аълои ту аст.

## ҶОНАМ ЗИ ТУ

Ҳастам ба ту зинда, зиндагиам зи ту аст,
Ҳастам ба ту банда, бандагиам зи ту аст.
Ҷонона туиву ман агар ҷон биканам,
Ҳуш дор, ки ҷони кандагиам зи ту аст.

## ҚАЛАМРАВ

Моро ба қаламрави сухан ҷое ҳаст,
Дар қалби суханшинос маъвое ҳаст.
Аз бухли ду- се ҳасуду каҷтабъи дурушт
Бо ин сухани равон чӣ парвое ҳаст.

## НАФАСИ ЗИНДАГӢ

Бе ту суханам шеваи андӯҳу ғам аст,
Бе ту ғаму шодии ман аз буда кам аст.
Ҳар як нафасе, ки мекашам дар дунё,
Бе ту нафаси зиндагие нест, дам аст.

## БАЙТИ АБРӮ

Рӯйе, ки гулаш зор бувад, рӯйи ту аст,
Бӯйе, ки зи гулзор расад, бӯйи ту аст.
Аз шеъри мани дилшуда гар ёд кунанд,
Он байти тару тозаи абрӯйи ту аст.

## ҶОНБОХТА

Таб сӯзад агар, дар таби ту хоҳам сӯхт,
Худро ба сари матлаби ту хоҳам сӯхт.
Гар бе ту диҳанд ваъдаи ҷондору,
Ҷонбохта лаб бар лаби ту хоҳам сӯхт.

## ОТАШКАДАИ ГУЛ

Ин дил ба хаёли рухи ту гашт, ки гашт,
Хандид чароғи лолаҳо дашт ба дашт.
Гӯё ки ба оташкадаи гул Наврӯз
Мехонд зи Зардушти куҳан яшт ба яшт.

## САД КӮҲ

Дар саҳни чаман барги хазон анбӯҳ аст,
Бе рӯйи баҳорат ба дилам андӯҳ аст.
Бар кӯйи мурод агар раҳе бе ту барам,
Дар ҳар қадамам кашида сар сад кӯҳ аст.

## ХУШК БЕҲ!

Ҳар ҷӯй, ки бе об бувад, хушк беҳ аст,
Ҳар рӯй, ки бетоб бувад, хушк беҳ аст.
Он лаҳза, ки ташнаро дилу ҷон сӯзад,
Ҳар чашма, ки ноёб бувад, хушк беҳ аст.

## МУКОФОТИ ШЕЪР

Эй дил, ду ҷаҳон кам аз музофоти ту аст,
Дар арзу само нақши мулоқоти ту аст.
Дар олами шоирӣ мукофот маҷӯй,
Шеъре, ки бигӯйӣ ту, мукофоти ту аст.

## САРОИ ГАРДУН

То он даме одаме ба қасди ҷанг аст,
З-одам буданам ҳазор ору нанг аст.
Баҳри тани хокиям ду газ ҷо кам нест,
Аммо ба дилам сарои гардун танг аст.

## ДЕГИ КАҶ

Ҳар кач, ки ба рост даст андохтааст,
Боре магар ин ҷанги хато бохтааст.
Аз хулқи каҷи башар чӣ гӯям, ки Худо
Гардун ба сарам деги каҷе сохтааст.

## РАФТАН Ё ОМАДАН?!

Ин умри башар, ки чашм бар ҳам задан аст,
Хоке, ки занӣ ба тифл, атри кафан аст.
Бар ҷунбиши гоҳвора меандешам,
К-он даъвати рафтан аст ё омадан аст.

## ДУ РӮЙИ ДУНЁ

Ин чор хатам чаҳор сӯйи дунёст,
Дар чорсуе-ш гуфтугӯйи дунёст.
Аз чор ҷиҳат ду байти тар мегӯям,
Ду байти рубоиям ду рӯйи дунёст.

## ҲАЗОРҲОВУ ҲАЗОРҲО

Дар ҳар раги ман ҳазорҳо овоз аст,
Дар ҳар нафасам ҳазорҳо оғоз аст.
Гар ҷони маро шикастапар мехоҳӣ,
Дар ҳар шиканаш ҳазорҳо парвоз аст.

## СОҒАРИ ХУРШЕД

Ин умри маро, ки ҳоҷати беадад аст,
Андешаи сад бешу каму неку бад аст.
Дар баҳри фалак агар кам аз зарра манам,
Чун зарра барам соғари хуршед ба даст.

## НАҚШИ ПО

Он, к-ӯ ба назар нест, маро дар назар аст,
Он сӯ, ки раҳе нест, маро раҳгузар аст.
Дар ҳарду ҷаҳон ба раҳбарам нест ниёз,
Ҳар ҷо, ки равам, нақши паям роҳбар аст.

## НА ГУНОҲИ ХУРШЕД

Ҳар зарра агарчи ба ҷаҳон ҷовид аст,
Бе дидаи пурбин магараш кас дидаст.
Гар шӯълаи гӯгирд бувад хираи рӯз,
Валлаҳ, на гуноҳи чашмаи хуршед аст.

## САРСАБЗИИ БЕСАМАР

Аз ҳилаи даҳр бошад оё хабарат,
Чизе надиҳад, набурда чизи дигарат.
Сарсабзии ҷовид агарат дод чу сарв,
Бурд аз ту валек ҷовидонӣ самарат.

## ХОКИСТАРУ ОТАШ

Ин даҳр, ки бингарӣ ҳама тақсир аст,
Ҷойест, ки муши мурда беш аз шер аст.
Дар нисбати хокистару оташ бинигар,
Афсурда ба рӯю оташ андар зер аст.

## БАҲРИ ХОЛИИ ҲУБОБ

Як рӯзи хирадманд ба ҷойи солест,
К-аз моли ҷаҳон варо накӯ аъмолест.
Бемоя намешавад ба дарё ҳам пур,
Бин, баҳри ҳубобе ба даруни холист.

## АЙШИ ТАНГДАСТӢ

Хоҷа, сухани ту кам зи Қуръонам нест,
Бо қавли ту аммо амал осонам нест.
Чун айш кунам ба тангдастӣ, охир,[3]
К-айёми фарохдастӣ имконам нест.

## ДОНАВУ ДОМ

Дар даҳр, ки маҳбасе ба хосу ом аст,
Озодии хосаи ту ҳам авҳом аст.
Ҳар ҷой, ки донест, даруни домест,
Мурғе, ки пайи дона равад, дар дом аст.

## МЕҲРИ ОЛАМГИР

Азмат ба камолу ҳиммату танвир аст,
Аз паст баланд рафтанат тадбир аст.
Хуршед агарчи субҳу шом аст мунир,
Меҳри ба қиёмомада оламгир аст.

## ХОРИ САРИ ДЕВОР

То он даме, эй ёр, ки моро нафас аст,
Аз дур гули рӯйи ту дидан ҳавас аст.
Азбаски баланд аст дару деворат,
Хори сари девори ту бошем, бас аст.

[3] Ҳофиз гӯяд: «...Ҳангоми тангдастӣ дар айш кӯшу мастӣ».

**САВОРИ ХОБОЛУД**

То расми сафар ба рӯйи дунё будаст,
Хобида ба бедор рахе нанмудаст.
Дар роҳи сафар чӣ метавонӣ кардан,
Гар асп ба дав, савор хоболуд аст.

**ОЙИНАИ ШИШАДИЛ**

Дар баҳси замона то куҷо ҷуръати мост,
Бас ҳеҷ нагӯем чӣ беҷо, чӣ баҷост.
Аҳсант ба ойина, ки бо шишадилӣ
Каҷро каҷу ростро намоёнад рост.

**ОБИ ҲАЁ – ОБИ ҲАЁТ**

Ҳастии дурӯза нест асбоби ҳаёт,
Гуфт, он ки диҳад неъмати ноёби ҳаёт.
Умре ба абад хоҳу марез оби рухат,
Обе, ки ҳаёи туст, ҳаст оби ҳаёт.

**ҶАСУРИ БЕҶИГАР**

Дар тирагии шаб, ки сиёҳи дигар аст,
Дар равшании рӯз сипоҳи дигар аст.
Дар шоми сияҳ ҷасур бошад раҳзан,
Аммо ба сафедии саҳар беҷигар аст.

**ҒАМИ ШАБ**

Донӣ, магар ин умри пурозор, ки чист,
Ҷӯйӣ ба раҳи дароз ҳушёр, ки нест.
Бар хуфтаи бехабар бувад кӯтаҳ шаб,
Донад ғами шаб мардуми бедор, ки чист.

**БИҲИШТИРӮ**

Ин домани сабзи дашт аҷаб гулбӯест,
Ин чашмаи гул чашми тари оҳуест.
Фардо нахурад ҳайфи биҳиште, ки биҳишт,
Алҳол касе, ки бо биҳиштирӯест.

**ЗАНҶИРИ ПО**

Андешаи рӯзӣ, ки туро дам ба дам аст,
Ҳар қадр, ки бисёр бувад, боз кам аст.
Фикри шиками сер кунад побандат,
Занҷири ду поят, ки туро дар шикам аст.

**ЯКТОИ БЕҲАМТО**

Дар пояи худ ба ҳар кӣ ҳампое нест,
Ҳамтояш агарчи нест, яктое нест.
Бинад зи фалак Ҳумо пайи мӯр ба рӯз,
Дар зулмати шаб чу бум биное нест.

**ДУНЁИ ҲАМВОР**

Дар поси шаб ар нахуфтае бисёр аст,
Бедор ҳамонест, ки дилбедор аст.
Гар пасту баланди хеш ҳамвор кунӣ,
Дунё ҳама пас барои ту ҳамвор аст.

**ОДАМ БОШӢ…**

Эй он, ки зи ҳамгинон дилат пурдард аст,
Дар ҳарду ҷаҳон шахси ту гӯё фард аст.
Дар ҷамъи башар агар худ одам бошӣ,
Монанди ту одам чандин милярд аст.

**РАҲИ ТАДБИР**

Моро, ки ба раҳ ҳазору як тақсир аст,
Роҳе, ки ба мақсад барадат, тадбир аст.
З-он саг, ки занад баланд аккос, матарс,
Тарс аз саги хомӯш, ки ғофилгир аст.

## ТАШНАИ ДАРЁ

Ҳар чиз, ки қисматат раво дид, равост,
Дар ҳалқаи дарё даҳани моҳӣ во-ст.
Сероб накардаш чу азал аз аввал,
Ташна-ст, агарчи дар миёни дарёст.

## ШАБ САҲАР АСТ

Биноии дил на аз басар, аз назар аст,
Он ҷо, ки назар хуш аст, дил дидавар аст.
Оне, ки саҳар хуфт, набинад рухи субҳ,
Гар чашми ту бедор бувад, шаб саҳар аст.

## ДЕВОРУ ДАР

Ҳар ҷой, ки аскарест, афсар ҳам ҳаст,
Бар ҳар сафи бешикаст сафдар ҳам ҳаст.
Навмед машав зи хори девори баланд,
Ҳар ҷой, ки девор бувад, дар ҳам ҳаст.

## МАВҶТИФЛИ БОЗИКОР

Ин рӯд зи меҳри модарӣ  саршор аст,
Мавҷаш ба канор тифли бозикор аст.
Гаҳвора агарчи  то саҳар ҷунбонад,
Кӯдак ба мағал тамоми шаб бедор аст.

## ҲАРФИ ХИРАД

Ҳарфи хирад аз мухолифатҳо дур аст,

Он ҷой, ки маънost, сухан мансур аст.
Дилро ба ҳавои ақл боист бисохт,
Ноҷӯр наво, чу торҳо ноҷӯр аст.

**ОБОДИИ ДИЛ**

Аз умри гаронмоя маро то нафас аст,
Ободию озодагии дил ҳавас аст.
Онро ки ба ҷуз тортанӣ  шуғле нест,
Чун тортанак рӯзии умраш магас аст.

**ШЕВАИ ОСМОН**

Бо ин ҳама чашм, чашми гардун на ба мост,
Ин арз куҷо барем, кар гӯши самост.
Аз шеваи осмон биёяд аҷабам,
Ҳар ҷо сари холист, таҳи боли Ҳумост.

**ТАЛАБИ ОЗОДӢ**

Ман мурғи ҳавояму ҳаводорам нест,
Дар хайли қафаснишастагон ёрам нест.
Ман дар талаби ҳавои озодиям,
Бикшо қафасам, ки дона даркорам нест.

**ИБРАТ**

Ранҷе, ки кашад ин дили мо, ранҷи равост,
Ганҷе, ки варо даст диҳад, ганҷи вафост.
Мӯре, ки кашад дони гаронтар аз хеш,
Бар рағми ҳама сабуксарон ибрати мост.

**ДАЛЕЛИ ҲАҚ**

Ин об, ки ӯ зи Салсабил овардаст,
Бар хок занандаш, ки чӣ селовардаст.

Имрӯз далели ҳақ ба ҷуз зӯрӣ нест,
Ин сода вале ба ҳақ далел овардаст.

**ХУФТАИ БЕДОР**

Эй бехабарон, шуҳрати подор куҷост,
Нанг аз кафи мо рафт, дигар ор куҷост.
Саҳл аст миёни хуфтагон бедорӣ,
Бедортар аз хуфтаи бедор куҷост?!

**МЕЪЁРИ ДИЛ**

Ин дайри куҳан, ки аз ғами тоза пур аст,
Танг асту махуф асту зи овоза пур аст.
Аммо дили моро чӣ аҷаб меъёрест,
Қадрест фарохо, ки чӣ андоза пур аст.

**РОЗИ ШАБ**

Дунёст, ки бо равшанияш пирӯз аст,
Дар рӯз яке шамси ҷаҳонфрӯз аст.
Шабро, ки ҳазор ахтари меҳр бувад,
Аз рози шаб огоҳ шавӣ, шаб рӯз аст.

**ТАБОРИ ХУРШЕД**

Ин дори фано, ки бар ҳама пирӯз аст,
Он бор, ки мебарад, ба пушти кӯз аст.
Гар мушти гилам, табори хуршедам ман,
Ҳар гаҳ, ки равам, шаб асту оям, рӯз аст.

**СУХАНИ БУРРАНДА**

Баҳси ҳаќу ноҳақ набиёрад самарат,
Гарчи набувад гурезгоҳи дигарат.
Азбас сухани ҳақ аст бурранда чу теғ,

Лаб бандӣ агар, лабат бурад в-арна сарат.

**ЯК ЗАХМА**

Фарёди дили маро кӣ фарёдрас аст,
Фарёди дил аст ин,  на садои ҷарас аст.
Мо табл набошем, ки моро кӯбӣ,
Мо тори рубобем, ки як захма бас аст.

**КУЛАҲ**

Дар раҳгузари умр, ки банду хатар аст,
Ту бехабарию он зи ту бохабар аст.
Ҳаргиз накунӣ тарки сар аз баҳри кулоҳ,
Сар баҳри кулаҳ нест, кулаҳ баҳри сар аст.

**ҶАҲЛИ ҶОҲИЛ**

Ҳаргиз набувад кори ҷаҳон бе каму кост,
Ҳайратзадаам, вале аз оне, ки равост.
Оқил ба раҳи рост ҳазор андешад,
Ҷоҳил ба раҳи каҷ раваду донад рост.

**ДИЛИ ДАРДКАШ**

Имрӯз, ки бегона ба ман хештар аст,
Ҳар рӯз зи дирӯза дилам рештар аст.
Бефарқ агарчи бар сару рӯй зананд,
Чун дардкаш аст дил, ғамаш бештар аст.

**ШАҲРИ НОҲУШЁР**

Ин хок гаҳе хоку гаҳе афлок аст,
Тарёк ба захри хештан тарёк аст.
Дар кӯчаи шахре, ки надорад ҳушёр,
Девона зи санги кӯдакон бебок аст.

## ШИКАМ - ШАҲБОЛ

Он сар, ки надорад сари коре, чӣ сар аст,
Он даст, ки нест дасти ёрӣ, ҳадар аст.
Море ба шикам хазад, шикам шаҳбол аст,
Боле, ки ба парвоз наёрад, чӣ пар аст?!

## ОРЗУ - ДОҒ

Мурғе, ки ба ҳар фасл канори боғ аст,
Булбул ба баҳорону зимистон зоғ аст.
Уммеди муҳолат, ки занад шӯъла ба дил,
Имрӯз, ки орзуст, фардо доғ аст.

## РАНҶИ ДОМ

Инсон, ки ҳама дар орзуи бахт аст,
То рафтани дар тахта хаёлаш тахт аст.
Осон нафитад ба дом мурғи зирак,
Афтад чу ба дом, ранҷи домаш сахт аст.

## МОҲИИ ДАҲОНВО

Инсон, ки ба як даҳону ҷуфте гӯш аст,
Ин худ масале барои марди ҳуш аст.
Гар кому даҳон фақат барои ҳарф аст,
Моҳӣ ба даҳони во чаро хомӯш аст?!

## СОЯИ ХУРШЕД

Хуршед баланд аст, ба он поя куҷост,
Ин чашмаи нури покро моя куҷост.
Хуршедӣ агар, ба сояе хурда магир,
Хуршед, ки хандон набувад, соя куҷост?!

## ПОСБОН

Даҳрат, ки ҳамеша сифлаву маккор аст,
Ҷуфтикунияш ба ганҷеву девор аст.
Андешаи заҳри неш аз сар магузор,
Чизе маталаб, ки посбонаш мор аст.

## БОРИ ҒАМ

Дам бештар аст ё адам бештар аст,
Ё шафқату меҳр, ё ситам бештар аст?
Эй сода, чӣ хоҳӣ аз Худо умри дароз,
Дар умри дароз бори ғам бештар аст.

## ОДАМИГАРӢ

Дар баҳру баре баҳру барӣ пайдо нест,
Сардор чӣ бисёру сарӣ пайдо нест.
Ҳарчанд ки дунё пури одам шудааст,
Афсӯс, ки одамигарӣ пайдо нест.

## ФАЙЗИ АХТАРОН

Хуне, ки туро ниҳон равад дар рагу пӯст,
Дар бӯсагаҳи чеҳраи гулгун ба нумӯст.
Нурат нарасад зи маҳфили тирадилон,
Хуршед зи файзи ахтарон равшанрӯст.

## ХАС

Ишқе, ки ба он ноз кунӣ ту, ҳавас аст,
Мурғе, ки аз он ту бол хоҳӣ, магас аст.
Аз хеш ту гӯиё касе сохтаӣ,
Он кас, ки зи худ сохтаӣ, кас чӣ, хас аст.

## САРСАРӢ

Бо заҳмат агар сӯйи зафар хоҳӣ рафт,
Гар шӯълавар омадӣ, шарар хоҳӣ рафт.
Роҳест валек роҳи умрат, ки аз он
Бо сарсарие равӣ, ба сар хоҳӣ рафт.

## ЧАРОҒИ АХТАР

Ҳар ҷо, ки саре буд, сару сарвар дошт,
Он сарвари сар боз саре дигар дошт.
Хуршед, ки ақсои ҷаҳон равшан кард,
Дар хона чароғи сад ҳазор ахтар дошт.

## МУҲТОҶ

Бе дастаи пул дасти дуо пайдо нест,
Олам кару гунг асту садо пайдо нест.
Чизе бувадат ба каф, ҳама муҳтоҷанд,
Муҳтоҷӣ агар, кафи сахо пайдо нест.

## ИЛҲОМ

Дар даҳри дурӯза ҳар кӣ марди корест,
Овораву саргарми каму бисёрест.
Хоб оварадаш умр ҳама чун шаби дай,
Илҳом, вале фариштаи бедорист.

## МӮЪҶИЗИ ХОК

Гуйӣ, чу наояд ба кафат домани бахт,
Гардун чӣ баланд асту замин бошад сахт.
Бемӯъҷиза нест лек чизе дар даҳр,
Гул мӯъҷизи хок аст сари шохи дарахт.

## РОҲИ ХУДО

Гоҳе, ки хабардор вай аз ногаҳи мост,
Мо огаҳи ӯ наему ӯ огаҳи мост.
Аз роҳи чигил раҳ ба Худо ҷустан чист,
Роҳи дигаре нест, ба ҷуз як раҳи рост.

## ДИЛБАРИ УЛВӢ

Шайдои туям, мисли манат шайдо нест,
Олам пури Маҷнун буваду Лайло нест.
Сад ошиқи хокӣ чу манат бисёр аст,
Як дилбари улвӣ чу туе пайдо нест.

## ЛАБИ ХУНШОР

Гирду бари ман, ки сар ба сар девор аст,
Сад мушу дусад гӯш дар он бедор аст.
Ҳарфе наравад то зи лабонам берун,
Он қадр газидам, ки лабам хуншор аст.

## ДАР ХЕШ НИГАР

Овора аз онӣ, ки сари саргумат аст,
Бечора аз онӣ, ки дари мардумат аст.
Аз кас ту чаро дар талаби хору хасӣ,
Дар хеш нигар, ки хирмани гандумат аст.

## КАР БОШ!

Гар тоза шавад ба дил ғами деринат,
Чун заҳр шавад талх дами ширинат.
Оқил чу кунад накӯҳишат, нек шунав,
Кар бош чу ҷоҳиле кунад таҳсинат.

## МАЙДОН ҲАМА ҶОСТ

Дил бошаду азми мард, майдон ҳама ҷост,
Гар азми ту нест сард, майдон ҳама ҷост.
Шамшерат агар занг набаста ба ниём,
Дорӣ ҳаваси набард, майдон ҳама ҷост.

## ОСМОНИ ТУ

Моро ду ҷаҳониву ҷаҳони ту куҷост,
Аз мо ту нишониву нишони ту куҷост.
Ин гуна баланд, к-остони ту бувад,
Пас кист, ки гӯяд, осмони ту куҷост?!

## ХОКИ БЕОСМОН

Он кас, ки зи ҷон мегузарад, бебок аст,
Зери қадамаш нуҳ табақи афлок аст.
Хок арчи туро беш зи ҳафт иқлим аст,
Хоке, ки набошад осмонаш, хок аст.

## КУҶОСТ ГАРДУН?!

Эй синаи танг, дашту ҳомун ба куҷост,
Олам пури Лайлосту Маҷнун ба куҷост.
То чанд бигӯӣ аз заминам қисса,
Як бор маро бигӯ, ки гардун ба куҷост?!

## ПАРДАГИЁНИ УРЁН

То ҷони туро ба дард анбозе нест,
Дар кӯйи муроди дил дари бозе нест.
Акнун, ки паси пардагиён урёнанд,
Ҳар ҳарф, ки дар парда бувад, розе нест.

## ТАҚДИРУ ТИРАНДОЗ

Ҳар бол задан ба арш парвозе нест,
Гунҷишк, агарчи пар занад, бозе нест.
Мурғе, ки гузашт аз осмони ҳафтум,
Тақдир варо ба тир-андозе нест.

## ПАЙВАНДИ ДИЛ

Мо як дили ношикаста ҷӯем, куҷост,
Ҳар қадр, ки ҷӯем, вале нопайдост.
Пайванди дили шикаста ғайри дил нест,
Ҳар ҷо, ки шикаст, ҷои пайванд он ҷост.

## БИҲИШТӢ

Донад башар оё ки чӣ хуб асту чӣ зишт,
Гар нест ба даҳр масҷиду дайру куништ?
Ин ҳар се ба ҳам зан, эй Худо, то бинем
Онро, ки ту офаридаӣ баҳри биҳишт.

## СӮХТАНИ БЕҲУДА

Дар бодияи ишқ сухан беҳуда-ст,
Дар пеши рухаш ёди чаман буҳуда-ст.
Дар хонаи равшан зи чароғи хуршед,
Эй шамъ, туро ки сӯхтан беҳуда-ст.

## ТАВҚИ ЗАРИН

Аҷноси Худо бешумару лак ба лак аст,
Он гуна бувад, ки хуни хомаш ба раг аст.
Коре накунад ба асл ҳаргиз зару сим,
Бо тавқи зарин ҳам саги бадзот, саг аст.

## ҶИНСИ УҚОБ

Бадмеҳр самост ё ки хушмеҳр самост,

Бо он сари афрохта зери пари мост.
Давлат фақат аз болу пари худ ҷӯем,
Мо ҷинси уқобем, чӣ парвои Ҳумост.

## ЛОФ

Ҳар гул гиёҳ асту ҳар гиёҳе гул нест,
Мурғони чаман низ ҳама булбул нест.
Оне, ки зи ақли кулл занад лоф басе,
Лофист яқин, ки ҳеҷ ақли кул нест.

## МУКОФОТ Ё МУҶОЗОТ

Хандон ба назар чеҳраи авқоти ман аст,
Дил ғарқ, вале ба хуни абёти ман аст.
Ин табъи суханзои адолатойин
Шояд на мукофот, муҷозоти ман аст.

## ИН ТАН ЧӢ ТАНЕ?!

Ин тозасухан ба қиссаи дерин нест
В-ин ҳусни туро ҳоҷати ону ин нест.
Ҳарфи ту ба ширинии ҷон аст,  вале
Ин тан чӣ тане, ки ҷон чунин ширин нест.

## НОНИ ЗАМОН

Дар ҳар хами ин роҳ, ки сад раҳзан ҳаст,
Дар ҳиммати раҳбонам аз ин рӯ, занн ҳаст.
Эй саг, ту ҳам аз макри замон огаҳ бош,
Ноне агарат дод, дар он сӯзан ҳаст.

## ШИШАВУ САНГ

Акнун на ба ҳар кӣ поям дастрас аст,
Шояд ки касеро ба мақомам ҳавас аст.

Ман шишааму раҳам  ҳама сангистон,
Як бор фитоданам дар ин роҳ бас аст.

**ДАРСИ ТАНВИР**

Бар забти фалак тир магар тадбир аст,
Чун нуҳ фалакат боргаҳи танвир аст.
Дарсат набувад магар камони гардун,
К-он арзу само гирифтаву бетир аст.

**САВОРИ ХОБ**

Оне, ки равад на зуд, на дер, об аст,
Ҳарчанд равон ба шеваи мироб аст.
Оё бишавад роҳ зи маҳмез қариб,
Аспе наравад, савор агар дар хоб аст.

**ГИРДБОД**

Обе, ки зи рӯ бувад, ба рӯ хоҳад рафт,
Обе, ки зи ҷӯ бувад, ба ҷӯ хоҳад рафт.
Он бод, ки гирд гашта бардорад хок,
Хокаш ба даҳан, боз парӯ хоҳад рафт.

**МУКОФОТИ АМАЛ**

Эй он, ки ба ҷуз ҳаво надорӣ дар мушт,
Ҳам пушти дигар набошадат андар пушт.
Дӣ бар сари мо, ки мекашидӣ теғат,
Имрӯз ҳамон теғ туро хоҳад кушт.

**ДАРЁВУ ШОХА**

Эй он, ки туро дурри сухан дар назар аст,
Обе, ки зи ҳарфи туст, оби ҷигар аст.
Саҳл аст зи шохаҳо шудан дарёе,

Дарё шудану шоха заданҳо ҳунар аст.

## БОЛОИ ФАЛАК

Аз мӯру малах то малакам бояд рафт,
В-аз авҷи фалак то самакам бояд рафт.
Чун нест маро фазои дил зери фалак,
Боло зи фазои фалакам бояд рафт.

## СУД КУҶО?

Оташ, ки занӣ бар ду ҷаҳон, уд куҷост,
Дарёи муҳит хушкаду рӯд куҷост.
Наздат чу ҳама ба дидаи баста буванд,
Аз дидаи бози як нафар суд куҷост?!

## САФЕДИИ ДИЛ

Ин дил набувад ба сина, к-ин обу гил аст,
Навмедии даҳр ноумедии дил аст.
Чун дилсияҳеро набувад рӯйи сафед,
Ҳар рӯйи сафед аз сафедии дил аст.

## ХУНОЛУД

Ҳоло на фақат, ки гуфта хунолуд аст,
Ҳам рози ба дил нуҳуфта хунолуд аст.
Дирӯз, ки дар баҳори гул хунҳо рехт,
Ҳоло гули ношукуфта хунолуд аст.

## ҲАРЗАФУРӮШ

Он ҷо, ки маро ҳавои биншастан нест,
Аз маҳфили гап илоҷи ворастан нест.
Эй кош, ки он лофзани ҳарзафурӯш
Бандад даҳанашро, ки манаҳ бастан нест.

## ПАЙВАНДИ ТАНУ ҶОН

Дар ҷону дилам ҷуз ба хаёлат ҷо нест,
Он ҷо, ки туӣ ба дигаре маъво нест.
Шириниии ин ёд на он ширинист,
Ин лаззати пайванди таневу ҷонест.

## МУРДАХОР

То пораи гӯшт рӯйи хон оварадат,
Ҷондор кушад одаму з-он оварадат.
Одам, ки ба даҳр мурдахоре бошад,
То зинда туӣ, кас натавонад хурадат.

## ОДАМ ВА ХУДО

Як мавҷ бурун зи баҳр мавҷе ҳам нест,
Як захма таронаи нишоту ғам нест.
Олам, ки таҷаллигаҳи анвори Ҳақ аст,
Дар ҳар кас агар нест Худо, одам нест.

## ҲАЁТ

Аввал хандӣ, пас гирйӣ, ин чӣ наҷот,
Аввал бошӣ, пас пошӣ, ин чӣ сабот.
Ман маънии зиндагӣ нафаҳмидам ҳеҷ,
Аввал ту хурӣ, баъд туро, ин чӣ ҳаёт?!

## ИМРӮЗ БИЗӢ!

Даҳр аст бузургу нест ҷуз ин ҷоят,
Умр аст дарозу нест ҷуз ҳолоят.
Гар бахт бихоҳӣ,ончунон зӣ, ки ба даҳр
Дирӯз набуду набувад фардоят.

## КАМБАҒАЛИ ПУРБАҒАЛ

Он камбағалеро, ки бағал пурғазал аст,
Фориғ зи ҳама макру фиребу дағал аст.
Фардо, ки расад халқ ба даргоҳи абад,
Бинӣ, ки ҳамон камбағалак, пурбағал аст.

## ШАҲДУ ЗАНБӮР

Ҳар ҷо, ки равад тур, магар Тӯрон аст,
Эрон, ки ҳама зодгаҳи турон аст.
Эй гул, чӣ кунӣ зи неш нолиш, ки туро
То шаҳд бувад, ҳуҷуми занбӯрон аст.

## ЧАМАНИ СУРХИДА

Гул мавсими ишқу ошиқӣ оё нест,
Ёреву канореву маю мино нест?!
Сурхида чаман пираҳани хеш афканд,
Дар боғ магар парандае бино нест?!

## ХУНУ ОБ

Худро ту шабеҳи мо ҳисобӣ, хоб аст,
Монанди мане ба ҷилди ту ноёб аст.
Гар дар раги ту обу ба чашмат хун аст,
Андар раги ман хуну ба чашмам об аст.

## АБАДИЯТИ ГУЛПАРАК

Донӣ, абадият чиву ҷовидон кист
В-он чиз, ки худ намонда, мемонад чист.
Ин ҳастии чандмилёнсолаи кӯҳ
В-ин зисти гулпарак, ки рӯзе ҳам нест.

## ВУБОЛИ ИШҚ

Осон ба чӣ ранҷ шуд муҳоли ишқат,
Чун буд дилам лоли суоли ишқат.
Ман қадри муҳаббатат надонистам, ҳайф,
Эй кош, нагирадам  вуболи ишқат.

## ДОМОН

Ин даҳр, чӣ даҳре, ки маро музтар дошт,
Ҳар лаҳза ба ҷонам хатари дигар дошт.
Ман сер зи ҷон будаму аммо ногоҳ
Домони туро бод зи зону бардошт.

## ЭВЕРЕСТИ  ФИКР

Як кӯҳ фаро рафта зи кӯҳи дигарест,
Ойини баланду паст дар баҳру барест.
Боло з-Эверест рафтанат коре нест,
Фикрат нарасад агар ба пойи Эверест.

## ИСТЕЪДОД

Аз зоди ту пештар ҳазорон зод аст
В-аз омаду шуд ҳазорҳо фарёд аст.
Дар олами пире, ки саропо кӯҳна-ст,
Чизе, ки ҷавону тоза, истеъдод аст.

## МУШАКИ ШЕРДАЪВО

Дунё чӣ кунам, дилам зи дунё сер аст,
К-оне, ки бувад лоиқи боло, зер аст.
Гар шер шаҳи ҷангалиён аст, ин ҷо
Ҳар мушаки мурда муддаии шер аст.

## ОЙИНИ ФАРОРАВӢ

Боло, ки ман аз чуну чаро хоҳам рафт,
Бар авҷи Сурайё зи Саро хоҳам рафт.
То азми висоли осмонҳоям ҳаст,
Рӯ- рӯйи қади хеш фаро хоҳам рафт.

## ҶАСТАН

Дар банди дилӣ, гусастанат ҳоҷат нест,
Ҷонро ба азоб хастанат ҳоҷат нест.
Шалвор мабардор ба назди ҳар ҷӯй,
Ҷое, ки пул аст, ҷастанат ҳоҷат нест.

## БӮЙИ МУЛАВВАН

Ҳар ҷо, ки гулест, сад қиёмат соз аст,
Андохтани ранги ниёзу ноз аст.
Маҳрум набошад гуле аз нағмаи ишқ,
Дар бӯйи мулавванаш ҳазор овоз аст.

## СИПЕҲРОНИ СИПЕҲР

Он гуна баландем ба мастӣ зи аласт,
К-он абри сипеҳрони сипеҳр аз мо паст.
Дар ҳеҷ хуму май набувад мастии мо,
Мастем, чунонки май бувад аз мо маст.

## ҲУНАР АСТ

Бебол ба сад бол паридан ҳунар аст,
Бебелаву даст об буридан ҳунар аст.
Дар ишқ агарчи сад Зулайхо бошӣ,
Дил додаву Юсуф нахаридан ҳунар аст.

## ГУЛ ДАР ГУЛ

Гул дар гули боғ ман гирифтам бӯят,
Гул қадр надошт бе қади дилҷӯят.
Сад шукри Худо, ки дар азал бинвиштаст
Тақдири маро бо қалами абрӯят.

**ЗАБОН МЕСӮЗАД**

Эй вой, агар гуле насиби зоғ аст,
З-ин қисмати гул ҳазор булбул доғ аст.
З-ин доғ чӣ гӯям, ки забон месӯзад,
Ҳар доғи дигар ба нисбати он боғ аст.

**ЛОЛАИ ЗУЛФ**

Донӣ, ки ба гӯши гул саҳар булбул гуфт,
Ин гӯши мулаввани ту ҳарфе нашунуфт.
Дай рафту магар баҳор омад, к-имрӯз
Дар зулфи баланди ёри мо лола шукуфт.

**ОБ АЗ САР ГУЗАШТ**

Бедории мо ба ҳасрати хоб гузашт,
Чун хоб шудем, умри ноёб гузашт.
Ҳар он чӣ гузаштанист, аз мо нагузашт,
Мо ташна будем, аз сари мо об гузашт.

**НОЛАИ БОД**

Дар най дамаду зи нағмаи най  шод аст,
Ангор, ки гӯше ба сурӯше додаст.
Чун нолаи най ба самъи ҷон ояду бас,
Нола(е)й, ки расад ба гӯш, нола(и)й бод аст.

**САРМОЯИ УМР**

Сармояи умрам дили огоҳи ман аст,

Огаҳдилиам ҷалолу ҳам ҷоҳи ман аст.
Дунболаравии раҳи ман осон нест,
Роҳе, ки барад ба осмон, роҳи ман аст.

## ҲАСРАТИ ОҒӮШ

Армони дилам дар лаби хомӯши ту сӯхт,
Гул шарм намуду дар баногӯши ту сӯхт.
Як бор агар васлати ту сӯхт маро,
Сад бори дигар ҳасрати оғӯши ту сӯхт.

## ГУЛИ КОҒАЗ

Гулҳои чаман нест гули ораз ҳеҷ
В-ин чашмаи Хизр нест оби раз ҳеҷ.
Ишқ аст, ки булбул ҳама шавқ асту навост,
Мурғе насарояд ба гули коғаз ҳеҷ.

## ҲИММАТИ ДАРЁ

Он ҷо, ки бувад адлу ризо соҳибтоҷ,
Ҳаргиз нашавад касе ба нокас муҳтоҷ.
Дарё, ки зи ҳиммат дили дарё дорад,
Осеб набинад зи шикасти амвоҷ.

## НАФАССАРД

Дар дидаи ӯ ҳуру малак--мӯру малах,
Дебои биҳишт бӯрё бошаду шах.
Бо ин ҳама сардии нафас, к-ӯ дорад,
Дар дӯзах агар равад, кунад дӯзах ях.

## ТАЪРИХИ ХУНИН

Аз ҳар дами мо кашида шеван таърих,
Ҳарчанд ба ҷони мост ҷавшан таърих.

Аз хуни фақирон набувад ҷойи сухан,
Аз хуни паямбарон мулавван таърих.

## ҲИЛЛА – АЁРИ ҲАҚ

Онон, ки ба ростон гарав бохтаанд,
Мисро ба тарозуи зар андохтаанд.
Бишнохта пок он сақатиҳошонро,
Ҷуз ҳилла аёри ҳақ набишнохтаанд.

## НА БО ШИРУ НА БО ҶОН

Ҳар чиз, ки сахт ояд, осон наравад,
Имкон равад аз даст, ки имон наравад.
Ишқе, ки ба даҳр зиндаҷонам дорад,
Бо шир наомадасту бо ҷон наравад.

## ОҲАНГИ ДАРУН

Даврон гузарону даври дун меояд,
Хунё гузарону бӯйи хун меояд.
Чун созу навойи худ дигаргуна кунам,
К-оҳанги бурунам зи дарун меояд.

## ЧАҲОР МАЗҲАБ

Оне, ки бикард чор дарё эҷод,
Аз адл даре ба чор сӯ ҳам бикушод.
То он ки биҷӯяд раҳи ҳақ аҳли башар,
Аз чор тараф чаҳор мазҳаб ҳам дод.

## ПОЗАҲР

Некӯ масале ба қавли мардум бошад,
Ҳар дарди бад аз давои бад гум бошад.
Каждум, ки занад неш, давои заҳраш

Позаҳри  ягона боз каждум бошад.

## САНГ ДИЛ ГАРДАД

Эй кош, дилат ба меҳр моил гардад
В-ин даст ба гарданат ҳамоил гардад.
Ағёр, ки бинанд туро дар бари ман,
Санге, ки бувад дар кафашон, дил гардад.

## САМАРИ БЕСАМАР

Бебор чу аз бори дигар шод шавад,
Бошад ки замоне самаробод шавад.
Ҳарчанд дарахти бесамар бошад бед,
Гаҳвора вале ба тифли навзод шавад.

## ШАСТИ КАҶ

То чанд фалак роҳи табоҳӣ гирад,
Аз мӯйи сияҳсарон сиёҳӣ гирад.
Амн аст магар ҷумла муҳите, к-он ҷо
Як шасти каҷаш ҳазор моҳӣ гирад?!

## НОНИ МАРДУМ

Гӯё ки шумо роҳбару раҳ бурдед,
Ҷону дили худ барои мо озурдед.
Як умр сухан зи номи мардум гуфта,
Бо фанду фиреб нони мардум хӯрдед.

## ОТАШИ ИШҚ

Ишқ аст, к-аз об оташи сӯзон созад,
Дар оташи хеш оҳане бигдозад.
Гар сарду дуруштӣ, оташаш об кунад,
Пас хӯлаи ту боз ба об андозад.

## СОЯ ВА ОФТОБ

Хуршед, ки ҳар субҳ бадар мегардад,
Бар сар, ки расад, нури басар мегардад.
Дар рафтани офтоб аммо соя
Аз соҳиби худ дарозтар мегардад.

## РӮСИЯҲУ ҶОМАСАФЕД

Ҳайф аст, ки армону умедат бибаранд,
Шодию фараҳ зи рӯзи идат бибаранд.
Чун зиндагии даҳр ҳама рӯсияҳ аст,
З-он гар биравӣ, ҷомасафедат бибаранд.

## ДОҒИ МАҲТОБ

То дил нашавад об, гиле боғ шавад,
Дар шӯразамин чаман шавад, роғ шавад?!
То доғи сиёҳи шаб бишӯяд маҳтоб,
Рӯяш зи сияҳрӯии шаб доғ шавад.

## ХОҲАД МОНД

Баъд аз сари ман, ки шеъри ман хоҳад монд,
Шеърам ба дили халқи ватан хоҳад монд.
Аз неши халида бар дили хунинам,
Гулғунчаи рангини сухан хоҳад монд.

## ҒАЗАЛ Ё БАҒАЛ?

Бар гӯши ту гӯям ғазаламро чун бод,
Сӯйи ту кушоям бағаламро дилшод.
Чун боди сабо кунад ба зулфат бозӣ,
Бошад зи ғазал ё зи бағал орӣ ёд.

## ХАТАРИ ИШҚ

Ин ишқу ҳавои ту маро ларзонад,
Он сон ки дарахтро сабо ларзонад.
Ларзонад агар шохаи мо, хуш бошад,
Э вой, агар решаи мо ларзонад.

## ТУХМИ  ЗИНДАГӢ

Ин абри баҳор нолазо меборад,
Бо нола ба хоки мурда ҷон меорад.
Кӯдак ҳама гирён ба ҷаҳон меояд,
Ашк аст, ки тухми зиндагӣ мекорад.

## ТАҲИ ХОКУ РӮЙИ ХОК

Маъюс машав, ки сур мебояд шуд,
Дар зулмати шом нур мебояд шуд.
То сабз шавӣ чу дона дар рӯйи замин,
Аввал таҳи хок гӯр мебояд шуд.

## ДАСТИ АСО

То кай ба абас дарси вафо бояд дод,
Ин умр ба беҳуда чаро бояд дод.
То дасти мадад диҳад асоят, аввал
Дасти хиради худ ба асо бояд дод.

## ГАРДУНИ БЕДОР

Имшаб шаби ёду чашми бехоб бувад,
Дар баҳри само заврақи маҳтоб бувад.
Чун ёр, ки бедор ба ёди  ёр аст,
Гардун ҳама бедору замин хоб бувад.

## ШОДӢ ГУЗАРАД…

Гуфтам, гузарад умру ғамам кам гардад,
Ҳар рӯз вале ғаме ба ғам зам гардад.
Як лаҳза агар насиби шодиям ҳаст,
Шодӣ гузарад,  баробари ғам гардад.

## МЕСӮЗАД

Ҷонам туву ҷони дигарам месӯзад,
Н-ойӣ ба барам баргу барам месӯзад.
То оташи ишқат ҷигарам месӯзад,
Аз оташи дил хушку тарам месӯзад.

## СУБҲИ ДУРӮҒИН

Аз рӯзи азал расми ҷаҳон ин бошад,
Гар меҳр набошад ба дилат, кин бошад.
Тарсам зи шаби дарози ялдое нест,
Тарси ман аз он субҳи дурӯғин бошад.

## АЗ МОСТ, КИ…

Ҳар ришта канад, боз ба ҳам баста шавад,
Бояд гираҳе хурад, ки пайваста шавад.
Шохе, ки бурида гардад аз банди дарахт,
То решаи худ бурад, табардаста шавад.

## НИЁЗИ  ПАЯМБАР

Роҳе, ки тавонадат ба маҳфил бибарад,
Шояд, ки шабе ба маҳфили дил бибарад.
Баъзан натавонад, ки паямбар ҳатто
Бе маркабу курра раҳ ба манзил бибарад.[4]

---

[4] Ишора ба Китоби Муқаддас, Инҷили Мато, боби 21, ояҳои 1-2:

«... Исо ду нафар аз шогирдони худро фиристод. Бад-эшон гуфт дар ин қария, ки пеши рӯи шумост, биравед ва дарҳол улоғе бо куррааш баста хоҳед ёфт, онҳоро боз карда назди ман биёваред.

## ТОҶИ ХУРӮС

Доданд туро, чор арӯсат доданд,
Аз шуғл фақат канору бӯсат доданд.
Корат ҳама гирди мокиёнҳо гаштан,
Ин тоҷ магар тоҷи хурӯсат доданд?!

## ОЙИНА БИШАВ!

Бар рӯй мадав, ки обрӯят резад,
Бадхӯй машав, кина ба дил омезад.
Зангори дили сиёҳи худро бизудо,
Ойина бишав, соя зи ту бигрезад.

## ГАРМУ САРД

Ҷое, ки бувад сард, бувад гарм зи дард,
Фарқ аст миёни гули сурху гули зард.
Ҳоло на фақат хона, ки дунё сард аст,
Дилгарм чӣ сон шавам дар ин олами сард?!

## ЧИЛЧАРОҒИ ХУРШЕД

Хуршед, ки чилчароғи хеш афрӯзад,
Сӯяш назаре кас натавонад дӯзад.
Ҳар кас, ки аз ӯ лек бигардонад рӯ,
Дар зулмати бардавом рӯяш сӯзад.

## ГАРДУНИ ФИТНА

Ҳар кас ба фанои самараш мегиряд,
Дил об шавад, чашми сараш мегиряд.
Ғам нест, вале зи кишти худ гардунро,
Ин фитна ба домони тараш мегиряд.

---

Ва ҳар гоҳ касе ба шумо сухане гӯяд, бигӯед, Худованд бад-инҳо эҳтиёҷ дорад, ки филфавр онҳоро хоҳад фиристод.»

**ДЕВОРИ НАМКАШ**

Кас хӯрд чу пеши по, парӯ меафтад,
Як бор афтад, аз обрӯ меафтад.
Аз ҳар чӣ вале ту нам макаш чун девор,
Девор, ки нам кашад, фурӯ меафтад.

**ШИРИНУ ШАКАРЛАБ**

Ҳар ҷо, ки шакарлабест, ширин нашавад,
Дилдодаи он, шефтаи ин нашавад.
Ин ёр, ки чун насим бар мо гузарад,
Сад ҳайф, ки дер ояду дерин нашавад.

**НА БУЛБУЛУ НА ЗОҒ**

На хандаи лолаву на доғе монад,
На сабзаи роғеву на боғе монад.
Афсӯси баҳору дай махӯр беҳуда,
На булбули зореву на зоғе монад.

**ЗОҒ  БУЛБУЛ  ГАРДАД**

Кай хори хасак шукуфтаву гул гардад,
Ё аккаи бадсигол сулсул гардад?
Бар сина дароядам вале  зоғи сиёҳ,
Аз ишқи туам шунида булбул гардад.

**ВАЪДАСЕР**

То кай гӯйӣ, ки гул ба Наврӯз дамад,
То он зи дилам оҳи ҷигарсӯз дамад.
Аз ваъдаи фардои дурахшон серам,
Хуршеди Худо барои имрӯз дамад.

**ШОГИРДУ КИТОБ**

Устод ба шогирди наве рӯй овард,
Кай мехарӣ, охир, ту китоб, эй бедард?
Шогирд дар он сардии дай чашм ба зер
Попӯши фиту дарида пинҳон мекард[5].

## МЕҲНАТИ ФАРҲОД

Ёре, ки сабур нест, дерин нашавад,
Ҳар мавҷи барин гавҳари зерин нашавад.
Шабҳоят агар шакарлабе бӯса диҳад,
Бе меҳнати Фарҳод, ки Ширин нашавад.

## СУФИ САФЕДУ ДИЛИ СИЁҲ

Аз чашми Худо гунаҳ ниҳон натвон кард,
Чун доғ ба рӯи маҳ ниҳон натвон кард.
Пӯшӣ ҳам агар дусад қабат суфи сафед,
Бо ҷома дили сияҳ ниҳон натвон кард.

## ЗАМИНИ БЕОСМОН

Нақше ба замин аст, замон ҳам дорад,
Ҳар лаҳзаи бенишон нишон ҳам дорад.
Эй он, ки ба вусъати заминат нозӣ,
Баргӯ, ки заминат осмон ҳам дорад?!

## ПОЙИ ДАРОЗУ ГИЛЕМИ КӮТАҲ

Оне, ки зи асрори раҳ огаҳ бошад,
Донад, ки паси бераҳае раҳ бошад.
По ҳадди гилеми худ тавон кард дароз,
Аммо, чӣ кунам, гилем кӯтаҳ бошад?!

---

[5] Мазмун аз Симини Беҳбаҳонӣ

## ЛЕСИДАНИ ХУН

Дар олам агар муфлису доро бошад,
Ҷанг асту муроди мо мудоро бошад.
Аммо ту ба роҳи ҳақ, ки хуншор шавӣ,
Лесидани хуни худ гуворо бошад.

## МУАММО

Ҳоло ҳама ҳарфи адлу инсоф зананд,
Аҳлам вале аз ин ҳама банд аст, ки банд.
Гар донаи пуч астӣ, дур андозанд
В-ар донаи пурмағз астӣ, даршикананд.

## ПАЙҒАМБАРУ ҲУД-ҲУД

Ҳар зода ба дунё хабар аз хеш орад,
То буду шуди худ ба фано наспорад.
Эй он ки занӣ даъвии дониш, донӣ,
Пайғамбар ҳам ниёзи ҳуд-ҳуд дорад.

## ТАҶОҲУЛИ ОРИФ

Чун захма ба тори уд дармеояд,
Оҳанги хуши суруд бармеояд.
Оташ зада бар шохи тари умр маро,
Гӯйӣ, зи чӣ аз ту дуд бармеояд?!

## ПАЙМОНИ ВАФО

Побастаи худ ба даҳр побаста бувад,
Ворастаи худ зи даҳр вораста бувад.
Эй одами хокӣ, мабар аз ёд, ки худ
Яздон ба ту паймони вафо баста бувад.

**САРЧАШМА**

Умрам, ки чу рӯди тундҷарёне буд,
Ҷонам ба шиноварӣ даме ҳам н-осуд.
Азбаски ба рафти об беле назадам,
Имрӯз расидаам ба сарчашмаи рӯд.

**ЧАШМИ БИНО**

Ҳар гоҳ, ки инсон зи замин дур шавад,
Чун зодаи обу хок манзур шавад.
То чашми фалакнаворд бошад бино,
Магзор ба хок чашмае кӯр шавад.

**«ТУЮ МАН»**

Дардо, аламо, фасли чаман мегузарад,
Дар баҳси ду-се қалбсухан мегузарад.
Фардо, ки зи ман шеъру сухан мемонад,
Ин умри шумо бо «тую ман» мегузарад.

**ШЕВАИ ЗИНДАГӢ**

Аз даъвии бисёр маро ғам гирад,
К-он хеш бузургу дигаре кам гирад.
Гар шеваи зиндагӣ бувад доду гирифт,
Боист, ки одам дили одам гирад.

**БИМИ ХАЗОН**

Ичро ҳама кас амри замонаш бикунад,
Ҳарчанд ки пирасар ҳамонаш бикунад.
Оё ба баҳор ғунча  хандон нашавад,
Аз бим, ки он ханда хазонаш бикунад.

**АҶАБ РАФТОРЕ**

Ишқе, ки беҳ аз шароб мастам дорад,
Масти абад аз рӯзи аластам дорад.
Онро ба мани сода аҷаб рафторест,
Андозадам аз пою зи дастам дорад.

## ФАНДИ ЗИНДАГӢ

Аз раҳмати зиндагӣ махур ҳаргиз фанд,
Дарёи ҳаётат, ки диҳад ин сон панд:
Садчанду ҳазор тухм монад моҳӣ,
Шояд ки аз он камол ёбад якчанд.

## НИШОНИ КӮҲ

Ман ҳамқадами рӯди равон хоҳам буд,
Дар ҳар қадами хеш ҷавон хоҳам буд.
Ҳарчанд равам ба домани дашту даман,
Аз кӯҳи фалаксой нишон хоҳам буд.

## БОЛОВУ ПОЙИН

Ғамро ғами дигаре ба таскин орад,
Ҷӯйидани дил ҳазор ойин дорад.
Роҳе, ки барад туро ба сӯи боло,
Баръакс равӣ, туро бо пойин орад.

## НИҲОЛИ КАҶ

Кай олами пир бекаму кост шавад,
Ё он чӣ дар ин даҳр дилат хост, шавад.
Гар рост шавад ниҳоли каҷ, пирдарахт
Сад ҷо шиканад, вале магар рост шавад.

## ЗАМОНИ МОДАРАНДАР

Мо тифлу замон ба модарандар монад,

Тифлаш ба қудуми неки он сар монад.
Афсӯс, ки ин модар агар шир диҳад,
Шираш ба гулӯ чу ширае дармонад.

## ҶАВШАНИ ҶОН

Ман чашм шавам, чашми шумо равшан бод,
Ман хор шавам, хори шумо гулшан бод.
Тире, ки нишинад ба ниҳонгоҳи дилам,
Бар ҷони ҳавасманди шумо ҷавшан бод!

## САНГУ ОЙИНАВУ ДИЛ

Ин гӯша магар хонаву манзил нашавад,
Ин шамъ магар чароғи маҳфил нашавад,
Гар даст ба асли санг ёбӣ ба ҳунар,
Санге, ки шуд ойина, магар дил нашавад?!

## «ДИЛОГОҲ»

Бе пойи равон кӣ омили роҳ бувад,
Бо гӯши гарон кӣ воқифи оҳ бувад.
Нашнида ба умри хештан бӯйи ғаме,
Ҳайронам аз он, ки чун дилогоҳ бувад?!

## БАДТАР АЗ МОР

Ободии кас туро ба қаҳр андозад,
Ин рашку ҳасад туро зи даҳр андозад.
Беҳуда чаро заҳр занӣ, ҳатто мор
Танҳо паи ҳифзи хеш заҳр андозад.

## ОҚИБАТБИН

Онон ки пайи луқмаи ширинастанд,

Фарбеҳ зи раҳи гӯш чӣ камчинастанд.[6]
Бо аҳли назар суҳбати хӯрдан кам кун,
К-ин зумра ҳамеша оқибатбинастанд.

**АФТОДА**

Эй кош, мабод мард аз по афтад,
Бардоштанаш ба гардани мо афтад.
Санге фитад аз кӯҳ, наистад дигар,
Афтодаи як ҷой, зи сад ҷо афтад.

**КУШОДИ КОР**

Гар хушк кунам боғу баҳорамро хеш,
Сарсабз кунам дарахти дорамро хеш.
Аз коркушоям набувад баски умед,
Эй кор, бидеҳ кушоди корамро хеш!

**ИСТОДАН**

Оне, ки зи буни худ ҷудо меафтад,
Гар мешиканад, чӣ бесадо меафтад.
Истодани ман бувад чу истодани кӯҳ,
Афтам ман агар, кӯҳ зи по меафтад.

**БА ҶОЙИ ҶОН**

Ин кӯҳ зи ман ҳарфу забон мехоҳад,
Ин рӯд зи ман савти равон мехоҳад.
Аҳсант ба шоир, ки ҳама дар дунё
Як ҷони варо ба ҷойи ҷон мехоҳад.

**ШЕЪРУ ШЕР**

[6] Мавлавӣ гӯяд:
Одамӣ фарбеҳ шавад аз роҳи гӯш,
Гову хар фарбеҳ шавад аз роҳи нӯш.

Ҳуш дор, ки нест ченаки истеъдод,
Ҳар шаб ду-се шеър гуфтан аз ҳарфи касод.
Харгӯш ба як бор кунад чанд бача,
Шере  накунад вале  зи як бача зиёд.

## НАШЪАИ ОСМОНӢ

Бо умри ҷавон ҷавониям мебояд,
Дил додану дилситониям мебояд.
Бӯйе барам аз хоки қадамҳои нигор,
Сад нашъаи осмониям мебояд.

## КӮЙИ ВАФО

Дилро ҳаваси ёр ҷавон гардонад
В-арна ғами зиндагӣ хазон гардонад.
Дар кӯйи вафо агар тавонӣ мурдан,
Ҳар лаҳзаи умр ҷовидон гардонад.

## ДИЛИ ОБ

Даймоҳ шуду меҳри ту ноёб бишуд,
Ҳам ҳолазанон чеҳраи маҳтоб бишуд.
Аз сардии ту ях зада буд обу гилам,
Омад маҳи найсону дилам об бишуд.

## ПАРВОНАИ ДИЛ

Гар баҳси вафо ба обу гил мегардад,
Аз меҳри дилам меҳр хиҷил мегардад.
Ҷое, ки бувад дил, чӣ бувад шамъу чароғ,
Парвонаи ман ба гирди дил мегардад.

## ИНШОИ СУХАН

Ҳар кас, ки сухан сохт, ватан иншо кард,

Ҳуббулватане ба ҷону тан иншо кард.
Бар хома набуд саҳл иншои сухан,
Сарро ба буриш доду сухан иншо кард.

**ГУНБАДҲО**

Аз аҳли башар кас ба ҳавоям нарасид,
Рафтам ба фалак, малак ба поям нарасид.
Гар гунбади аршро садоям бардошт,
Бар гунбади шаҳри худ садоям нарасид.

**ПАРВОЗИ БАЛАНД**

Чун синаи арш аст пур аз рози баланд,
То гӯши баландаш расад овози баланд.
Бо боли замингир ба гардун нарасӣ,
Парвози баланд хоҳад оғози баланд.

**ГАРДАНАИ КӮҲ**

Мусича, ки бахри лона хас мегирад,
Ҳаз ку, раҳи кӯҳ агар сипас мегирад.
Онро, ки ҳамеша зист дар домани дашт,
Дар тоқи сари қулла нафас мегирад.

**ЛУТФИ ХУДО**

Аз лутфи Худо ҳар он чӣ кас мегирад,
Рӯзаш, ки расад, Худош пас мегирад.
Чун расми ҷаҳон аст ҳама доду гирифт,
Оне, ки нафас дод, нафас мегирад.

**ХАСЛОНАИ  БУЛБУЛ**

Шоир, ҳама бо шеъри тарат менозад,
Аммо рухи ту ранг зи ғам мебозад.

Булбул, ки шукуфад чаман аз овояш,
Аз хору хасе лона ба худ месозад.

## «ХУШИҚБОЛӢ»

Мағрур, ки бар само парад, зер афтад,
Аз авҷи ғурур зуд ё дер афтад.
Эй Бор Худо, ин чӣ насибам додӣ,
Ман дом ба харгӯш ниҳам, шер афтад.

## СОЯРАВИ БОЛ

Одам зи азал бахту ато меҷӯяд,
Аз Ҳақ, ки наҷӯяд, ба хато меҷӯяд.
Ҳайфо, ки на дар қаламрави равшани меҳр,
Дар соярави боли Ҳумо меҷӯяд.

## ҶАБР

Ҳар чиз, ки ҳамсони гуҳар бархезад,
Ҷабраш бикунӣ, хӯйи дигар бархезад.
Гар санг занӣ бар сари санги сангин,
Ҳарчанд ки санг аст, шарар бархезад.

## БЕЧОРА ХАРАК

Бечора харак, туро, ки ҳай меронанд,
Худ гарчи на аспанд, харат мехонанд.
Азбас бикашӣ бори харонро хомӯш,
Ин каллахарон чу худ харат медонанд.

## ҶУНБИШИ ГАҲВОРА

Дилбохта, к-аз пайи дил овора бувад,
Оворагияш ба дарди дил чора бувад.
Тӯфон, ки бинои киштӣ аз ҳам резад,

Бар моҳию бат ҷунбиши гаҳвора бувад.

**ДУДИ ЗАМИН**

То ҷабру ситам ба мағзи ҷонҳо нарасад,
Бар ҳеҷ чӣ дасти нотавонҳо нарасад.
Як умр, ки  гардун занад оташ ба замин,
Дуде зи замин ба осмонҳо нарасад.

**МУШТОҚИ ЁР**

Имшаб, ки висоли ёр бошад мақсад,
Дар базмгаҳи Зӯҳра Масеҳо рақсад.
Муштоқ  ба ёранд ба зери гардун,
Пайғамбару уммат, ҳама сад андар сад.

**СОҲИЛИ ИШҚ**

Беғам, ки ба миқдори ғами дил нарасад,
Дорост агарчи, бар ками дил нарасад.
То дар дили дарё нашавӣ ғарқ, эй дил,
Киштии муҳаббатат ба соҳил нарасад.

**ШУКРИ ҒАМИ ТУ**

Бо ту нафасе ба ҷовидон меарзад,
Гумноми дарат ба сад нишон меарзад.
Имкони висоли ту нагунҷад ба хаёл,
Шукри ғами ту ба сад ҷаҳон меарзад.

**ҶУРЪАИ МАЙ**

Овард ба лаб ҷонам агар, ишқ овард,
Парвард агар ҷони маро, он парвард.
Як ҷуръа маям дода зи нӯшин лаби ёр,
Як умр дилам аз ғаму ҳасрат пур кард.

## ОСМОНИ ҲАФТӮМ

Эй гул, ту маро дӯст бидорӣ, чӣ шавад?
Аҳволи дилам ёд биёрӣ, чӣ шавад?
Бо ишқи туям дар осмони ҳафтӯм,
Бар хоки сиёҳам нафурорӣ, чӣ шавад?

## ҲАВАСИ ОҒӮШ

Дил бо ғами дурии ту ангал бошад,
Ҳаҷрат зи висоли ғайр афзал бошад.
То он нафасам, ки хок оғӯш кунад,
Кош он ҳаваси оғуши аввал бошад.

## БЕҲУШ

Он шаб, ки фалак туро дар оғӯшам кард,
Як нағмаи ҷонфазой дар гӯшам  кард.
То ишқи ту беҳуш будам дар дунё,
Ишқи ту баҳушу боз беҳушам кард.

## ОЙИНААФРӮЗ

Барқе, ки шарори кинаро афрӯзад,
Он беҳ, ки чароғи синаро афрӯзад.
Дар чашмат агар ба дуди ғам сӯзам ман,
Хокистари ман ойинаро афрӯзад.

## УЛВИЯТ

Ин давлати мо на аз ғано мебошад,
Улвияти мо на аз ғизо мебошад.
Ин гунаи он ду устухонхореянд,
К-он як сагу дигаре Ҳумо мебошад.

## ДИЛИ ОЙИНА

Як лаҳза магар замона дар нанг шавад,
З-он ки рухи гул ба хуни гул ранг шавад.
Он санг занад бар дили ойинаи мо,
Ойина чӣ гуна сипари санг шавад?!

## ҚУФЛИ ДИЛ

Ку ҳамдами дил, ки бо ту дамсоз шавад,
Дар хонаи дил бо ғамат анбоз шавад.
Заҳмат ба кушодани дари ёр макаш,
Қуфли дили ӯ кушо, ки дар боз шавад.

## ГАРМИЮ САРДӢ

Бемеҳрии ту обу гилам месӯзад,
З-ин ғам чӣ нависам, ки қалам месӯзад.
Гармии канори ту, надонам, чӣ кунад,
Аз сардии ту ҷону дилам месӯзад.

## ҒАМУ ШОИР

Ин зӯрии дарди ту маро қодир кард
В-ин ишқи ниҳони ту маро зоҳир кард.
Буд меҳри сухан дар диламу лек ғамат
Бунёди маро сӯхтаву шоир кард.

## ҚИССАИ ИШҚ

Ин реши ғами ту бозтар мегардад,
Андӯҳи ту пургудозтар мегардад.
Чадон ки зи ишқи ту сухан мегӯям,
Ин қисса аҷаб дарозтар мегардад.

**ҲАЛОЛУ ҲАРОМ**

Онро, ки зимоми давр дар даст афтад,
Боло зи ҳади хеш парад, паст афтад.
Ҳайф аст ҳалол банда гардад ба ҳаром,
Моҳӣ зи барои кирм дар шаст афтад.

**ТИҲИВУ ПУР**

Аз рафтани дам кист, ки дар ғам нашавад,
Ҳар дам, ки равад, ба зиндагӣ зам нашавад.
Бар чоҳи амиқи зиндагӣ менигарам,
Ин чаҳ нашавад тиҳиву пур ҳам нашавад.

**ГИРДОБИ ЖАРФ**

Умрат, ки ба эъмори сухан сарф шавад,
Ҳайф аст, ки маънӣ талафи ҳарф шавад.
Бар умқ расид он, ки ба худ бехуд рафт,
Гирдоб, ки дар хеш равад, жарф шавад.

**КАҶУ РОСТ**

Пойи ман аз он раҳ, ки дилам хост, равад,
Он раҳ, ки раҳи савобу волост, равад.
Аз ростравон каҷравӣ асло н-ояд,
Дар ҷӯйи каҷе оби равон рост равад.

**БОМУ ФАЛАК**

Дар фасли шабобу ишқ дерӣ накунанд,
То боз сақил бори пирӣ накунанд.
Бар бом, ки рафтӣ, ба фалак бояд рафт,
Дар гӯшаи бом гӯшагирӣ накунанд.

**МАРД**

Дар арсаи умр ҳар кӣ мардӣ дорад,
Озор бибахшояду худ н-озорад.
Марди ҳунар он нест, ки меафтонад,
Марди зафар он аст, ки мебардорад.

## ЧАҲУ ЧАШМБАСТА

Аввал ба баҳои худ баҳоям карданд,
Аммо чӣ, бубин, дар интиҳоям карданд.
Дар рӯйи раҳе, ки ҳар қадам дошт чаҳе,
Бастанд ду чашмаму раҳоям карданд.

## ШОҲРОҲУ КАФШИ ТАНГ

Ӯро, ки сафо буд, туро лек чӣ буд,
Оне, ки ба ӯ дод, зи ту ё нарабуд.
Кай буд фароғи дигар осоиши ту,
Гар кафши ту танг аст, зи шаҳроҳ чӣ суд?!

## ОСЕМАВУ ОҲИСТА

Эй дил, ба ту ин роҳ муборак бошад,
К-онро ғами бешу шодӣ андак бошад.
Дар роҳи дарозе, ки надорад поён,
Осемаву оҳистаравӣ як бошад.

## ФАРЁДИ БЕҲАВО

Бар хотири шодат асари ғам нарасад,
Ҳарчанд висоли ту ба мо ҳам нарасад.
Дилро чу ҳаво нест, зи фарёд чӣ суд,
Ҷойе, ки ҳаво нест, садо ҳам нарасад.

## ДИЛ ДОДАНУ ҶОН БУРДАН

Дилро зи ғами ҳаҷр амон бояд дод,
Бар ними нигаҳ кулли ҷаҳон бояд дод.
Дар кӯйи муҳаббат зи азал расм ин аст,
То дил ба туе диҳанд, ҷон бояд дод.

## ХОКПОШӢ БАР ЧАШМ

Эй халқ, туро чӣ хоҷагоне бошанд,
Гӯё зи ғамат чу ҳезуме дар дошанд.[7]
Хоки қадамат чу тӯтиёе гиранд,
Гиранду бибӯсанду ба чашмат пошанд.

## ҲУМО

Дар бахри фалак, ки Каҳкашон зов бувад,
Абре, ки биборад аз само, нов бувад.
Ман мурғи Ҳумоям, осмонҳо бар дӯш,
Оне, ки кашад бори замин, гов бувад.

## ДИЛСАРДИ ЗАМОН

Эй кош, дили ҷамъ мушавваш нашавад,
Дар банди баду бало балокаш нашавад.
Гарчи ба сараш сад офтоб афрӯзанд,
Дилсарди замон гарм ба оташ нашавад.

## РӮЗИВУ РӮЗ

Аз рӯзии хеш беш натвонӣ хӯрд,
Рӯзат нарасида пеш натвонӣ мурд.
Шабнам накунад пиёлае ҳаргиз пур,
Бахре ба пиёла низ натвонӣ бурд.

## ДОМОНИ МАРЯМ

[7] Дош - оташдон

Ин об, ки аз чашмаи Зам-зам ояд,
Об аст, вале ҷойи дигар кам ояд.
Домони ҳама наёварад пайғамбар,
Исо фақат аз домани Марям ояд.

## ХУРШЕДУ ШАБПАРА

Дил хоб бувад, кист, ки ҳушёр кунад,
Афрӯхта ҷонрову шарарбор кунад.
Хуршед, ки бедор кунад оламро,
Як шабпараро ҳеҷ, ки бедор кунад.

## ЧАМАНУ ЯХБАНДӢ

Гӯйӣ, фақат офтоб дар чархи кабуд
Бар кулли ҷаҳон нигаҳ ба як чашм намуд.
Ҳайҳот, ба як чашм агар медид он,
Як сӯ чаману дигар су яхбандӣ буд?!

## ҒУРУБИ ЛОЛАГУН

Бар нуҳ фалаки ҷаҳон сутун бояд буд,
Дар ҳар нафас аз хеш фузун бояд буд.
Хоҳад дами вопас рухи ту зард кунад,
Монанди ғуруб лолагун бояд буд.

## КУШТАНУ ҲАЙКАЛ

Ин зумра кучо як қадам аввал бинихand,
Поро, ки ба меъёри пайи шал бинихand.
Аҳсант ба мардуме, ки бечурм туро
Аввал бикушанд, баъд ҳайкал бинихand.

## САНГИ САЙҚАЛ

Он дил, ки барӣ аз ҳасаду кина бувад,
Як мушти фурӯзанда бари сина бувад.
Санге, ки ба чашми ту бувад сарду сияҳ,
Дар дидаи мо сайқали ойина бувад.

## ТАРМАФУРО

Афсӯси касе, ки пурхато мегардад,
Аз ҳикмати куҳсор ҷудо мегардад.
Оҳиста сухан гӯй, ки дар қуллаи кӯҳ
Ҳарфе сабаби тармафуро мегардад.

## ЁД КУНЕД

Аз миллату аз забони худ ёд кунед,
Арвоҳи гузаштагони худ шод кунед.
То ҳарф занад ба тоҷикӣ тифли шумо,
Дунёи варо тоҷикӣ обод кунед.

## НОҚОБИЛИ ПАРВОЗ

Ҳар синаи сард маҳрами роз нашуд,
Нодидағаме ба ғамкаш анбоз нашуд.
Дидам ба шутурмурғу бигуфтам, бешак,
Ҳар болу паре қобили парвоз нашуд.

## ПАРДАИ РОЗ

Овардаи ту яқин туро боз барад,
Ку марди хирад, ки пардаи роз дарад.
Чизе ба замин беғараз асло бошад?
Хоке, ки хуронадат, туро боз хурад.

## ТАНӮРИ БЕВАЗАН

Қисмат, ки ба кас ба меҳру озарм шавад,

Дарёб, ки санг бистари нарм шавад.
Аз хору хасе, ки дар назар чизе нест,
Бинӣ, ки танӯри бевазан гарм шавад.

## СОЯ

Ин соя, ки аз қафои мо мегардад,
Бепоя, вале пойи ба по мегардад.
Ҳар гоҳ, ки хуршед биёяд ба қиём,
Он гоҳ зи мо соя ҷудо мегардад.

## ОБУ ОТАШ

Ин абри баҳор бар сарам мегиряд,
Ҳам мурғи ҳаво дар назарам мегиряд.
Умрам, ки миёни обу оташ гузарост,
Дил месӯзад, чашми тарам мегиряд.

## ОШИҚИ ПЕЧОН

Рафтам зи пайи дил, ки ба боғат овард,
Афрӯхта боғ аз гули сурху гули зард.
Бо ёди ту беёд, ки меистодам,
Печида ба ман ошиқи печон гул кард.

## БАРЗГАР

Чандин нафасам гузашт бе шеъру суруд,
Чандин нафасам зи умр гӯё ки набуд.
Чун барзгаре будам, ки дар хоки вуҷуд
Кишти чаманаш расидаву ӯ надуруд.

## ДАРСИ МУҲАББАТ

Имрӯз маро ту имтиҳон хоҳӣ кард,
Сад гуна савол аз ину он хоҳӣ кард.

Ман ғайри муҳаббатат намедонам дарс,
Ин масъаларо ту ҳал чӣ сон хоҳӣ кард?

**СУРЪАТИ УМР**

Матлуби ман аз роҳи талаб меояд,
Ҳар лаҳза агарчиям аҷаб меояд.
Шаб мегузарад ду чашм бар ҳам назада,
Рӯзам нарасида, боз шаб меояд.

**АБР**

Абре ҳама шаб дар осмонҳо зорид,
К-ин зораи ман ба гӯш оё форид:
Абре, ки нишаст дар биёбон, хушкид,
Абре, ки ба баҳр рафт, дарё борид.

**ПАЙМОНА**

Як кас ғами ҷону дигаре ҷом хурад,
Донӣ ту магар, кӣ фанди айём хурад.
Паймона чу пур гашт ба даври гардун,
Моҳе, ки шаб афрӯхта буд, шом хурад.

**ЧАШМОНИ НОСЕР**

Қадде, ки камон гашт, зи нав тир нашуд,
Шуд навъи башар пир, ҳавас пир нашуд.
З-он ризқи худодода, ки хӯрдем ба даҳр,
Дандон ҳама рехт, чашмамон сер нашуд.

**МОҲИ КОМИЛ**

Ҳар дил, ки ба хайри халқ моилтар шуд,
Он қадр муроди умр ҳосилтар шуд.
Дидам, ки маҳе ба чордаҳ рӯз ба даҳр

Ҳар қадр, ки нур дод, комилтар шуд.

**ДАСТУ ОСТИН**

Ҳар кори ҷаҳонро, ки яқин мебояд,
Гар ҳам набувад чунон, чунин мебояд.
Андозаи остин намебояд даст,
Андозаи даст остин мебояд.

**ОБИЛАИ ДИЛ**

Ин тарки биҳишт карда, манзил чӣ кунад,
Худрову Худо бохта, маҳфил чӣ кунад.
Аз обилаи даст ту нолӣ, эй дӯст,
Ин сӯхта бо обилаи дил чӣ кунад?!

**НОМИ БАЛАНД**

Хуршед чу пойин равад аз боми баланд,
Кӯтоҳ шавад рӯзу расад шоми баланд.
Бинӣ, ки Худой ҳам ба абнои башар,
Ё боми баланд дода, ё номи баланд.

**БӮСАГАҲИ ХАЛҚ**

Бигзор, барад саҷда ба Яздон зану мард,
Дар пойи буте ё ба сияҳхораи сард.
Пайғамбари ҳар давру замон ҳам бошӣ,
Бар бӯсагаҳи халқ нашояд туф кард.

**ШУНИДАН Ё НАШУНИДАН**

Гулро ба дами баҳор дидан беҳ буд,
Ё баҳри висоли ёр чидан беҳ буд.
Бар мурғи чаман ҳарфи рухи раънояш
Шояд зи шунидан нашунидан беҳ буд?!

## НАВОИ БУЛБУЛУ ҒУНГОСИ ОРУ

Он кист, ки торӣ аз шаби тира барад,
Олудагие зи чашмаи хира барад.
Булбул ба наво об шавад дар сари гул,
Ғунгас занад оруву зи гул шира барад.

## ҲУРЕ, КИ ЗОЛ АСТ

Донӣ, ки пагаҳ чӣ гунаат ҳол бувад,
Ин қадди алиф зи бори ғам дол бувад.
Аз даҳр фиреби наварӯсӣ нахурӣ,
Ҳуре, ки ба бар мекашияш, зол бувад.

## САЙРОНГАҲИ ФИКР

Ҳар чӯҷаи навбол ба боло нарасад,
То бар таярони мурғи доно нарасад.
Сайронгаҳи болу фикр дигар-дигар аст,
Он ҷо, ки расад фикр, пару по нарасад.

## СӮХТАНИ ХОМӮШ

Ҳар кас ба ҳарими дил назар медӯзад,
Худро ба чароғи меҳр меафрӯзад.
Булбул ба фиғону нола обод бувад,
Парвона хамӯш аст, вале месӯзад.

## СУОЛ

Ин боми фалак баҳри чӣ афрохтаанд
В-ин фарш ба зери қадам андохтаанд.
Хандон шамъе, ки пойи худ равшан кард,
Гӯё ки варо барои ӯ сохтаанд.

## РЕШАВУ ШОХА

Оне, ки хазон дид, баҳорон чӣ кунад,
Аз ҷон, ки гузашт, меҳри ёрон чӣ кунад.
Суде набувад дигар ба боридани абр,
Гар решаву шоха сӯхт, борон чӣ кунад?!

## СЕЛУ БОРОН

Чун ёр бирафт, таъни ёрон чӣ кунад,
Ё меҳру вафои дӯстдорон чӣ кунад.
Бокам набувад зи тундару абри сиёҳ,
З-он ҷо, ки гузашт сел, борон чӣ кунад?!

## РАНГИ БАРФ

Гардун ҳама тирарӯву шуд дашт сафед,
Ҳар кас, ки сияҳ омада, баргашт сафед.
З-он даҳшати сармо, ки зимистон овард,
Ранг аз рухи барф кандаву гашт сафед.

## ЗАБОН

Ман ҳеҷ надонам, ки чӣ хуб асту чӣ бад,
Андешам агарчи  аз азал то ба абад.
Тифле, ки ба як сол баровард забон,
Сад сол нигаҳ доштанаш омӯзад.

## ГИРЕҲКУШО

Ақл аст, ки ҳар банди замон бикшояд,
Гар банди Худоист, чӣ сон бикшояд.
Сарриштаи тақдири ту гар хӯрд гиреҳ,
Оне, ки гиреҳ баст, ҳамон бикшояд.

## ГУМҶӮЙӢ

Ин дил, ки зи ҷовидон нишон меҷӯяд,
Гуфт он чӣ қазо гӯй, ҳамон мегӯяд.
Гумкардахудӣ ё ки Худогумкарда,
Ҳар кас ки чӣ гум кард, ҳамон меҷӯяд.

## ХОКБОДКУНӢ

Ин расми куҳан аҳли башар ёд кунад,
Имдод кунӣ, Худоят имдод кунад.
Хоке, ки ба як нафар диҳад фарри шаҳӣ,
Ҳайф аст, агар хоки дигар бод кунад.

## ГАРОНБОР

Киштӣ, ки ба рӯйи мавҷи бисёр бувад,
Пурбор бувад, раҳаш чӣ ҳамвор бувад.
Фардои қиёмат ҳам аз он Пули Сирот,
Осон гузарад, ҳар кӣ гаронбор бувад.

## РАВШАНГАРИ ДИЛ

Шуд даҳр ба хобу чашми бедор бимонд,
Ранг аз рухи рӯз шуд, шаби тор бимонд.
Гуфтам, фалако, ойинакори дил бош,
Равшангари дил бибурду зангор бимонд.

## ҲАНГОМИ ХАЗОН

Бар домани умр хушку тар мечаспад,
Чун меканад он, дудастатар мечаспад.
Ҳар барг ба ҳангоми хазон аз шохе
Гар канда шавад, ба хоки тар мечаспад.

## БАҲОРИСТОНУ МАЗОРИСТОН

Будем ба арше, ки баҳористон буд,
Рафтем ба фарше, ки низористон буд.
Даште, ки гузаштем, шикористон буд,
Ҷойе, ки расидем, мазористон буд.

## ДИЛҲОИ ДУР

Ғойиб набувад ёр, ки чашмон кӯранд,
Ёрон ҳама ҷо ба чашми дил манзуранд.
Дурӣ набувад ба  васли дилҳо монеъ,
Маҷҳурӣ аз он аст, ки дилҳо дуранд.

## ЛОЛИ ГӮЁ

Дил бинад  агар зишт, накӯ мегӯяд,
Чизе, ки  бигӯямаш, магӯ, мегӯяд.
Лоле, ки набошадаш забони гӯё,
Ҳарфаш ба забони чашму рӯ мегӯяд.

## МОҲИВУ НАҲАНГ

Сад ҷаҳд кунӣ, гурба паланге нашавад,
Мусича уқоби тезчанге нашавад.
Моҳичаи рӯдро ба баҳр андозӣ,
Моҳӣ бишавад, вале наҳанге нашавад.

## ОҒӮШИ ТУ

Оғози маро, ки нест анҷомидан,
Натвон пайи субҳи ишқ шоме дидан.
З-оғӯши ту беҳтар ба ду олам набувад
Ҳам ҷойи тапидану ҳам оромидан.

## НОХАЛАФОНИ СИФЛАХӮ

Ин бехаборон ҷумла дар инкори киянд,
Худро ба гунаҳ сӯхта, ғамхори киянд.
Инсон, ки агар вакилу шаҳкори Худост,
Ин нохалафони сифлахӯ кори киянд?!

## ОҲ, ИН ҲАМА ЗАНҲО

Оҳ, ин ҳама занҳо чӣ аҷаб матлубанд,
Гоҳе чӣ дилозору гаҳе маҳбубанд.
Ман дар баду нек озмудам, к-онон
Бо бад чӣ баданд, хуб бошӣ, хубанд.

## ТАВОФИ ДИЛ

Гар кори диле зи кохи гил меомад,
Сад Каъба зи як дил на хиҷил меомад.
Афсӯс, ки нест Каъбаро пойи равон,
Мебуд агар, тавофи дил меомад.

## ЗОҒИ АЛО

Беғам агар аз айбу хато бояд буд,
Бо тирадилон рӯйсиё бояд буд.
То пес нахонанд сафедии туро,
Дар боғи бало зоғи ало бояд буд.

## МУШТЕ БА ФАЛАК

Ин даҳр, ки будам ҳама нобуд кунад,
Оҳе кашам аз ғам, нафасам дуд кунад.
Чун аввалу охирам ба муште хок аст,
Муште ба фалак кашиданам суд кунад?!

## ТАҲШИН

Сад сол, ки ғофил ба сари раҳ шинад,

Он ишқ вале дар дили огаҳ шинад.
Ҳар оби сабукмоя надорад таҳшин,
Обе, ки варо нест таҳе, таҳ шинад?!

## НИМИ ТАН

Дар ҳастии ман ними танӣ, ёдат бод!
В-он ними дигарро ватанӣ, ёдат бод!
Сад меҳр агар ба субҳи ту меҳандад,
Шоме, ки дар оғӯши манӣ, ёдат бод!

## МАҚСУДИ БАЛАНД

Гар роз биҷӯйӣ ту, биҷӯ рози баланд,
Дамсоз шавӣ, то ту ба дамсози баланд.
Пастӣ макун оҳанг, фақат баски диҳад
Мақсуди баланд боли парвози баланд.

## НИЁЗ

Ин ҳарф, ки мешавад қабулат ё рад,
Ҳақҳ асту дуруст аст, вале сад дар сад.
Гар ҳаст ниёзат ба касе, бадбахтӣ,
Хушбахтӣ, агар касе ниёзат дорад.

## МУАММОИ САҲЛ

Одам, ки ғуломи нафсу ҳирсу зар шуд,
Одамгарияш сар омаду бесар шуд.
Дар ҷанги башар нест муаммое сахт,
Ман хубу ту бад – ҷанги ҷаҳонӣ сар шуд.

## ТАНҲОӢ

То кай ҷонат ба хидмати тан бошад,
Тан хидмати ҷон кунад, чӣ аҳсан бошад.

Дар маҳшари бозор набошам танҳо,
Танҳоии ман ҳамеша бо ман бошад.

## МАҚОМИ ТАМАЛЛУҚ

Чун хоса шудаст, зикри омаш набувад,
Ҷуз кибру ғуруру фикри хомаш набувад.
Аз маҳзи мақом нозаду мо донем,
Гар нест тамаллуқаш, мақомаш набувад.

## МАРГИ ХАНДОН

Ҳарчанд ҷаҳон рағбати мо бипзирад,
Кай марди хирад домани дунё гирад.
Бингар ба гулу бубин, ки ҳангоми хазон
Пажмурда шавад, валек хандон мирад.

## РАҲҶӮИВУ ГУМРОҲӢ

Ҳақ он, ки зи доғи рӯй  маҳ меҷӯяд,
Ё Коҳкашон аз пари каҳ меҷӯяд.
Он кас, ки наҷӯяд раҳ, гумраҳ нашавад,
Гумроҳ шавад, касе, ки раҳ меҷӯяд.

## ХӮРДАНУ БУРДАН

Маҳбубтарин машғалааш хӯрдан буд,
Чизе, ки нагунҷад ба шикам, бурдан буд.
Дар лавҳи қазо котиби умраш бинвишт,
Матлубтарин хидмати ӯ мурдан буд.

## ҶАШНИ ШОИР

Гумном набошам, ки маро ном диҳед,
Ноком набошам, ки маро ком диҳед.
Имрӯз, ки рӯзи ҷашни шоир бошад,

Ин ҷома гузореду маро ҷом диҳед.

## АБРИ ҒУРРОН

Андеша бувад аввалу гуфторат баъд,
Аз саъд чаро гаҳе намеояд саъд.
Абре, ки зи пунба ҳам ба нармӣ нарм аст,
Дар ҳам чу занад, барқ ҷаҳад, ғуррад раъд.

## ҲАМДИГАРХОР

Эй халқ, ки ҳар яке ба қасди зафаред,
Чун чашм на сӯйи хеш, сӯйи дигаред,
Бо он ки замин кулли шуморо бихурад,
То зинда дуе, яке дигарро бихуред.

## БИНОИИ ОШИҚ

Дилбохтагони ишқ дилро шоянд,
Сарбохтагони ишқ абад мепоянд.
Гӯянд, ки чашми сари ошиқ кӯр аст,
Чашмони дилаш, вале аҷаб биноянд.

## ДАСТУ ПОЙ

Равшан назаре, ки аз ту чашмаш наканад,
Болост саре, ки сар ба поят фиканад.
Пойе, ки ба маъбад набарад, шал бодо,
Дасте, ки зи дасти кас нагирад, шиканад.

## ХИДМАТИ МАРДУМ

Онон, ки ба сад ҳизбу ҳукумат гараванд,
Гӯянд, ки бар хидмати мардум бираванд.
Гар хидмати халқ аст шараф, хеш чаро
Як бор  нахоҳанд, ки мардум бишаванд.

## САНГИ ОБИСТАН

Гоҳе, ки ба ту умеди пайвастан буд,
Мавҷудиятам раҳини дил бастан буд.
Раҳҳои ҷаҳон сӯйи ту мебурд ҳама,
Санги сари раҳ ба ишқ обистан буд.

## ОЯНДА

Онро, ки набуд поя, поянда намонд,
Сарсабзу тановару физоянда намонд.
Ояндаи ман буд ҳазору сад сол,
Чун шуд, ки дар он гузашту оянда намонд?

## ОҒӮШИ ҲИЛА

Гар як нафарат ба меҳр оғӯш кашад,
То ҷоми вафо чашонаду меҳр чашад,
Дигар зи сари ҳила, вале бо ханда
Оғӯш кашад, то хафаат карда кушад.

## МОҲИ БЕАЙБ

Бар росту ҳақ ба дидаи райбе дид,
Худ лайс калу ба мӯйи кас шайбе дид.
Гардам ман аз он рӯсияҳе, к-ӯ ба само
Доғи маҳу худро шаҳи беайбе дид.

## ХАЁЛИ ХОМ

Онон, ки муборизи нишону номед,
Худро сари мардони замон меномед,
Мардеду ҷасуред ҳама, лек афсӯс,
Мардони хаёлҳои пучу хомед.

## ДОМОНИ ЗАН

Аз домани даҳр гираму лек чӣ суд,
Доман кашад он, надода боре мақсуд.
Сар додаву доманаш намедодам сар,
Ин доман агар домани васли зан буд.

## ГУЛИ БУЛБУЛЗАБОН

Булбул, ки ба лаб таронаи гул дорад,
Ҳар зеру бамаш ҳавои кокул дорад.
Қурбони чаманпарвари гул мегардам,
К-ин гул, чӣ аҷаб забони булбул дорад.

## СИТОРАВУ МАҲТОБ

«Дар ҳавлии мо ҷӯй набуд, об омад»,
Дар чашми сарам хоб набуд, хоб омад.
Ду дида ба роҳи ёр мегашт сафед,
Чашмам ба ситора буду маҳтоб омад.

## ТАФСИ ДИЛ

То сабру қарори дилам аз даст нашуд,
Боз он гиреҳи абруи пайваст нашуд.
Месӯхт дилам, ба синаам мондам ях,
Ях об шуду тафси дилам паст нашуд.

## ЁРИ КУҲАН – ШАРОБИ КУҲАН

Ҳар зан, ки варо ризои шавҳар бошад,
Хоки қадамаш ҳазор духтар бошад.
Эй он, ки кунӣ орзуи ёри наве,
Мастӣ зи шароби кӯҳна беҳтар бошад.

## КАЪБАИ БУТКАДА

Бар даҳр ба ислом кӣ пок омада буд,
Танҳо ба суроғи муслимӣ дар зада буд.
Бар куфр мазан таъна, ки ҳатто Каъба
То Каъба бигашт, умрҳо буткада буд.

## БОДОМШИКАНӢ

Онон, ки зи тақво ҳама ҷо ҳарф зананд,
Аз чашми чу бодом куҷо чашм кананд.
Чун бандаи нафсанд ҳамин одамакон,
Бодомӣ агарчанд, ба сангат шикананд.

## ОБИ ҲАЁТУ ЗАҲР

Дар шӯразамин абри баҳорон борад,
Н-орад гияҳе ҳар қадаре ҳам зорад.
Аз тинати бад наояд аъмоли накӯ,
Мор оби ҳаёт ҳам хурад, заҳр орад.

## МАҲАЛИ ХЕШ

Гарчи ду ҷаҳонро ба амал дар ҳам зад,
Аз хок саре ба чархи ахзар ҳам зад,
Чун дар маҳали хеш нарафт аз дунё,
Худ ҳосили умри хешро барҳам зад.

## ЗИНДАГИИ ДИГАР

Ҳар бенафасе соҳиби овоз нашуд,
Беболу паре қобили парвоз нашуд.
Дар даҳр назистӣ, агар баъд аз марг,
Як зиндагии дигарат оғоз нашуд.

## МУЪҶИЗАИ ЗУЛФ

Ку он ки давои дард чун Сино кард,
Ё судагаре, ки сангро мино кард?!
Бо ман сари зулфи ту, надонам, чӣ кунад,
Чун хоки раҳат чашми маро бино кард.

**ДАЪВИИ МАРДӢ**

Аз қудрати бозу чӣ занӣ бонги шиор,
Гӯё ки ту мардиву далериву баор.
Он ҷой, ки модашер бошад, донӣ,
Наршери тавоно накунад ҳеҷ шикор.

**САД ВОЙ**

Ҳаргиз нашавад бебасаре суратгар,
Оҳангшиносӣ набувад пешаи кар.
Сад вой аз он  пойгаҳи азму талош,
Дар ҷойи саманд агар давад курраи хар.

**ХУДСӮЗӢ**

Худ сӯзу ба зиндагӣ кушо фоли дигар,
То сӯхтани ту диҳад иқболи дигар.
Донӣ, ки алафзор бисӯзӣ имсол,
Рӯяд алафи бештаре соли дигар.

**ҒАРҚИ ХУНУ ХАНДОН**

Рамзест ба ҳар хандаи хуршеди саҳар,
Ҳар ханда диҳад туро зи сад гиря хабар.
Ҳар шом агарчи ғарқаи хун биравӣ,
Бояд бишавӣ саҳар ту хандида  бадар.

**СУЛҲ Ё ҶАНГ?**

Ин гардиши даҳр дорад оҳанги дигар,
Авзои ҷаҳонрост кунун ранги дигар.
Имрӯз агар ба ҳамдигар овезем,
З-он пас набувад сулҳ ва ё ҷанги дигар.

## ҲАМЛА

Зӯр оварадат хасм, ту ҳам зӯр биёр,
Дар ҳарби қавӣ бош, қавию подор.
Чун ҳамла баранд бар сарат бо шамшер,
Шамшераки чӯбин наравад ҳеҷ ба кор.

## ҚОНУНИ ҶОЗИБАИ ОЛАМ

Себе, ки Нютонро афтод ба сар,
Дарлаҳза зи қонуни кашиш дод хабар.
Он себ агар бар сари пуч афтодӣ,
Ҷуз ғуррии сар набуд маҳсули дигар.

## НАСИБИ ОДАМ

Бар дахр, ки омадан маро буд қарор,
Андеша ба ҳоли хеш кардам бисёр.
Дидам, ки насиби одам аз бахт ин буд,
К-омад ба ҷаҳон пиёдаву рафт савор.

## ҲАРФИ ХОР

Бисёр нишастем ба гулҳои баҳор,
Кардем дилу дидаи худро гулзор.
Бо хор ҳам, эй ёр, биё, биншинем,
Як бор, ки бинем, чӣ мегӯяд хор.

## МУШУ ШЕР

Кайҳост манам аз ин муаммо дилгир,

То хуб шиносам кӣ хатиру кӣ ҳақир.
Чун пушти тавоно бувадаш андар пушт,
Як мушаки нимҷон кунад ҳамла ба шер.

**ЯК БА ҲАЗОР**

Эй он, ки зи субҳ дорӣ уммеди дигар,
З-ойини фалак набошадат ҳеҷ хабар.
Ин даҳр магар нест, ки як хуршедаш
Равшан бишавад, кушта ҳазорон ахтар.

**РИШИ ДАҲР**

Гарчи фалакат ба гиря водорад кор,
Ту ханда бизан бар фалаки ноҳамёр.
З-он пеш, ки абр гиря оғоз кунад,
Чун барқ ба риши даҳр хандад як бор.

**ДУРБИН**

Маъзур, зи ёрони қарибам маъзур,
Гарчи зи рухи шумост чашмам пурнур,
Дирӯз қарибу дур як буд, имрӯз
Наздик намебинаму мебинам дур.

**ХИЗР Ё ЧАШМАИ ХИЗР**

Эй он, ки биҷӯйӣ гуҳар аз абри баҳор,
Хоҳам, ки ба дарё бирасӣ охири кор.
Як умр, ки оби Хизр ҷустӣ ба умед,
Ҷустӣ ту магар Хизри Худоро як бор?!

**ДАВО**

Аз номи Худо нест нидое беҳтар
В-аз ишқи Худо нест, Худое беҳтар.

Дардат, ки бувад, Худот ошиқ бикунад,
Чун нест ба ҳар дард давое беҳтар.

## ҶОЙИ УБУР

Танҳоии ман бе ту намегардад пур,
Ҳам бе ту ду оламам наояд дархур.
Кайҳо зи ҷаҳон ҳамегузаштам бедард,
Ғайр аз бағалат будам агар ҷои убур.

## САҒИРУ КАБИР

Оем ба дунё чӣ кабиру чӣ сағир,
Моро набувад дар ду ҷаҳон ҳеҷ назир.
Бо ман бувад ин даҳр пуру бе ман, лек
Яксар ҳама холист чу Саҳрои Кабир.

## ЧИНОРУ АНОР

Бар сарв мазан таъна, ки ҳастӣ бебор,
Бар бед магӯ, дигар ту ҳам бор биёр.
Устоди табиат, ки ба мо фармуда:
Соя зи чинор ҷӯю ҳосил зи анор.

## МУРҒИ ДИЛ

Мурғи дили ман буд ба авзои дигар,
Мехост равад зи синаам ҷои дигар.
Аз сина чу кардамаш раҳо, ворид шуд,
Бар сина ҳазор мурғи гӯёи дигар.

## ҚИСМАТИ БАД

Бардор диле, ки бошадат дилбардор,
Дар кор бизӣ, то нашавӣ нодаркор.
З-ин қисмати бад Худо нигаҳ дор маро,--

На қобили кореву на шоистаи ёр.

## МАҶРОИ ДИГАР

Гар ҳанҷара бошад, диҳӣ овои дигар,
Гар азми қавӣ ҳаст, кунӣ рои  дигар.
Гар пеши раҳи рӯди равонро бандӣ,
Пуршӯр равад боз ба маҷрои дигар.

## ҲАНГОМИ  ҒАЗАБ

Аз ҷӯшиши нодамидае шав ба хабар,
Аз шӯриши орамидае шав ба хабар.
Мӯре, ки ту гӯйӣ набувад озораш,
Ҳангоми ғазаб канад сари мӯри дигар.

## ПӮСТПАРТОИИ МОР

Гулнор ба як баҳор нор аст, ки нор,
Гулхор ба сад ҳазор хор аст, ки хор.
Сад бор агарчи пӯст партояд мор,
Хӯяш, ки газандагист, мор аст, ки мор.

## ЧАШМИ АШКАФШОН

Аз сангдиле санги гаронам хуштар,
Аз мурдадиле мурдаи ҷонам хуштар.
Аз дидаи хушке, ки нагиряд боре,
Ду чашми тари ашкфишонам хуштар.

## БОРИ ГАРОН

Аз чашм чӣ суд, гар набинӣ рухи ёр,
Бе ишқи нигор сар бувад як сарбор.
Аз ганҷи муҳаббат, ки тиҳӣ гардад дил,
Чун бори гарон ба гарданат гардад бор.

**ЛИМӮИ ДИГАР**

Аз хандақи лимӯ биравам то охир,
Дил додаву осуда манам дар зоҳир.
Лимӯи сари шох бимонӣ ба кафам,
Лимӯи дигар бимонадам дар хотир.

**МУШТИ АНОР**

Ман шохи анорам, кӣ бигирад ба канор,
Ҳар дони анор аст чу як дил хуншор.
Муште, ки марост, мушти кӯбидан нест,
Дар мушти анор аст ҳамон хуни анор.

**ЛАБ БУБАНД**

То нагзарӣ аз худ, нашавӣ бо ӯ ёр,
Ифшо макун ин сир, ки равӣ бар сари дор.
Дил ғофили хеш аст дар ин олами ҳарф,
То лаб набубандӣ, нашавад  дил бедор.

**ХУШКӢ КУҶОСТ?**

Шуд ғарқи гунаҳ чу уммати пайғамбар,
Дар оби азоб шуд ҷаҳон сартосар.
Эй кафтари Нӯҳ, куҷо дидӣ хушк,
Дар даҳри ғариқи ашки абнои башар?!

**ГАНҶУР**

То он ки азобу заҳматат орад бор,
Аз хеш баройию даройӣ сад бор.
Беранҷ наметавон шудан соҳиби ганҷ,
Ганҷур нашуд, пӯст напартофта мор.

## ДУРУ НАЗДИК

Маъзурам, агар туро нашуд ин манзур,
Як кеҳтари наздик беҳ аз меҳтари дур.
Ҳар ахтари дур агарчи сад хуршед аст,
Як меҳри қариб кушт сад ахтари дур.

## ХОБУ БЕДОРӢ

Зодию шудӣ ба хоб чандони дигар,
Будат ба ҳаёт ё ки паймони дигар.
Дар рафтани талхи ҷон, ки бедор шудӣ,
Аз умр намонда буд як они дигар.

## ХУРШЕД НЕСТ МАЪЗУР

Бо меҳр, ки аз тоқи само борад нур,
Наздик бувад яке, дигар бошад дур.
Хаффошмисол  агар ту дар ғор равӣ,
Дар ҷурми ту хуршед набошад маъзур.

## НА САРУ САРХОРӢ

Дар рӯйи замин, ки зиндагӣ кардам сар,
Оғози маро набуд анҷоми дигар.
Айёми шабоб рафт бо сархорӣ,
Акнун на саре монда, на хоридани сар.

## БАҲРУ ЛАНГАР

Осон набувад, ки бахр гирӣ ба канор,
Озода равад ба мавҷ озод савор.
Акнун ману мавҷхези тӯфони муҳит,
Рафтам чу ба бахр, лангарам нест ба кор.

**ХУНШИР**

Умрат бикунад агарчи афсун сад бор,
Андеш ба ин маънию мазмун сад бор,
То шири сафеди зиндагибахш шавад
Хун дар дили модарон, шавад хун сад бор.

**СОИҚАИ УМР**

Умр ояи иқбол бувад ё идбор,
Чизе, ки бувад, даргузарад соиқавор.
Оне надиҳад, ки беғамона хандӣ,
Оне надиҳад, ки дар ғамаш гирйӣ зор.

**ТАРСИ МАРГ**

Побандӣ агар, зи дасти озода бигир,
Бархезӣ агар, зи дасти афтода бигир.
Ҳар рӯзи ту пайкори ҳаёт асту мамот,
Тарсӣ агар аз марг, ту нозода бимир.

**ЧОРМЕХ**

Исо ба сари салиб бикшуд асрор,
К-ин ранҷу азобам набувад ноҳанҷор.
Аз ғафлати мардум, ки худамро бар дор
Ҳар сония чормех кардам сад бор.

**ДӮСТ БИДОР!**

Дар ҳар чӣ забон мешунавам: Дӯст бидор!
Пинҳону аён мешунавам: Дӯст бидор!
Дар ҳар даму ҳар зарраву дар ҳар ҷойе
Дар ҳар ду ҷаҳон мешунавам: Дӯст бидор!

**ИМРӮЗИ АБАД**

Дирӯз гузашту нест дигар дархур,
Фардо нарасидат, ғами фардо ту махур.
То риштаи умрат ба абад пайвандад,
Худро зи ҳамин рӯзи Худо ҳеҷ мабур.

**МАРДОНА**

Дар раҳгузари ишқ, ки ҷонҳост нисор,
Саҳл аст фақат додани дил, ҷон бисупор.
Аҳсанту санойи он, ки мардона бизист
Аз ҳалқаи дасти ёр то ҳалқаи дор.

**ЯК ҚАДАМ**

Мақсуди муҳаббат бувад арчи мастур,
Гоҳе бишавад ба дидаи дил манзур.
Байни ману ӯ як қадаму лек, аҷаб,
Сӯяш қадаме монам, аз ӯ гардам дур.

**ШЕВАИ ЗИСТ**

Гар умри кухе кунад зи сад қарн гузар,
Як шабпара як рӯз барад умр ба сар.
Он сон ту бизӣ, гӯ, ки зи умрат монда
Сад соли дигар, ё ки аз  оне камтар.

**РӮЙИ СИЯҲ**

Гӯяд ҳама бад, ки худ намояд беҳтар,
Аблаҳ дигарон, ягона шон донишвар.
Шаб аз рухи моҳ доғ ҷӯяд, ки саҳар
Рӯйи сияҳаш сафед ояд ба назар.

**ШАРТИ ПАРВОЗ**

То он ки расӣ ба гарди он гардунфар,
Оташ бизанӣ ба болишу бар бистар.
Кай бол диҳад вале фақат сӯхтанат,
Парвоз куҷо, то нашавӣ хокистар.

## САНГИ ДАРУНИ КАФШ

Ин санги сияҳ беҳуда судан чӣ зарур,
Бо тирадилӣ хеш намудан чӣ зарур.
Гар санги ту сангрезаи рӯйи раҳ аст,
Санге ба даруни кафш будан чӣ зарур?!

## ОТАШИ САРАФКАНДАГӢ

Имрӯз зи худ, ки сарфарозам бисёр,
Донад касе оё чӣ бувад охири кор.
Бо бӯйи сарафкандагӣ аз реша ба хеш
Оташ бизанам зи сарбаландӣ чу чинор.

## АЗ ГУЛ МАГУЗАР

Ҳар дида дурахшад ба муроди дидор,
К-аз шишаву аз санг бубинад рухи ёр.
Эй ёр, ба ҳам ҷӯрагули печонем,
Аз гул магузар, ки доманат гирад хор.

## ЗИСТАН ДАР ПАРВОЗ

Анҷом, ки бошад, бувадаш боз оғоз,
Созад ҳамаро зи ибтидо хотимасоз.
Ақсои замин, ки сар ба сар дом бувад,
Бояст, ки зист то абад дар парвоз.

## ТАҲИ ТАР

Дар азми накӯ манеҳ кафи рад ҳаргиз,

К-армон ба дили зинда намирад ҳаргиз.
Ҳаргиз ба таҳи тар макун уммеди дурахш,
Гӯгирди таре шӯъла нагирад ҳаргиз.

## ТИҲИМАҒЗӢ

Эй масти шароб, дар раҳи рост малағз,
К-аз бодаву мастӣ масалат гӯям нағз.
Ҳар қадр шавӣ пур аз шароби шиша,
Шиша тиҳӣ аз май шаваду ту аз мағз.

## РУСТАН АЗ ҲАБС

Озода раҳи банд напӯяд ҳаргиз,
Побандии озод начӯяд ҳаргиз.
Аз пӯст агар мағз  нагардад озод,
Аз ҳабси таҳи хок нарӯяд ҳаргиз.

## ЧАНГОЛИ УҚОБ

Ин халқ ба нимрӯз хоб аст ҳанӯз,
Он об, ки дидаст, сароб аст ҳанӯз.
Бо хеш чӣ нозад, ки ба болои сараш
Гунҷишк ба чанголи уқоб аст ҳанӯз.

## ИШҚИ САМОВӢ

Як косаи дӯғу дастаи сабзи пиёз,
Як нони ҷавин аз он ҳама неъмату ноз,
Як ҷуфти зи боғи арш партобшуда, —
Дар хок шавад ишқи самовӣ оғоз.

## ДАСТОМӮЗ

Ту паст машав, то нашавӣ пастомӯз,
Аз ҳирс гузар, раҳидан аз шаст омӯз.

Ҳарчанд уқоб мурғи озод бувад,
Аз даст ғизо хурад, шавад дастомӯз.

## ХАМУ РОСТ

Банди ҳавасу хост нагардӣ ҳаргиз,
Дар фикри каму кост нагардӣ ҳаргиз.
Асл аст агарчи бениёзи каму кост,
То хам нашавӣ, рост нагардӣ ҳаргиз.

## ҶАВОБИ СУХАН

Сарҷӯ бикушо, оби равон ояд боз,
Дилро бикушо, дилбари ҷон ояд боз,
Аз синаи кӯҳсори гӯёву хамӯш,
Ҳар шева сухан гӯйӣ, он ояд боз.

## ҲАСРАТИ ГУЛ

Мегуфт яке ғунча баҳорон ба ниёз:
Кай гул шаваму ханда занам ноз ба ноз.
Чун фасли хазон расид, мегуфт, ба дард:
- Эй кош, ки ман ғунча будам як дам боз.

## ҲАМВОРАВУ ПАЙВАСТА

Раҳ ҷониби мақсуд бувад роҳи фароз,
Мақсуд ба даст ояд аз роҳи ниёз.
Ҳамвораву пайваста бибояд рафтан,
Чун бахри пиёда раҳ фароз асту дароз.

## ЯК ТАНИ САБЗ

Ин кӯҳи баланд бину ин домани сабз,
Анвори зари моҳ ба пироҳани сабз,
Аз пуштаи сабзазори армон рафтем,

То мои ду тан шудем чун як тани сабз.

## МИҚНОТИС

Бе оташи дил зинда набояд ҳаргиз,
Умре нафаси сард нашояд ҳаргиз.
Оташ набувад гар ба дили миқнотис,
Он пораи оҳан нарабояд ҳаргиз.

## ДАСТИ КУШОД

Ғамбода машав зи буду боде ҳаргиз,
Аз даҳру ғами доду надоде ҳаргиз.
Дил тангу муроди дил дароз аст, дароз,
Кӯтаҳ набувад дасти кушоде ҳаргиз.

## ДАРИ БАСТА

Гоҳе зи сари қаҳру гаҳе аз сари ноз,
Аз ҳолати дил кунӣ шикоят оғоз.
Бикшо дари дил, агар нахоҳӣ кӯбанд,
Кӯбанд дари баста, на ин ки дари боз.

## ДАСТИ КӮТОҲУ ЗАБОНИ ДАРОЗ

Ҳар рӯз барӣ ҳам ба Худо рӯйи ниёз,
Обе наравад зи паст худ сӯйи фароз.
Он ҷо, ки амал нест, забонҳо лофист,
Кӯтоҳ, ки даст аст, забон аст дароз.

## ХОРИ ДОМАН

Оё кӣ тавонад, ки кунад мояи ноз
Ин зиндагии кӯтаҳу армони дароз.
Боке накунад зи хор доманкӯтоҳ,
Печад ҳама ҷо хор ба домони дароз.

## БОРИ ДИЛ

Ҳар ошиқи зор зори дил нест ҳанӯз,
Ҳар ёри канор ёри дил нест ҳанӯз.
Эй он, ки хамида қаддат аз бори гарон,
Ҳар бори ба дӯш бори дил нест ҳанӯз.

## ГАРМИИ БАДАН

Сардию дилат ҳеҷ хиҷил нест ҳанӯз,
Андеша туро дар обу гил нест ҳанӯз.
Бо он, ки зи санҷобу вашақ ҷома турост,
Гармии бадан гармии дил нест ҳанӯз.

## СУОЛЕ АЗ НӮҲ

Нӯҳо, чу ҷаҳон шуд таҳи обу таи оз,
Киштии ту омад ба башар қисматсоз.
Шукрат, ки гирифтӣ хару гове бо хеш,
Инсони хару гав чӣ зарур омад боз?!

## ШАБИ ВАСЛУ РӮЗИ ҲАҶР

То кӯтаҳи рози ишқ созам иброз,
Дорам ба шаби дарози даймоҳ ниёз.
Наврӯз агарчи шуд баробар шабу рӯз,
Кӯтаҳ шаби васлу рӯзи ҳаҷр аст дароз.

## АНҶОМУ ОҒОЗ

Гардад, чу ба ҳар ғунча баҳорон оғоз,
Ҳар рӯзи маро бувад ҳазорон оғоз.
Чун беадад аст ибтидоям, оё
Анҷом якест бар ҳазор он оғоз?!

## НООМАДА  РАФТЕМ

Буд матлаби дил хотири шоди ту, азиз,
Асбоби вуҷуди мо видоди ту, азиз.
Гуфтанд чу моро накунӣ ёд асло,
Ноомада рафтем ба ёди ту, азиз.

## ЁД ОЯД БОЗ

Ин ғам гузарад, замони шод ояд боз,
Фасли гулу настаран зиёд ояд боз.
Гар мебарӣ аз ёд маро, боке нест,
Чизе, ки равад зи ёд, ёд ояд боз.

## ДАРМОНДАИ  ИШҚ

Моҳӣ, ки хурад ба шаст, мекӯшад пас,
К-озод шавад, бол занад тозанафас.
Дар ҳалқаи бахри ишқ дидам, аммо
Дармондаи ишқ  ишқ  мехоҳаду бас.

## УМРИ ҲАДАР

Хандон на чу хуршед будӣ, на маъюс,
Шом омаду на моҳ шудӣ, на фонус.
На ошиқи ёреву на банди коре,
Аз умри ҳадар рафтаат афсӯс, афсӯс.

## ЗАМОНИ СИНАХУШКИДА

Ин пир, ки бори зиндагӣ дар пушташ
Гаштаст дуқат, нест асо дар мушташ.
Бас синаи модари замон хушкида,
Бечораи тифл мемакад ангушташ.

## БО ИН ҲАМА БОР

Эй Бор Худо, ба ҳарфи ту дорам гӯш,
Орад чу маро сури Сирофил ба ҳуш,
Дар шӯри қиёматат чӣ сон бархезам,
Бо ин ҳама борам, ки ниҳодӣ бар дӯш?!

## ДАРАХТИ БЕНАСИБ

Як боғи хирад сабз кунам дар бари хеш,
То хуш гузаронам ҳама умри сари хеш.
Ҳоло чу дарахтам, ки пур аз бору бар аст,
Ку, лек дарахте, ки хурад аз бари хеш?!

## ДИЛХОҲТАРИН

Аз ҳар ду ҷаҳон дуру қаринам бо хеш,
Дар рӯйи замин чархи баринам бо хеш.
Бе ҳамнафасе фориғам аз даҳр, ки ман
Ҳамсуҳбати дилхоҳтаринам бо хеш.

## ҲАНГОМАИ РӮД

Эй баҳр, бузургӣ ту ба ҳадди дили хеш,
К-асло наравӣ ту аз ҳудудат пасу пеш.
Як рӯди тунукоб ба ҳангома вале
Ҳар лаҳза бурун меравад аз соҳили хеш.

## ДУ МУРҒ

Дар банди қафас ду мурғ бо вазъи парешон
То вораҳад аз банд, занад худ пасу пеш.
Як мурғ занад пар, ки қафасро шиканад
В-он мурғи дигар, ки бишканад шаҳпари хеш.

## ДАСТИ ДАРОЗ

Як умр дар ин ҷаҳони шӯру пархош,
Кӯтаҳдасту дароздастон ба талош.
Гар дод Худо  дасти дарозат, мегир
Аз дасти ниёзи кас, на аз банди по-ш.

**ТАШНА**

Одам ба ҳавои ҷаннати ноёбаш
Бинад ҳама он ҳуру малак дар хобаш.
Онро, ки накард чор дарё сероб,
Чун кард тавон ба Кавсаре серобаш?!

**НИГАҲДОРИ ЧАРОҒ**

Чашмони Худост чашми бедори чароғ,
Шабро ҳама ҷо рӯз кунад кори чароғ.
Равшан шавад ар хонаи мо ё нашавад,
Сад шукри саломати нигаҳдори чароғ.

**БУЛБУЛУ ЗОҒ**

Доғест маро ба дил, ки орояд боғ,
Боғест маро ба дил, ки ороят доғ.
Дар боғ агар гӯши ду барге ҳам нест,
Ҳайф  аст, ки булбул раваду ояд зоғ.

**САФҲАИ РӮЙ**

Қосид, ту зи ман гӯш бикун ҳарфи шигарф,
Мазруф, ки ман аён бубинам аз зарф,
Ин нома ба ман боз макун, чун хондам
Дар саҳфаи рӯят ҳамаро ҳарф ба ҳарф.

**ОБИ БАҚО**

То даст диҳад тамом мақсуду ҳадаф,
Мақсуд зи худ ҷӯй, на дар чор тараф.
В-арна ба сарат оби бақо бopaд ҳам,
Бар рег равӣ чу об аз байни ду каф.

**ХОНИШИ ЗОҒ**

Олам нашиносӣ, ки шиносӣ хату ҳарф,
Сахт аст зи бас тамизи ҳар зишту шигарф.
Дар барфи зимистон, ки нахонад булбул,
Булбул бувад он зоғ, ки хонад дар барф.

**ХОРАШ БОШ**

Ин тозагули ту буд дирӯз алаф,
Фардо нарасида мешавад хушку талаф.
Гар даст диҳад, дасти каме хораш бош,
Азбас набувад туро ҷуз имрӯз ба каф.

**ИШҚУ АНДЕША**

Ишқам бибарад ба суйи андешаи жарф,
Андеша барад ҳамора бар ишқи шигарф.
Ҳаргиз набувад тамизи ину онам,
Берун биравад, ҳар он чӣ бошад дар зарф.

**БАЁНИ МАЪНО**

Ҳар ғунчаи маъно, ки кушудам ба сабақ,
Гул кард варақ, вале набуд маъно ҳақ .
Чун хандаи гул набуд дар атри гуле,
Маъно на ҳамон буд, ки шуд сабти варақ.

**ОБ ЗАД**

Рахшон бувадо чеҳраи оташваши ишқ,

Дарёи дамон наёмад оташкуши ишқ.
Хосияти оташ арчи дарҳамсӯзист,
Бар оташи дигар об зад оташи ишқ.

**ГАВҲАРИ ПОК**

Эй, аз малакут омада бебок ба хок,
Кардӣ ба вуруди хеш ин хок афлок.
Дар нуҳ қабати даҳр чаро дур ҷӯйӣ,
Дар нуҳ садафи даҳр туӣ гавҳари пок.

**САРИ АНГУР**

Рӯйида зи хокему равонем ба хок,
Ҳарчанд ки гарди хокамон аст афлок.
Мо бори сари баланд бардошта, лек
Ҳамчун сари ангур хамидем зи ток.

**ШИШАИ СОАТ**

Рӯз аз сари мо мегузарад бо баду нек,
Нолем аз ин шева чӣ бадбахт, чӣ рек.
Чизе набувад зи рафтани дам ғофил,
Ҳар дам шумарад ба шишаи соат рег.

**ОҲИ САБУК**

Пулбохтае ҳам биситезад ба фалак,
Дилбохтае ҳам биситезад ба фалак.
Ҳар оҳи сабук сабук нишинад дар хок,
Оҳе, ки гарон нест, нахезад ба фалак.

**ТАРКИ САР**

Беҳ аст ҳалок, ки умр дар бими ҳалок,
Афсурдадиле на беҳ зи афсурдаи хок.

Тарсам мадеҳ аз гузаштани неъмату ҷоҳ,
Онро, ки кунад тарки сар, аз салла чӣ бок?!

## САҲНАИ НАНГ

Оҳуи хито хӯрда ба чанголи паланг,
Моҳии тило рафта ба ҳалқуми наҳанг,
Дарронда уқоб синаи мурғ ба чанг,
Ин саҳни ҳаёт буд, ё саҳнаи нанг?!

## ҲАМДИ ХУДО

Он дам, ки ба шохи ток мерӯяд барг,
Алҳамди Худои пок мегӯяд барг.
Чун шираи ангур ба хум мечӯшад,
Хун дар рухи зарди хеш мемӯяд барг.

## КИШТИИ БУЗУРГ

Бо амри қазо биёяд аз аҳли сутург
Хубии бузург ё ки зиштии бузург.
Ҳар бори гарон вусъати дарё хоҳад,
Ҳаргиз наравад ба рӯд киштии бузург.

## ОЛАМИ НАНГ

Дунё ҳама ҷангу ҷангу дунё ҳама ҷанг,
Дилҳо ҳама сангу сангу дилҳо ҳама санг.
Аз хуни башар гашт ду олам рангин,
Ин олами ранг аст, магар олами нанг?!

## КАБӮТАРБАЧА ВА УҚОБ

Болоназар астӣ, ту уқоби сари санг,
Ман ҷуфти кабӯтарбачаву ҳолам танг.
Ҳарчанд кабӯтарбача тарсад зи уқоб,

Эй кош, биёриям ту рӯзе бар чанг.

## ФИҒОНИ БУЛБУЛ

Ишқат чу наво рехт ба ҷони булбул,
Олам бигирифт достони булбул.
Аз ханда магар пунбабагӯшӣ, эй гул,
К-асло нашунидӣ ту фиғони булбул.

## НОЗБАРДОРОН

Ҳар аблаҳе аз худ, ки тарошад оқил,
Як аблаҳи дигар шавад ӯро қоил.
Ин ҷамъ ба ҳамдигар чӣ нозе доранд,
З-ин ҷо буну бори хеш бардор, эй дил!

## НОНИ ҲАЛОЛ

Рафтам зи маҷол, то расидам ба камол,
Посух, ки биҷустам ба саду анд суол.
Ман ошиқи хуршеди саҳархез шудам,
Шуд хоб ҳаром, то хурам нони ҳалол.

## ҲАМДАМИ ДИЛ

Ҷуз шеър надорам ба ҷаҳон ҳамдами дил,
Бешу ками шеърам аст бешу ками дил.
Ин олами фонӣ ба ҷаве ҳам нахарам,
Дар олам агар набошад ин олами дил.

## БАНДАРИ ДИЛ

Паҳнои муҳит кай бувад ҳамбари дил,
Дарёи муҳит бигзарад аз дари дил.
Киштии муроди ман навардад роҳе
Аз лангари дил ҳамеша то бандари дил.

## МАНЗИЛУ МАНЗИЛАТ

Ҷамъе бидавад, вале бувад по дар гил,
Тӯда-ст гурӯҳеву набошад маҳфил.
Аҳсант ба некӯнигаҳи соҳибдил,
К-истода ба як ҷой расад бар манзил.

## БАҲРИ БЕСОҲИЛ

Ҳар лаҳза, ки дорам ба ту, эй дил, маҳфил,
Гӯям ба ту сад бор тасанно, эй дил.
Он роҳ, ки меравӣ, надорад поён,
Баҳре, ки шино кунӣ, надорад соҳил.

## ТОҚАТИ ДИЛ

Ҳар шеър, ки гӯям бувад аз ҳолати дил,
Ҳар боби нави ҳарфи ман аз бобати дил.
Дарёб, ту он чиҳо гузашт аз сари ман,
Аҳсант ба ин тобу табу тоқати дил.

## ФАРЁД АЗ ОҚИЛӢ

Гаҳ рӯди хурӯшанда шавам, гаҳ соҳил,
Гаҳ шӯху ситезанда шавам, гаҳ коҳил.
Фарёд аз он рӯз, ки дар кишвари ишқ
Ман дарси адаб хонаму гардам оқил.

## ОЯТИ ИШҚ

Чашми ту маро чашмаи нурест ба дил,
Ёди ту маро ёди ҳузурест ба дил.
Лавҳе, ки дар он сабт нашуд ояти ишқ,
Заррин бувад ар, лавҳаи гӯрест ба дил.

## ХУЛҚИ МОДАРЗОД

Хулқе, ки бувад дарандаро, сол ба сол
Ёбад на завол, балки ояд ба камол.
Гурге, ки бувад ташнаи хун, дар пирӣ
Дандонаш агар фитад, дарад бо чангол.

## СУРАТИ ДИЛ

Рӯят гули гул гуфтаму гул гашт хиҷил,
К-ӯ реша ба дил дораду ман реша ба гил.
Наққош, ки бо меҳри дил орост варо,
Ман сурати гил гаштаму ӯ сурати дил.

## ГӮШАИ ДИЛ

Ин боғи маро нест ба ҷуз хӯшаи дил,
Аз хӯшаи дил, ки мебарам тӯшаи дил.
Паймудани шаш қитъаи олам саҳл аст,
Паймой, тавонӣ ар, ту як гӯшаи дил.

## БЕДОРИ АЗАЛ

Асрори ҳаёту марг – асрори азал,
Н-ояд зи касе кор дар ин кори азал.
Он гуна закӣ Эзидамон сохт, ки мо
Дар хоби абад шавем бедори азал.

## МЕҲРГИЁҲ

Гарчи ба амал барзгарию омил,
Ҳар хок дигаргуна биёрад ҳосил.
Сад гуна гиёҳ сабз гардад дар дашт,
Ғайр аз гияҳи меҳр, ки сабзад дар дил.

## УРУҶИ ОСМОН

Онам, ки зи бенишон нишон овардам,
Ҷоне, ки набуд, дар ҷаҳон овардам.
Дидам, ки ҷаҳониён замингир шуданд,
Аз хок уруҷи осмон овардам.

## МАСЪАЛАИ МУРАККАБ

Ман нақши замири матлаби худ ҳастам,
Шогирду дабири мактаби худ ҳастам.
Бар баҳси дигар ба ҷуз худӣ корам нест,
Ман масъалаи мураккаби худ ҳастам.

## ДУ ОСИЁ

Эй чархи фалак, ту осиёи мардум,
К-онро бикунӣ орд чу дони гандум.
Эй мардуму эй гандуму чархи гардун,
Дар байни ду осиё ҳисобам шуд гум.

## ҲАЗОРҲО МЕРӮЯМ

Аз шохи таре баҳорҳо мерӯям,
Аз гӯша чу беканорҳо мерӯям.
Аз хӯша чу доне ба замин меафтам,
Кам мешаваму ҳазорҳо мерӯям.

## ОГАҲДИЛЕ

Сад вой, ки умре дили огаҳ ҷустам,
Огаҳдиле аз моҳӣ то маҳ ҷустам.
Пайдо чу нашуд миёни авлоди башар,
Аз халқи Худо пас ба Худо раҳ ҷустам.

## БУХОРИИ РАВЗАНБАСТА

Рое, ки насибам зи азал буд, кунам,
Ё он чӣ дигар замона фармуд, кунам?
З-ин пас чу бухорие, ки равзанбаста-ст,
Равшан зи буруну зи дарун дуд кунам.

**ШИКАНАМ - МАВҶАМ**

Кӯшӣ ту ба хокмолам, авҷе гардам,
Яктоям агар, ҳазор фавҷе гардам.
Мумкин набувад шикастану рехтанам,
Гар мешиканам, дар об мавҷе гардам.

**ШАМШОДИ ҚАД**

Эй ёр, ба ҳар неку бадат мепечам,
Ҳар рӯзи Худо то абадат мепечам.
Ман токи замин, ту дар фалак шамшодӣ,
Чун ток ба шамшоди қадат мепечам.

**ШОХҶОМИ ЛАБРЕЗ**

Имшаб, ки саре ба моҳу ахтар дорам,
Дасте ба канори гарми дилбар дорам.
Ӯ гунаи шохҷоми лабрез бувад,
Лабрезтараш то бикунам, бардорам.

**ОДАМГАЗИДА**

Гарчи зи малак бувад фаротар одам,
Яъне ба Худо вакилу ёвар одам,
Чун моргазида тарсад аз банди ало,
Тарсад одамгазида аз ҳар одам.

**НОНИ ГАНДУМУ ОБИ ҶАВ**

Эй Бор Худо, ман ба худӣ дар гаравам,
То з-ин раҳи зиндагим берун наравам.
Аз ту талаби неъмати алвон накунам,
Бас пораи нони гандуму оби ҷавам.

**ХАС - САРИ ЧАШМ**

Ин дилбари дил бошаду он дилбари чашм,
Аз дил наравад он, ки бувад дар бари чашм.
Ҳар як пари каҳ ҷой ба каҳдон нашавад,
Хасро, ки Худо диҳад, нишинад сари чашм.

**ХОКИ НАРМ**

Оне, ки раҳад тунд зи банди айём,
Чун даргузарад, аз ӯ нишон монад ном.
Гаҳ нармии мардум аз дуруштӣ батар аст,
Сайёд ба хоки нарм мемонад дом.

**ДОМАНИ ТАР**

Эй дил, зи ҳавасҳот чӣ сон парҳезам,
Бо хушку тарат худ, ки ба ҷон омезам.
Фардои қиёмат ба кадомин рӯ лек
Ин домани тар дар офтоб овезам?!

**ШИКВАИ ЧАРОҒ**

Эй халқ, чароғаму чӣ сон бадрӯзам,
Гарчи ҳама шаб маҳфилатон афрӯзам.
Аз шом ба субҳатон биёрам, аммо
Ҳар рӯз кушедам, накушедам, сӯзам.

**ТАЗОД**

Ин соили мо карам кунад бар Ҳотам,

Шаҳро ҳама алмос занад бар хотам.
Дар даҳри тазод агар тазоде хоҳӣ,
Ин мурдаи мо ханда занад бар мотам.

## БУЛБУЛИ БЕГОНА

Дар ишқи ту ҳарчанд ки фарзона манам,
Дар хоки ту аз ҳазор як дона манам.
Ҳоло чамани бахти ту сабз асту дареғ,
Дар ин чаманат булбули бегона манам.

## КАНОРИ ГУЛ

Ман ошиқаму баҳори гул мехоҳам,
Дар пойи гуле нисори гул мехоҳам.
Ман шиша наям, ки қул-қулам маст кунад,
Ман булбуламу канори гул мехоҳам.

## СУБҲИ ОГОҲӢ

Ёро, сафари бехатаре хоҳиям,
К-аз зулмати шаб ба субҳдам роҳиям.
Он мӯйи сиёҳ шоми ғафлат буд, рафт
В-ин мӯйи сафед субҳи огоҳиям.

## ШОНАИ ФАРҲОД

Бо ин дили хештан бадам ё ки беҳам,
Дар ҳалқаи ғамкашон кеҳам ё ки меҳам,
Сояд ба замин шонаи ҳар  Фарҳоде,
Гар бори дилам варо сари дӯш ниҳам.

## РАҲЗАНУ РАҲНАМО

Ҳолест, ки аз мучриму довар тарсам
В-аз душмани ҷону аз бародар тарсам.

Дар роҳи адолат, ки сипардан бояст,
Аз раҳзану раҳнамо баробар тарсам.

## ҲАНГОМАИ ШОДӢ

Эй дӯст, биё, даме ба ҳам биншинем,
Хуш бод даме, ки бо алам биншинем.
Ҳангомаи шодӣ дили мо муфлис кард,
То боз ғанӣ шавад, ба ғам биншинем.

## ҲИСОБИ ПОК

Якрӯям, аз инсони дурӯ метарсам,
Якрангаму аз дурангу рӯ метарсам.
Фардо ба Худованд ҳисобам пок аст,
Имрӯз ман аз бандаи ӯ метарсам.

## КОСАИ САР

Ин сар, ки ба пойи ту забунаш кардем,
Чун сар бикашид, сарнагунаш кардем.
То косаи сар тиҳӣ шавад аз савдо,
Дар коса чӣ буд,  ба сар нагунаш кардем.

## СОҒАРИ САРШОР

Бо ишқи самову ранҷи маҳҷуриям
Дар кӯяш агар хок шавам, нуриям.
То соғари саршори варо дорам ёд,
Мастӣ надиҳад шароби ангуриям.

## ЗЕРУ ЗАБАР

Оташ мазанам, ки шӯълавар мегардам,
Барбод мадеҳ, ки бахру бар мегардам.
Ҳамвор, ки меравам ба роҳам чун об,

Зерам бикунӣ боз забар мегардам.

**АДЛИ АВОМ**

Ояд аҷабам зи ташнаи мансабу ном,
К-афтода зи по давад ба сад роҳи ҳаром.
Хосе кашадаш агар ба авҷе аъло,
Дар хоки сиёҳ занад варо адли авом.

**ОТАШ ДАР БУТТА**

Вобаста ба мост давру даврони ту ҳам,
Пайваста ба мост дарду дармони ту ҳам.
Оташ чу расад ба буттае, дам манишин,
К-он зуд расад ба решаи ҷони ту ҳам.

**ҶОН ДАР СУХАН**

Бо шеър, ки ман забони халқи ватанам,
Бо меҳр ситоишгари ҳар марду занам.
Дар қолаби ман ҷустани ман беҳуда-ст,
Ҷону дили ман гирифта ҷо дар суханам.

**АЗ ОБУ ДАР ХОК**

Рӯзе, ки ба ҷон ошиқи афлок шудем,
Монанди муҳит тозаву пок шудем.
Парварда шудем дар дили уқёнус,
Аз об баромадему дар хок шудем.

**УҚЁНУСИ ШӮРИДА**

Хокинасабам, вале само мебӯсам,
Дар ҷилди вуҷуди худ куҷо маҳбусам.
Хунам, ки зи оби дили уқёнус аст,
Шӯридатар аз тамоми уқёнусам.

## САХТИИ ҶАВОНӢ

Ман бахтҷавони ёри ҷонии худам,
Ман шефтаҷони бахти фонии худам.
Пирӣ агарам давлати Қорун бидиҳад,
Ман садқаи сахтии ҷавонии худам.

## ВАСВАСАИ ОҚИЛӢ

Ин лофу газофҳои кас мекушадам,
Бебор, гаронбории хас мекушадам.
Ин зумра чу дар васвасаи оқилианд,
Шодам, ки шабе дил ба ҳавас мекушадам.

## БАЛОГАРДОН

Аз шавқ, ки сабзида дар ин майдонам,
Афрохта сар бар фалаки гардонам.
Дар боғи баланд бо баҳои сари хеш
Ман ёри сафедори балогардонам.

## МЕҲРИ ҒУРУБКАРДА

Якпост Худо, яке Худои ман ҳам,
Шояд ки варо бувад ризои ман ҳам.
Эй меҳри ғурубкарда, оё як шаб
Вопас бадар ойӣ ба дуои ман ҳам?![8]

## ОЯИ ОСМОНӢ

[8] Ишора ба Қуръони Маҷид, сураи Сод, ояи 31-32: «Он гоҳ ки ба ҳангоми аср асбони тезравро, ки истода буданд, ба ӯ (яъне Ҳазрати Сулаймон) арза карданд, гуфт: ман дӯстии ин асбонро ба ёди парвардигорам бигузидам, то офтоб дар пардаи ғуруб пӯшида шуд...». Ва намози Ҳазрати Сулаймон қазо мешавад. Ӯ аз Худованд илтиҷо мекунад, ки офтобро бозгардонад, то ӯ намозашро бихонад ва Худованд хоҳиши ӯро ба ҷо меорад.

Дар арш, ки ҷон кард ато Яздонам,
Дар рӯйи замин дод ба каф Қуръонам.
То ояи осмонӣ аз хоки сиёҳ
Вопас ба само барад самовӣ ҷонам.

**ҶАВКОРУ ГАНДУМДАРАВ**

Мардумсифатӣ, агар ту байни мардум,
Нақшат нашавад зи дидаву дилҳо гум.
Сад ҳайф, ки дар даҳри мукофоти амал
Ҷав кошта, хостӣ дурудан гандум.

**ЛАҲЗАИ ҶОВИДОН**

Бар беҳудаи замони худ мегирям,
Ҷонбохтаву ба ҷони худ мегирям.
Дирӯз, ки аз даст бишуд як лаҳза,
Имрӯз ба ҷовидони худ мегирям.

**НА ДОНАИ ХУРД**

Ҳайф аст, агар ба ҷустани фол афтам,
Аз хеш бимонам, пайи абдол афтам.
Гар даври фалак хирмани худ бардорад,
На донаи хурдам, ки зи ғирбол афтам.

**ФАРДО - АФСӮС**

Якчанд ба ёрон маи махсус хурем,
Сад ҷому қадаҳ бо газаку бӯс хурем.
Фардо, ки нишоти умр аз даст равад,
Оё зи хушиҳо фақат афсӯс хурем?!

**БОИСИ ИФТИХОР**

Мо бо дили хештан, ки маҳфил дорем,

Дар синаи дилшинос манзил дорем.
Як зумра бифахранд ба сад молу манол,
Мо боиси ифтихор як дил дорем.

**БЕДИЛ**

Доданд ду чашм - нури маҳфил бошем,
Доданд ду даст – дасти омил бошем.
Оварда ба даҳр ин парирӯёнро
Доданд диле, ки боз бедил бошем.

**ХУРШЕДУ ДАРЁ**

Чандон, ки ба худ сӯхтаву танҳоям,
Печида ба мавҷи хештан, паҳноям.
Як шӯъла саҳар, ки мезанам, хуршедам,
Як мавҷи дигар, ки мезанам, дарёям.

**ПАРИСО**

Ҳар ҳарф, ки бо номи ту оғоз кунам,
Нурест, ки пайванд ба овоз кунам.
Дар чашми сар ин сон ки парисо ойӣ,
Чун ойӣ, агар дидаи дил боз кунам?!

**ДАСТИ ДОМАНГИР**

Ҳарчанд ба дунё на ҷавон, на пирам,
Аз умр надонам, ки чӣ ибрат гирам.
Ин аст магар одамию расми башар,
Дасте, ки гирифтам, шуда домангирам.

**ЧӢ КУНАМ?!**

Хасрӯба барию гул начинӣ, чӣ кунам,
Фарқе накунӣ сафолу чинӣ, чӣ кунам.

Дар пеши ту қулла-ст расида ба фалак,
Гар чашми ту кӯр асту набинӣ, чӣ кунам?!

**ХУДИКУШОНИ БЕГОНАПАРАСТ**

Гумгаштадилам, суроғи гумҷӯ гирам,
Ҷон аз азал ин сӯ, дигар он сӯ гирам?!
Дар даҳри худикушони бегонапараст,
Аз худ, ки рамам, чӣ сон ба кас хӯ гирам?!

**ДАРМОНИ ДАРД**

Озодам, агар туро ба фармон бошам,
Дар ҳар ду ҷаҳон в-арна ба армон бошам.
Эй боиси кулли дардҳои ҷонам,
Эй кош, ба як дарди ту дармон бошам.

**ТО ЧАНД?!**

Дармон нашавад дарди ниҳон, ман чӣ кунам,
Осон нашавад мушкили ҷон, ман чӣ кунам.
То чанд кашам ҷабри замонро хомӯш,
Девона, ки нолад зи ҷаҳон, ман чӣ кунам?!

**ДАР ХОБИ ШАБ**

Аз дасти дили хеш, ки дар зориям,
Безор шудам з-ин дили безориям.
Дар хоби шабам, ки мебиёӣ ба бағал,
Дил сер зи ҷон кунад ба бедориям.

**РОЗИ ВУҶУДУ АДАМ**

Дар олами бесафо, сафо дарёбам,
Дар даҳри ҷафопеша вафо дарёбам.
Ман рози вуҷуди худ намедонам, чист,

Сирри адамам пас аз куҷо дарёбам?!

## ШОҲУ БАРДА

Ҳарчанд малули кардаи хеш астам,
Мақсуди раҳи сипардаи хеш астам.
Ин ҷо, ки яке шоҳу ғулом аст дигар,
Ман шоҳи худам, ки бардаи хеш астам.

## ШИКВАИ САНГПУШТ

Парвоз ба авҷи гунбади роз кунам,
На аз пару бол шиква оғоз кунам.
Шиква накунам чу сангпуште, пуштам
Санг аст ҳама, чӣ гуна парвоз кунам?!

## ХОМПАЗ

Хом аст сари кор, ки хом аст анҷом,
Хом аст, агар бода, нарезӣ дар ҷом.
Гӯянд, ки айём пазонад ҳар хом,
Ҳайфо, ки на ҳар хом пазонад айём.

## СУХАНИ ПУЧ

Дирӯз, ки будаст, бувад акнун ҳам,
Ҳарф аст, агар варо бувад мазмун ҳам.
Ҳаргиз сухани пуч намегардад пур,
Ояд агар аз забони Афлотун ҳам.

## ИСЛОМ

Ҳар рӯз, аз оғози ҷаҳон то анҷом,
Исломи яқин нест надидан ислом.
Ислом шунидан зи масоҷид саҳл аст,
Кор аст зи бутхона шунидан ислом.

## ЧАШМИ ҲАРИС

Аз аҳди шабоб то дами шайб одам
Кӯшад, ки кунад хизона дар ҷайб одам.
З-он чашми ҳарис мор партофта пӯст,
Ҳайфо, ки нашуд сурх ба сад айб одам.

## СОҲИБХОНА

Бар ҳоли ғарибӣ хештан ҳайронам,
Гӯё ба ҷаҳон ба меҳмон мемонам.
Бинам, ки ба ҷуз манаш дигар соҳиб нест,
Ман соҳиби хонаам, куҷо меҳмонам?!

## РАҲГУЗАРИ БОД

То ҳастаму чун чароғи маҳфил сӯзам,
Ҳарчанд ки як лаҳза бисӯзам, рӯзам.
Гарчи насазад ба даҳр дил бастани мо,
Дар раҳгузари бод чароғ афрӯзам.

## ТӮФОНИ НӮҲ

Он гаҳ, ки ғазаб кард Худои олам,
Тӯфон карду дод ҷазои одам.
Хушкид замин агар зи тӯфони Нӯҳ,
Ғарқид ба оби дидаҳои одам.

## БАХШАМ

Онам, ки зи ман он талабӣ, он бахшам,
Гар як бидиҳӣ, ҳазор чандон бахшам.
Чун дӣ ту ба ихтиёр ҷонам додӣ,
Ҳоло-т  ба ихтиёр сад ҷон бахшам.

## ХАМИДА ЧУН ТОК

Озода манам, ки бандаи кори худам,
Афрохтасар ё ки нагунсори худам.
Чун сарв маро, ки лофи озодӣ нест,
Чун ток хамида ҳамсари бори худам.

## ҶӮШИДАНИ ХОМ

Эй он, ки қадам ниҳода дар ҷодаи ном,
Ҷӯшиву хурӯшӣ ту ба ҳар гардиши ҷом,
Ҷӯшидани ҳар чиз бувад аз хомӣ,
То пухта шавад, ҷӯш хурад бодаи хом.

## ДИЛБАРИИ ҲАМГАРӢ

Раҳ сохтаву раҳбарӣ омӯхтаем,
Сар бохтаву сарварӣ омӯхтаем.
Ойинаи мо шикаст агар сандонро
На дилшиканӣ, дилбарӣ омӯхтаем.

## ПАЙИ ПОЙ

Ман шераму бар подшаҳӣ мансубам,
Бо ҳайбати шоҳонаи худ марғубам.
Аз пайраҳи сайёд пайи поямро
Ҳарчанд ки шерам, ба думам мерӯбам.

## ФАРТИ ХАРӢ

Омад сари сарчашма харе кандалагом,
То об хурад зи чашмаи симинфом.
З-он пеш, ки фук бар лаби сарчашма барад,
Поҳо-ш дар он ниҳодаву кард ҳаром.

## ФАСОНАГӮЙИ ҲАҚГӮ

Неку бади ман аён бувад дар суханам,
Баски ба сухан сиришта шуд ҷону танам.
Монад ба забони халқ шеърам ҳама умр,
То он ки фасонагӯйи ҳақгӯй манам.

## ХОКИ РАВШАН

Дар пушти замин агарчи муште хокам,
На мушти парам, муштарии афлокам.
Хокам, ки ситорасон бувад равшанрӯ,
Аз тирагии кунҷи лаҳад  бебокам.

## НОМИ ШЕЪР

Дар роҳи абад, ки гом бардоштаем,
Аз бодаи меҳр ҷом бардоштаем.
Бар ному нишон набуда муҳтоҷ асло,
Азбаски ба шеър ном бардоштаем.

## МАСТИ ШАБ

Ман беш аз ин саодате кай талабам,
К-аз бахт лаболабу ба ту лаб ба лабам.
К-ош, эй шаби васл, бениҳоят бошӣ,
Эй субҳи сафо, мадам, ки ман масти шабам.

## ҶОН КАНДАНУ ДИЛ КАНДАН

Аз худ гусалам, пой зи маҳфил наканам,
Пайванди вафо зи ёри муқбил наканам.
Дил кандани ман аз ту азобест алим,
Беҳ, ҷон канаму аз ту вале дил наканам.

## ФУРӮҒИ ҶОВИДОН

Мо бахти мудом ногаҳон ёфтаем,
Аз неши фироқ нӯши ҷон ёфтаем.
То ишқи ҷигарсӯз шавад ҷонафрӯз,
Ҷон дода фурӯғи ҷовидон ёфтаем.

**ТО ЯК НАФАС**

Ҳар рӯз ба ёди ту худ обод кунам,
Ёди ту кунам ҳар шабу дил шод кунам.
Чандин нафасам монда надонам, аммо
То як нафасам бувад, туро ёд кунам.

**ФУРСАТ**

Аз роҳи ҷаҳон роҳи туро пай гирам,
Аз ном ба ҷуз номи туро кай гирам.
Аз умр куҷо фурсати дигар талабам,
Фурсат талабам, ки пеши поят мирам.

**ҚОШИ ҚАЛАМКОР**

Гулзор туиву ба гуле зор манам,
Аз ғунчаи лаб гуле талабгор манам.
Қоши қаламат сад қалами шеъри тар аст,
Шармандаи он қоши қаламкор манам.

**ДОРИ ДИЛ**

Сад сол надидаам туро, ёри дилам,
Дил зории ту дораду ман зори дилам.
То бори муҳаббатат ба шохи дигар аст,
Ман бори дилам, хори дилам, дори дилам.

**ИШҚИ НАХУСТИН**

Эй ишқи нахустин, чу расӣ бар ёдам,
На дилхурам аз туву на ҳам дилшодам.
Ту асли манӣ магар, ки ҳаргиз накунӣ
Як зарра на ободаму на барбодам?!

## КИРОИ МОНДАН

Ман кӯйи туро Каъбаи дил мехонам,
Ҳам байт ба байти абруят мемонам.
Дар даҳр, ки он кирои мондан накунад,
Мемонам агар, ба паҳлуят мемонам.

## МАЙИ ҲАЛОЛ

Ҳарчанд ки бандаи майи ноб наям,
Аз ҷоми шароб буда парҳез каям?!
Гӯянд, ки май ҳалолу мастист ҳаром,
Чун маст намешавам, ҳалол аст маям.

## МЕҲВАРИ САЙЁРА

Инсонаму меҳре ба само парвардам,
Худро ба Худо рӯйи замин овардам.
Дар баҳри фалак Замин агар Сайёра-ст,
Ман меҳвари Сайёраи гардунгардам.

## ОЙӢ ТУ

Дар раҳгузари умр куҳан ё, ки навам,
Бо буду набуди хештан дар гаравам.
Чун хонаи дил баҳри ману туст, чаро
Ойӣ ту агар, манат, ки бояд биравам?!

## ЗАВЛОНАИ ФИКР

Имрӯз агар халосу хуррам зодем,

Шодем, ба тавфиқи раҳойӣ, шодем.
Завлона зи пой кандан озодӣ нест,
Завлона зи фикри худ канем, озодем.

## ҒАЛАТИ ХАНДА

То барги хазони худ пароканда кунем,
Дилро ба рухи сабзи чаман банда кунем.
Фардо, ки ба хандидани гул хӯ гирем,
Хун гаштани гулро ғалати ханда кунем.

## ДИЛОГАҲЕ МЕҶӮЯМ

Гумкардараҳам, тоза раҳе меҷӯям,
Даҳр аст пури гадо, шаҳе меҷӯям.
Гар зери кафи баҳр гуҳар пинҳон аст,
Дил рӯйи кафу дилогаҳе меҷӯям.

## РАҲИНИ ҲАМВОРӢ

Чун бастаи ишқи хеш медориям,
Ёди ту бувад ба хобу бедориям.
Ҳамвориям ар, ба кӯҳ таъзим орам,
Гар кӯҳ манам, раҳини ҳамвориям.

## ЧӢ КАНОРЕ?!

З-ин раҳ гузарӣ, ба раҳгузорат нарасам,
Аз сарди зимистон ба баҳорат нарасам.
Моро ба канори дил шудӣ ҷо, аммо,
Охир чӣ каноре, ки  канорат нарасам?!

## ДУДИ ДИЛ

Дар банди хаёл шаб ба шаб бедорам,
Аз ҳар шаби бе ту сад карат безорам.

Дуди ҷигарам ба оҳ берун биравад,
Аммо ба чӣ раҳ дуди дилам буброрам?!

**АНГУШТАР**

Чашме ба ниҳоли дилфиребат бошам,
Дар ёди харидории себат бошам.
Дастам нашавад чу ҳалқаи гардани ту,
Ангуштари ангушти базебат бошам.

**БА ШОХИ ГУЛ**

Боз о, боз о, ки сар ба пойи ту ниҳам,
Хоки қадамат манам, бадам ё ки беҳам.
Гармии дилам агар туро месӯзад,
Бодат бидиҳам, ба шохи гул бод диҳам.

**АЗ МОСТ, КИ…**

Умре зи сарони бехирад нолидем,
Як зарра дигар нагашт дунё, дидем.
Ҷуз мо кӣ зимоми худ ба онон дода,
Аз мост, ки бар мост, магар фаҳмидем?!

**ПАЙВАНД**

Эй духтари боғбон, ба ту мегӯям,
К-имшаб раҳи гулбоғи туро меҷӯям.
Бар шохи ниҳоли қоматат, к-озод аст,
Пайванд гирифта аз танат мерӯям.

**ФАРДОИ ЗАБОН**

Дунё ба ҷуз он нест, ки дунёи забон,
Маъно ба ҷуз  он нест, ки маънои забон.

Имрӯз ба дирӯзи забон мефахрем,
Эй кош, нагирйем ба фардои забон.

## ЭЙ МИЛЛАТИ ХУДКУШ

Арзад магар ин даҳр ба ҷон фарсудан,
К-онро ҳунарест куштанат фармудан.
Эй миллати худкуш, ки кушӣ хосаи хеш,
Танҳо ба авом пас чӣ хоҳӣ будан?!

## ЗАНГӮЛАЧАИ ТИЛОӢ

Ҷон духтаракам, таъна ба Аржанг бизан,
Мӯҳойи маро ба чашми худ ранг бизан.
Чун булбулаке ҳар саҳарӣ ғул-ғул кун,
Зангӯлачаи тилоиям занг бизан!

## ҶОНИ ГАРОНБОР

Дар ҳар ду ҷаҳон аст харидорат ҷон,
Тан парварӣ, аммост нигаҳдорат ҷон.
Натвон зи Пули Сирот осон бигузашт,
Гар нест сабук тану гаронборат ҷон.

## ҶАВЛОНГАҲИ ОЗОДОН

Болои сари мост ҳамин чархи нагун,
К-он чарх занад абад ба садҳо мазмун.
Он аст, ки ҷавлонгаҳи озодон аст,
Болат набувад, таъна макун бар гардун.

## МУСУЛМОНӢ

Чун дид Иброҳим малакуте равшан,
Шуд аҳли яқин, мӯъмину озод зи занн.
Ман на малакут дида, на Иброҳим,

Мӯъмин шудаам, зиҳӣ мусулмонии ман!

## ЯЗДОНУ ИНСОН

Шояд, ки буд одамӣ дар аввал ҳайвон,
Дар васвасаву фиребу макри шайтон.
Он рӯз, ки овард ба Яздон имон,
Яздон зи худ ӯ сохт, зи Яздон инсон.

## РОЗИ ҲУВАЙДО

Беҳуда ба ҳифзи рози худ кӯшидан,
Набвад самаре зи гови нар дӯшидан.
Розат, ки ҳувайдост саропо ба Худо,
Аз бандаи ӯ чӣ ҳоҷати пӯшидан.

## ҚУДРАТИ ТУ

Дар ҳарду ҷаҳонӣ ту Худои дили ман,
Рӯят дидан - рӯйи Худоро дидан.
Ояд фақат аз дасти ту имрӯз маро
Мирондану боз зинда гардонидан.

## АҶАБО?!

Ҳар меваи норасе ба авҷ аст макин,
Чун пухт, фитад зи шоха бар хок яқин.
З-ин шеваи рӯзгор дорам аҷабе,
Хоме ба само, пухта нагунсори замин.

## ҲАМГУҲАР

Қисмат, ки кунад охири корат таъйин,
Фарҷоми дигар нестат асло мумкин.
Гарчи ба гуҳар шабнаму борон об аст,
Бар арш равад шабнаму борон ба замин.

## МАНЗАРА

Як дашти пур аз лолаи ишқу армон,
Як ҷӯйи пур аз таровати шеъри равон,
Як кӯҳи пур аз фалсафаи тамкине,
Як одами ошиқ ба ду чашми ҳайрон.

## ЯК ДАСТА БАҲОР

Эй водии гул, шукуфтанам илқо кун,
Ҷонро ба насими раҳгузар эҳё кун.
Фардо кафи хок аст агар ҳастии мо,
Имрӯз ту як даста баҳор эҳдо кун.

## ШАВҚИ ВИСОЛ

Эй гармии оғӯш, биё гармам кун,
Бигзошта дил ба рӯйи дил, нармам кун.
Гар шарму ҳаёям раҳи васлат гирад,
Дар шавқи висол пок бешармам кун.

## ДАРМОН ДАРМОНДАН

Дил хост ҳавои ишқат аз сар рондан,
Аммо натавонист ба ҷуз сар мондан.
Аз ишқи ту дардест ба ҷонам, ки варо
Дармон набувад ҳеҷ ба ҷуз дармондан.

## СУОЛ БА ИНСОН

Инсон, инсон, чӣ гунаӣ, эй инсон,
Дар хок ба тухми хеш оварда қирон,
Андар фалаки собиту сайёри дигар
Меҷӯйӣ  аз ӯ боз ҳаме ному нишон.

## ҲАФТ ГУНБАД

Гар лоиқи ин кӯҳиву тахти падарон
В-ин хоки дилогаҳеву соҳибназарон
Ё савту садои ҳафт гунбад бишунав,
Ё бонгу нидо зи ҳафт гунбад гузарон.

## АБРИ САФЕД

Ман кӯҳаму дар ишқи ту дорам тамкин,
Ғам дар дили ман гашта чу ганҷе таҳшин.
Эй абри сафеди ҳамчу ёрам гузарон,
Як лаҳза канори теғаҳоям биншин.

## ПАЙРОҲАИ КАҲКАШОН

Худро зи замин ба осмон бурдам ман,
Аз хок ба нуриён нишон бурдам ман.
Раҳгум нашавам то ба чигилроҳи замин,
Пайроҳа зи роҳи Каҳкашон бурдам ман.

## ХОМӮШУ СУХАНГӮ

Бо дидаи таҳқиқ нигар сӯйи Замин,
Таърихи башар сабт бувад рӯйи Замин.
Ҳар санг, ки бинӣ ту, фақат санге нест,
Ҳаст он дили хомӯши сухангӯйи Замин.

## БЕДОР

То суфта нагардӣ, натавонӣ суфтан,
То хуш нагардӣ, натавонӣ гуфтан.
То хобсару хуфтадилеро ҳар рӯз
Бедор насозӣ, натавонӣ хуфтан.

## ХУШБАХТИВУ БАДБАХТӢ

Дар синаи ман ба ман ватан шуд дили ман,
Гаҳ чӯли харобу гаҳ чаман шуд дили ман.
То роҳ барам, роҳи диле кофтаам,
Хушбахтиву бадбахтии ман шуд дили ман.

## ДЕРИНТИЗОР

Монад ҳама гулфишон баҳори дили ман,
Монад ҳама шодоб канори дили ман?!
Тарсам, ки баҳору ошиқӣ дер шавад,
Дер ойӣ, деринтизори дили ман.

## КАБӮТАРИ САФЕД

Навмед шавам, туӣ умеди дили ман,
Аз рӯзи хуше туӣ навиди  дили ман.
Зоғони сиях гирди сарам чарх зананд,
Зуд ой, кабӯтари сафеди дили ман.

## ҲАЗОР  БОР

Чашмони хумори ёр мебӯсам ман,
Лабҳои нами нигор  мебӯсам ман.
Ҳарчанд зи ҳам ҳазор фарсах дурем,
Аз дур ҳазор бор мебӯсам ман.

## ИНТИЗОРИ ТУ

Рӯзе зи ҷаҳон канор мегирам ман,
Ишқи ту ба ёдгор мегирам ман.
Чун ҷодаи интизорро охир нест,
Охир ба ту интизор мемирам ман.

## СУРУД ДАР ЛАБ

Аз ту ба ҷаҳон дуруд мебурдам ман,
Хоки қадамат суҷуд мебурдам ман.
Як шаб ту агар маро ба худ мебурдӣ,
Он гаҳ ба лабам суруд мемурдам ман.

## КУЛЧАИ РӮЙ

Бо ҳазлу ба ҷид бигӯямат дилбари ҷон,
Нон несту умр аст на чандон осон.
Часпон ба танӯри синаам кулчаи рӯ-т,
К-осон ба танӯри гарм мечаспад нон.

## БАХТИ ФАРҲОД

Лак бор шукуфт лолазори дерин,
Ширини дигар ку ба баҳори ширин.
Он бахт, ки Фарҳод зи кuҳ кандан ёфт,
Кай ёфта Хусрав ба канори Ширин?!

## ФАСЛИ ХЕШ

Гулбоди баҳор кӯ ба кӯ гашт вазон,
Бишкуфт канори чаману дашт аз он.
Боист ба фасли хештан сохт ба умр,
Нахле, ки шукуфт тирамаҳ, гашт хазон.

## ДУОИ ДИЛ

Дар зиндагии хеш шавӣ хун, дили ман,
Сад бор шавад ранҷи ту афзун, дили ман.
Мебош дар ин давраи аъсоби хароб,
Ободтарин ҷузви ман акнун, дили ман.

## ДАР МИЁНИ ЧОР ДАРЁ…

Шаҳбол шикасту гуфт: “Парвоз бикун”!
Бифшурда гулӯ, гуфт: “Наво соз бикун”!
Чун з-ин ҳама таскин нашудаш кину ҳасад,
Кушт охиру гуфто: “Зи нав оғоз бикун”!

**АРЗ**

Эй ҳамватанони фориғ аз шеъру сухан,
Дорам ба шумо арзи сареҳу равшан:
Шарт аст, ки баҳри қадрдонии шумо
Мирем ва ё кунем мо тарки ватан?!

**ПАРВОНАИ ХУРШЕД**

Дар кӯраи зиндагӣ ту партобам кун,
Дар оташи ҷонгудози он обам кун.
Ҳайф аст, ки парвонаи шамъе бошам,
Парвонаи хуршеди ҷаҳонтобам кун.

**АЗ БАНДИ ШУМО**

То чанд маро ба ҷамъи худ пайвастан,
Бо сад хабару қолу мақоле бастан.
Кайҳост, ки аз банди худӣ ворастам,
Аз банди шумо кай битавонам растан?!

**БОМИ ФАЛАК**

Сарро накунад чу сарварӣ сарвари ман,
Кошо, нарасад бало ба гирду бари ман.
Бас нест магар чакидани бом маро,
К-эй боми фалак, ту ҳам чакӣ бар сари ман?!

**ҒОЗАИ ЗАН**

Мард аст агарчи банди шерозаи зан,
Андозаи ӯ дигару андозаи зан.

Гулгуна агар зард шавад рӯзи ғазо,
Ғозӣ накунад сурх рух аз ғозаи зан.

## ГИРДИ САРИ ОФТОБ

Ҳар кас, ки дар ин даҳр ба ҳар ҷост макин,
Гардад ҳама умр гирди як чиз яқин.
Хуршеди ҳаётам, ки туӣ, мегардам
Гирди сари офтоби худ ҳамчу Замин.

## ИН ПУЛ НА ОН ПУЛ

Он соҳили рӯд аст абадият маскун,
Ин соҳили рӯд аст замон ҳеҷу забун.
Гар азми ҳаёти ҷовидон дар дилат аст,
Пул созу барои пул коре ту макун.

## МАН ҲЕҶ НАГӮЯМАТ

Ҳирсат гӯяд, ки кам бувад кулли ҷаҳон,
Ақлу хирадат, ки ними нон – роҳати ҷон.
Ман ҳеҷ нагӯямат, ки бо кулли ҷаҳон --
Мирӣ ту гурусна, сер -- бо нимаи нон.

## ДАШТИ САБЗИ МАҶНУН

Тахти Ҷаму Дорост валангору нагун,
Бод аст хазинаи ҳазорон Қорун.
Хушкида дарахти ҳиради Афлотун,
Сабз аст, вале канори дашти Маҷнун.

## АҲЛИ БЕМОРИСТОН

Ҷуз соҳати дил нест дигар користон,
Бархез зи хобу о ба бедористон.
Он, к-ӯ ба тавофи дил варо коре нест,

Ҳайфо, ки бувад зи аҳли бемористон.

## ТАПИДАНУ ОРОМИДАН

Оғози маро, ки нест анҷомидан,
Натвон пайи субҳи ишқ шоме дидан.
З-оғӯши ту беҳтар ба ду олам набувад
Ҳам ҷойи тапидану ҳам оромидан.

## САРМАСТОН

Ҳар маҳфили майрост ҳазорон дастон
Аз ҷуръати сардарфалаку сарпастон.
Он бода, ки филро зи по андозад,
Хӯрдан натавонанд ба ҷуз сармастон.

## МАЙИ ХАЙЁМ

Хайём чӣ май мехӯрд аз мо пинҳон,
К-ӯро бишуд ошкор асрори ҷаҳон.
Он май набуд он, ки рехт аз шиша ба ҷом,
Дар кӯзаи дил расида, мерехт ба ҷон.

## БА НОЗУКНИҲОЛИ РАНҶУР

Эй дард, бирав, ту аз тани нозуки ман,
Шармат набувад, ки мезанӣ неш ба тан.
Хор астиву ҷойи ту бувад домани дашт,
Зебанда фақат гул аст бар шохи чаман.

## ДИЛБАР Ё ШЕР

Афтод маро кор ба як шери ҷавон,
Гаҳ нарму ҳалиму гоҳ ғуррону жаён.
Гӯяд, ки туро раҳм хӯрам, аммо ман
Ҳар дам ба ҳаросам, ки маро медарад он.

## БОД БА ДАСТ

Эй он, ки кунӣ ҳазор сӯйе таку дав,
Дони ту чӣ дона, дони гандум ё ҷав?
Бо боди сар омадӣ шикори анқо,
Бо боди ба даст омада хуш бош, бирав!

## НАГУФТАМАТ АЗ ХУД РАВ

Фарқ аст миёни хирмани гандуму ҷав,
Ҳам тафриқа дар аспи ҷувоз асту бидав.
То он ки расӣ ба асли хешат, гуфтам,
Аз худ бадар о, нагуфтамат аз худ рав!

## РУМУЗИ ИШҚ

Бо ёри куҳан намераҳӣ аз ғами нав,
Даст аз тамаи хом бибардору бирав.
Хоҳӣ зи румузи ишқ бӯе бибарӣ,
Аз хандаи гул нолаи булбул бишунав.

## АФЛОТУН  ШАВ!

Лаб банд ту аз чуну чаро, бечун шав,
Афсона раҳо куну ту худ афсун шав.
Дар кӯйи хароби ақлу ободии ишқ
Маҷнун натавонӣ шудан, Афлотун шав!

## СУДЕ КУ?!

З-ин ҷандалаҳои бебадал суде ку,
З-ин ҳарфи зиёди беамал суде ку.
З-ин дағдағаҳо ҷон ба лаб омад ҳамаро,
Аз кафки даҳону пойи шал суде ку?!

## ЗОДАИ ДАРЁ

Эй холиқи дунё, ғами дунёят ку,
Дар олами танги хок паҳноят ку.
Бинам ба ҳавас ба вусъати уқёнус,
Эй зодаи дарё, дили дарёят ку?!

## НАМАДИ СИЁҲ

Аз ман, ки гуноҳу нуқс меҷӯйӣ ту,
Некии маро гуноҳ мегӯйӣ ту.
Мо рӯди равонему дар он худро боз
Ҳамчун намади сиёҳ мешӯйӣ ту.

## КАЙФИЯТИ АФЛОК

То пок набошӣ,  сухан аз пок магӯ,
Дилчок набошӣ, аз дили чок магӯ.
То хок нагардӣ ба раҳи ёри азиз,
Аз нашъаву кайфияти афлок магӯ.

## ЯКЕ ДИЛ

Эй Бор Худо, садқаи бахшоиши ту,
Ду чашму ду гӯш додиву ду бозу.
Аммо ту чаро фақат яке дил додӣ,
К-он ҳам набувад аз ману бошад аз ӯ?!

## ПАРИ КОҲЕ

Дил нест, ки нест ошиқи зор ба ту,
Олам ҳама маҷзубу харидор ба ту.
Ин дӯши заиф зери сад кӯҳи ғам аст,
То як пари коҳе нашавад бор ба ту.

**ОҲУВУ ПАЛАНГ**

Ин сӯ ғами дил, ғуссаи дунё он сӯ,
Бо даҳри ҷафокор чӣ сон гирам хӯ.
Оё расад он рӯз, ки дар мулки Худо
Оҳуву паланг об хурад аз як ҷӯ?!

**Ё, ҲУ!**

Моем ҳама даванда дар погаҳи ту,
Фарқе накунад аспи бидав ё ёбу.
Дидам, ки ба чанги шер шуд лахт оҳу,
Аз погаҳи адли ту гузаштам: «Ё, ҳу»!

**САДҲО ҚАНДИЛ**

Оё шавад осону сабук мушкили ту,
Гар маҳфили дилҳо набувад маҳфили ту.
Торик бувад хона ба садҳо қандил,
Шаб равшан агар нест чароғи дили ту!

**ҶАВОБ КУ?**

Ҳарчанд задам садою гуфтам ҳу-ҳу,
Аз синаи ту ҷавоби овозам ку?
Аз санги дили кӯҳ чӣ сон шиква кунам,
К-аз санг садо омаду н-омад аз ту.

**ДОМАНИ ЁР**

Як шохаи гул шукуфта буд дар тани ту,
Пиронасарам фирефт пироҳани ту.
Чун дасти ману домани ту гӯям, ёр,
Гаҳ кӯтаҳу гаҳ дароз шуд домани ту.

**ЭЪТИРОЗ**

Бобом, ки дид аз Худо ҳиммати ӯ,
Пас, ман чӣ кашам ба ҷойи ӯ миннати ӯ?
Дар хоки сияҳ кард чаро мавҷудам,
Як ҷав, ки нахӯрдаам ман аз ҷаннати ӯ?!

**РИШТАИ УМР**

Эй Бор Худоям, ту маро рост бигӯ,
Тақдири нигаҳбон ба ҷаҳон моро ку?!
Гар риштаи умри мо ба дасти ту бувад,
Ҳар нохалафе чӣ сон канад риштаи ту?!

**РАХТИ ПАРИ ҚУ**

Дарҳо ҳама бозанд ба ҷуз як дари ту,
Сарҳо сари нозанд ба ҷуз як сари ту.
Дар бистари бӯрё шабат хуш бошад,
Хобат набарад чӣ суди рахти пари қу?!

**БАР ХЕШ ДУЧОР ОЙӢ**

Бар рӯйи ҷаҳон чу раҳгузор ойӣ ту,
Бо васвасаи дору мадор ойӣ ту.
Ҳар рӯз ба сад кас, ки канор ойӣ ту,
Эй кош, ба хеш ҳам дучор ойӣ ту.

**ҶУМЛАИ Ӯ**

Чун Ӯст маро, набошадам ҳоҷати ту,
То Ӯст, ба дигаре намеёрам рӯ.
Эй дӯст, маро гуфтаӣ, аз ҷумла ҷудо,
Аз ҷумла ҷудоям, ки шудам ҷумлаи Ӯ.

**БИҲИШТУ ДӮЗАХ**

Розест ниҳон, биҳишту дӯзах бар ту,
К-аз баҳри кушоданаш занӣ худ ҳар сӯ.
Ин ҳар ду бурун зи хеш беҳуда маҷӯ,
Дар фарди ту, к-офаридаанд ин ҳар ду.

**ОҲУ ВА «Ё, ҲУ»!**

Ин мӯйи сафеду шавқи ишқи оҳу,
Аз қарни даҳ омад магарам ин оҳу.
Оҳу, оҳу, ба асри кампутару факс
Ман дашту даман гираму «ё, ҳу», «ё, ҳу»!

**ТАРКИ ҲАВАС**

То хор ба поят наравад, хоро шав,
То кор зи дастат наравад, коро шав.
Ҷое, ки ҳавас ҳаст, ҳама нодоранд,
Тарки ҳаваси сифла бикун, доро шав!

**ГАНҶИ ВАЙРОНСОЗ**

Гар кӯза пур аст, пур кунӣ паймона,
Ганҷе бувад, ободшавад ҳар хона.
Эй дил, ту ба синаам чӣ ганҷӣ, охир,
К-аз ишқи рухе маро кунӣ вайрона.

**БЕГОНА БА ХЕШ**

Афсона шуд ин дилам ба ҳар афсона,
Паймони вафо баст ба ҳар паймона.
Ҳарчанд ки ром кардамаш умре, монд
Бегона ба хешу хеш бо бегона.

**ФАРДОИ ДИРӮЗШУДА**

Мо бар ҳама мушкилот пирӯз шуда,

Бо фахри пагоҳ ибратомӯз шуда.
Чун мо ба худ омадему дунё дидем,
Дидем, ки фардо ҳама дирӯз шуда.

**МАҲБУБИ ХУДО**

Мо халқи баду хуби Худоем ҳама,
Мо толибу матлуби Худоем ҳама.
Чун мо ҳама з-ӯему ба ӯ боз равем,
Пас бандаи маҳбуби Худоем ҳама.

**ҲАРФИ МАҶНУН**

Рӯзе, ки шудам бандаи он ҷонона,
Ман сабқати ишқи ёр бурдам ё на.
Маҷнун, ки шабе дид ба саҳроям, гуфт:
Танг аст маро дашт ба ин девона!

**ШАМШЕРЗАНӢ**

Ин пухтаи ту пухтаи хом аст ҳама,
Парвози ту парвози ба дом аст ҳама.
Дар арсаи корзор ин тундии ту
Шамшерзании ба ниём аст ҳама.

**ГАНДУМКОРИЮ ҶАВДАРАВӢ**

З-ин кору амал ҳикмати нав рӯйида
В-ин тиккаи мо бе таку дав рӯйида.
Бо лофу гизоф аз сари минбарҳо
Гандум киштем, лек ҷав рӯйида.

**САР ТАҲИ БАРФ**

Дил дар ҳаваси он лаби шангарф шуда
В-ин умри ҷавонӣ ба раҳат сарф шуда.

Гуфтам, ки ҷавонему ба ҳам месабзем,
Дидам, ки сари сабз таҳи барф шуда.

**ДУНЁИ ТОЗА**

Ишқи ману ту ба олам овоза шуда,
Андоза куҷо, бурун зи андоза шуда.
Дунё, ки ҳаваспиру куҳанҷоне буд,
Аз оташи ишқи мо зи нав тоза шуда.

**КИНАИ ХУДО**

Бар мо ту, Худо, магар гирифтӣ кина,
К-имрӯз ба мо батар бувад аз дина.
Мардум ҳама ҷо хунталабу хунхоранд,
Хун хӯрда магар ба ҷойи шир аз сина?!

**ПАРВОНА**

Ман дар қафасам, вале варо парво на,
Хоҳам, ки занам бол, маро пар во на.
Донад касе оё, ки чаро гиряд шамъ,
Дар сӯзи тамоми хеш ё парвона?!

**ОБИШХУР**

Атрофи ҷаҳон агарчи об аст ҳама,
Ин оби шумо, вале сароб аст ҳама.
Гар мешу паланганд ба як обишхур,
Обишхуратон, вале хароб аст ҳама.

**ДИДАИ ТОЗА**

Сад ранги наве бимоладу лак ғоза,
Барно нашавад аҷузи беандоза.
Дунёи куҳанро набувад тозагие,

Ин дидаи тоза-ст, ки бинад тоза.

## ҚАЛБИ ДИГАРОН

Гаштам шабе аз рози ниҳоне огоҳ,
К-ин олами дил бувад зи моҳӣ то моҳ.
Ҳар қадр, ки ҷустам ба дили хеш раҳе,
Он қадр ба қалби дигарон бурдам роҳ.

## РӮЙИ СИЁҲИ ДУНЁ

Он ҷо, ки бувад васвасаи тахту кулоҳ,
Даҳр асту надонад, чӣ савоб асту гуноҳ.
Он рӯз, ки чашми хирадам равшан шуд,
Дидам, ки чӣ гуна рӯйи дунёст сиёҳ.

## ҒУССАИ РӮБОҲ

Рӯбоҳ, ки умрест, кашад ғуссаву оҳ,
К-ӯ нест ба ваҳшиёни ҷангал сару шоҳ.
Дар беша ба қасди шер, к-оташ занад ӯ,
На шер амон биёбаду на рӯбоҳ.

## ДОМОНИ ШАБ

Оне, ки ба асрори ҷаҳон ҷӯяд роҳ,
Гар нест дилогоҳ, нагардад огоҳ.
Шабро набувад домани кӯтоҳу дароз,
Ғам мекунадаш дарозу шодӣ кӯтоҳ.

## ҲИММАТ

Дил хонаи меҳр аст, на кин асту гуноҳ,
Озоду ғанист аз саховат, на зи ҷоҳ.
Ҳиммат бикунад рӯйи сиёҳи ту сафед,
Борида сафед мешавад абри сиёҳ.

## ПАХТАКАШӢ

Эй халқи азизи пунбакорам, ту хушӣ,
Аз файзи арақҳои ҷабинат чӣ чашӣ!
Оне, ки ба фанд пахтаатро бурда,
Бурда-ст  тани хушки туро пахтакашӣ.

## ДАР ҲАЛҚАИ ШЕРОН

Ҳар ношудакеро, ки кабире хонӣ,
Раҳнобаладеро сарапире хонӣ,
Дар ҳалқаи шерони нар амн аст магар,
Рӯбоҳи заифро ту шере хонӣ?!

## БУЛБУЛУ ҒУК

Ҳайф аст, на дар сайри сулуке бошӣ,
Бар нағмаи носоз ту кӯке бошӣ.
Фарқе накунад мор чу ғук аз булбул,
Беҳтар, ки ба қасди он ту ғуке бошӣ.

## ЛУЧУ ПИНҲОН

Худ-омадаӣ ё ки нав оварда туӣ,
Хиҷлатзадаи кардаву нокарда туӣ.
Дар ҳайратам аз хулқи ту, эй навъи башар,
Луч омада, пинҳон ба дусад парда туӣ.

## ДАВАНДАГОНИ МАЪЗУР

Аз суҳбати беғамон, ки дилхун ойӣ,
Аз шаҳр рамида сӯйи ҳомун ойӣ.
З-ин раҳ, ки давандагон ҳама маъзуранд,
Эй пойи шикаста, бе асо чун ойӣ?!

## НА БАНДА, НА ДОДОРЕ

Эй давлати подор, чӣ сон подорӣ,
Бо ин ҳама хору гушнаву нодоре.
Аз доду адолатат чӣ гӯйӣ, ки ҳанӯз
Додат надиҳад на банда, на додоре.

## ШОХАИ ПАРВИН

Эй чӯҷаи навбол, магар шоҳинӣ,
К-аз хок фақат фарози гардун бинӣ.
Эй кош, замона нашканад боли туро,
То шинӣ агар, ба шохи Парвин шинӣ.

## ДОРОИВУ НОДОРӢ

Эй дӯст, чаро ту ин қадар мезорӣ,
Гӯё ки ту нодору ҳақиру хорӣ.
Дар зери қадамҳои ту як сайёра-ст,
Болои сари худ осмоне дорӣ.

## ҲУМОӢ

Эй дил, ту зи бенамо намое талабӣ,
Аз равзанаи танг самое талабӣ.
Азбаски ту худ парандаи гардунӣ,
Аз болшикастае ҳумоӣ талабӣ.

## РАВУ О

Дар кӯйи ниёиш ту дуоям бошӣ,
Рӯ сӯйи само кунам, самоям бошӣ.
Дунё, ки маҳалли раву ое бошад,
Ҳар гаҳ, ки равам бошию оям, бошӣ.

**ЛАБИ ЧОҲ**

Гар огаҳи рози моҳию моҳ астӣ
В-аз ҳикмати аршу фарш огоҳ астӣ,
Танҳо на ба по равӣ фурӯ дар жарфо,
Лаб банд кунун, ки дар лаби чоҳ астӣ.

**ТУХМАИ НАСАБЗИДА**

Ман хоки самархезу ту деҳқон будӣ,
Як дони маро ба сад ҳазор афзудӣ.
Гар хоки маро буд яке тухмаи бад,
Сад шукр, насабзида варо бидрудӣ.

**РУСТАМИ ДАСТОН**

Тоҷики куҳан, ҳазор дастон дорӣ,
Чизе, ки намеравад зи даст, он дорӣ.
Кас бошад агар ба пушти сар ҳар касро,
Ту пушти сарат Рустами Дастон дорӣ.

**ДАРЁ, НА ҶӮЙ**

Имрӯз ба ҳилат сару савдо бикунӣ,
Хоҳӣ, ки ба ҳақ  дурӯғ илқо бикунӣ.
Бо макр агар гил кунӣ оби ҷӯро,
Онро натавонӣ, ки ба дарё бикунӣ.

**АҶАБ ДУРӮҒҲО**

Бо мо сухане бе сару по мегӯйӣ,
Собун назада доғи намад мешӯйӣ.
Ман ҳарфи туро ба ростӣ дорам гӯш,
Ҳарчанд аҷаб дурӯғҳо мегӯйӣ.

**КОСАИ КАҶ**

Дар кӯйи баҳор ҳилаи дай нахурӣ,
То ной нагардӣ, шакари най нахурӣ.
Дар базми вуҷуд каҷравӣ нест, вале
То каҷ накунӣ косаи худ, май нахурӣ.

## НОЧИЗ

Бе кору амал аҷаб ба худ мафтунӣ,
Гӯё ки туӣ Сикандари  Мақдунӣ.
Ҳиммат, ки туро ҳамин қадар бошаду бас,
Аз хок, ки боло бишавӣ, гардунӣ.

## ШОДИИ БАШАР

Эй дил,  ту маро паноҳу имдод астӣ,
Як додрасе ба рӯзи бедод астӣ.
Гар навъи башар зи дарди ту шод буванд,
Шодам, ки ба шодии башар шод астӣ.

## ГУФТЕМ, КИ ДОНАНД…

Дар рӯйи замин чуну чаро донистӣ,
Ту фарқи сафед аз сиё  донистӣ.
Гуфтем, ки донанд, вале то охир,
Эй вой, агар гуфтаи мо донистӣ.

## ДАР ХОКИ ДИГАР

Дилро, ки аз ин обу аз ин гил кандӣ,
Дар хоки дигар магар ту ҳосил бандӣ.
Ту мӯр наӣ, ки модари хеш кушӣ,
З-он баъд ба модари дигар дил бандӣ.

## БЕНИЁЗӢ

То дил надиҳӣ, ту дилнавозӣ накунӣ,
То сар надиҳӣ, ту сарфарозӣ накунӣ.
То нагзарӣ аз баҳри ҳама арзу ниёз,
Дар даҳр умеди бениёзӣ накунӣ.

## САГУ УСТУХОН

Мекӯш ба зиндагӣ, ки обод шавӣ,
Аз бандагиву мазаллат озод шавӣ.
Инсонӣ агар, туро намешояд ҳеҷ
Монанди саге ба устухон шод шавӣ.

## ДЕРОМАДА

Ин шом, ки чун моҳи мунир омадаӣ,
Бо назри вафо чӣ беназир омадаӣ.
Дар тирамаҳи расида пеш аз вақтам,
Эй ёр, ту чун баҳори деромадаӣ.

## МОРЕ БА ШИКАМ ХАЗАД

Дар рӯйи раҳе ту саргарон меистӣ,
Мақсуд ба пеш асту ҳамон меистӣ.
Море ба шикам хазад, ки роҳе бибарад,
Аммо ту ба ин пойи равон меистӣ?!

## ЛАВҲАИ ДАР

Аз фахри мақом масту мадҳуш туӣ,
Бо он дили камзарф чӣ пурҷӯш туӣ.
Имрӯз ба лавҳаи дарат менозӣ,
Фардо, ки дигар шавад, фаромӯш туӣ.

## ҲАДЯИ ОСМОН

Огаҳ набудам, ту ногаҳон омадаӣ,

Ҷонам будай, ба ҷойи ҷон омадай.
То файзи само расад мани хокиро,
Чун ҳадяи поки осмон омадай.

**БИРАВ – БИРАВУ БИЁ - БИЁ**

Дишаб, гули ман, ба мо чиҳо мегуфтӣ,
Ҳарфе ту ба мо ё  ки зи мо мегуфтӣ.
Гарчи ба лабат «бирав-бирав» меҷӯшид,
Аммо ба нигаҳ «биё-биё» мегуфтӣ.

**ДОДУ ГИРИФТ**

Ҷуз роҳи вафо роҳ ба кӯе набарӣ,
Ошиқ нашавӣ, зи бахт бӯе набарӣ.
Дар олами ишқ аст чунин доду гирифт,
Сар дода ба қурбон, сари мӯе набарӣ.

**ВИСОЛИ ҶАВОНСОЗ**

Хоке будаму ту осмонам кардӣ,
Ҳарфе будаму ту достонам кардӣ.
Гар субҳи ҷудоии ту пирам мекард,
Бо шоми висоли худ ҷавонам кардӣ.

**АСЛИ МАРДӢ**

Гар шавқ ба дил дорию хунсард наӣ,
Бардошта нозу нозпарвард  наӣ,
Бо он ки туро ҳашмати мардонагӣ аст,
Хоки қадами зан нашавӣ, мард наӣ.

**ФАРЗАНДӢ**

Дил банд ба кас, хоҳӣ агар дилбанде,
Пайванд ба кас, хоҳӣ агар пайванде.

Бар бепадаре беҳ зи падар боши агар,
Фарзанди дигар ҳам бикунад фарзанди.

## ДАСТУ ДАСТГИР

Эй навъи башар, шак ба назираш карди,
Як ҷурми сағирро кабираш карди.
Ҳар гаҳ, ки паямбари Худо дар раҳи ҳақ
Дасти ту гирифт, дастгираш карди.

## МЕҲРИ ДУРӮҒ

Ҷонам ҳама сӯзонию аз тан пурси,
Хорам кунию боз зи гулшан пурси.
Аз меҳри дурӯғи ту аҷаб ҳайронам,
Чун рафтаниям зи бозгаштан пурси.

## Ё

Эй дил, ки ба ин ишқу ҷунун меойи,
Фориғ зи ҳама чарову чун меойи.
Ё мебариям ба осмонҳо рӯзе,
Ё аз қафаси сина бурун меойи.

## ОБУ ОТАШ

Эй даҳр, ту дар ғиллу ғашам андози,
Сӯзе ба дили мушаввашам андози.
Ҳар гоҳ, ки оби чашмам аз пой барад,
Аз об каши, дар оташам андози.

## НАШАВИ КӮТАҲДАСТ

Аз сӯз магӯ, чу худгудози накуни,
Рози машав аз хеш, чу рози накуни.
Дар ҳар ду ҷаҳон ҳам нашави кӯтаҳдаст,

Гар бар ҳақи кас дастдарозӣ накунӣ.

## СОЯВУ ХУРШЕД

Сарчашма кучҷову ту кучҷо меҷӯйӣ,
То кай на садо, акси садо меҷӯйӣ.
Гар нуқсу камоли соя аз хуршед аст,
Пас нуқсу камоли мо чаро меҷӯйӣ?!

## ЧОР ДАРЁ

Аз хори биёбон майи нобе нахурӣ,
Ҳуш дор, ки найранги саробе нахурӣ.
Дарёст агарчи чор сӯйи дунё,
То дил нашавад об, ту обе нахурӣ.

## МАРГ ДАР АНГУБИН

Қисмат на ҳамон аст, ки бар каф гирӣ,
Бахтат на дар он аст забар ё зерӣ.
Чун мӯр агар ба косаи шаҳд равӣ,
Оғуштаи ангубин ба талхӣ мирӣ.

## ҚУЛ – ҚУЛИ БИСЁР

Он шиша, к-аз он металабӣ рӯзи беҳӣ,
Дар маҳфили андеша кучҷо ёфт меҳӣ.
Фарқе набувад, ки одамӣ ё шиша,
Аз қул-қули бисёр шавӣ зуд тиҳӣ.

## МОҲИИ САРОБ

Дар аввали роҳ ё ахири роҳӣ,
Аз бӯйи ғамат нест, вале огоҳӣ.
Андохта шасти худ ба дарёи само,
Аз мавҷи сароби дашт гирӣ моҳӣ.

## МАҲ ДАР ЧАҲ

Аз моҳваше доғи маҳаш мечӯйӣ,
Аз Коҳкашон гарди каҳаш мечӯйӣ.
Асл аст, ки равшан бикунад дидаи дил,
Маҳ дар фалаку ту дар чаҳаш мечӯйӣ.

## ШУКР

Эй мушти пар, эй кабк, маро банда кунӣ,
Бо меҳру вафои хеш шарманда кунӣ.
Шукри ватану рӯзиям омӯз, ки чун
Санге хуриву қақразанон ханда кунӣ.

## ҲОҶИИ ҲАВОЙ

Боист ба шаб нуру сафое бошӣ,
Дар рӯйи замин рӯйи самое бошӣ.
Осон чу равӣ ба Каъба аз роҳи ҳаво,
Тарсам, ки ту ҳоҷии ҳавойӣ бошӣ.

## ҲАВОИ БОМ

Аз нанг гузашта, ном чун меёбӣ,
Маҳбубии хосу ом чун меёбӣ.
Як лаҳза, ки аз хеш наойӣ берун,
Аз хона ҳавои бом чун меёбӣ?!

## ДАШТУ КАТРА

Гар дона ба хирман надиҳӣ, хору хасӣ,
Гар лона ба мурғе надиҳӣ, худ қафасӣ.
Дар дашт, ки қатраро бувад қимати ҷон,
З-он қатра гузаштан натавонӣ, чӣ касӣ?!

## МӮРУ ХИРМАНИ ДОН

Фарсудани ҷон барои нон, яъне чӣ,
Ҷон дар гарави нони даҳон, яъне чӣ.
Мӯриву туро донаи гандум кофист,
Як мӯру дусад хирмани дон, яъне чӣ?!

## СУОЛУ ҶАВОБ

Дар даҳри ҳисоб сарҳисобе гирӣ,
Ё дар ҷигари хештан обе гирӣ.
З-онон, ки нагӯянд ҷавобат ба салом,
Оё ба суоли худ ҷавобе гирӣ?!

## ДАРЁИ МУҲИТ

Эй он, ки туро буд ба рӯзи мозӣ,
Дар ҷӯйи равони хона киштибозӣ,
Дарёи муҳит нест ҷӯйи ҳавли-т,
То киштии коғазӣ дар он андозӣ.

## БОЗ ДАР ХОБ

Ҳоҷат, ки зи аҳбоб ба арбоб барӣ,
Аз чашмаи ноёб ба поёб барӣ.
Ё раб, нафасе чаро фақат пеш аз марг
Бедор кунӣ, ки боз дар хоб барӣ?!

## РОҲИ ОСМОН

Бо чашми ҷаҳонбин, ки ҷаҳон бишносӣ,
Авзои замон зи як нишон бишносӣ.
То гум накунӣ роҳ ту дар рӯйи замин,
Боист, ки роҳи осмон бишносӣ!

## ДАР ОБУ ДАР ҲАВО

Гардун, бувадо, ки гардани ғам шиканӣ,
Аммо амалат нест ҷуз одамшиканӣ.
Дар киштии Нӯҳ амон бимондам, к-имрӯз
Кишти-м дар обу дар ҳаво ҳам шиканӣ?!

## МАЗҲАРИ ОФТОБ

Як умр закойи даҳр ҷамъ овардӣ,
Бар ҳуҷҷати илму ақл самъ овардӣ.
Пас бехабар аз тафовути ишқу хирад,
Бар мазҳари офтоб шамъ овардӣ.

## ЗИНДОНИ БЕГУНОҲ

Дигар натавон кард чу ройи азалӣ,
Аз нек расад некиву аз бад илале.
Дар даҳр агарчи бегунаҳ натвон зист,
Зиндон на барои бегуноҳ аст вале.

## КАСР

Рангинназарӣ, шукр ба беранг бигӯй,
Ойинадилӣ, аз хатари занг бигӯй.
Гар ҷом ба санг омаду бишкасту бирехт,
Ин каср бувад ба ҷом ё санг, бигӯй?!

## САРХОРИВУ ХОРӢ

Ту пушт маҷӯю бош пушти коре,
Бекор вале ту пушти сар мехорӣ.
Ҷойе, ки ба ангушт канӣ хороро,
Хоридани сар наоpадат ҷуз хорӣ.

## ДАРЁВУ ҲУБОБ

Фахри сари пурбод бувад ҳар ҷое,
Он ҷо набувад барои дил маъвое.
Бо бодсарӣ ҳубоб ҳеҷ асту тиҳӣ,
Холӣ шавад аз бод, шавад дарёе.

**ЧИЗЕ НАБАРӢ**

Эй одамӣ, омадӣ, ки бинӣ рӯзе,
На рӯзу шабат барои моле сӯзӣ.
Ё бехабарӣ зи рафтани фардоят,
Чизе набарӣ ба худ, чаро андӯзӣ?!

**ДУНЁСИПАРӢ**

Роҳе барадат аз раҳи худбехабарӣ,
Роҳе барадат ба роҳи азхудгузарӣ.
Сад кӯчаву паскӯча бувад умри туро,
Шаҳроҳ надорад раҳи дунёсипарӣ.

**ОДАМУ ОЛАМ**

То кай ба умеди нафасу дам гардӣ,
Бигзар зи даму нафас, ки одам гардӣ.
Донӣ, ки чаро ба оламат меоранд,
К-одам шудан омӯзиву олам гардӣ.

**ЧӢ ШАБЕ БУД?**

Гул гуфтамату гулвараќи жола шудӣ,
Гулгунвараќе ёлаи пурлола шудӣ.
Он шаб чӣ шабе буд, ки ба чилсолагият
Дар оғуши ман чаҳордаҳсола шудӣ.

**ЭЙ ЁРИ ҶАВОНӢ**

Эй ёри ҷавониям, ту чунӣ, чунӣ,
Чун умри маро бе ту бувад мазмуне.
Набзи дили ман ҳавои номат дорад,
Дар ҳар раги ман магар ту хунӣ, хунӣ?!

## ШАРМАНДА

Ман бехудаму зи ман адаб мепурсӣ,
Ман ташнаи лаб, ту аз Ҳалаб мепурсӣ.
Шармандаи кори рӯзи хеш астам ман,
Эй вой, агар маро зи шаб мепурсӣ!

## ЁДУ ФАРОМӮШӢ

Аз дил сухане гӯям, агар гӯш кунӣ,
Рӯшод, чӣ эҳтиёҷи рӯпӯшкунӣ.
Ин меҳнати сангин ба чӣ хотир бошад,
Бар ёд биёрӣ, ки фаромӯш кунӣ?!

## БЕСАБРИЮ БЕАҲДӢ

Оне, ки будам ошиқаш аз маҳд, туӣ,
Ширинтару хуштар зи ҳама шаҳд туӣ.
Мо ҳар ду вале аҷаб ба ҳам мемонем,
Бесабр, азизам, ману беаҳд туӣ.

## АСАЛАМ МЕХОНДӢ

Гар дафтари байту ғазалам мехондӣ,
Муштоқ, сарат дар бағалам мемондӣ.
Гар дар лаби хеш мегирифтам лаби ту,
Бе моҳи асал ту асалам мехондӣ.

## КОҲУ ДОНА

Худ ёд гирифтӣ, ки маро ёд диҳӣ,

Имдод накардиву куҷо дод диҳӣ.
Ин аст туро агарки хирмандорӣ,
Каҳ монда ба ҷой, дона барбод диҳӣ.

## ЧАРО МЕТАРСӢ

Дар арсаи умр рӯбаҳӣ ё шерӣ,
Рӯзат, ки расад, равӣ, ҷавонӣ, пирӣ.
Н-аз зиндагӣ, аз марг чаро метарсӣ,
Ҳар шаб, ки равӣ хобу ба роҳат мирӣ.

## ДАСТИ ХОЛӢ

Танҳо ба авом агар ту олӣ ойӣ,
Дар ҳалқаи хосон ба чӣ ҳоле ойӣ?!
Гар дидаи бино набувад раҳбари ту,
Аз баҳр бурун ба дасти холӣ ойӣ.

## САРШОРИ СУРУД

Ҷоно, чу на бидруд, дурудам кардӣ,
Хуш бош, ки саршори сурудам кардӣ.
Аз шеъри ту пур кунам ҷаҳонро акнун,
То даҳр бидонад, ки ту будам кардӣ.

## ПИРӮЗ

Андохтанӣ нест ҳар афрохтае,
Нокас набувад, касе зи хас сохтае.
Ҳар бохтаи ҷанг набошад мағлуб,
Пирӯз бувад, ҷанги хато бохтае.

## ГӮШИ ТИҲИИ ДИЛ

Ман сар зада сад бор ба сад шаҳру деҳе,
Аз гӯшаи дил наёфтам хубу беҳе.

Гӯши сарам аз ҳарзаи олам пур шуд,
Гӯши дили ман, вале тиҳӣ монд, тиҳӣ.

## ЧАҲОРМЕХИ АБАДӢ

Эй халқ, паямбар омадат бо сададе,
Некии ту мехосту карди-ш бадӣ.
Исои ҳақ он гоҳ, ки шуд салби салиб,
З-он гаҳ ту ба ҳақ чаҳормехи абадӣ.

## ОДАМУ МАЙМУН

Инсон бувад арчанд дури макнуне,
Дорам вале аз хунии ӯ дилхунӣ.
Бӯзина агар шуд одаме, одам монд,
Одам зи чӣ ҳар лаҳза шавад маймуне?!

## ПОСИ НАМАК

Шукри хуми май кард магар миное,
Ё ин ки мариз аз мадади Синое.
Гар поси намакнакардае мешуд кӯр,
Дар ҳар ду ҷаҳон буд магар биное?!

## ҲОҶАТ НАБАРАМ

Ҳоҷат набарам ба бандаву бар шоҳе,
Рӯзам гузарад ба музди ҳарфе, оҳе.
Сахтам набувад ба дасткӯтоҳӣ зист,
Кай зист тавонам ба забонкӯтоҳӣ?!

## ҲАВАСИ БАРАБАС

Айёми ҷавонӣ ҳавасе доштаме,
Садҳо ҳавасе ҳар нафасе доштаме.
Дар дастраси хоҳиши дил гӯям ҳол,

Кош он ҳаваси барабасе доштаме!

## ГАВҲАР

Дарёи гуҳар агарчи дидем басе,
Мондем ба ҷо гавҳару чидем хасе.
Дар даҳр, ки мояи башар гавҳари ӯст,
Бо гавҳари хештан надидем касе.

## БОМУ ШАҲБОЛ

Аз қисмати ман, ки мекушоӣ фоле,
Ҳаргиз ту макун ба худ қиёси ҳоле.
Боме, ки равӣ ту, нардбонат бибарад,
Боме, ки равам ман, бибарад шаҳболе.

## ДУБАЙТИ{О

## БИБОРӢ, БОР…

Сафо мебоядат чун осмонҳо,
Ки софӣ оядат бар ҷисму ҷонҳо.
Чӣ абрӣ, ки чакишҳоят ҳисобист,
Биборӣ, рез, чун аз новдонҳо.

## УМРФИЗО

Расад рӯзе, ситоям умри худро,
Накӯ фоле кушоям умри худро.
Ба рағми марг коҳад хомаи ман,
Ба ҳар байте физоям умри худро.

## ФАРЗАНД

Туро меоварад модар ба дунё
Барои модари кишвар ба дунё.
Чу рӯзат мерасад, бошад, бимирӣ,

Ту чун фарзанди баҳру бар ба дунё.

## САР БАРДОРАМ ИН ҶО

Ба беқадрӣ мақоме дорам ин ҷо,
На коре дораму даркорам ин ҷо.
Агар рӯзе ба ҷое сар гузорам,
Вале он рӯз сар бардорам ин ҷо.

## РОЗИ ҲАСТӢ

Чӣ меҷӯйӣ ту асрори абадро,
Сир аз гаҳвора то кунҷи лаҳадро.
Тамоми рози ҳастӣ мешиносӣ,
Агар донӣ ту фарқи неку бадро.

## ДАР ҶОЙИ МО БОШ

Ту моро бад мабин, баҳри Худоро,
Ки бадмеҳри-т на чандон гуворо.
Фақат боре, биё, дар ҷойи мо бош,
Ки донӣ, мерасад аз ту чӣ моро.

## ДУ МОҲИИ ТИЛЛО

Куҷо шоме ба зебоии рӯъё
Чу шоми соҳили заррини дарё.
Лаби дарё туро ин шом дидам,
Танат - дарё, ба ду моҳии тилло.

## ВАТАНҲОИ ВАТАНҲО

Туро хоҳам, туро, танҳои танҳо,
Ки бар ҷон омадам аз мову манҳо.
Ватан гар дар ватан рӯзе наёбам,
Ту бошиям ватан ҷойи ватанҳо.

## ЧАШМЕ БАР ДАРУН

Дари дилро ба хайр, андеш, бикшо,
Ки пешат дар набандад, пеш бикшо.
Ҷаҳон гаштию чизеро надидӣ,
Кунун чашме даруни хеш бикшо.

## ХАРСАНГИ ФАРДО

Ба гӯшат нест гар оҳанги фардо,
Наёбӣ ҳеҷ амон аз нанги фардо.
Гар имрӯзат ба фардо нест ҳамсанг,
Туро сар бишканад харсанги фардо.

## ПЕШОБАҒАЛИ ЁР

Кушодам тукмаи пешобағалро,
Зи хотир бурдам айёму маҳалро.
Нагирӣ бар хасе кишваркушоӣ,
Агар донӣ, ахири он амалро.

## ТАНҲО ТУ БОШӢ

Зи гулҳоям хуш ояд гулбаданҳо,
Ба Ёсину санамҳо ёсуманҳо.
Зи танҳоӣ биҳиште хуштарам нест,
Чу дар танҳоиям бошӣ ту танҳо.

## ЧАРОҒИ РАҲНАМО

Зи по уфтанд хумҳо аз майи мо,
Найистонро ба шӯр орад найи мо.
Ба раҳгумкардагон дар зулмати шаб
Чароғи раҳнамо гардад пайи мо.

## РАНГИНКАМОНИ ОРЗУҲО

Ниҳоят ёфтам дар ҷустуҷӯҳо
Туро, эй навбаҳори рангубӯҳо.
Ҷаҳон беранг бе ту буд, туӣ, ту,
Маро рангинкамони орзуҳо.

## БУБАХШО, ДИЛ

Дило, бар шавқи ноёбам, бубахшо,
Ба ин завқи табу тобам, бубахшо.
Агар сангиндиле обат кунад боз,
Бубахшо, эй дили обам, бубахшо!

## БА ДОНАНДАИ РӮҲУ РАВОНҲО

Ту, эй донандаи рӯҳу равонҳо,
Ба ақлу рой ҳусни достонҳо,
Чу ҳурие ба гардун меравӣ ту,
Фаро ё мерасӣ аз осмонҳо?!

## БА ШЕРИ ДИЛБАРОН

Кучҷоӣ, шери ҷангалҳои зебо,
Фурӯғу ҷилваи ёли фиребо,
Ки бе ту байни ин рӯбаҳмизоҷон,
Ба ҷон омад маро ҷони шикебо.

## МАҲТОБНӮШӢ

Зулоли чашма буд заррин зи маҳтоб,
Канори чашма мо бо чашми бехоб.
Ба ташна косаи обе бидодӣ,
Чӣ маҳтобе бинӯшидам ба он об.

## ПАЁМ

Паём аз боғи гулҳо омад имшаб,
Ки шуд ҷоми лабон аз ҳам лаболаб.
Магар хуршед ин шаб мебарояд,
Ки нӯшад шабнами гулро шабошаб.

## КУЛОҲИ АҚЛ

Бувад сарчашмаро фарқе зи поёб,
Тафовутҳои сар аз пой дарёб.
Сари бесар чӣ бисёр аст, аммо
Кулоҳи ақл ноёб аст, ноёб.

## ИСОВУ ОСӢ

Занандат силие, Исои маслуб,
Ту гуфтӣ, рӯйи дигар дорияш хуб.
Ту, ки пайғамбарӣ, ин метавонӣ,
Мани осӣ кунам-ш аммо лагадкӯб.

## ЭЙ КОШ, ГӮЙӢ...

Ба ёдат боз ҳам бедорам имшаб,
Азизу хуштарат медорам имшаб.
Ба хоби нози хеш, эй кош, гӯйӣ,
Ки ӯ он ҷову ман беёрам имшаб.

## АЙБ

Дилам бе ишқи ту кӯшиданӣ нест,
Ки ҷуз нӯши лабат нӯшиданӣ нест.
Чӣ сон ин айбро аз халқ пӯшам,
Ки домони тарам пӯшиданӣ нест.

## МАРДУМГИЁҲ

Агарчи дар  дилам сад сина оҳ аст,
Зи як лутфи ту нашкуфтан гуноҳ аст,
Ки ту поро агар бар  хор монӣ,
Пагоҳаш бингарӣ, мардумгиёҳ аст.

## ОДАМУ НООДАМӢ

Худованде, ки Одам ном додат,
Фаротар аз малак маснад  ниҳодат.
Мурод аз одамӣ чун одамӣ аст,
Чаро ноодамӣ бошад муродат.

## БЕНИҲОЯТ

Чӣ сон, эй бебаҳо, созам раҳоят,
Ки ҳар кӣ дид, донад бебаҳоят.
Чу меҷӯям раҳе дар олами ишқ,
Ниҳоятҳо туӣ дар бениҳоят.

## ХУМОРУ МАСТ

Агар ҳам сар ба сар аз даст мерафт,
На як газ аз баландӣ паст мерафт.
Набудаш бими оташҳои дӯзах,
Ки омад дар хумору маст мерафт.

## МЕҲМОННАВОЗИИ ДИЛБАР

Биё, гуфтӣ, маро, аммо дилам нест,
Маро ин бедилӣ оё ситам нест?
Чӣ сон меҳмоннавозие ту дорӣ,
Ки дар хонат ба ҷуз дарду алам нест?!

## МОҲЕ ГАРМТАР АЗ ОФТОБ

Қиёмат мекунад чашмат, ки хоб аст,
Ба бедори-ш шӯри беҳисоб аст.
Ту моҳе дар миёни ахтаронӣ,
Маҳе, ки гармтар аз офтоб аст.

## СИЁҲИЮ САФЕДӢ

Тамоми ноумедӣ аз умедест,
Ки ҳарҷо мотам аст, анҷоми идест.
На розе беш аз ин дорад ду олам,
Ҷаҳон ҷанги сиёҳию сафедист.

## ҲУББИ ВАТАН

Агарчи аз Ватан хуштар сухан нест,
Чӣ созам гар варо, парвои ман нест.
Дигар ҳубби ватан моро маёмӯз,
Ватан марбути як гӯру кафан нест.

## ПАНОҲАНДА

Чӣ роҳе меравӣ, мирам ба роҳат,
Паноҳанда шавам ман дар паноҳат.
Азизам, ҳеҷ медонӣ, ки дар даҳр
Сафеди рӯзи ман чашми сиёҳат.

## ҒУНЧАИ ЭҲСОС

Лабат дар ханда шуд, гелос бишкуфт,
Раҳо шуд гесувонат, ёс бишкуфт.
Аз он рангу аз он атре, ки мерехт,
Ҷаҳон дар ғунчаи эҳсос бишкуфт.

## СОЛИ НУРӢ

Садои хандаат софу булӯрист,

Ҳавои омадат савти сурурест.
Аз он ки хубҳоро хуби хубӣ,
Висол оневу ҳаҷрат соли нурист.

## МИРАМ ДАР САВОБАТ

Ман ин ҷову хаёли ҳусни нобат,
Ту он ҷову висоли дерёбат.
Агар дар ишқи ту дорам гуноҳе,
Ту коре кун, ки мирам дар савобат.

## ПОКИИ ШАБНАМ

Шаби зулфат саҳар атри дигар дошт,
Ки гулшанро зи хоби ноз бардошт.
Чӣ ҷойи таънаи рухбозии гул,
Ки шабнам ҳам саҳар домони тар дошт.

## ЛАБРЕЗИ ДАРД

Бидидам ҳар касе аз халқ фард аст,
Таҷаллигоҳи мардиҳои мард аст.
Аҷаб рӯде маро дар сина ҷорист,
Ки соҳилҳош ҳам лабрези дард аст.

## ПИРОҲАНИ РАНГИНКАМОН

Ба зери чатри ту сад бӯстон аст,
Шамими атри ту сад гулситон аст.
Баҳори осмонӣ гар набошӣ,
Чаро пироҳанат рангинкамон аст?!

## ИШҚ

Магӯ гул аз ҳаво борад, ки ишқ аст,
Магӯ булбул ба гул зорад, ки ишқ аст.

Агар сад қуфл дорад хонаи ёр,
Калиди яккае дорад, ки ишқ аст.

## ОСЕМАСАР

Саворе ончунон метохт дар дашт,
Ки шаш гашташ замину осмон ҳашт.
Чунон осемасар ӯ чанг бардошт,
Ки худ «андар ғубори роҳ гум гашт»[9]

## ЛОФИ УҚОБӢ

Далерию ҷасоратро баҳо нест,
Касе, бешак, аз ин даъво раҳо нест.
Ту лофӣ аз катак, мо лек донем,
Катак ҷойи уқоби қуллаҳо нест.

## ГИРДИ ОФТОБ

Само сайрони бод асту саҳоб аст,
Саҳоб аз дасти бод андар шитоб аст.
Ба гирди ту, ки мегардам аҷаб нест,
Замин гардон ба гирди офтоб аст.

## БЕНОЛА

Ғаме дорам, ки наздаш Қоф гард аст,
Табе, ки оташи сад кӯра сард аст.
Вале бо ин ҳама гӯям, ки, эй дил,
Касе гар  заррае нолад, на мард аст.

## ҒАЗАЛГӮИИ ҲОФИЗ

Ту ҳолоиву пеш аз ту кӣ будаст,

---

[9] Аз Шаҳром Шамспур, шоири Эрон

Агар будаст, чун дил мерабудаст.
Аҷаб дорад ғазалгӯии Ҳофиз,
Туро боре надида чун сурудаст?!

## БОЛОИ ТУ

Ба болои сарам моҳи ту метофт,
Ду чашмони сарам роҳи ту мекофт.
Сарам сад бор меовехт худро,
Агар доре ба болои ту меёфт.

## ТААҶҶУБИ ПАРВОНА

Бизад парвона пар, то шамъ бишкуфт,
Пасон восӯхту бар анҷуман гуфт:
Аҷаб дорам ман аз Маҷнуни Лайло,
Ки аз сидқу вафо бе ман сухан гуфт.

## БОНГИ ЛОФ

Ҳама бонги зафар, аммо зафар нест,
Ҳама лофи ҳунар, аммо ҳунар нест.
Ҳама даъват ба кӯйи бахту тахт аст,
Ба кӯе то расӣ, як курраххар нест.

## САРЕ ДОРАМ АГАР…

Баҳори ман ҷамоли дилбари туст,
Кушоди ҳар муродам дар бари туст.
Ба дунёи сару сарвармақомон
Саре дорам агар, он бар дари туст.

## СУҶУДИ ОФТОБ

Чӣ ҳарбе дар шимолу дар ҷануб аст,
Ки олам арсаи нохубу хуб аст.

Тулӯъи мо замони сарфарозист,
Суҷуди офтоб андар ғуруб аст.

**ШОҲРОҲУ ЧОҲ**

Туро ҳар накши по  сад бӯсагоҳ аст,
Маро дар рафтанат сад сина оҳ аст.
Раҳат, ки бар ман орад, шоҳроҳ аст,
Раҳе, к-аз ман барад, сад радда чоҳ аст.

**НА ХАСЕ БЕОРЗУ**

Башар ҳар ҷо ҳалоки ҷустуҷӯест,
Касеро бо хасе ҳам гуфтугӯест.
Чу бинам як хасе беорзу нест,
Гузаштан з-орзуям орзуест.

**АНБОЗ**

Ҷаҳон соз аст агар, ҷуз сози ман нест,
Ҷаҳон роз аст агар, ҷуз рози ман нест.
Надорам бо малак ҳарфеву коре,
Ки фардо ҷуз Худо анбози ман нест.

**ЗОҒЕВУ САД ДОҒЕ**

Агар ҳар зоғ шод аз боғ будаст,
Чӣ боғе дар фироқи зоғ будаст.
Шунидам, ҳар куҷо «зоғеву доғе»,
Чу дидам, зоғеву сад доғ будаст.

**МОДАРЗОД**

Чунонам ошиқу саршору сармаст,
Намедонам маро бо ту кӣ пайваст.
Аз он рӯзе, ки зодам, бедилам ман,

Магар дилдода модарзод ҳам ҳаст?!

**БЕАНДОЗА**

Магар дар шаҳри ишқ овозае нест,
Аз ин дилгашта ҳарфи тозае нест.
Чу беандоза буд ишқи ту дар дил,
Ба дардаш низ ҳам андозае нест.

**ДАМЕВУ ОЛАМЕ**

Агар дар зиндагӣ бешу каме ҳаст,
Навои ишқро зеру баме ҳаст.
Чӣ гӯед аз ҷаҳону они ошиқ,
Ки онро дар даме сад оламе ҳаст.

**НОШИНОВАР**

Ба якрангии худ дунё дуранг аст,
Ба чашми буздилон гурба паланг аст.
Шиновар нестӣ, дарё марав ту,
Ки дарё ношиноварро наҳанг аст.

**ФАХРИ ОСМОНҲО**

Ба авҷи кибриёят остонҳост,
Бузургию шукӯҳат достонҳост.
На он мӯрӣ, ки зери хок бошӣ,
Ту инсонӣ, ки фахри осмонҳост.

**ЧАТРИ БАҲОР**

На дашт аст ин, ки барқи лолазор аст,
Маро ин ҷо ба барги лола кор аст.
Чӣ сон доман тавонӣ тар накардан,
Агар чатри сарат абри баҳор аст?!

## ГӮШУ РАЪД

Дубайтиҳои ман оҳу алам нест,
Заифӣ шеваи марди аҷам нест.
Ҳамин ҳарфе, ки хомӯшона гӯям,
Агар гӯшат бувад, аз раъд кам нест.

## НАРХИ ОДАМИЯТ

Маҷӯйӣ кайфиятро аз камият,
Ки ҳамдам дигар асту ҳамғамеят.
Ту, ки хоҳӣ харидан мардумиро,
Ба дуллар нест нархи одамият.

## КОРИ МАРД

Дар ин даҳре, ки сад куҳсори дард аст,
Сабуксорона  мурдан ори мард аст.
Агарчи марг ҳақ гӯянд, аммо
Зи по н-афтода мурдан кори мард аст.

## ХОРИ ДОМОН

Дилам меҳри туро тори сар афрошт,
Ба зери пойи ту сад дашт гул кошт.
Ба домони ту буд печида хоре,
Гулам бар хори домонат ҳасад дошт.

## ТИЛИСМ

Чӣ розе дар суқуту дар сууд аст,
Хирадманде  куҷо ин сир кушудаст.
Тилисми ҷумла дарҳое, ки баста-ст,
Агар будаст, танҳо  ишқ будаст.

## ҲАЮЛОИ ҲАЁТ

Чӣ роз аст ин ҷаҳонро, ақл мот аст,
На ҳар ҷонзод донад, аз чӣ зот аст.
Бувад ҷое ҳаёт, он ҷост ҳам ишқ,
Ки ишқи мо ҳаюлои ҳаёт аст.

## РОЗКОРИИ ИШҚ

Ҷаҳонро бор бошад, бори ишқ аст,
Каму бешаш каму бисёри ишқ аст.
Чӣ кӯшӣ, рози даҳр аз ишқ ёбӣ,
Ҷаҳонро роз кардан кори ишқ аст.

## ОНУ ҶОВИДОН

Яке чун кирм асрори абад кофт,
Ба худ печидаву сад қиссае бофт.
Санои он ки  ҳамчун барқ рахшид,
Дар оне раҳ ба рози ҷовидон ёфт.

## САЛОМ

Саломи ту паёме аз ҷавонист,
Ҷавон гаштан аз он оё раво нест?
Ба пойизон саломе гар фиристӣ,
Баҳорам ман, куҷо донам хазон чист.

## ТАЛОТУМҲО

На хезоб аст дар дарё, ки панд аст,
Ки гаҳ паст аз худу гоҳе баланд аст.
Кӣ медонад, талотумҳои дарё,
Талотумҳои гиря ё ки ханда-ст?!

## ЁРИ МАҚСУД

Ҳамин дарё, к-арӯси осмон аст,
Се бахш аз чор бахши ин ҷаҳон аст.
Натарсӣ, ёри мақсуд аст, тарсӣ
Ҳазорон бим дар мавҷаш ниҳон аст.

## БОЛОИ ЧАШМ

Ба ҷуз ишқат ба дил ҳолу ҳаво нест,
Ба шамнам бистаре ҷуз гул раво нест.
Ту меоӣ, вале ҷое бароят
Ба ҷуз болои чашмам, ҳеҷ ҷо нест.

## ТУЛӮЪИ ОФТОБ

Туву ҳамчун кабӯтар пар заданҳот,
Ману қурбони болу пар шуданҳот.
Бувад шоми ғарибон рафтани ту,
Тулӯъи офтоб аст омаданҳот.

## НИШОН

Агар даҳрам ҳама дар қасди ҷон аст,
Ҳазорон байти хуб аз ман нишон аст.
Дигар ҳарфам намонда бо замона,
Ки кайҳо ҳарфи ман бо ҷовидон аст.

## ГУНОҲ

Агар «оҳ» аз дили ошиқ гувоҳ аст,
Замин то осмонам пур зи оҳ аст.
Агар хокистарам хоҳӣ намудан,
Мазан обе бар оташ, ки гуноҳ аст.

## АСФАЛСОФИЛИН

Ба саҳни зиндагӣ ойин ҳамин аст,
Баланду пасти ту бо ҳам қарин аст.
Агар ҳафт осмон ҷойи сари туст,
Паи поят  дар асфалсофилин аст.

**САВТИ ИЗТИРОБ**

Садоят хуштар аз тори рубоб аст,
Ки дар ҳар пардааш сад нағма хоб аст.
Вале, эй ҷони ҷон, аз чӣ ба гӯшам
Фақат як савт ояд, к-изтироб аст?!

**ҶОЙИ ЧАРОҒ**

Шабе ториктар аз парри зоғ аст,
Ба дасте шишаву дасте аёғ аст.
Чароғ аз зери доманҳо барoред,
Ки пешорӯи сар ҷойи чароғ аст.

**АФТОДАН**

Агар хас кас шавад, имдоди бахт аст,
Вагарна охураш ҳамтои тахт аст.
Худоё, лек касро хас магардон,
Ки зер афтодани н-афтода сахт аст.

**ШУТУРҲИМОЛОЙ**

Зи гардун гар наафтад қатра, дурр нест,
Садаф доим зи марворид пур нест.
Шутур боло шавад гар бар Ҳимолой,
Ҳимолой аст ӯ, дигар шутур нест.

**МАЪБАД**

Ба эҷодаш нигар, неку камоҳист,
Бихонда ҳамди ӯ то мурғу моҳист.
Чӣ суде дорадат эҷоди маъбад,
Замин худ маъбади қудси Илоҳист.

## АНОРИ ХАНДОН

Хазон омад ба боғ, эй дӯст, эй дӯст,
Дар ин сардӣ фақат ёди ту некӯст.
Бихандам, то ки дилхун чун аноре,
Маро бар тан кафидан бояд ин пӯст.

## ЗЕРИ ТОҚӢ

Нашояд дарди дил бар ину он гуфт,
Зи ранҷи дӯстон бар душманон гуфт.
Сареро, ки кафида чун анор аст,
Вале дар зери тоқӣ  метавон гуфт?!

## ШИКВАИ БЕД

Ман он бедам, ки табъам талху сард аст
Ва ранг аз бебариям гоҳ зард аст.
Ба ин ҷурмам мазан таъна, ки баргам
Агар хойӣ, туро дармони дард аст.

## ФУРӮТАН

Агар аз мақдамат дурру гуҳар рехт
В-агар шире зи ту бо шаҳд омехт,
Фурӯтан ҳамчу токе  боядат буд,
Ки борашро ба шохи дигар овехт.

## ТАНӮРИ ОТАШ

Чинорам, ҳар баланде оядам паст,

Ки бар домони гардун мезанам даст.
Зи гӯгирде нашояд дар бигирам,
Ки дар сина танӯри оташам ҳаст.

## САЛОМИ БОЗ

Чаманро ҳар гаҳе амри тагарг аст,
Хабар аз мотами гулҳову барг аст.
Гаҳе лутфи забонӣ лутф ҳам нест,
Кабӯтарро саломи боз марг аст.

## ПОДОШИ АМАЛ

Касеро дил бувад, дилдори дил ӯст,
Касеро дил набошад, бори дил ӯст.
Дар ин дунёи подоши амалҳо
Дилозор аст ҳар кас, зори дил ӯст.

## ҚАЛАМБАРДОРӢ

Туро дар дил магар дарду алам нест,
Аламбардор ҳам худ беалам нест.
Аламро аз қалам гар ту нагирӣ,
Қаламбардорият бурди қалам нест.

## РАҲИ РАФТАН

Агар субҳи ту беишқу умед аст,
Агар шоми муродат бенавид аст,
Зи ҳар роҳе, ки дорад зиндагонӣ,
Дигар танҳо раҳи рафтан сафед аст.

## ОЙИНАИ РАВШАН

Зи дил пурмоятар ганҷинае нест,

Гараш гарду ғубори кинае нест.
Маҷӯ дигар дар ойина ту худро,
Ки равшантар зи дил ойинае нест.

## ТИЛОИ ХУН

Агарчи ҳоли мардум ҳой-ҳой аст,
Тилои хуни ӯ дар ҷоми бой аст.
Чунин оғоз шуд озодии мо,
Агар оғоз ин, анҷом вой аст.

## ТАЪРИХИ БЕДОР

Замон овори парвозу сукут аст,
Ҷаҳон бозори қути лоямут аст.
Замонро бо ҷаҳон таърих гуфтанд,
Ки бедор охиру аввал сукут аст.

## ҲАРФИ БЕЗАМОН

Ғамин шеърат, валекин шеъри ғам нест,
Аламгин ояду шеъри алам нест.
Агарчи ҳарфи ту дирӯза набвад,
Вале фардоиву имрӯза ҳам нест.

## ШАККУ ЯҚИН

Ба ҳар сатре маро андеша ин аст,
Магар шеъре, ки мехоҳам, ҳамин аст.
Агарчи ин қадар гуфтам, надонам,
Куҷо шакку куҷо ҳаққу яқин аст.

## ҶАҲОН – ФАРМОН

Итоби ин ҷаҳон садҳо китоб аст,
Сари обаш дар ин водӣ сароб аст.

Нагӯяд посухе бар ҳеҷ пурсиш,
Ҷаҳон маҳзи савол асту хитоб аст.

## ҶОЙИ ТУ

Туро аз қисмати фардо чӣ савдост,
Ки дӯзах ё биҳишти адн маъвост.
Ба ту мегӯям ин ҳаққуляқинро,
Ки аз ту ҳар чӣ монад, ҷоят он ҷост.

## НАВИШТАЕ

***шӯхиомез дар зери расми нависанда Абдулҳамиди Самад, ки рассом Сабзалӣ Шариф кашидааст***

На ҳар кас феъли мо дар фалла дидаст,
Тарозуро ба ҳар ду палла дидаст.
Агар касро ҳама аз рӯй бинанд,
Чӣ хуб аммо-ш ӯ аз калла дидаст.

## ГУНОҲИ МАН

Агарчи шаб само тор аст, маҳ ҳаст,
Агарчи раҳ на ҳамвор аст, раҳ ҳаст.
Агарчи хандаам  аз лутфи ту нест,
Маро дар гиряи ту аммо гунаҳ ҳаст.

## ДИЁРАМ

Диёрам ошёни моҳу меҳр аст,
Занаш маҳрӯву мардаш шедчеҳр аст.
Ба тавсифаш чӣ гӯям, ки дар ин ҷо
Замин шабҳо дар оғӯши сипеҳр аст.

## НАСИБИ АЗАЛ

Агар доданд аз қисмат ҳаминат,

Чӣ кор ояд чуноне ё чунинат.
Само шаҳпар диҳад, гар ту уқобӣ
В-агар морӣ, хазонад дар заминат.

**ДАР ОҒӮШИ ҶОВИДОН**

Замину осмон ҳушам гирифтаст,
Ба бар дарёву кӯҳ дӯшам гирифтаст.
Чу онон ҷумла ҷовиданд, бинам,
Ки ҷовидон худ оғӯшам гирифтаст.

**ДОНИШИ УМР**

Бикӯшӣ, дониши умрат диҳад даст,
Ки бишносӣ баландеро ту аз паст.
Вале з-ин ҷода ширинӣ маҷӯӣ,
Ки дониш дар ҳақиқатҳои талх аст.

**ЧАҲ БА РАҲ**

Замин ҳарчанд чун чархи барин нест,
Вале чун ӯ маҳалли беҳтарин нест.
Агар чаҳро ба раҳ бинию афтӣ,
Гуноҳи дигарон ҳаргиз дар ин нест.

**ДУШАНБЕ**

Душанбе як тараф хуршеду тиб аст,
Дигар сӯ гарчи борони муҳиб аст.
Ду дунёи дигар дар ним фарсанг,
Бузург аст он, надонам, ё аҷиб аст?!

**ТАЪБИРИ ХОБ**

Агарчи ҳар дами касро ҳисоб аст,
Ту хоб астию умрат дар шитоб аст.
Туро аз субҳи бедорӣ чӣ гуям,

Агар таъбири хобат боз хоб аст?!

### ДУЗДИ ВАҚТ

Кучҷо ёбад, чи ҳушёру чи сармаст,
Кияш бурда тилои умр аз даст.
Матарс аз раҳзану дуздони шабрав,
Ки дузафшори бадтар дузди вақт аст.

### ТАНҲОТАРИН ЯКТОТАРИН

Ҳар он ҷо чанд кас бо ҳам қарин аст,
Санову баҳ - баҳу сад офарин аст.
Худоё, ғайри танҳоӣ нахоҳам,
Ки ҳар танҳотарин яктотарин аст.

### РОҲИ БЕИНТИҲОӢ

Дар ин дунё чиҳо ҳасту чиҳо нест,
Ки онро ибтидову интиҳо нест.
Агар раҳ меравӣ, рав то уфуқҳо,
Ки дар роҳи уфуқ беинтиҳоист.

### АРКОНИ ТАХТ

Дарахт оё зимистонҳо карахт аст,
На, ҳаргиз, интизори фасли бахт аст,
Ки мурғонаш ба сар тоҷе гузоранд,
Ки он бар мурғакон аркони тахт аст.

### ХАТИ РОСТ

Агар бидруди ман ҳар вақту ҳар ҷост,
Ба он бошад ҳисобам бекаму кост,
Чу аз марзу замони даврагарде
Равонам чун хати буррандае рост.

## ҶОМИ  ЛАБ

Ба ғайри азми дил кӯшиданӣ нест,
Маро розест, к-он пӯшиданӣ нест.
Шаш укёнуси май гардад ҷаҳон ҳам[10]
Ба ҷуз ҷоми лабат нӯшиданӣ нест.

## БА РАҚС ОЯМ…

Ту меоӣ, биё, ҷонам фидоят,
Ки бошад дар дилу дар дида ҷоят.
Агар ҳафт осмон ҳам гиряд аз рашк,
Ба рақс оям ба борон пеши поят.

## ТУ ШЕЪРӢ Ё...

Маро ёдат ба ёди шеър андохт,
Ки бе ту хотирам шеъре напардохт.
Ҳамоне, к-ин дуро меофаридаст,
Туро аз шеър ё шеър аз ту месохт?!

## АФСОНАИ ТУ

Ту оҳуӣ, ки сумҳоят зарин аст,
Агар афсона ҳақ бошад, ҳамин аст.
Ба ёди ту шавам афсона дар ҳақ,
Ки ту гӯйӣ: Маро афсона ин аст!

## РАҲИНИ ЗИНДАГӢ

Ниҳоли орзу пуршоху барг аст,
Ҳамеша дар раҳи боду тагарг аст.
Чу ҳаст ӯ бо хатар дасту гиребон,

[10] Яъне ба замми чаҳор укёнуси мавчуда боз замину осмон ҳам укёнус шавад.

Раҳини зиндагӣ, мавқуфи марг аст.

## НОМИ ТУ

Ба олам чор фасл айёми ишқ аст,
Касе яксар насӯзад, хоми ишқ аст.
Ба номат дафтари дилро кушодам,
Ки номат аввалу анҷоми ишқ аст.

## ҲАБИ ШИРИН

Чаро рӯи ҷаҳонро шаб гирифтаст? –
Тани бетоби ёрам таб гирифтаст.
Ҳаби талхе шавад ширинтар аз шаҳд,
Ки ёрам бар лабонаш ҳаб гирифтаст.

## НОЧОР

Хушам ояд, ки ишқи дигарат ҳаст,
Ки он ишқат туро раҳ сӯи ман баст.
Ба ночорӣ  ба ишқи ту бинозам,
Ки як тан аз дуи мо некбахт аст.

## ОҒОЗИ МАНУ ТУ

Ҷаҳон розе бувад, рози ману туст,
Сари созе бувад, сози ману туст.
Агар анҷоми ишқ аз раъи мо нест,
Вале оғозаш оғози ману туст.

## ИМКОНИ КОМ

Агар ҳам зиндагӣ ишқ аст, дом аст,
Диҳад гар нақд ҷомат, боз вом аст.
Нашояд з-ин ҳама хун гаштан аммо,
Ситонаш ҳар чӣ, то имкони ком аст.

## ЯК ШАБ ТАМАННО

Дар оғӯшат насими дашту саҳрост,
Тароватнокии обу алафҳост.
Ту медонӣ, ки моро дар канорат
Ба рӯз овардани як шаб таманност?!

## ДИЛҶУДОВУ ЛАБ БА ЛАБ

Лабонат дар лабонам, дил дигар ҷост,
Чӣ ҳарбе дар миёни ин ду барпост.
Дил ар пирӯз н-ояд бар лабонат,
Ҳама хоки ду олам бар сари мост.

## САЛОМИ БЕАЛАЙК

Саҳар аз меҳр мегӯям саломат,
Ба шаб аз моҳ меорам паёмат.
Алайкеву қабуле ҳам нагӯйӣ,
Ҷаҳонро пур кунам аз шеъри номат.

## ФАРОМӮШИ ФАРОМӮШ

Хушам ояд, ки ёдам дар сарат нест,
Ба ёди ҳамчу ман дарди сарат нест.
Фаромӯш ончунон кардӣ, ки ҳатто,
Фаромуш карданат дар хотират нест.

## СУОЛ АЗ МАҚОЛ

Ба мардон заррае ҳам боварам нест,
Ту гуфтӣ, марди мард, охир, куҷо, кист?!
Ту донӣ, мардро номард ё мард
Кунад зан, гуфтани ин мардум аз чист?!

**ТАЪРИХ**

Кай оғозид бому шоми таърих,
Кӣ медонад, кӣ бошад моми таърих.
Агарчи асли оғозаш сукут аст,
Ба бедорист лек анҷоми таърих.

**АЗХУДГУЗАРӢ**

Худоё, ин ҳама ҷонҳои обод
Кунанд аз ҷони маҳзуне магар ёд.
Агар реги биёбонам, бигӯям,
Сари сабзи дарахтон сабзтар бод!

**ХАЗОНРЕЗИ ҶАҲОНӢ**

Сарояд умру ишқи ту ба сар бод,
Сарои ишқро ишқи ту сар бод.
Хазонрези ҷаҳонӣ сар шавад ҳам,
Ниҳоли қомати ту гулбасар бод.

**АҶРИ ДУО**

Намози ман қабул ояд – наояд,
Вале ҷуз номи ӯ дар лаб нашояд.
Агар аҷри дуо рафтан биҳишт аст,
Дуо дорам валекин  ӯ биёяд.

**ОБДОРӢ**

Агарчи нест мақбулат, макун рад,
Чаман ранги таааллуқ кай пазирад.
Ду гул чун лола сӯзад дар лабонат,
Биё обаш диҳам, к-оташ нагирад.

## БУРҶИ МИЗОН

Азизеро азизон офариданд,
Азизе хок шуд, з-он офариданд.
Бихонам то ҷаҳонро бар адолат,
Маро дар бурҷи мизон офариданд.

## ҲАМҚИРОН

Хушо ҳар ду ҳариф ар ҳамқиронанд,
Ки бо ҳам  шерро ҳампанҷа донанд.
Чу бо заргӯши тарсу арса гирӣ,
Ба майдон ҳеҷ гаҳ шерат нахонанд.

## ШАМЪ

Назар гоҳе заиферо нагирад,
Вале мардии он ибрат пазирад.
Миёни анҷуман бар шамъ бингар,
Ба рӯйи марги худ хандида мирад.

## ҲАЁТИ САБЗ

Насими гесуят ҷонро гуворад,
Ба бозӣ раҳ ба раҳ атре биборад.
Ман аз ҳусни дурангият чӣ гӯям,
Лаби сурхат ҳаёти сабз дорад.

## ИШҚИ ЛОЛАРӮЁН

Дилам ҷуз ишқи ту ҳарфе нагӯяд,
Раҳе ҷуз роҳи ишқ асло напӯяд.
Чу умре ошиқам бар лоларӯён,
Зи хокам баъди мурдан лола рӯяд.

## РЕША ДАР ИШҚ

Дилам савдои ишқат пеша дорад,
Фақат ишқи туро андеша дорад.
Куҷо бокам бувад аз хушксорон,
Ки ҷонам дар муҳаббат реша дорад.

## НИЛУФАР

Бубин, рӯде ба печу тоб бошад,
Шибарзоре, ки доим хоб бошад.
Ба мурдобӣ вале таънаш мазан ту,
Ки нилуфар гули мурдоб бошад.

## ГУНОҲОФАРӢ

Барои дин ҷамоат офариданд,
Барои ишқ хилват офариданд.
Агар бӯсидани лабҳо гуноҳ аст,
Чаро ишқу муҳаббат офариданд?!

## МӮҲРИ БӮСА

Туро ҷон гуфтаму гӯям дусад чанд,
Зи манъи ту нагирад ин дилам панд.
Нахоҳӣ гар зи ишқат боз гӯям,
«Даҳонамро ба мӯҳри бӯса»[11] мебанд.

## БУЛБУЛУ ГУЛ

Арӯсони чаман гесӯ буриданд,
Ҳазорон ҷомаро бар тан дариданд.
Ҷаҳони барабас то як хас арзад,
Маро булбул туро гул офариданд.

[11] Аз Бежан Самандарӣ, шоири Эрон

## ҲАМСУҲБАТИ ТАНҲОӢ

Чу аз тифлӣ дили шайдоиям буд,
Навои ишқи ту лолоиям буд.
Набудам ҳеҷ гаҳ танҳову бекас,
Ғамат ҳамсуҳбати танҳоиям буд.

## ҲАЗОРОН  КАҲКАШОН

Умеди васли ту болу парам дод,
Ба сайри олами улвӣ сарам дод.
Чу бигзаштам шабе аз ҳафт гардун,
Ҳазорон Каҳкашони дигарам дод.

## ИКСИРИ ҲАСТӢ

Зулоли чашмаҳо дар ҷӯ равон шуд,
Ҷавонӣ бармаҳал аз ман ниҳон шуд.
Вале дарёфтам иксири ҳастӣ,
Чу гаштам ошиқат, дил ҳам ҷавон шуд.

## БАДАНДЕШ

Замон хайри маро мӯҳри гунаҳ кард,
Зи роҳам зад, равон бар сӯи чаҳ кард.
Чӣ бадкину чӣ бадқасд аст ин зол,
Ки мӯямро сафеду дил сияҳ кард.

## РЕША ДАР ДИЛ

Баҳорон чун ту гул орад-наорад,
Ба пояш булбуле зорад-назорад.
Магар дар тирамоҳон барг резад,
Гуле, ки дар дили ман реша дорад.

## ТӮФОН

Чу боде дар биёбонҳо ситезад,
Магар хоки раҳи худро набезад?
Кӣ медонад, ки тӯфон аз дили баҳр
Ва ё аз соҳили хомӯш хезад?!

## МАЗҲАРИ ПОКӢ

Сабо дар шохи гул оҳанг мезад,
Баҳорон домани худ ранг мезад.
Чу дарё мазҳари ишқи ду дил буд,
Чаро ҳар дам сараш бар санг мезад?!

## ҲАЗОРОН ДИДА

Ду зулфат шохи сабзу гул бадан буд,
Ду гелоси лабат нози чаман буд.
Чӣ сон нағзат намедидам, ки сӯят
Ҳазорон дида дар аъзои ман буд.

## АВВАЛУ ОХИР

Агар чашмат чунин, соҳир чӣ бошад,
Агар хашмат чунин, қоҳир чӣ бошад.
Нигоҳи гӯшаи чашмат маро кушт,
Агар аввал чунин, охир чӣ бошад?!

## ШАБҲОИ БЕСИЁҲӢ

Сияҳмастии чашмат дил рабояд,
Ки занги ғам зи ҷону дил зудояд.
Сиёҳӣ нест дар шабҳои ошиқ,
Ки чун моҳе равад, хуршед ояд.

## ЗУЛМАТЗУДО

Яке доғе ба рӯйи моҳ бинад,
Дигар маҳтоби рӯ дар чоҳ бинад.
Касе зулмат зудояд аз дили шом,
Ки субҳе дар рухи бегоҳ бинад.

**ИШҚИ ҶАВОНӢ**

Касе аз зиндагонӣ сер гардад,
Ки барноӣ накарда пир гардад.
Ба ҷуз ишқу ҳавас дар ҳар ду олам
Ҳама зуде, ки бошад, дер гардад.

**БУЛӮРИ ХАНДАҲО**

Ду дил он шаб ба як оҳанг мезад,
Сари зулфат диламро чанг мезад.
Ба ҳам мехӯрд чун паймонаҳомон,
Булӯри хандаҳоят занг мезад.

**ЧӢ БИГЗАШТ?!**

Шаби Варзобу дар дил ишқ ҷӯшид,
Бари мо рӯд кафкӯбон хурӯшид.
Миёну мову ту он шаб чӣ бигзашт,
Ки маҳ хандиду рӯ бо абр пӯшид?!

**ҲАРФИ ТАКРОР**

Агарчи шеъри ҳассон дил рабояд,
Барои ҳарфи тоза мағз бояд.
Агар  мағзат чу кӯҳе санг баста-ст,
Ба ҷуз такрор ҳарф аз ту наояд.

**ДАРЁВУ ТӮФОН**

Яке кӯҳу дигар дарё навардад,

Нагӯям ҳеҷ ин хуб асту он бад.
Ба оромӣ бувад дарё нагунсор,
Ба тӯфон пушти дарё кӯҳ гардад.

**РӮЗИ МАРГ**

Хазон гаштӣ, магар даври хазон шуд,
Ва ё хунин дил аз ҷабри замон шуд.
Чӣ мегӯям, чунин шуд ё чунон шуд,
Ту рафтӣ, рӯзи маргат ҷовидон шуд.

**ДАРКУШОӢ**

Чӣ нав шуд, расми дунёи дудар монд,
Ҳамон ки мушти пар буд, мушти пар монд.
Чӣ шӯре шуд гаҳи аздардароӣ,
Касе, к-ӯ дар кушод, аз пушти дар монд.

**ШАМЪИ СИНАИ ЗАН**

Ба бӯйи васл шаб мадҳуш гардад,
Шабистон як ҷаҳон оғӯш гардад.
Чу шамъи синаи зан шӯъла гирад,
Чароғи тори сар хомӯш гардад.

**ДАРЕҒ**

Ба ваҳми кас ҷаҳон дудар намояд,
К-аз ин дар ояду з-он дар барояд.
Дареғи мурдани одам дар он ҷо
Кафан, к-аз одамӣ қиматтар ояд.

**ФАРЁДИ ГАРОН**

Агар кӯҳе фуруд омад  сари мард,
Бубояд дод зад, на нола сар кард.

Сабук, гуфтам, кунам дардам ба фарёд,
Гарон омад, вале фарёдам аз дард.

## ҚИЁМИ РӮЗ

Ба ҳар ҷанге, ки оламсӯз бошад,
Магар бад бар бадӣ пирӯз бошад.
Ба ҷанги шом бояд рафт бо субҳ,
Ки фардоят қиёми рӯз бошад.

## ДУ МОҲУ ШИРМАҲТОБ

Гиребон чок зан, моҳе барояд,
Яке на, он ду маҳ бо ҳам намояд.
Шабам з-он ҳар ду гардад ширмаҳтоб,
Ба тобам ораду хобам рабояд.

## НАНГИ ХАЗИДАН

Кӣ аз қулла раҳи аъмоқ гирад,
Баландандеш кай  пастӣ пазирад?!
Зи нанги он ки заъфаш мехазонад,
Уқоб аз осмон афтода мирад.

## САЙРИ ДАШТ

Гар аз мардист ҳарфат, гуфт бояд,
Хасу хошоки олам рӯфт бояд.
Кунӣ, то сайри дашт озод, аввал
Сари морони афъӣ кӯфт бояд.

## ҚАРИ ЗОҒ

Ба домони чаман чун гул кушояд,
Гаҳе булбул, гаҳе сулсул сарояд.
Дар он боғе, ки тарсаш карда хомӯш,

Қари зоғи сиёҳе ҳам хуш ояд.

## БИМИРАМ

Бичӯям дил, дигар чун ман бичӯяд,
Магар ҳарфе, ки ман гӯям, бигӯяд.
Агар коре зи дастам барнаояд,
Бимирам, то касе ҷоям бирӯяд.

## ДАРДИ ОҲ

Мусофир рӯйи мижгон гард дорад,
Кӣ бардорад ғаме, ки мард дорад.
На бедард аст ҳар чизи сабукхез,
Сабук аст оҳ, аммо дард дорад.

## БАҲОИ УМР

Чӣ фарёде маро беинтиҳо кард,
Зи қайди ҷумла побандӣ раҳо кард.
Чӣ маънӣ довари ҳастӣ аз он ёфт,
Ки умрамро ба фарёде баҳо кард.

## ХӮШАИ АНГУР

Ба он гулбоғи нав раҳро кӣ донад,
Ба гӯши гул суруди дил кӣ хонад?
Агар токи ҳамон боғӣ, азизам,
Чиро он хӯшаи ангур монад?!

## ЧАШМИ ДИЛ

Зи тухме ду ниҳол оё барояд,
Зи як ҷӯе ду ҷӯе об ояд.
Аз ин дунё, Худоё, чашми сарро
Чӣ сон бандам, ки чашми дил кушояд?!

## ШОХАИ РАЙҲОН

Касе аз шохи гул бурҳон бихоҳад,
Ки гул мебошаду алҳон бихоҳад.
Бихон, булбул, дар он боғе, ки он ҷо
Гадояш шохаи райҳон бихоҳад.

## ДУНЁИ БӮҚАЛАМУН

Калоғе шохаи коҷе бихоҳад,
Сиёҳе гардани оҷе бихоҳад.
Чу бошад гурба дар болои уштур,
Сари лайси гадо тоҷе бихоҳад.

## ДАВОИ ЧАШМ

Ту нурӣ, нур, дар зулмоти беҳад,
Набошад лек суд аз гуфтани бад.
Ту аввал чашми нобино даво кун,
Ки фарқи нур аз зулмат шиносад.

## МУСУЛМОНГАВҲАР

Агарчи хирқаам бар тан набошад,
Мусулмонгавҳаре чун ман набошад.
Парастидан Худоро аз иродат
Фақат бар зону афтодан набошад.

## ХУРШЕД ДАР КАНОР

Касе, к-ӯ дидаро равшан фурӯзад,
Қиёми меҳр бар маҳ чашм дӯзад?
Худоё, з-одамизода магар кист,
Ки хуршеде канор орад, насӯзад?!

## СУРУДИ МАН

Агар аллаҳ суҷуди ман пазирад,
Ду оламро дуруди ман бигирад.
Агар рӯзе вуҷуди ман бимирад,
Вале ҳаргиз суруди ман намирад.

## БОМҲО

Касе оё ба ёди ҷон набошад,
Агар ин сон бувад, инсон набошад.
Зи боми хонаву аз боми гардун
Ҷаҳон дидан ба ҳам яксон набошад.

## САЙҚАЛУ ОЙИНА

Дили софат чароғи сина гардад,
Ки ганҷе бошаду ганҷина гардад.
Агар оинае зангор ҳам баст,
Ба сайқал боз ҳам ойина гардад.

## БАЙТИ ЭҶОД

Агар модар маро боре шабе зод,
Ба тифлӣ бар забонам ҳарф бинҳод,
Ба ҳар байте, ки гуфтам, лек худро
Ҳазорон бори дигар кардам эҷод.

## АНГУБИНСУХАН

Ба шохи қоматат атлас чӣ бошад,
Ба пеши сабзаи  гул хас чӣ бошад.
Сухан гар дар лабонат ангубин аст,
Худоё, худ лабонат пас чӣ бошад?!

## АНОРИ СИНАҲО

Санои боғбон, ки боғ парвард,
Санои буттае, ки бор овард.
Анори шохро бояд, ки афшурд,
Чӣ бояд бо анори синаҳо кард?!

## САД ДАСТ

Агар дастат бувад, бояд ки дар зад,
Дили шоми сиёҳеро шарар зад.
Агар сад даст дорӣ чун чиноре
Фақат баҳри чапак, бояд ба сар зад.

## ЁБУ НОЁБ

Ба ёдат дил муҳити об гардад,
Ки ҳар ҷо по ниҳам, гирдоб гардад.
Равад дар қулзуми чашми сиёҳат,
Дилат то ёбад он, ноёб гардад.

## ЯККАГИИ ЧИРА

Чароғи рӯйи мизам хира сӯзад,
Дилам бар рӯзгори тира сӯзад.
Ҳамонанде наёбад чирадасте,
Дилам бар яккагии чира сӯзад.

## ТУНДБОД

Суоли ту хаёли ман пароканд,
Хуҷанди ман куҷо монду Мароканд.
Ба саҳро тундбоди бехкан хест,
Ба имрӯз омаду аз бун маро канд.

## САДОИ ТЕШАИ ФАРҲОД

Агар дунё дилеро шод дорад,
Ду дунёро, ки ишқ обод дорад.
Азизам, гӯш неҳ, ҳар мавҷаи ҷӯй,
Садои тешаи Фарҳод дорад.

**РАГҲОИ ДИЛ**

Маро ишқ аз азал дар обу гил шуд,
Гуноҳам бо савоби он биҳил шуд.
Чунон бедил шудам дар ишқат, эй ёр,
Ки рагҳои паям рагҳои дил шуд.

**…АММО КӢ МОНАД?**

Хирад андар китоб, аммо кӣ хонад,
Муаммо содааст, аммо кӣ донад.
Тавон рози ҷаҳон ҳар вақт бикшуд,
Абад монад ҷаҳон, аммо кӣ монад?!

**ДАР АЪРОФ**

Яке суннӣ, дигар худ шиа номад,
Ду муслим з-ин насақ бо ҳам наомад.
Дар ин аъроф ман Қуръон ба дастам,
Намедонам, чӣ гӯям аз Муҳаммад.

**НАФАҲМИДАМ**

Начидам ман гуле, ки чиданӣ буд,
Надидам сурате, ки диданӣ буд.
Ман он ҳарфе нафаҳмидам, ки осон
Ба фаҳми ҳар касе фаҳмиданӣ буд.

**МЕРОС**

Биҳишту дӯзахат як рӯз хонад,
Куҷоят мебаранд, аммо кӣ донад.
Вале донам, дар ин дунё биҳиште
Зи кас ё дӯзахе мерос монад.

## КӢ ЁБАД?!

Намегӯям ба ту на неку на бад,
Фақат мегӯямат, донист бояд:
Зари гумгаштаро гумҷӯ биёбад,
Туи гумгаштаро ҷуз ту кӣ ёбад?!

## СИРИШТ

Агарчи аҳли дӯзах ё биҳиштанд,
На ёди зодбум аз дил биҳиштанд.
Агарчи з-Одаму Ҳаввоям асл аст,
Зи обу хоки тоҷикам сириштанд.

## ШЕЪРИ РАСО

Чу рӯзи пириям қомат дуто шуд,
Магар шеърам ба дасти ман асо шуд.
Намедонам, чӣ сон гуфтам, валекин
Кадомеро задам хат ман, расо шуд.

## ГУЛӮАФШОНИИ БУЛБУЛ

Даме  хуршед  оҳанги саҳар кард,
Насим аз соҳили дарё  гузар кард.
Сари шохе гулӯ афшонд булбул,
Ҳавои субҳдамро тозатар кард.

## СӮХТАНИ  ХУРШЕД

Ба нури меҳр маҳ шабҳо фурӯзад,

Бигирад аз бади мо, дида дӯзад.
Агар на аз сияҳкории баъзе
Рухи хуршед аз шарми чӣ сӯзад?!

**КУНДУ ТЕЗ**

Яке сангу яке кунде нидо зад,
Агар бо худ нанозад, бо кӣ нозад?!
Агарчанде фасон санг асту кунд аст,
Дами фӯлоди ханҷар тез созад.

**УМР ПАС АЗ МАРГ**

Агарчи одамӣ беғам наомад,
Ба ғамҳояш вале ӯ кам наомад.
Касеро, ки сар омад умр бо марг,
Ба дунё, гӯйӣ, асло ҳам наомад.

**СОЗҲОИ МУСИҚӢ**

Дарахтон созҳои мусиқиянд,
Ки онҳоро навозад мурғаке чанд.
Дарахтонро мабод аз соқа бурранд,
Мабодо мурғакон афтанд дар банд.

**КАШОКАШ**

Бубин, к-ин одамӣ бо худ чиҳо кард,
Зи дигар хешро бартар баҳо кард.
Агарчи марг бигрифт аз гулӯяш,
Гиребони дигарро кай раҳо кард.

**ЗАНӢ ДЕВОРРО…**

Ба ишқат дил агар маъво нагардад,
Магар бедор бо балво нагардад.

Чу хоҳӣ дар кушояндат, валекин
Занӣ деворро, дар во нагардад.

## ГУРГУ МЕШ

Ба неке бад бигӯйӣ, мешавад бад,
Ба одам дад бигӯйӣ, мешавад дад.
Агар гург аз муҳаббат мешавад меш,
Зи бухлу кина меше гург гардад.

## ХАЗОНИ ОДАМ

Ба гул мардум сифат сад гуна ҷӯянд,
Хазон чун мешавад, дигар набӯянд.
Хазони одам оё беҳтарин аст,
Ки чун гардад хазон, пас хуб гӯянд?!

## БАҲСИ ҲИССУ АҚЛ

Ба по шуд баҳс дар байни зану мард,
Яке ҳис, ақл дигар бартар овард.
Вале дидам, ки дар он баҳс охир,
Хирад дар шохаи эҳсос гул кард.

## ДАРАХТОНИ ОВОЗХОН

Баҳор омад, гулистон аз хазон кард,
Ҳазорон муъҷиза дар як замон кард.
Агар қудрат ба эъҷозе набудаш,
Дарахтонро чӣ сон овозхон кард?

## АРҒУВОНИ АРҒУНУН

Баҳор омад, зимистонро забун кард,
Ҷаҳони тираҷӯро лолагун кард.
Ба ҷазбаш рафтагонро боз овард,

Ба мурғон арғувонро арғунун кард.

## БОҒИ МОҲ

Шаби найсон зи боғи моҳ гул чид,
Танаш дар зарҳали маҳтоб печид.
Ман аз он чашми бино дар шигифтам,
Ки боғи маҳ надиду доғи маҳ дид.

## АРМОНИ НАВРӮЗ

Ниҳоле чун қадат бошад-набошад,
Ки ғарқи гул ба гулшан атр пошад.
Намедонам, ба Наврӯзат чӣ хоҳам,
Ки худ Наврӯз хоҳад чун ту бошад?!

## РОЗИ НОМАТ

Шабе номат гирифтам, шаб саҳар шуд,
Ба дашт ин роз гуфтам, гулбасар шуд.
Дигар аз орзумандон чӣ гӯям,
Ки номат бурдаму дунё дигар шуд.

## МАҒЛУБИ ХУДӢ

Дар одам сад бало бо ҳам ситезад,
Ки хоҳад хоки одамро бубезад.
Касе, к-ӯ аз худӣ аз по дарафтад,
Ба ҷони дигаре бо ҷанг хезад.

## ДЕВ - ХУДО

Дар оғози ҷаҳон, к-аслаш садо буд,
Ҳаюлои сифат н-аз ҳам ҷудо буд.
Баду некончунон бо ҳам даромехт,
Ки ин Деви кунун аввал Худо буд.

## ХУДГИРО

Агар нахле ба гардун қад физояд,
Маро дар хеш афзудан бибояд,
Ки инсонат кунад на сарфарозӣ,
Шавад инсон, касе бар худ гирояд.

## ОҒОЗУ АНҶОМ

Дар аввал ишқ ҷонафзост беҳад,
Ба охир лек, гуфтӣ, ҷон бикоҳад.
Биё, мо ҷонфизо оғоз созем,
Ки анҷомаш ба Ӯ, то ҳар чӣ хоҳад.

## ОГОҲИ РОЗ

Чӣ дилро ҷониби ту мекашонад,
Намедонам, агар Аллаҳ надонад.
Вале оне ки огоҳ аст аз ин роз,
Туро оё ба ман як шаб расонад?!

## ХУД ОН ДАРДАМ...

--Бубин, ишқат, чӣ дарде бар сар овард,
Ақиқи чеҳраатро заъфарон кард.
--Ба таъни дард ишқи ман маёзор,
Ки ман, охир, худ он дардам, худ он дард.

## ОҒОЗИ РӮЗ

Маро дилсӯз шав, ҷоно, на ҷонсӯз,
Лабамро бо лабонат ханда омӯз.
Аз он шаб, ки дар оғӯшам биёӣ,
Маро дар зиндагӣ сар мешавад рӯз.

**ШАҲДИ ЛАБҲО**

Гули нозам, гули нозам, гули ноз,
Шавад айёми ширини гул оғоз.
Агар донӣ, ки лабҳоят чӣ шаҳданд,
Магар чойи асалдорам диҳӣ боз?!

**САРОҒОЗ**

Саҳарнозу саҳарнозу саҳарноз,
Ба гӯшам мерасад ҳар субҳ овоз.
Агар ёрам фаромӯшам намекард,
Саранҷоми ҳаётам буд сароғоз.

**ҶУНБИШ**

Бишав на бар дигар, бар хеш пирӯз,
Ҷаҳон натвонӣ афрӯзӣ, худ афрӯз.
Ту охир одамӣ, ҷунбиданат, ку,
Зи ҷунбиш мешавад об оташ имрӯз.

**МУРҒИ ИНСОНУ ХУДО**

Худо мурғ офариду боли парвоз
Бидодаш, то барад пайки башар боз.
Вале мурғе ки инсон сохт, афсӯс,
Гулӯла мебарад аз кину аз оз.

**ФАРДОБИНӢ**

Касе фардои худ медонад имрӯз,
Кӣ ҳарфи қисматаш меронад имрӯз?
Ҳамон мурғе ки дон диду нахӯрдаш,
Ба рӯйи шохи он мехонад имрӯз.

## МУРДАНУ ЗИНДА ШУДАН

Чу додӣ, корсозо, корам оғоз,
Ба кори хештан корам чунин соз,
Ки шаб аз бӯсае хушбахт мирам,
Саҳар аз бӯсае зинда шавам боз.

## МЕЪЁР

Дизе монда гар аз Дорову Парвиз,
На ин дорад ягон арзиш, на он низ.
Маҷӯ беҳуда дунёро иёре,
Ки инсон аст меъёри ҳама чиз.[12]

## ИМРӮЗИ ҶОВИДОН

Агар шамъӣ, ҳамин шаб пок месӯз,
Ҳамин як шомро чун рӯз афрӯз.
Маҷӯ дирӯзу фардои абадро,
Ки ҷовидонат имрӯз аст, имрӯз.

## ВАТАНХОҲӢ

Ту, эй ғоратгари халқи сияҳрӯз,
Ки дорӣ, гӯйӣ, аз сӯзи ватан сӯз,
Ватанхоҳии ту аблаҳфиребист,
Ватанхоҳӣ, бирав, аз мардум омӯз!

## АЛИФ

Кӣ дида бар китобе дӯзад имрӯз,
Улуми ҷисму ҷон андӯзад имрӯз.
Ҳама Суқроти фардоем, аммо
Кӣ моро як алиф омӯзад имрӯз?!

---

[12] Аз Протогор, файласуфи Юнони қадим

## ИЛҲОМИ ҚАҚНУС

Дар авҷи нағма Қақнуси хушовоз
Зи шавқ оташ бигирад, маҳзи эъҷоз!
Ту ҳам сармаст шояд сӯзӣ, аммо
На ҳар хокистар эҳё мешавад боз.

## БИСТАРИ НОЗ

Ба номат мешавад субҳи ман оғоз,
Ба номат рӯзи ман шаб мешавад боз.
Бувад оё ба коми дил шаберо,
Ба рӯз орем мо дар бистари ноз?!

## ШОХОБУ ДАРЁ

Ману мо мешавад дунёи дигар,
Шаб аз субҳи сафо фардои дигар.
Ду шохоби ҷудо аз ҳам равона
Ба ҳам резад, шавад дарёи дигар.

## ПУШТИ ПО

На ҳар худсӯз шуд мурғи самандар,
Ки он аз нав зи хокистар занад пар.
Ҳама гӯё ба дунё пушти по зад,
Харoботе ҷаҳон шуд, ку қаландар?!

## ХОБУ БЕДОР

Агар умрам равад як рӯз беёр,
Шавам аз оламу аз умр безор.
Агар бо ёди ту хобам барад, ҳеҷ
Намехоҳам шавам аз хоб бедор.

## ҒАМСЕР

Надонам, омадам ман зуд ё дер,
Вале бо ман замона дошт тақсир.
Агарчи гушнаи ноне набудам,
Зи сериҳо вале аз ғам шудам сер.

## САПЕДӢ

Маро гӯйӣ, зи хушбахтӣ навид ор,
Ба ноумледҳо пайки умед ор.
Ба даври бешаи торик, аммо
Сапедие намонда ҷуз сапедор.

## ТАКРОР

Зи такрор арчи шоир мешавад хор,
На аз такрори зебо мекунам ор.
Чӣ гирӣ хӯрда, к-он кӯҳи азиме
Кунад бо он бузургӣ ҳарф такрор.

## МӮРИВУ РАВЗАН

На ҳар чӣ дар баландиҳост манзур,
На ҳар кӣ дар баландиҳост масрур.
Агарчи ҳар ду ҳам дар тоқи хона-ст,
Зи мӯрӣ дуду аз равзан расад нур.

## ҚУЛЛАИ НАНГ

Ба пойи кӯҳ аз кӯҳам фаротар,
Куҷо кӯҳест бо рӯҳам баробар.
Агар куҳ ҳайкали беҷони санг аст,
Ман охир қуллаи нангам, бародар!

## ФАРМУДИ ХУДО

Сипеҳр абру сипеҳр абру сипеҳр абр,
Замин ҷабру замин ҷабру замин ҷабр.
Худо фармояд аммо бандагонро
Башар сабру башар сабру башар сабр.

## ХАМРИ ЁД

Ба ёдам мерасӣ аз дур, аз дур,
Зи ёдат мешавам масрур, масрур.
Чӣ хамре ёди рӯят дорад, эй ёр,
Ки медорад маро махмур, махмур.

## САРЕ ҲАЛЛОҶ

Яке дар дор, дигар дар таҳи ор
Бимирад, навбат ояд охири кор.
Саре Ҳаллоҷ бояд дошт, в-арна
На ҳар сарро баландӣ медиҳад дор.

## РАШК

Бихонад шоире дар васфи дилбар:
Зи рӯйи ту бувад шомам мунаввар.
Занаш донад агар, к-он рӯйи ӯ нест,
Кунад рӯзи варо аз шаб сияҳтар.

## ҲАВАСПИР

Агарчи мекунад касро нафас пир,
Намемонад вале кас бенафас дер.
Туро пиронасар хушбахт хоҳам,
Вале асло нагардӣ ту ҳаваспир.

## РОЗИ ШЕЪР

Кӣ дид аз сурати ӯ диданитар,
Зи савту сози ӯ бишниданитар.
Агар имрӯз нофаҳмост, фардо
Зи фаҳмоҳо шавад фаҳмиданитар.

## БА УСТОД РӮДАКӢ

Надидам шеър аз шеърат равонтар,
На оҳуе зи оҳуят давонтар.
Ҳазору анд сол аз мо ту пирӣ,
Ба шеъри худ вале аз мо ҷавонтар.

## АМРИ ЗАМОН

Чӣ кор ояд дурусту рост, рев[13] ор,
Фаришта дархури мо нест, дев ор.
Дар ин дунё, ки бору[14] боядаш канд,
Занад ҳар кас ба гирди хеш девор.

## ЛУТФИ БАДТАР АЗ ҶАБР

Маро гуйӣ, ба зулмат боядат сабр,
Равад меғу бараояд офтоб аз абр.
Бирафт абру вале хуршедро бурд,
Чӣ лутф аст ин, ки сӯзад бадтар аз ҷабр?!

## ХОНУМИ ПОЙИЗ

Биомад хонуми пойизи пурбор,
Кашида ғозаи барге ба рухсор.
Сафедор аз баландӣ қарс мезад,
Ба рақси атрии шохи биҳизор.

---

[13] Рев – макру фиреб

[14] Бору – девор

## ДУРБИН

Тавон бо дурбине диданат дур,
Туро  гар дидани дур аст манзур.
Вале дар дидани наздики умре
Тамоми дурбинҳо бошадат кӯр.

## САРОПО ШЕЪР

Ба дӯшат обшоре мехамад – шеъp,
Аз ин сӯ ду ғизоле мерамад - шеъp.
Ба рези обшор, оҳуи тарсу,
Зи ман фаввораосо медамад шеъp.

## СЕБИ НУҲУФТА

Агар шаб, хуфта дар ҳар ҷост, шоир,
Саҳар бо ёди ту бархост шоир.
Азизи ман, маранҷ аз шӯхии субҳ,
Ки ду себи нуҳуфта хост шоир.

## ОЛИТАРИН ШЕЪР

Ба ҷони ошиқон омад қарин шеъp,
Замин пур кард то чархи барин шеъp.
Ба ёдам лек чуз номат наёмад,
Маро номат, ки буд олитарин шеъp.

## КӢ ДОНАД?!

Зиҳӣ ёре, ки ман дорам, зиҳӣ, ёр,
Аҷаб меҳрозмову сахт айёр.
Дили моро, кӣ донад, чун бибурдаст,
Ба айёри-ш ё бо меҳри бисёр?!

## ДАРЁИ БЕШИНОВАР

Бигуфтанду бигӯям бори дигар,
Равӣ дар баҳри ишқ, аз хеш бигзар,
Ки аз оғоз то анҷоми дунё
Дар ин дарё набуда як шиновар.

## ҒИЗОЛИ ИШҚ

Сар афрозад гаҳе, гаҳ сар ниҳад кас,
Мабодо аз муҳаббат вораҳад кас.
Ғизоли ишқ агар дар дашти дил нест,
Палангеро ба оҳу сар диҳад кас.

## ҚАСРИ ХАС

Наӣ оҷиз, магард аз роҳ вопас,
Ки набвад ҳеҷ қулла дастнорас.
Бинои умр хоҳӣ аз ҳавас ту,
Магар аз хас кунад қасре бино кас?!

## ЁВАРИ ҒАМ

Камам бе ту, ту аз камҳои ман бош,
Сароғози ҳама дамҳои ман бош.
Агар устоди шодиҳои ғайрӣ,
Биёву ёвари ғамҳои ман бош.

## ТАРС АЗ СОЯ

На ҳар кӣ сар кашад аз мояи хеш,
На ҳар кӣ по ниҳад дар пояи хеш.
На ҳар кӣ офтоби рӯз хоҳад,
Агар  метарсад ӯ аз сояи хеш.

**САД КӮРА ОТАШ**

Сифатсозе куҷо донад сифоташ,
Надонам оташ аст, об аст зоташ.
Лабаш сарчашмаи нӯшини нӯш аст,
Вале дар бар барад сад кӯра оташ.

**ҲАВАСҲОИ ҶАВОНӢ**

Тамоми умр кардам сулҳу пархош
Ба ишқи гулрухон пинҳониву фош.
Надорам пириву лек ақл гӯяд,
Ҷавонӣ рафту монд аммо ҳавасҳош.

**ЗАБОНИ ИШҚ**

Ба дарё додаӣ мавҷи равонаш,
Ба саҳро додаӣ боди вазонаш.
Худовандо, чунин ишқам, ки додӣ,
Забон ҳам кай диҳӣ баҳри баёнаш?!

**РАҲУ РАҲНАМО**

Ба тори сар бувад боли ҳумояш,
Магар яксон бувад арзу самояш.
Агарчи як раҳи маргу ҳаёт аст,
Раҳи ҳар кас ҷудову раҳнамояш.

**СУКУТУ ФАРЁД**

Ба озодӣ агар зодӣ, ту хуш бош,
Агар бодӣ дар ободӣ, ту хуш бош.
Миёни ин ҳама, ки дар сукутанд,
Абас ҳам гар задӣ доде, ту хуш бош.

**ЛАНДАҲУР**

Ҳамон гурге, ки ризқи ӯст дар по-ш,
Ситонад рӯзияш бо макру пархош.
Чу гург ин ҷост, донӣ, ландаҳуро,
Бирав бар гӯсфандонат шубон бош.

**ОҲУЧАҲО**

Ду оҳу дар барат, оё баремаш
Ва ё сарро тахи он оваремаш.
Чаро хоҳад магар оҳучаҳоят,
Агар не, деҳ иҷозат мо чаремаш.

**ЗАНБӮРУ ЗАНБӮРА**

Агар шоҳӣ ту ё з-он беш дарвеш,
Равӣ бояд ба зери рояти хеш.
Ва занбӯрӣ агар, бояд диҳӣ нӯш,
В-агар занбӯраӣ, бояд занӣ неш.

**САБҚАТ**

Чунон дидам ҳама, ҳам шоҳу дарвеш
Давон дар погаҳи дунё пасу пеш.
Туро бар дигаре сабқат чӣ арзад,
Тавонӣ як қадам рав пеш аз хеш.

**СУХАНҲО**

Суханҳо сабз кардам дар дили хеш,
Ки ёбад баҳра аз он шоҳу дарвеш.
На дарвеше вале бар он назар кард,
На шоҳе монд сӯяш як қадам пеш.

**ХОРУ ГУЛ**

Надорад  хор бӯву мехалад неш,
Аз он бар ҷо бувад дар ҷогаҳи хеш.
Чу гул дил мебарад, канда барандаш,
Хазон созандаш аз рӯзи хазон пеш.

**ТУИ ТИРАМ…**

Туӣ тирам, маро бинӣ ту бо хеш,
Ки бо ту мезанам чархе каму беш.
Бубин, чархи дучарха ҳам начархад
Ба гирди тири худ, кай меравад пеш.

**НАМЕГАРДАД ЗАБОНАМ…**

Бирафту монд дар дил ҷойи худ реш,
Биомад, то бубинад кардаи хеш.
Намегардад забонам, ки бипурсам,
Ман аҳволи дил аз хушрӯи бадкеш.

**ОҒӮШИ ГУЛҶӮШ**

Ба ҳар ҷо по ниҳӣ, гул мезанад ҷӯш,
Чаманҳо мешавад сурху чаканпӯш.
Чу барг аз шохаҳо мерӯяму субҳ
Гуландоми туро мегирам оғӯш.

**БИЁВУ БИЁ!**

Ҷавон будам зи нав дар ишқат, эй кош,
Ки буд фасли  маро васли ту подош.
Парастуи баҳоронам набудӣ,
Биёву қумрии фасли хазон бош!

**ИШҚУ УМЕД**

Зи нав сабзу ҷавон мебудам, эй кош,

Ки ёрат мешудам, ёри қаламқош.
Агар ишқи нахустинам набудӣ,
Биё акнун умеди охирин бош!

## СОФКОРӢ

Чӣ гӯям одамиро, Қоф то Қоф
Ба мурдоби гунаҳ ғӯтид то ноф.
Агар ҳам софкорие бикард ӯ,
Бикард ӯ аз ҷаҳон инсофро соф.

## ЛОФИ ҒАЗАЛБОФ

Наям аз тортанҳои ғазалбоф[15],
Ки наздам аз ғазалбофӣ занӣ лоф.
Дар ин раҳ Ҳофизам ҳамсуҳбат ояд,
Ки паймудаст онро Қоф то Қоф.

## ҲУШМАНДИ ДЕВОНА

Биҳишт оё бувад ҷуз хонаи ишқ,
Ҳақ аст оё ба ҷуз афсонаи ишқ.
Наёбӣ дар ду олам ҳушманде,
Ба ҷуз он к-ӯ бувад девонаи ишқ.

## ДОВАРИ ИШҚ

Ҳамеша будаам хушбовари ишқ,
Ҷаҳонро дидаам худ ёвари ишқ.
Ба ҳар навъе, ки кардам зиндагонӣ,
Қабули ман набуд ҷуз довари ишқ.

## ҒЕШАВУ РЕША

[15] Таъбир аз Бозор Собир

Агар раҳ мебарам дар бешаи ишқ,
Хаёлам мебарад андешаи ишқ,
Ки дар ин олами анбӯҳ ҳатто
Нарӯяд ғеша ҷуз аз решаи ишқ.

**БАҲОРОҒӮШ**

Чу шохи арғувон гулпӯшам аз ишқ,
Ба бебаргии худ меҷӯшам аз ишқ.
Чу дар ёдам бувад ёди канорат,
Зимистон ҳам баҳороғӯшам аз ишқ.

**ТАМАЛЛУҚ**

Кунад марде чу бар марде тамаллуқ,
Магар дорад ба мардон ӯ тааллуқ?!
Агар мардист ин сон косалесӣ,
Заифиҳои занҳоро тасаддуқ!

**АФТАД СИТОРА**

Чу барге мефитад аз шоха бар хок,
Хаёлам, мешавад камтар зи афлок.
Агар аз боми арш афтад ситора,
Чӣ сон таскин диҳам ин қалби ғамнок?!

**ШАРАР**

Дило, дорӣ дар ин дунё чӣ оҳанг,
Гаҳе шодӣ зи хешу гоҳ дилтанг.
Шарар мехоҳаму аммо, чӣ чора,
Ниҳон бошад шарар дар синаи санг.

**ОЙИНАВУ САНГ**

Агар ойинаҳо бошанд садранг,
Ба зиште зишту шангуланд бар шанг.
Агар ойинаҳоро акси шом аст,
Ба номи субҳ бояд санг зад, санг.

**ТОҚАТ**

Чӣ миқдоре тавонӣ буд коҳил,
Зи дарди мардуми бечора ғофил.
Кадомин дил тавонад кард тоқат
Тапиданҳои моҳиро ба соҳил.

**БЕДИЛ**

Аз он рӯзе, ки шуд мавҷуд бедил,
Даме бе ёри дил н-осуд бедил.
Биё, дар пойи дил, эй ишқ, сар неҳ,
Ки кай як зарра ишқе буд бедил.

**САЛСОЛ Ё ҒАМСОЛ**

Чу мепурсӣ касеро ҳолу аҳвол,
Бувад аз ғуссаву ғам бепару бол.
Гиле, к-аз он Худо Одам сиришта-ст,
Набуд салсолу оё буд ғамсол?!

**ДИЛ ДИДАН ОМӮЗ**

Марав роҳе ба ҷуз ҷӯйидани дил,
Ба ҷӯйидан бубин рӯйидани дил.
Агар чашмат бувад дил дидан омӯз,
Зи олам диданат беҳ дидани дил.

**ГУЛПУЛ**

Ту, эй қаддат ниҳолу қоматат гул,

Саропойи ту афсунсози булбул.
Манам ин сӯйи дарёву ту он сӯ,
Ба сӯят мезанам аз шохи гул пул.

**ҲОСИЛ**

Чӣ ширинӣ, ту, эй шириншамоил,
Диле набвад, ки набвад бар ту моил.
Намедонам, чӣ мегардад дар охир
Зи майли мову бемайли-т ҳосил.

**ҶАҲОН ХОЛИСТ**

Ғами дунё бувад дарду ғами дил,
Каму бешаш бувад бешу ками дил.
Ҷаҳони чандмилярда-ст холӣ,
Набошад гар туро як ҳамдами дил.

**БАҲСҲОИ НОТАМОМ**

Замонҳо баҳс кардам дар масоил,
Мурод аммо нашуд аз баҳс ҳосил.
Бирафтам ман, тамоми баҳсҳо монд,
Ҳамон сон нотамому сахту мушкил.

**БОДИ МУҚОБИЛ**

Ту бар боди мувофиқ дил манеҳ, дил,
Ки бар авҷат барад на боди муқбил.
Агар азму пари парвоз дорӣ,
Ба гардунат барад боди муқобил.

**СУХАН ГУЛ МЕКУНАД**

Зи шарми рӯйи ту гул мезанад гул,
Зи шохи қоматат  гул меканад гул.

Чӣ хосият лабонатрост, эй ёр,
Ки дар он ҳар сухан гул мекунад,гул.

## УРЁНШУКУФӢ

Ҳамин зардолу аввал мекунад гул,
Ки Наврӯз асту монад дар тағофул.
Сипас шармида аз урёншукуфӣ,
Бипӯшад ҷомаи сабзи таҷаммул.

## ДИЛБАРЕ АЗ БУРҶИ АСАД

Аҷаб шере, ки аз мо мебарад дил,
Хиёбон дар хиёбон мечарад дил.
Агар бо ишқ бинвози-ш, ғуррад
В-агар ғуррӣ, ба ҷоят медарад дил.

## МАРГИ ГУЛ

Агар фардо асири доғу дардам,
Зи роҳе, ки гирифтам, пас нагардам.
Гули хандидарӯ бо хор мегуфт,
Ҷавон мирам, ки хори кас нагардам.

## НОЗИ СУНБУЛ

Худой азбаски булбул офаридам,
Адои хирмани гул офаридам.
Агарчи нолаи дил ҳосилам буд,
Туро аз нози сунбул офаридам.

## ПАЙМОНАИ ЁД

Аз он рӯзе, ки дил бар ту ниҳодам,
Агар шодам, ба ғамҳои ту шодам.
Биёву лаб ба лаб оҳиста бигзор,

Ки ман паймонаи лабрези ёдам.

## ҲАДИСИ ДИЛ

Куҷои дил, ки аз бедил нависам,
Бубинам одаму аз гил нависам.
Агар ҳам як диле боқӣ намонад,
Ҳадиси дил барои дил нависам.

## НА ЁРОВУ НА ЁРЕ

На ёрое, ки ман ёри ту бошам,
Дил аз ту бурда дилдори ту бошам.
Гулу гулбарги бехорӣ, ту, эй ёр,
Биё, эй гул, ки ман хори ту бошам.

## ПОЙБАНД

Саломе аз Хуҷандат мефиристам,
Паёме дилписандат мефиристам.
Агар ҷое тахи пойи ту холист,
Диламро пойбандат мефиристам.

## АФСОНАИ ШАҲРИ ИШҚ

Ҷунун дард аст агар, мо аҳли дардем,
Ҷунуни ишқро мо фарди фардем.
Ба ними ҷав хирадмандӣ фурӯшем,
Ба шаҳри ишқи ту  афсона гардем.

## АРЗОНФУРӮШ

Гунаҳкорам, гуноҳеро харидам,
Ба сад шодӣ як оҳеро харидам.
Аҷаб ин ёри мо арзонфурӯш аст,
Ба ҷон ними нигоҳеро харидам.

## САДОҚАТ

Туро, эй ёри ҷон, миннатпазирам,
Назират не, ки ман ҳам беназирам.
Ҳамин мегӯям аз меҳру садоқат,
Ки ту то зинда бошӣ, ман намирам.

## ОЙИНАГУНА

Расад то дар ҳаёт одам ба одам,
Бувад ойинагуна расми олам.
Назар дӯзӣ агар – ҳастӣ, вагарна
Набинӣ – нестӣ, валлоҳу аълам.

## ДАСТГИР

Асират ман, агар хоҳӣ асирам,
Амират ман, агар хоҳӣ амирам.
Вале ҷуз соғаре, к-он ҳам шикаста-ст,
Чӣ бошад аз ғами ту дастгирам?!

## ВАЪДАИ ДИДОР

Намегӯям, ки ман Маҷнуни даштам,
Вале он қадр муштоқи ту гаштам,
Ки баҳри ваъдаи шакдори дидор
Ҳамон дам аз сари дунё гузаштам.

## РАНҶИШИ БӮСА

Рабоӣ ҷонаму гӯям, ки ҷонам,
Дигар ҳаргиз дигаргунат нахонам.
Чӣ ранҷӣ, к-аз лабат бӯсе гирифтам,
Агар хоҳӣ, биё, дар ҷо-ш монам.

## АЗ ИН БЕШАМ…

Агар хоҳӣ шукуфтан, ман баҳорам
В-агар хоҳӣ шунуфтан, ман ҳазорам.
Баҳору нағмаву шодӣ манам, ман,
Аз ин бешам, агар бошӣ ту ёрам.

## АЗИЗИ НОЗАНИН

Азизи нозанин, нозат кашидам,
Дучандон кардиву бозат кашидам.
Кашидам нозату чашме набудам,
Чиҳо, к-аз чашми ғаммозат кашидам.

## НОЛАВУ ЛОЛА

Ману ту шоири ошиқтаборем,
Ки дар дил ишқи садҳосола дорем.
Биё, ҷоно, ба дашти ҳасрати ишқ
Ба ҷойи нола акнун лола корем.

## ПЕШАИ ИШҚ

Ба гардун мебарӣ аз остонам,
Баландӣ  медиҳӣ бар достонам.
Чӣ гуна пешаӣ, ишқо, ки теша
Ба сар орӣ фуруд аз осмонам.

## ПАРЧИНИ ЗАМИН

Заминам ё ки худ чархи баринам,
Ту месозӣ чунонам, ё чунинам.
Фаро аз ҳафт гардун мебариям,
Ки созӣ боз парчини заминам.

## БЕБОК

Гадорӯе набуд дар пушт-пуштам,
Ҳама дасти кушодам ман, на муштам.
На тарси маргам аст охир, ки худро
Ба дасти хеш ман сад бор куштам.

## ВАЪДАИ ШОМ

На шом ояд, ки ман шамъе фурӯзам,
На бом ояд, ки сӯяш дида дӯзам.
Чу додӣ ваъдаи шом омадан ту,
Дигар шоме наояд баъди рӯзам.

## ГИРДОБИ ДИЛ

Баҳои нози ту донам-надонам,
Туро ҳамрози худ хонам-нахонам.
Ба заврақ дар лаби дарё нишастам,
Ба гирдоби дилат ронам-наронам.

## ОФТОБУ МОҲТОБ

Шикоятҳои дил гӯям – нагӯям,
Давои дарди дил ҷӯям – наҷӯям.
Маро бас офтобӣ, дасти кам ту
Макун чун моҳтобе зардрӯям.

## ҶОМИ ЛАБ

Азал ҷо кард ишқе дар замирам,
Ки ҳайронам, гадоям ё амирам.
Занам бар санг садҳо ҷоми Ҷамро,
Агар ҷоми лабаш бар лаб бигирам.

## БЕ ОБИ ЧАШМ

Хаёли рӯят омад дар суҷудам,
Дили об аз басар ҷорӣ намудам.
Чӣ мешуд ҳоли ин бечораи дил,
Агар бе оби чашмат дида будам.

## ҚАРЗДОРИ ХУБОН

Чунон аз ишқи гулрӯён шукуфтам,
Ки аз шарми хазон рӯро нуҳуфтам.
Зи хубон қарздори ҳар ду олам,
Ки байте аз лаке ҳоло нагуфтам.

## ҒАМУ МАЙ

На ман аз пеши худ най офаридам,
Худо ҳузни паёпай офаридам.
Барои хотирам ғам офарид ӯ,[16]
Барои рафъи ғам май офаридам.

## ҲАРФИ ЗАРУРӢ

Басе шабҳо, ки бедору нахуфтем,
Ба шуғли гавҳарӣ дурре насуфтем.
Агарчи гуфтаву гуфтем бисёр,
Вале ҳарфи заруриро нагуфтем.

## РАМ ГИРИФТАМ

Бидидам дарди ёре, ғам гирифтам,
Ки бо ӯ дам барам, ҳамдам гирифтам.
Бурунаш дӯстиҳое ба ман дошт,
Дарунашро чу дидам, рам гирифтам.

---

[16] Бедил гуфта:
Барои хотирам ғам офариданд.

## ХАРОШИ УСТУХОН

Саропо маҳви пайки орзуям,
Ки дар гулшан гули уммед бӯям.
Ҳавоятро нафас гирам замон, лек
Хароши устухонӣ дар гулӯям.

## ОСМОНИ ҲУБОБ

Мапиндор остонат остонам,
Қарини достонат достонам.
Агар абре биборад рӯйи дарё,
Ҳубобе низ гӯяд осмонам.

## КАБӮТАРБОЗӢ

Кабӯтарбаччаи чарси дилором,
Ба ин бегонагӣ кай мешавӣ ром.
Кабӯтарбозиям мебояд аз нав,
Агар шоме фурой аз лаби бом.

## ПАЛАНГ

Ду пои пеш ҷойи даст дорам,
Қаду басте, ки зебанда-ст, дорам.
Палангам ман, ки баҳри сайди мақсуд
Фақат як дав, фақат як ҷаст дорам.

## ХОНАБАНД

Раҳо кардам ҷаҳонро, пас фикандам,
Нашуд, аз шеър аммо дил накандам.
Насибам шуд чунон озодӣ аз шеър,
Ки якумрист карда хонабандам.

## КАШФУЛАСРОР

Чӣ дорад ҳусни ту асло надонам,
Вале лол аст дар пешаш забонам.
Маро рози ҷамоли хеш бикшой,
Ки дигар кашфуласроре нахонам.

## БАРНАХЕЗАМ

Ба ёдат ҳамчу ҷоми рез-резам,
Куҷо аз ёди ту дигар гурезам.
Вале  ёдат саҳар бо ман набошад,
Зи ҷойи хеш ҳаргиз барнахезам.

## БАНДИ МУҲАББАТ

Биё аз лобаҳо лабханд созем,
Лаберо бо лабе пайванд созем.
Агар олам канад аз банд-бандаш,
Ҷаҳонро дар муҳаббат банд созем.

## ЁРИ ХАЁЛ

Туӣ нозуктар аз тори хаёлам,
Ки бахри диданат зори хаёлам.
Кунам шукри Худовандат шабу рӯз,
Ки ӯ карда туро ёри хаёлам.

## ДАР ҶОЙИ ҶОН

Ватан гуфтам, вале давлат нагуфтам,
Раҳи хоки ватан бо мижжа рӯфтам.
Агар ман дар ватан рӯзе нагунҷам,
Варо дар ҷойи ҷон ҷо дода рафтам.

## ҒУНЧАИ ФИКР

Нахуст аз ақлу дониш ҳарф гуфтам,
Садои дил кам, афсӯсо, шунуфтам.
Ба худ чун ғунча печидам ман аз фикр,
Раҳояш кардаву чун гул шукуфтам.

## ОҒОЗУ АНҶОМ

Ба дасте шишаву дасти дигар ҷом
Ту медонӣ, чӣ мехоҳам аз айём.
Ба номи ту диҳам оғоз имрӯз,
Ба номи ман ту  фардоро деҳ анҷом.

## РОҲИ ОМАДАН

Надонам, то куҷо бошад шитобам,
Зи пушти моҳ ҳамчун офтобам.
Чунон бурдӣ маро аз худ, азизам,
Ки роҳи омадан бар худ наёбам.

## ЧУ ҚАҚНУС

Ман аз илҳому илҳон пар гирифтам,
Ки авҷи пардаи ахзар гирифтам.
Чунон масти наво гаштам, ки рӯзе
Чу Қақнус аз сурудам дар гирифтам.

## СОДАГӢ

Сари пул мову ту истода будем,
Ба мавҷи шӯх мо дил дода будем.
Равон буд рӯду ҷон месӯхт моро,
Аҷоиб ташнакому сода будем.

## ХУДОҶӮЁНИ  БЕҒАМ

Ба ҷонам з-ин худоҷӯёни беғам,
Ки ёде н-оваранд аз ранҷи одам.
Гарон набвад Худоро ёд кардан,
Ба ёди мардумӣ бошед як дам.

## УМР

Магар як лаҳзае ман орамидам,
Агарчи як-ду гул чидам-начидам.
Диламро гулфишон дар пойи Варзоб,
Сарамро қуллаи пурбарф дидам.

## ЗАМОНИ РАФТАНӢ

Чу ояд, меравад як рӯз одам,
Бувад ин рафту омад расми олам.
Намемонад нарафта ҳеҷ чизе,
Равад ҳатто замони рафтанӣ ҳам.

## МАН КӢ ҲАСТАМ?

Лаби ҷӯйи равон бе ту нишастам,
Ба ёдат шохаи хулбӯ шикастам.
Шунидам, сабзаҳо дил бо ту баста,
Пас, охир, ин мани ҳайрон кӣ ҳастам?

## ҲАРБИ ЯК БА ЯК

Ба ҳарби як ба як хонад дамодам
Туро дар зиндагӣ андӯҳи олам.
Вале холӣ кунӣ як шишаи май,
Дилат холӣ шавад якбора аз ғам.

## ҶОНОШНО

Ба садҳо шева Маҷнунро ситоем,

Ки дар ишқу вафо ҷоношноем.
Биёбон дар биёбон ишқ ӯ буд,
Хиёбон дар хиёбон ишқ моем.

## ТУ ХУШНОЗӢ

Баҳорию баҳорат боз хоҳам,
Ту хушнозию бозат ноз хоҳам.
Ту анҷоми суруди мо бихоҳӣ,
Ба ҳар анҷом сад оғоз хоҳам.

## ПАЙҒАМБАРИ ШОДӢ

Ҷаҳон вайрону ободӣ бихоҳам,
Аз он нододрас доде бихоҳам.
Паямбарҳо ҳама буда ғамомӯз,
Яке пайғамбари шодӣ бихоҳам.

## ШОДИИ ОФАРИНИШ

Аз он дам лаззати ҳастӣ чашидам,
Ҳама мавҷуди олам шод дидам.
Худоро офариниш шод медошт,
Ки шод аз хоки шодон офаридам.

## ҒАРИБИ ДИЁРИ ХУД

Надонам, ноҳабибам ё ҳабибам,
Гарон аз ту вале бошад насибам.
Ғарибӣ ту агар дар мулки ғайре,
Ман охир дар диёри худ ғарибам.

## ОҒӮШИ ПАНОҲ

Ба роҳат канда шуд чашми нигоҳам,
Биё, дар хилвати заррини моҳам.

Ҷаҳон ях бандад аз сардии дилҳо,
Бидеҳ дар оғуши гармат паноҳам.

## НОЗУКУ НОЗУКПАРАСТ

Чӣ нозук мениҳӣ дастат ба дастам,
Ту нозуктабъу ман нозукпарастам.
Ба барги гул лабат хандида мегуфт,
Ту нозуктарҳу ман нозуктарастам.

## ХАМӮШАТ МЕПАРАСТАМ

Фаровон ошиқат, ман дигар астам,
Кӣ донад, бартар астам, камтар астам?!
Гар онон дӯстат доранду гӯянд,
Ман онам, ки хамӯшат мепарастам.

## ДУ ЗЕБАНДА

Зи рӯят об мехӯрда нигоҳам,
Ки рӯи дигаре дидан нахоҳам.
Ту зеби мову мо зеби ту дорем,
Биё, бошем, ду зебанда бо ҳам.

## ЧӢ СОЗЕ?!

Туӣ, ту, сархати розу ниёзам,
Ҳикоятҳои кӯтоҳу дарозам.
Ба дасти ман чӣ соз астӣ, надонам,
Ки бо лаб ё ба ангуштат навозам.

## ҲАЗОРОВОИ ЗОҒ

Сари девори ту биншаста зоғем,
Ба зоғӣ, лек дар ишқи ту доғем.
Ба бемеҳрӣ ту моро зоғ кардӣ,

Вагарна мо ҳазоровои боғем.

## БЕГУНОҲ

Агарчи дар назар бе оҳу воҳем,
Вале бар сӯзи худ мо худ гувоҳем.
Ҳазоронро ба нози хеш куштӣ,
Ту моро зинда кун, ки бегуноҳем.

## БОЛУ ПАРЕ ЗАН!

Зи танҳоӣ ба ҷон ойӣ, даре зан,
Чу паст ояд само, бар он саре зан.
Магар кирмӣ, ки ту бар худ бупечӣ,
Баро аз хештан, болу паре зан!

## ҲАРФЕ

Чӣ дорад шеваи дидан-надидан,
Дарозе монда кӯтаҳро буридан.
Зи ман хоҳанд ҲАРФЕ, гар бигӯям,
Магар дорад, кӣ ёрои шунидан?!

## РАВУ ОЙ

Агар ойӣ ба кӯи ғуссадорон,
Кунам хоки раҳатро бӯсаборон.
Раву ойи аҷоиб дорӣ, эй ёр,
Равӣ дай ояду ойӣ баҳорон.

## РАНГИНКАМОНИ ОРЗУҲО

Зи гардун то замин фасли баҳорон
Парешон мешавад гесӯи борон.
Баро, рангинкамони орзуҳо,
Ба шодиҳои мо - уммедворон.

## ОБ АЗ САР ГУЗАШТУ…

Зи як наззораат афрӯхтам ман,
Туро ин шева то омӯхтам ман.
Азизо, дар чӣ об андохтиям,
Ки об аз сар гузашту сӯхтам ман.

## ДАР ФАСЛИ БОРОН

Гули гулҳо бувад аз насли борон,
Туӣ покизатар аз асли борон.
Магар рангинкамони чашмам астӣ,
Ки пайдо мешавӣ дар фасли борон.

## ДИНУ ОЙИН

Намедонам чӣ дорад дину ойин,
Ки медорад ҷаҳонро шоду ғамгин.
Чу дин набвад, паямбар ҳам набошад,
Паямбарро паямбар мекунад дин.

## ҶОДУГАРӢ

Маро ту қиссаи ҳуру парӣ кун,
Бихон афсунаму аз ҳуш барӣ  кун.
Ман аз ҳушёрии олам ба ҷонам,
Биё, дигар маро ҷодугарӣ кун.

## ДИЛСУПОРӢ

Туро аз матни гул хуш кардаам ман,
Туро дар батни дил парвардаам ман.
Ту аз ман дил ба майли худ набурдӣ,
Диламро худ ба ту биспурдаам ман.

## БИНВИШТАЮ НАНВИШТА

Бидуни ҳарф бояд ҳарф рондан,
Бидуни пояе дар пой мондан.
Ҳама бинвиштаро хондан тавонанд,
Тавон нанвиштаро бояд ки хондан.

## ДУБАЙТИИ ТАҲИ ПО

Хушо дилро дар оғӯшат нуҳуфтан,
Шабе то субҳдам бо ту нахуфтан.
Бағалҳоят кашидан бо ғазалҳо,
Дубайтиро таҳи пойи ту гуфтан.

## САР ЗАН

Ҷаҳон дорад дигар хӯи дигаргун,
Таровад то кай аз ҷӯи ҷигар хун.
Биё, сар зан ба авҷи чархи гардун,
Ки сар аз бахри зону нест акнун.

## ЧАТРИ САБЗИ АРЧА

Канори кӯҳу рустанҳои торон,
Ба гӯш ояд тараннумҳои борон.
Ману ту зери чатри сабзи арча
Чӣ сон бошем аз парҳезгорон?!

## ҶИГАРДОРОН ҶИГАРХУН

Дигар шуд шеваи даврон, дигаргун,
Ҷигардорон шуданд акнун ҷигархун.
Ту, ки дар кӯи адл аз роҳ мондӣ,
Чӣ сон гардонамат, эй чархи гардун?!

**РОЗ**

Надодиям ҷаҳони дил нишеман,
Бувад, ҳаққо, ҷаҳондорият аҳсан.
Чӣ розе бо ҷаҳон дорӣ, ки дунё
Ба ҳадди дурият дур аст аз ман.

**САВДОИ МУФТ**

Тавонӣ дасти ҷононе гирифтан,
Надорад аҳду паймоне гирифтан.
Чӣ ёреро чунин муфт аст савдо,
Ки бӯсе додану ҷоне гирифтан.

**НА МАҶНУНУ НА ЛАЙЛО**

Хиромӣ ту хиёбон дар хиёбон,
Ман овора биёбон дар биёбон.
На ман Маҷнуну на Лайло туӣ, лек
Ниҳем аз чӣ саре ёбон ба ёбон?!

**СУБҲИ Ӯ**

Насими субҳдам кам-кам гузар кун,
Шаби тори маро кам-кам саҳар кун.
Агар аз шоми мо ӯро хабар нест,
Биё, аз субҳи ӯ моро хабар кун.

**ҶАВОНМАРДӢ**

Турову бо адолат аҳд бастан,
Чу бандияш, намешояд гусастан.
Дар он майдон, ки майдондор адл аст,
Ҷавонмардӣ бувад худро шикастан.

**НАХУФТАН**

Баҳор омад, шукуфтан бояд акнун,
Ду ҳарфи ишқ гуфтан бояд акнун.
Агарчи субҳ булбулро барад хоб,
Бари ёре нахуфтан бояд акнун.

## ПАНОҲОН

Намегӯям маро ту ину он кун,
Зи шеърам рух намою ҷовидон кун.
Фақат гӯям, паноҳон дар канорат,
Зи чашми одаму олам ниҳон кун.

## НИМИ ИНСОН

«Фалони муҳтарам гуфтанд ин сон»,
Чӣ мегӯйӣ, ту худ, эй ними инсон.
Фалонӣ ҳар чӣ хоҳад, бе ту гӯяд,
Ту ҳам бе ӯ бигӯ як ҳарфи шоён.

## ҲАҚИҚАТ

Ҳақиқат офтоб асту чӣ инсон
Нигаҳ кардан тавонад рост бар он.
Назар кардан ба сӯяш аз паси абр
Ва ё бо айнаки торик осон.

## РАҲДУР

Магар аз хеш розӣ будаам ман,
Магар аз ҷустуҷӯ осудаам ман.
Зи хоболудагон дурам нигаҳ дор,
Ки раҳдури шитоболудаам ман.

## БАҲОИ ЯК НИГОҲ

Агар чашмӣ, ба сӯйи ӯ назар кун,
Зи шавқи як назар олам дигар кун.
Агар хоҳӣ баҳои як нигоҳаш
Ба ним оне зи ду дунё гузар кун.

## АЗ ҒАМ ТИҲӢ КУН

Ғаме дорам, маро ту дилдиҳӣ кун,
Ба сар соя маро сарви саҳӣ кун.
Чунон саршорам аз ғамҳот кардӣ,
Ки акнунам, биё, аз ғам тиҳӣ кун.

## НАМОНДА ВАҚТИ МОНДАН

Хирад андар китобу нест хондан,
Чӣ суд аз ин муаммо ҳарф рондан.
Чу ақлат мерасад бар сар, бубинӣ,
Ки шуд умру намонда вақти мондан.

## ЗАВОЛИ ОЛИ СОМОН

Набуд ар Рӯдакӣ аз тирачашмон,
Ба чашми хеш меафшонд домон,
Ки дар пирию заъфу нотавонӣ
Набинад ӯ заволи Оли Сомон.

## ҒАМИ ҒАМХОРА

Куҷоӣ, эй ғами бечораи ман,
Ки аз туст ин дили садпораи ман.
Ғаме дорам, ки ғамхоре надорӣ,
Ба ғайри ман ғами бечораи ман.

## МАЪНОИ БУДАН

Чӣ сон ишқи туро бояд сурудан,

Ки охир бартарӣ аз ҳарситудан.
Зи ман сад бор агар боло набудӣ,
Маро оё чӣ маъно дошт будан?!

**РИСОЛАТ**

Агар ҳам майдаӣ майдон гирифтан
Бибояд, на раҳи сайрон гирифтан.
Агар донӣ, рисолат чист моро,
Заминӣ будану кайҳон гирифтан.

**БАХТИ ТАНҲОӢ**

Зи танҳоии танҳо ёфтам ман
Қарори ҷони танҳо, роҳати тан.
Куҷо донӣ, ту ҳайфо, ин чӣ бахт аст,
Ба худ хандидану бо худ гиристан.

**БУБАХШЕДАМ…**

Шумоён бо ҳаму беҳам манам, ман,
Ки танҳо худ ба худ ҳамдам манам, ман.
Ба ин хилқат агар одам шумоед,
Бубахшедам, ки ноодам манам, ман.

**НОҚОБИЛҚИЁС**

Зи бӯҳтони ту, эй нодони кавдан,
Нагардад тирарӯ хуршеди равшан.
Ба наздики адаб сад бор беҳ аст
Зи «хушноми»-и ту «бадноми»-и ман.

**САФАР ДАР ХУД**

Зимистон асту оҳанги дигар кун,
Ҳавои гулшукуфиро ба сар кун.

Агарчи оламеро барф  гирад,
Баҳори лоларо дар худ сафар кун.

## ҲИҶРОНИ ШИРИН

Чу ёди ту хаёле нест ширин,
Ки бе фоли ту ҳоле нест ширин.
Мабодо қисматам он сон, ки гӯям,
Чу ҳиҷронат висоле нест ширин.

## БАРҚИ НИГОҲ

Ту бо шеър омадӣ дар синаи ман,
Ки рангинтар кунӣ ганҷинаи ман.
Чӣ муъҷиз дошт он барқи нигоҳат,
Ки мисро кард зар, заринаи ман.

## ХОБИ РӮИ СИНА

Бишав, эй ёри нав, деринаи ман,
Ки ту зарринаи ганҷинаи ман.
Агар шаб мерасад, эй кош, бинам,
Барад хобат ба рӯи синаи ман.

## ОИНИ СЕБ

Ба шохи қоматат ду себи ширин
Буни куфрам биларзонду буни дин.
Агар як шаб ба лаб гирам ман он себ,
Ба даҳр орам ман он шаб  тоза оин.

## БАЙТИ ТАР

Лабат як байти тар шуд дар лаби ман,
Ки шодобу ғазалгӯ шуд таби ман.
Сипас дар косагардонии гардун

Ду ҷоми лаб ба лаб шуд ҳар шаби ман.

**НАВРӮЗӢ**

Сабоҳат хайр, эй оҳуи заррин,
Фарохо рӯзи ту то Моҳу Парвин.
Зи ту наврӯзие дигар чӣ хоҳам,
Ки ширин омадӣ, шав ёри дерин.

**ДИЛИ РАҚСОН**

Баҳорию сафар дорӣ ба Қурған,
Ки талҳоро шукуфонӣ чу гулшан.
Ба истиқболи худ дар лолапушта
Ту рақсону шукуфон бин дили ман.

**ХУДСӮЗӢ**

Ба Наврӯз омадӣ, наврӯзии ман,
Ки сӯзи ишқ кардӣ рӯзии ман.
Дигар гулхан чӣ афрӯзӣ, ки садчанд
Тамошо дорад ин худсӯзии ман.

**БОЛУ ПАР АЗ ТУ**

Баҳорон омаду омад парасту,
Баҳороғӯш шуд ҷонам пур аз ту.
Пару боле дилам мехост як умр,
Гирифтам як шабе болу пар аз ту.

**МЕОМАДӢ ТУ**

Гулу булбул, ҳама рафтанд он сӯ,
Ба он сӯ карда шохи настаран рӯ.
Зулоли чашмаҳо ҷорӣ ба он кӯ,
Чӣ шуд?  З-он сӯйи раҳ меомадӣ ту.

## ХОКИ ПОЙ

Ба субҳам чун сапеда дар назар ту,
Ба шомам чун шафақҳо ҷилвагар ту.
Ниҳоят хоки поят мешавам ман,
Ки шояд мекунӣ хоке ба сар ту.

## ХУШГӮ

Суман дидам, набуд хушрӯтар аз ту,
Чаман дидам, набуд хушбӯтар аз ту.
Ба бозӣ ҳамдигарро дил фиребем,
Ту хушгӯиву ман хушгӯтар аз ту.

## ГУНҶИШКАК

Ба ҳар девору дар сар мезанӣ ту,
Ба сад ҷон гӯиё ҷон meканӣ ту.
Кунун, ки нашнавандӣ наъраи шер,
Чу гунҷишкак чӣ чиқ-чиқ мекунӣ ту?!

## ПЕШАИ ТУ

Ҳазорон хуни дил дар гардани ту,
Аҷаб дил бурдану овардани ту.
Биё, чун бурдани дил пешаи туст,
Диле дорам барои бурдани ту.

## ОБИ БЕМИРОБ

Вазад тафбоди саргардон ба ҳар кӯ,
Куҷо заврақ расад бесамту бору.
Ҷавонӣ раҳбаре хоҳад, вагарна
Равад чун оби бемироб ҳар сӯ.

## ДАРЁИ БЕСОҲИЛ

Ало абри ҳаво, селе бизан ту,
Чӣ нам-нам мезанӣ, хеле бизан ту.
Надорад соҳиле дарёи ин ишқ,
Дило, сӯйи миён беле бизан ту.

## БИЁБОН ДАР БИЁБОН

Биё, боре гузар з-ин раҳгузар ту,
Ба сӯйи ман бикун боре назар ту.
Биёбон дар биёбон чанд хушкам,
Ки ман Омуяму баҳри Хазар ту.

## КАФИ ҲИММАТ

Маро ойинаи ибрат туӣ, ту,
Мисоли олии иззат туӣ,ту.
Намедонам дигарҳоро чӣ бошӣ,
Маро аммо кафи ҳиммат туӣ, ту.

## БАРГИ ГУЛ

Ниҳоли навбари гулпираҳан ту,
Баҳори сабзи гулдаргулбадан ту.
Агарчи чашми дил аз  гул хурад об,
Биё  ин барги гул баркан зи тан ту.

## ПАРИХОНӢ

Киро дил медиҳӣ ё мебарӣ ту,
Ки дар ҳусн аз париён дилбарӣ ту.
Бигӯяндам, парихонӣ гузашта,
Чӣ гӯям ман, чу мебошӣ парӣ ту?!

## ҒАМИ ШИРИН

Бидонад, ҳар кӣ бошад, ҳамдами ту,
Ки ҳар беше кам аз лутфи ками ту.
Ҳар он, к-ӯ қадри ту донад, ки донад,
Зи ҳар шодист ширинтар ғами ту.

## БИЁ, ЭҲЁ БИКУН

Биёву даштро дарё бикун ту,
Биёву гӯшаро дунё бикун ту.
Агар аз назди мо нозон гузаштӣ,
Биёву куштаро эҳё бикун ту.

## МОҲИИ ЯКТО

Чу мавҷ ойӣ шикан андар шикан ту,
Ба дарёи дилам гирӣ ватан ту.
Агар бемар бувад моҳӣ ба дарё,
Ягона моҳии дарёи ман ту.

## ШЕЪРИ ҒАМ

Ба тарсими сухан дорӣ такопӯ,
Бирав, рози абадро аз азал ҷӯ.
Чу асли шеъри Одам шеъри ғам буд,
Ба шеъри шод ҳам оё расад ӯ?!

## МОИНДАРӢ

Ватан, гуфтам, сарамро сарварӣ ту,
Зи ҷону дил азизу бартарӣ ту.
Ба ҷойи модарат хондам, ки имрӯз
Ба ҷони ман кунӣ моиндарӣ ту?!

## МАГАР?

Ватан гӯему гардем аз сари ӯ,
Диҳем ин ҷону дил мо аз бари ӯ.
Вале фарзанд агар зору ғариб аст,
Магар хушбахт бошад модари ӯ?!

## ПАСТИИ ТУ

Ҷаҳон олуда шуд аз ҳастии ту
Зи ҳирсу озу аз чапдастии ту.
Ба олам ҳеҷ пастие набошад
Ба пастӣ пасттар аз пастии ту.

## ЭЪТИРОЗИ МАҶНУНБЕД

Маро доим занад таъни самар ӯ,
Ки бедию набошӣ борвар ту.
Чӣ донад, бандаи меъда, ки дар даҳр
Зи ишқи Лайлие беҳтар самар ку?!

## СИПЕҲРГУМКАРДА

Ҳавои молу зар парвардаӣ ту,
Куҷо хеш оқибат овардаӣ ту,
Ки дунё ҷуставу дар олами хок
Сипеҳри хешро гум кардаӣ ту.

## НОЗУ НОЗАНИН

Агар нозе набошад, нозанин ку,
Дили аз нозҳо шоду ҳазин ку?
Гар аз ишқи замин гардун нагиряд,
Табассумҳои гулҳои замин ку?!

## ДАСТИ КАМ

Ба дарё даршаву асрор бишнав,
На чун амвоҷ шав рӯ-рӯ раворав.
Зи хас ҳам гар камӣ, боре ба жарфо
Ту дасти кам ба гирдобе фурӯ шав.

## ЧАШМАИ ҶОН

Ба боғат омадам чун дузди шабрав,
Лабонат ғунчаӣ, як лаҳза во шав.
Ту нӯшин чашмаиву ҷон диҳам ман,
Бимон аз  нӯши лаб  ҷон гирам аз нав.

## ХОРИ ШУКУФТА

Ба шохи қоматат сунбул шукуфта,
Чӣ ҷойи ҳарфи гул, булбул шукуфта.
Агар хоре ба домони ту часпад,
Чу боғе мешавад гул-гул шукуфта.

## ҶОЙИ ДИЛ

Дамида рӯди ман, соҳил намонда,
Дар он соҳил яке манзил намонда.
Чунон шуд синаам лабрези ишқат,
Ки ҷо дигар барои дил намонда.

## ДУ МУРҒ

Дубайтӣ гӯямат ман ошиқона,
Ки дар сина диҳияш ошёна.
Ду мурғе, к-аз канори дил парида-ст,
Куҷо дорад дигар парвои лона?!

## МИЁНСОЛӢ

Ҷавониям, ки буд бо азму ёра[17],

[17] тавоноӣ, ҷуръат

Пиёда мегузашт аз ҳар савора.
Равам имрӯз ҳам ҳарчанд рӯпеш,
Дамодам пушти сар дорам назора.

**ШАБ**

Шаб омад, рӯймоли шоли ранга
Сарандозаш, ба нақши танга-танга.
Биё, ин тангаҳоро мо бичинем
Ба даври лаълии маҳтоби янга.

**МОҲИ БЕСИТОРА**

Ба гирди моҳ гардад моҳвора,
Дили ошиқ ба гирди моҳпора.
Ту ҳар шоме, ки берун мебарой,
Равад дар абр моҳи беситора.

**ПИРӮЗ**

Сурудам мардумиро ошиқона,
Ки шуд дилҳои халқам ошёна.
Алайҳам гар замон пирӯзи рӯз аст,
Манам пирӯзи шаб бар ин замона.

**ТАСБЕҲИ СИТОРА**

Шаб омад, осмони беканора
Биҳишт ояд маро андар назора.
Ту, эй бонуи зарринмӯйи маҳтоб,
Чӣ мехонӣ ба тасбеҳи ситора?!

**БАРҚИ ЛОЛА**

Дамида сабзаву гул ёла-ёла,

Ба барги буттаҳо рахшида жола.
Чу Наврӯз аз канори дашт бигзашт,
Даманҳо дар гирифт аз барқи лола.

## ҲАРОС

Ҳало, эй марди саркаш, саршикаста
Беҳ аз зору низору паршикаста.
Ҳаросе аз шикастанҳо мабодат,
Дар ин дунёи қалби варшикаста.

## ТУХМИ ИШҚ

Худоро муъҷизе бошад фаришта,
Ки аз нури самовоташ сиришта.
Магар, эй ёр, донӣ, тухми ишқат
Кӣ дар марзи дилам з-афлок кишта?

## ГУФТУГӮ

- Агарчи покӣ аз ҳуру фаришта,
Бидеҳ як бӯсае моро накушта.
- Магӯ, бо бӯсае сӯзат нишинад,
Ки бо равған касе оташ накушта.

## ПОСУХИ СИТОРА

Чу шаб созӣ ба гардунҳо назора,
Варо бо хеш бинӣ ҳамҷавора.
Ба ҳар ҳарфе, ки бехи гӯш гӯйӣ,
Диҳад чашмакзанон посух ситора.

## МАЪЗУРИ ҲАЛЛОҶ

Саре дорам, сари сад дор гашта,
Ки дори даҳр аз он бедор гашта.

Чунон аз ишқи ӯ саршор гаштам,
Ки дил дигар ба ман сарбор гашта.

## ГАРДИ БИҲӢ

Куҷо бинӣ дигар хандида писта,
Сари себе зи осебе шикаста.
Касе хоҳад беҳӣ аз рӯзгорон,
Ба рӯяш чун биҳӣ гарде нишаста.

## АҶАБ ДОРАМ

Маро аз баҳси мардум дил гирифта,
Ки аблаҳ хешро оқил гирифта.
Така дӯшидаву беде шинонда,
Аҷаб дорам, ки ҳосил ҳам гирифта.

## МОҲИ ДУҲАФТА

Туӣ дар осмон моҳи дуҳафта,
Дили ман дар замин сӯзону тафта.
Куҷо сард аст моҳи осмонҳо,
Кунад хокистарам ҳарфе нагуфта.

## НАКҲАТИ ЗУЛФ

Ба рӯйи мавҷҳо абре хамида,
Зи чанги бодбон боде рамида.
Зи баҳр ояд насиму накҳати хуш,
Магар зулфи парешонат шамида?

## ДОҒУ АШК

Зи тухми кин гиёҳи меҳр руста?!
Агарчи одамӣ сад чора ҷуста.
Вале ашкат илоҷи доғ ҳам нест,

Нагардад доғи хун бо ашк шуста.

## ЗИНДАГӢ – СУРЪАТ

Магар боре нишаста дар қатора,
Ту аз дашту даман рафтӣ савора.
Агар суръат туро тунд аст, ҳатто
Дар атрофи ту чархад бурҷу бора.

## ШЕЪРИ ҒУНЧА

Навиштан хостам номат ба нома,
Ба ҷои номи ту омад чакома.
Ту шеъри ғунча будӣ дар дили ман,
Ки бишкуфтӣ саҳар дар шохи хома.

## ҲАЗОРОН ГУЛ

Гулафшон  шуд чаман, атрат шунуфта,
Лабони ғунчаҳо – рози нуҳуфта.
Агар гулҳо ба навбат мешукуфанд,
Ҳазорон гул туро якҷо шукуфта.

## ХУРШЕДИ ХОНА

Чу аз хуршед зан дорад нишона,
Бубояд офтобаш хонд ё на?
Барояд офтоби кишвар аз кӯҳ,
Барояд офтоби ман зи хона.

## ДАЪВАТ

Ҳазорон байти дилро, ошиқона,
Равон кардам ба сӯят содиқона.
Гули хатлонии ман, лоақал ту,
Бикун даъват самарқандӣ ба хона.

## ФАРШИ ЛОЛА

Ту ҳаждаҳсолаву ман бистсола,
Ба ҳам рафтем рӯзе пушти ёла.
Чу дид он ҳамбари дастобагардан,
Ба таҳ густурд моро фарши лола.

## ҚУДРАТИ ЯК НИГОҲ

Зи шаҳр озурдаам, на камтар аз деҳ,
Набуд ҳафт осмон ҳам аз замин беҳ.
Ба сӯям, гар тавонӣ, як нигаҳ кун,
Маро бо ҳар ду олам оштӣ деҳ.

## СУОЛ

--Набарда, ҷангро бо худ ту шойӣ,
Ки бар худ ғолибу пирӯз ойӣ.
--Чӣ сон охир ба худ ман ҳарб карда
Шавам ғолиб, ки дар он ҷо ту ҷойӣ?!

## БОЛОВУ ПАҲНО

Зи паҳнову баландии заминӣ,
Намедонам, кадомеро гузинӣ.
Ҳамин фарқест дар болову паҳно,
Ки гар боло наӣ, паҳно набинӣ.

## ДАҲРИ ХАРОБ

Агар шаҳрӣ, аҷаб шаҳри азобӣ,
Агар наҳрӣ, аҷаб наҳри саробӣ.
Ба ин озу гадорӯии табъат
Агар даҳрӣ, аҷаб даҳри харобӣ.

## ПАЙК

Чаро, эй мурғ, беҳангом хондӣ,
Суруди хосро бар ом хондӣ.
Ба ҳар ваҷҳе саноят бод, эй пайк,
Ки вақти шом ту аз бом хондӣ.

## ХУМОР

Агар майли чаман дорӣ - надорӣ,
Баҳоритар ту аз боғи баҳорӣ.
Чаро ҳар гоҳ чун мебинамат ман,
Хуморитар шавам аз ҳар хуморӣ?

## ЯК БОР ОЙӢ

Чӣ сон ёрат шавам, то ёр ойӣ,
Ба назди зори гул гулзор ойӣ.
Туе ҳар шаб, ки меойӣ ба хобам,
Чӣ бошад рӯз ҳам як бор ойӣ?!

## ЗИНДА БОШӢ

Ба рағми гиряам, ту ханда бошӣ,
Маро имрӯзу ҳам оянда бошӣ.
Зи дасти ҳеҷ марге ман намирам,
Агар ту дар дили ман зинда бошӣ.

## ДУРУДИ ОСМОН

Ба дунё омадӣ баҳри сууде,
Дуруди осмон оё шунудӣ.
Набудӣ гар ба ёре масти оғӯш,
Чӣ фарқе доштат, будӣ-набудӣ.

## РӮЙИ ХОБ

Кӣ дар ойина дида офтобе,
Шабе дар рӯйи дарё моҳтобе?
Чу дар хоби шабам рӯйи ту дидам,
Дигар чашмам надида рӯйи хобе.

## ХИЛВАТНИШИНӢ

Чӣ хуш меоядам узлатнишинӣ,
Ки дар худ бо Худо дорам қаринӣ.
Зи хешам гарчи берун мекашонанд,
Ба ҷамъият кунам хилватнишинӣ.

## МОҒЕВУ[18] ЗОҒЕ

Бубинӣ лоларо дар сина доғе,
Нагирӣ боре аз доғам суроғе.
Сарам қурбони чашми мӯшикофат,
Ки яксон бинад он моғеву зоғе.

## ЧУН ТУЕ

Набошад чун ту мавҷе дар равонӣ,
Набошад чун ту авҷе осмонӣ.
Замину осмон, эй ёр, дигар
Надорад чун туе, донӣ - надонӣ.

## БОЗХОНӢ

Аё, эй розҷӯ, ту роз донӣ,
Агар донандаи рози замонӣ?!
Дигар азбас ҳақу ҳақгӯ намонда,
Кунем афсонаҳоро бозхонӣ.

---

[18] моғ --навъе кабӯтари сабзу сурхбол

## САРБАЛАНДӢ

Туӣ мардум, агар мардумписандӣ,
Набошад дигар ин ҷо чуну чанде.
Баландӣ ҳар ду олам ваъда бидҳад,
Нахоҳам лек аз он ҷуз сарбаландӣ.

## ДУБАЙТИИ МУҲАББАТ

Ман афсун гӯяму афзун бигӯӣ,
Ҷигархунро ту дигаргун бигӯӣ.
Ту, ки наспурдаӣ ҷон дар раҳи ишқ,
Дубайтии муҳаббат чун бигӯӣ?!

## БУЛБУЛАМ СОЗ

Ту, эй зебо, ки овозат булӯрӣ,
Маро ту орзуи дурӣ дурӣ.
Чу аз ман метавонӣ ҳар чие сохт,
Бисозам булбуле, на буми кӯре.

## ҲАДЯ

Надидам аз ту ман шодию рафтӣ,
Маро ошуфта бинҳодию рафтӣ.
Нагӯям, то маро чизе надодӣ,
Ғаматро ҳадяам додию рафтӣ.

## ИШҚИ ИЛОҲӢ

Ту, эй ишқи Илоҳӣ, бебаҳоӣ,
Равонӣ бар дарун чун равшаноӣ.
Агар ҳам чор сӯйи хона баста-ст,
Ту хуршедӣ, ки аз равзан дароӣ.

**ШИКАСТАН**

Ҳазорон аҳд бастан мегирифтӣ,
Пас аз онаш гусастан мегирифтӣ.
Магар бозичаи дигар набудат,
Ки дил баҳри шикастан мегирифтӣ?!

**ДОҒ КАРДӢ**

Нигоҳе гар ба сӯйи зоғ кардӣ,
Варо булбулнавои роғ кардӣ.
Якеро, то насиби боғ кардӣ,
Ҳазоронро ғарибу доғ кардӣ.

**ХИЁБОНИ ГУЛ**

Ту аз ҷинси гулӣ ё мурғи бомӣ,
Кабӯтарзоди ваҳшӣ ё ки ромӣ.
Хиёбони гулоғӯшӣ, ки бо ноз
Хиёбон дар хиёбон мехиромӣ.

**ҶОМИ УМРУ ҶОМИ ЛАБ**

Шабам бе моҳи рӯят ҳеҷ шаб не
Ва рӯзам бе рухат рӯзи тараб не.
Зи буду боши худ дигар чӣ гӯям,
Ки ҷоми умр пур шуд, ҷоми лаб не.

**НАЙИСТОН**

Фарои ин найистон мекунам тай,
Навои ошноӣ дорад ин най?!
Агар-тон найнаво ноошно аст,
Найистонро буриданҳост аст то кай?!

**СУБУТ**

Садое дар сукути ман ту бошӣ,
Самое дар сукути ман ту бошӣ.
Дар ин дунё, ки кӯҳ ҳам бесубот аст,
Саное бар субути ман ту бошӣ.

## СОФИГАРИИ ИШҚ

Ба чашми ишқ ҳар ноёб бинӣ,
Гули рухсор дар маҳтоб бинӣ.
Чӣ аз софигарии ишқ гӯям,
Агар моҳӣ шавӣ, дар об бинӣ.

## САРМОИ ДУРӢ

Танат абрешимӣ, ҷонат булӯрӣ,
Маро бо ин ҳама буда сабурӣ.
Дил аз гармои оғӯшат, ки шуд об,
Кунун ях бандад аз сармои дурӣ.

## ЗАРРИНАМӮ

Ба гӯш ояд зи ҳар сӯе салое,
Ки ишқ аз рӯйи ту дорад ҷилое.
Чу он зарринамӯ ояд, ба пояш
Бирезад шохаҳо барги тилоӣ.

## САБЗИ АБАД

Бибор, эй абри шодоби баҳорӣ,
Ки марзи синаҳоро сабз дорӣ.
Яқин медон, вале к-аз ишқи он ёр
Манам сабзи абад, борӣ - наборӣ.

## МАҲВОРА

Яке буд моҳу маҳро пора кардӣ,
Ба рух маҳтобро бечора кардӣ.
Чу худ, эй ёри ҷон, маҳпора будӣ,
Диламро гирди худ маҳвора кардӣ.

## МАҲТОБУ ШАБТОБ

Чу бошад дар шаробу об фарқе,
Кунад бедору фарди хоб фарқе.
Агарчи ҳар ду ҳам дар шаб дурахшад,
Кунад маҳтоб аз шабтоб фарқе.

## ҲАРФИ ИШҚ

Дар ин дам, ки мусоид гашт пайте,
Ба номи ту кушодам боз сайте.
Ба сад дафтар нагунҷад ҳарфи ишқат,
Чӣ сон гунҷонамаш дар як-ду байте?!

## ХАРСАВОРУ ШАҲСАВОР

Агар азми шикори шер дорӣ,
Макун майле ба заргӯшакшикорӣ.
Агарчи хар ҳам аз ҷинси саворист,
Нагардад харсаворе шаҳсаворе.

## МАРДИ ДОР

На Ҳаллоҷӣ, ки марди дор бошӣ,
Сари сад дор бо ӯ ёр бошӣ.
Дар ин маҳфил, ки ҷумла марди доранд,
На марди дорӣ ар, мурдор бошӣ.

## МЕҲРУБОНӢ

Маро болотар аз гармии ҷонӣ,

Макун сардӣ, на пайдову ниҳонӣ.
Чу бошад меҳрубонӣ хоси хуршед,
Зи меҳр ояд ҳамеша меҳрубонӣ.

**АСПТОЗӢ**

Бибояд рафтанат, хоҳӣ - нахоҳӣ,
Ба роҳе, ки туро карданд роҳӣ.
На ҷойи асптозӣ бошадат кӯҳ,
Ки хоҳад паҳндашту пойгоҳе.

**ШӮХӢ БА ШӮХӢ**

Чу ҳарфам мебурад шӯхӣ ба шӯхӣ,
Таассуф мехӯрад шӯхӣ ба шӯхӣ.
Худоё, ҷидди ӯ бо ман чӣ созад,
Агар дил мебарад шӯхӣ ба шӯхӣ.

**ҲАЙФИ ҶАВОНӢ**

Куҷо ишқи туро тобу тавоне,
Манам поин, ту болорӯ равонӣ.
Чунон дерам ба хони хеш хондӣ,
Ки акнун мехӯрам ҳайфи ҷавонӣ.

**БЕНИЁЗӢ**

Марав, эй дилбарак, бозӣ ба бозӣ,
Ки як навбоваи нозӣ ба нозӣ.
Чу бо мо нестат асло ниёзе,
Ба мо ҳам ёд деҳ он бениёзӣ.

**ЁРИ ХИЛВАТ**

Лабе аз барги гул танҳо ту дорӣ,
Гулобе раҳ ба раҳ танҳо ту борӣ.

Ба ҷамъият бувад сад ёрам, аммо
Ба хилватҳои ман танҳо ту ёрӣ.

**НОЗОФАРИН**

Чӣ ширинчеҳраву нозукниҳолӣ,
Мисолат чун занам, ки бемисолӣ.
Вале бо ин сабукхезии нозат,
Маро мушкилтарин аз ҳар муҳолӣ.

**САЛОМИ ИНФИРОДӢ**

Насиме пар кушояд, бомдодӣ,
Ба боли хеш дорад пайки шодӣ.
Зи ту гӯяд саломе баҳри ушшоқ,
Ба ман гӯяд саломи инфиродӣ.

**ДАРСИ ВАФОДОРӢ**

Навиштам номаҳо, боре нахондӣ,
На бо зӯрӣ, на бо зорӣ нахондӣ.
Ҳазорон дарс хондӣ аз муҳаббат,
Фақат дарси вафодорӣ нахондӣ.

**ТАМОМАТ**

Май орад гарчи бар шӯру қиёме,
Пазад кай лек дар як фасл хоме.
На кори ман бувад нав кардан оғоз,
Тамомат медиҳам бар нотамоме.

**ТУ ДОНӢ**

Ватанро собиқу ҳозир ту донӣ,
Суханро ботину зоҳир ту донӣ.
Ту, ки рамзошно, дардошноӣ,

Аламҳои дили шоир ту донӣ.

## ДАНДОНХИЛОЛ

Чӣ даркор аст девони Ҳилолӣ,
Туро беҳтар бувад дандонхилоле.
Агарчи аз бурун равшанхаёлӣ,
Валекин аз дарунӣ пучу холӣ.

## КОРГАРДОН

Туро дидам, заифу хастаҳолӣ,
Ки дунёят шуда чун саҳна холӣ.
Замон худ коргардони ҳаёт аст,
Бигардонад туро нолӣ, нанолӣ.

## САНГ ДАР БАҒАЛ

Аҷаб чашму дили танге, ки дорӣ,
Ба ду ҷайбу бағал санге, ки дорӣ,
Ту боз аз одамият ҳарф гӯйӣ,
Намебинӣ магар ранге, ки дорӣ?!

## МӮДИ КОКУЛ

Зи баски қомати раъно ту дорӣ,
Куҷо аз мӯдҳо парво ту дорӣ.
Агарчи кокули ту ғайри мӯд аст,
Намуди мӯдии зебо ту дорӣ.

## ДОДӢ

Забонамро ту ҳарфи рост додӣ,
Ҳақиқатро, ки нопайдост, додӣ.
Талаб гарчи зи ту чизе накардам,

Вале дил ҳар чие мехост, додӣ.

## НОЗИ ХАЁЛ

Насими тоза аз боғи ҷамолӣ
Ва ё рӯъёи шохи навниҳолӣ?
Куҷо ҷоят диҳам ҷуз орзуям,
Ки ту нозуктар аз нози хаёлӣ.

## ХАДАНГИ ХАС

Дар ин дунёи аздоду дурангӣ,
Ба ҷуз ҷанги адолат нест ҷанге.
Худоят гар диҳад, он рӯзи пайкор
Хасат ҳам мешавад дар каф хаданге.

## УФҚИ БЕНИҲОЯТҲО

Биоройӣ ҷаҳонеро ба хубӣ,
Нагунҷӣ дар шимолу дар ҷанубе.
Ниҳоят нестат бас ҳамчу хуршед,
Ба уфқи бениҳоятҳо ғурубӣ.

## КАЙҲОНИ ХУРД

Чу худ бар ихтиёри дил супурдӣ,
Ҷаҳонеро шабеҳи худ шумурдӣ.
Чӣ боке, з-он агар чизе набурдӣ,
Ҳаминат бас, ки худ кайҳони хурдӣ.

## ТО НАСӮЗӢ…

Чаро байте нагуфтам чанд рӯзе,
Накардам дар дили шаб худфурӯзӣ.
Туро дидам, аёнам шуд, ки сатре
Нагӯям, то ки дар ишқам насӯзӣ.

## КАШФИ ДИЛ

Агарчи роҳате як дам накардӣ,
Ба ганҷат зррае ҳам зам накардӣ.
Ба ман аз кашфи оламҳо чӣ гӯйӣ,
Агар кашфи дили одам накардӣ.

## АГАР ХУДРО НАЁБӢ…

Ту раҳпӯйи гуноҳӣ ё савобӣ,
Ту маҷмӯи саволӣ ё ҷавобӣ,
Агар ину в-агар онӣ, бигӯям,
Наёбӣ ҳеҷ, агар худро наёбӣ.

## НАРАНҶЕМ

Ба мо, эй дил, чӣ хидматҳо, ки кардӣ,
Зафар оварда ту дар ҳар набарде.
Кунун ранҷ оварию мо наранҷем,
Ки аз ранҷур ранҷиш нест мардӣ.

## МАРДИ ЗИНДАГӢ

Ту будӣ мард дар майдони мардӣ,
Ту будӣ гулхане бар рағми сардӣ.
Дар оғӯшат шукуфо зиндагӣ буд,
Ту рафтӣ, зиндагиро бева кардӣ.

## ТАВАЛЛУДЕ ДИГАР

Тавонӣ умр агар аз сар бигирӣ,
Ба як мурдан дигар асло намирӣ.
Ба шарти он ки дил тифлона дорӣ,
Зи нав кӯдак шавӣ ҳангоми пирӣ.

## ЗАРРИНСАМАНДИ ЁЛАФШОН

Ба Наврӯзам расидӣ -- хуш навиде,
Ки дар дил парварам аз бахт умеде.
Ту, эй зарринсаманди ёлафшон,
Чӣ бо ман кардаӣ дар сарсафедӣ?!

## ШЕЪРИ ВАСЛ

Маро беҳтар зи ман танҳо ту донӣ,
Дилӣ дар синаи ман ё ки ҷонӣ?!
Кӣ медонад, чӣ орад васлати мо,
Вале ман гӯямат шеъру ту хонӣ.

## НОЗУ НИЁЗ

Аҷаб хомӯшии дуру дарозе,
Ба мо кун ноз, дорӣ ҳар чӣ нозе,
Ки мо побӯси даргоҳи баландат,
Надорем аз ту ҷуз нозе, ниёзе.

## АТСА

Зи баски хоҳари хушрӯи вардӣ,
Мизоҷатро набошад тоби сардӣ.
Ту сармо хӯрда, бо як атса моро
Ҳазорон бор куштӣ, зинда кардӣ.

## БА ХОНУМЕ РАВОНШИНОС

Ба қурбони ҳамон илме, ки донӣ,
Ту ҳалли ҳар муаммо метавонӣ.
Вале моро, магар харгӯш дидӣ,
Ки месанҷӣ ба он илми равонӣ?!

## ДИЛХОҲ

Агар ҳам дӯстам дорӣ, надорӣ,
Ба ҳар ду оламам ёрӣ, на ёрӣ,
Ба пойи гул нишастан, хор гаштан,
Маро дилхоҳтар з-ин чист коре?!

## ЗЕБОТАРИН

Ту дар илму амал донотаринӣ,
Ту бемислу масал яктотаринӣ.
Агар хубон ҳама зебои ваҳтанд,
Ту то рӯзи абад зеботаринӣ.

## ҲАРФАТ КУНАД ПИР

Ҷаҳон бозори ҳарф асту абасгӯй,
Ҷавонӣ хоҳӣ аз пурҳарф амон ҷӯй.
Агар ҳарфат насозад пир, оё
Сафед аввал шавад ду чаккаи рӯй?!

## ВИҶДОНИ ПОК

Аз ин неку бади олам чӣ боке,
Ки аз одам намонад мушти хоке.
Зи нопокии даврон чун нагӯйӣ,
Агар бошад туро виҷдони поке?!

## БАЙТҲО

Азбаски баландему ба мо паст писанд аст,
Ҳар ҷо, ки нишинем, ҳамон ҷой баланд аст.

* * *

Ин накҳати ашъори ту дар ҳеҷ чаман нест,
Ҷое, ки сухан аз даҳани туст, сухан нест.

*       *       *

Паёми субҳ, алорағми шаб, паёми ман аст,
Ҳар он кӣ шоири фардост, пушти боми ман аст.

*       *       *

На касӣ, гарчи ба сад ноз равӣ,
Хас магар кас бишавад, то ту шавӣ?!

*       *       *

Дар талотумҳои дарёии мо каф нест, каф,
Баҳр гаштанҳои мо парвард гавҳар дар садаф.

*       *       *

Чаро ту беҳуда сӯзӣ ба шоми зулматбор,
Бишав ситораи субҳу навиди рӯз биёр.

*       *       *

Чӣ метавон кунам, охир, агарки дӯст надорӣ,
Ҳазор шукри ғамонат, ки дӯстам медоранд.

*       *       *

Эй булбулак, савте бихон,
Ё дасти кам боле бизан!

*       *       *

Агар дилро тавон кард обгина,
Нагирад ҳеҷ гоҳ он гарди кина.

*       *       *

Ман ба шодиҳои танҳоям чунон шодам,
К-аз ғами ин шодии ҷонсӯз барбодам.

*       *       *

Дар гардани ту зулфи сиё меларзад,
Як ларзаи он ба ду ҷаҳон меарзад.

*       *       *

Чу мо дарёфтем азби шунуфтанро,
Раҳо кардем дигар майли гуфтанро.

*       *       *

Фиреби хоби ғафлат хӯрданат чанд,
Ба по шав, хоби бад бояд пароканд.

*       *       *

Чу хомӯшист маргу  умр –  фарёд,
Ки то мурда нахонандат, бизан дод.

*       *       *

Агар дар ҷисми ту ҷону ҷигар буд,
Туро ин зиндагӣ ранги дигар буд.

*       *       *

Ту хушбахтию беҳадду канорӣ,
Агар бошад насибат дӯстдорӣ.

*       *       *

Эй гадотабъ, туро дар садади шеър чӣ кор,
Шеър шоҳест, нагардад ба гадотабъон ёр.

*       *       *

Замони мо замона не,
замонаи хабаркашӣ,
Ки аз дурӯғу фитнааш
падар кунад писаркушӣ.

*       *       *

Ба ҷойи ошу нон бар мо ҳасад хӯрд,
Нашуд серу ахир аз гушнагӣ мурд.

*       *       *

Дар дилат ҳаст агар ишқи камол,
Бадр гардӣ ба шабе ту зи ҳилол.

*       *       *

Мо, ки дарёро убур кардем,
Ғарқ дар ҷӯе намегардем.

*       *       *

Ҷоме, ки зи лаб нӯшанд, саршори муҳаббатҳост,
Ин ваъдаи ҷонбахшой шӯхист, ки гардад рост?!

*      *      *

Ман агар дар зиндагӣ ҳар вақту ҳар ҷоям,
Дар мақоми шоирии хеш барҷоям.

*      *      *

Зиндагонӣ мешавад ҳар рӯз қимат, чора чист,
Мешавад чизе, ки рӯз аз рӯз арзон, одамист.

*      *      *

Ҳар қадар санг бар саг андозӣ,
Мезанад бештар ба ту аккос.

*      *      *

Умрпаймоӣ  ту ҳамчун қуллапаймоӣ шумар,
Ҳар қадар боло равӣ, он қадр бинӣ бештар.

*      *      *

Зиндагонӣ на фарёд аст,
Зиндагонӣ фари ёд аст.

*      *      *

Дар миёнраҳ зодаанд ин мои ноогоҳро,
Ё ба ин сӯ, ё ба он сӯ рафт бояд роҳро.

РУБОИЁТИ НАВ
(солҳои 2017-2020)

**ГАНҶИ ГАРОН**

Хуршед ба тори сар, замин дар таҳи по,
Куҳ пушти сарат, чу такя бошад барҷо.
Рӯдат ба канор рӯзу шаб масти навост,
Ин ганҷи гарон дигар ба кӣ дода Худо?!

**ХИРАДИ МОР**

Бо чашми каме мабин ту бар хоки Худо,
Чун махзани ҳикмат аст бар шоҳу гадо.
Донӣ, ки чаро мор хирадманд бувад,
Азбас хазад ону зи замин нест ҷудо.

**АНДОЗАИ ИШҚ**

Мо бандаи ишқем, авому урафо,
То ҳар ду ҷаҳонро бувад аз ишқ сафо.
На сӯзу гудоз бошад андозаи ишқ,
Андозаи ишқ аст фақат сидқу вафо.

**МАЪВОИ ХУДО**

Эй он ки худоҷӯй туӣ, дар ҳар ҷо,
Меҷӯйӣ аз ин даҳр Худоро маъво,
Ин ӯст ба ҳар дарахту кӯҳу дарё,
Дар ҳар зар(р)аи хоку ба ҳар наҷми само.

**ДАРКИ ТАЗОД**

Субҳ омаду дарк, дида бардор зи хоб,
Маънии ҷаҳони зидду ворун дарёб.
Гаҳ мавҷ саробе чу сари об занад,
Гаҳ зери кахе ниҳон бувад қулзуми об.

**ҲУСНИ ТАЗОД**

Гаҳ шӯриву талхист на з-аъмоли хароб,
Ин маънӣ аён бубин ту дар қулзуми об.
Ҳарчанд ки оби баҳр натвон нӯшид,
Дар қаър вале парварад гавҳари ноб.

**БОРИ ОЛАМ**

Аз ҳар чӣ сабук ё ки гаронтар сухан аст,
То он ки варо кор ба ҷон асту тан аст.
То зинда манам бори тамоми олам,
Бар рӯйи чаҳор пояи мизи ман аст.

**ГАРАВИ БИҲИШТ**

Оне, ки сиришт асли мо, чун бисиришт,
Омӯхтамон магар чӣ хуб асту чӣ зишт?!
Гар душмани хеш доштӣ ҳамдаму дӯст,
Он рӯз гузоштӣ қадам сӯйи биҳишт.

**ҲИКМАТИ БӮСА**

Дар ҷону дили мо ҳаваси бӯсаи туст,
Моро, ки зи ҳар бурдание бӯса накӯст.
Аммо чӣ тавон гуфт ба ин панди ҳаким:
Чизе, ки пасон бувад, бувад беҳ зи нахуст.

**ПӮКИ КАДУ**

Гар ақл надоданд варо рӯзи нахуст,
Набвад талаби тамиз аз ӯ низ дуруст.
Кай пур бикунад фароравӣ пӯкеро,
Дар шохи баланд ҳам каду пӯку кадуст.

**РИЗОИ ХУДО**

Донӣ, зи башар дар пайи худсӯзӣ кист,
Оне ки накӯ ёфта худсозӣ чист.
Аз хеш ту норозиву розӣ аз халқ,
Хоҳӣ ту ризояти Худо, бояд зист.

**ЗАХМИ ЗАБОН**

Дар  захми забон, қавли хирадмандон аст,
К-он даргузаранда аз дили сандон аст.
Беҳуда набошад, ки забонат ба даҳон,
Дар банди лабу панҷараи дандон аст.

**АЛМОСИ ИХЛОС**

Чун дар раҳи имон ба ҳақам имон аст,
На дигарам андешаи ину он аст.
Дар маҳкамии бовари ман шубҳа хатост,
Алмос алмос аст, агар аз кон аст.

## ГАРАВИ МАВЛУД

Моро талаби зиндагии масъуд аст,
Аз ғусса вале рӯйи замин пурдуд аст.
Бедард наояд ба ҷаҳон махлуқе,
Дард аст, ки моро гарави мавлуд аст.

## ДАРАХТИ КИН

Соли дуҳазор агарчи пушти сари мост,
Моро хуи зишт то ба ҳоло барҷост.
Дар ҳалқаи мо агарчи Исое нест,
Дар соқи дарахти кин салибе пайдост.

## ОЙИНАИ ҚАДНАМО

Сарчашмаи пок н-оварад оби пилишт*,
Дар шохи зақум* кай бувад нӯши биҳишт.
Он ҳарфу амал, ки аз башар меояд,
Ойинаи қаднамост бар аслу сиришт.

*пилишт – чиркин, нопок
*зақум – дарахти захрнок дар дӯзах

## ХАТИ ҒАМ

Ин умр миёни рафтаву ҳозира аст,
Ҳоло, ки гузар кунад, хотира аст.
Шодӣ хати худро ба ҷаҳон рост барад,
Аммо хати ғам гаштаниву доира аст*.

**СУРОҒИ ФАРОҒ**

Моро нафасе фароғ мебояд дошт,
Сайри гулу дашту боғ мебояд дошт.
Ин ҷо ки на дашт ҳасту на боғу чаман,
Пас, ҷойи дигар суроғ мебояд дошт.

**ОСОНИ КАМИН**

Ҳар чӣ зи азал ба қисмати инсон аст,
Мушкил ба якеву ба дигар осон аст.
Душвори ту гар зарраи меҳр аст ба мо,
Саҳли ками ба ту нисори ҷон аст.

**МАЪНИИ УМР**

Дар гулшани бишкуфта ҳазорон бӯяст,
Он гуна ки авлоди башарро хӯяст.
Эй он ки зи умр маъние меҷӯйӣ,
Маъни-ш дар одаме, ки маъниҷӯяст.

**КАЛИДИ ДАРИ ТАЪРИХ**

Дар насли хазандагон сабуктозе нест,
Ҳамболи уқоб урдаку ғозе нест.
Ҳуш дор, калиди дари таърих асло,
Дар дасти ҳароми ҳар маҳалбозе нест.

**ШОДБОШИ ЗОДРӮЗ**

Дар шаст будӣ, шасту якат омадааст
В-он раҳхати  садсолагиат дод ба даст.
Рӯзе, ки ба дил ҷавону садсола шавӣ,
Хоҳем чу имруза ту бошӣ дар шаст!

## ҚАТРА – ДАРЁ

Андеша чу мешавад раҳо аз бунбаст,
Вомераҳад аз муҳити бемояву паст.
Аз қатраи мо гиреҳ маҷӯйӣ ту дигар,
Ҳар қатра ба дарё, ки расад, дарё аст*.

*Бедил гуфта: Дарёст қатрае, ки ба дарё расидааст.

## БОЯДУ ШОЯД

Умре дилу ҷони ман суханҳое суфт,
Як шаб ҳам аз он пас вале ором нахуфт.
Шояд ки нагуфтам, он чӣ мебояд гуфт,
Ё он чӣ бигуфтам, ки намешояд гуфт.

## БАШАРИ НОРОЗӢ

Моҳӣ ба рухи мавҷи равон дар бозист,
Дар шохи чаман рақси ҳазоровозест.
Оҳу ба даман розиву дар беша паланг,
Танҳо башар аз ҳар ду ҷаҳон норозист.

## ПЕШ АЗ ҶАҲИШ

Ҳар дам ба ҳаво, на чун ҳавас бояд рафт,
Гаҳ зер ба худ ҳамчу нафас бояд рафт.
То як ҷаҳиши баланду дуре бикунӣ,
Аввал қадаме чанд ба пас бояд рафт.

## ХАТОИ ДИРӮЗ

Кай оташи хомӯш шарар нав афрӯхт,
Лек он ки бисӯхт, бештар боз андӯхт.
Донӣ, кӣ раҳи рост ба фардо бурда?
Оне ки хатои раҳи дирӯз омӯхт.

## АМАЛИ МО

Фикру амали мост қабулу ради чарх,
Гарчи баду неки мост неку бади чарх.
Морост биҳишт сохтан ё ки ҷаҳим
Дар рӯйи замину дар таҳи гунбади чарх.

**ҲОСИЛИ ҶАБР**

Ором бувад, он ки ба таскин кӯшад,
Тӯфон набувад, баҳр куҷо бихрӯшад.
Аз ҳад гузарад ҷабр ба ҷони махлуқ,
Аз санг шарар хезаду дарё ҷӯшад.

**БУҶУЛИ ЗИНДАГОНӢ**

Ҷамъи бачагон дар бари девори баланд
Шодона ба ҳам гарми буҷулбозиянд.
Кош, ин бачагон пагоҳ худ ҳам буҷулак
Ин гуна ба дасти зиндагонӣ нашаванд.

**ПАНДИ ИШҚ**

То ҳалқаи ишқ бошадат ҷонпайванд,
Ҳар рӯзи Худо медиҳадат садҳо панд.
Бингар, ки ду мусича ба зери борон,
Шаб ҷафс шуда ба ҳамдигар, мехобанд.

**АДЛИ ЗАМИНУ ОСМОН**

Боист ба даҳр ҳамнишини дил буд,
Монанди замину осмон одил буд,
К-он ҳар чӣ бикоштӣ, дучандон додат,
К-он ҳар чӣ бихостӣ, туро омил буд.

**ҲАРФИ ЛАБИ ХОМӮШ**

Ҳар гаҳ ки ба ту моили ҷангу ҷаданд,
Пархошталаб, ситезаҷӯ, бадамаланд,

Гар посухи ту ҳарфи лаби хомӯш аст,
Аз бонги масофи табл сахт асту баланд.

**ДОРИ БАЛАНД**

Эй дори баланд, ҳамсари ёри баланд,
Ҳаргиз назанӣ хам ба таҳи бори баланд.
Ҳаллоҷ чунон фароз бурдат, ки дигар
Кай бо ту расад сари талабгори баланд?!

**БАНДАИ ҚОНУН**

Мехоҳӣ агар саодат афзун бошад,
Ҳоли ватану халқ дигаргун бошад,
Қонун магузор зери дасти ҳоким,
Ҳоким ҳама ҷо бандаи қонун бошад.

**САЙЁРАҲОИ ВАСЛАТ**

Бо туст, ки дар рӯйи заминам пайванд,
Тори сарам афрошта гардуни баланд.
Гар васлати мо меканад, аз тоқи само
Хуршеду маҳу ситораҳо меафтанд.

**ПОДОШ**

Ҳар ҷо ки зане бувад, зино мехоҳед,
Ҳар ҷо ки фане бувад, фано мехоҳед.
Як умр ба мо ҷабру ҷафо карда, чӣ сон,
Подоши ано зи мо сано мехоҳед?!

**СИТОРА**

Он шуълаи хуршед, ки даҳр орояд,
Аз анҷуму моҳтоб кай меояд?
Хоҳӣ, ки туро ситорае бишносанд,
Дар зулмати шаб дамиданат мебояд.

**БОЛИ ЭҲЁ**

Чун зода шудӣ, Худоят иқбол диҳад,
Аз моли ҷаҳон, кош, туро ҳол диҳад.
Қақнуссифат сузӣ агар дар ишқаш,
Хокистарат эҳё кунаду бол диҳад.

**ТАҚДИРИ ЗАРБАТ**

Оне ки амал ба гуфтаи пир кунад,
Аз бир* натарсидаву тадбир кунад.
Фардо нигарӣ, ки зарбати тақдир ӯ,
Мардона пазируфтаву тақдир кунад.

*бир-тӯфон

**ҲАД(Д)**

Рӯзӣ зи азал, бубин, ки чун меояд,
Гоҳет каму гоҳ фузун меояд.
Дӯшидани гав ҳам, ки зи ҳад даргузарад,
Аз сина ба ҷойи шир хун меояд.

**АҶАБАНГЕЗ**

Чун навъи башар ба ҳам дар овез бувад,
Ҳар ҷо, ки билодест, балохез бувад.
Ин аср чӣ асрест, ки аз ҳар чизе,
Инсонии инсон аҷабангез бувад?!

**МО РАҲГУЗАРЕМ**

Пире ба нигоҳи хаста бар раҳ нигарад,

К-ин роҳ ба ҷо монаду умрам гузарад.
Беҳуда нагуфтаанд, мо раҳгузарем,
Мо мегузарем, раҳ ба манзил кӣ барад?!

**КАМУ БИСЁР**

Аз ин сару савдои ҷаҳон дил хун шуд,
Чизе, ки набуд пештар, акнун шуд.
Кам шуд ҳаявони одамисирати даҳр,
Лек одами ҳайвонсифате афзун шуд.

**ОЯТИ ИШҚ**

Ошиқ, ки набошӣ, кӣ ба боғат ояд,
Парвона куҷо сӯйи чароғат ояд.
Як лаҳза фаромӯш кунӣ ояти ишқ,
Иблис фариштасон суроғат ояд.

Ё ДЕР, Ё ЗУД

Аз шоири пешина чунин монд суруд:
Субҳона маро зи кабку гулмоҳӣ буд.
Бар нони ҷаваш шоири мо гуфт имрӯз:
Ё дер ман омадам ба дунё, ё зуд!

**ХОСИ СИРИШТ**

Оне ки мурод дар ҳаво меҷӯяд,
Донад, ки на аз ҳаво сафо мерӯяд.
Ҳар зот муроди хешро хоси сиришт –
Саг бо ҷаку булбул ба наво мегӯяд.

**ГУЛЧИНУ ГУЛ**

Эй ғунча, туро касе, ки лаб мебинад,
Дар погаҳи ту ба ёди гул мешинад.

Эй тозагули шукуфта, донӣ, гулчин
Аввал гули навшукуфтаро мечинад?!

## СУОЛУ ҶАВОБ

Ҳар ҷост саробе, сари обе дорад,
Гумкардаҳисоб ҳам ҳисобе дорад.
Гарчи ба суол аз ту посух хоҳанд,
Ҳар кас ба суоли худ ҷавобе дорад.

## МАН ҲОФИЗАМУ...

Мороcт муаллифе, ки пур медонад,
Ҳатто ки ба қомуси улум мемонад.
Бар лаҳни навиштаҳо-ш агар гӯш диҳем,
Ман ҳофизаму бародарам мехонад.

## ДИДАИ ИДРОК

Ин вавалаю ҳамҳама ҳам даргузарад,
Селобсифат зуд сари худ бихӯрад.
Чун дидаи идрок кушояд мардум,
Бо шеъри равонфизои ман дил супурад.

## ҚИМАТИ РОЗ

Дарёст, ки пайдовари пинҳон дорад,
Дар рӯй кафу ба зер марҷон дорад.
То ҷон надиҳӣ, наёбӣ асрори вуҷуд,
Рози паси марг қимати ҷон дорад.

## ХУШ БОД, АГАР...

Шаҳ тахтаи шоҳмотро озин кард,
То дашт навардад, аспашро зин кард.
Дар саҳни ҳаёт бозии шатранҷ аст,
Хуш бод, агар пиёдаро фарзин кард.

## САРМОЯИ ҲАҚ

Кай бе ту сафо дар нигаҳам меояд,
Шамсам саҳару шом маҳам меояд.
Сармояи ҳақ ба каф наояд осон,
Бо ранҷи сару моя ба ҳам меояд.

## ЯК ЗИНА БАЛАНД

Дар дашту даман саманд мебояд буд,
Поят ки бувад, даванд мебояд буд.
То он ки расад ба тоқи гардун дастат,
Як зина зи худ баланд мебояд буд.*

*Як зина зи худ баланд будан ба он маъност, ки чун як зина аз будани худ баландтар шудед, барои он ки аз он баландтар шавед, боз як зинаи дигар бояд боло равед, ҳамин тариқ як зина боло рафтан беохир аст, то ба арши аъло бирасед.

## ПАНДИ ВОИЗ

Лаб банду сухан гуфтани маънӣ омӯз,
То фикрати ту аён шавад ҳамчун рӯз.
Эй воиз, то ҳарфи туро зарф бувад,
Мебур зи дарозиву ба жарфо медӯз.

## САРТОСАР

Гаҳ шеъри хазон гуфтаму гоҳе гули тар,
Гаҳ шеър зи шаб гуфтаму гоҳе зи саҳар.
Имрӯз, ки дидам ҳамаро, гашт яқин,
Аз маргу ҳаёт гуфтаам сартосар.

## ҚАДР

Дар роҳи сафар шуд маҳи нав пурраву бадр,
Ворафт ба тахти осмон – маснади садр.
Дар баҳр, агар ҳам гуҳарӣ, беқадрӣ,

Аз хона бурун о, ки шиносандат қадр.

## РОСТУ КАҶ

Эй мурғи ҳаво, кӣ мешавад ҳамраҳу ёр,
То зинда расӣ ба мазраи кишти баҳор.
Бояд ба фиреб пар зад аз роҳи каҷе,
Гар рост ту меравӣ, шавӣ зуд шикор.

## ҲИКМАТИ ПИРӢ

Эй кош, ки чашме набувад як дам тар,
К-аз қатраи ашк мешавад олам тар.
Ин аст камоли ҳикмати инсонӣ,
Чандон ки шавӣ пир, шавӣ одамтар.

## ЧОПЛУСОН

Аз ҳар ҷинсе сохт Худо модаву нар,
То фарқ бувад миёни авлоди башар.
Мардон, ки зи чоплусӣ ин ҷо шуда зан,
Занҳои чунин, аҷаб, чӣ бошанд дигар?!

## ГИРДБОД

Дигар ба ҷаҳон кушо ту дарбу дари хеш,
То он ки фаро равӣ зи гирду бари хеш.
Мегардӣ агар чу гирдбоде як ҷо,
Печида ба хеш, меҳўрӣ ту сари хеш.

## ИСЛОМ

Ислом ба дил дораму аз шайх на бок,
Хоки раҳам аст пурзиёи афлок.
Гар обиду охунду машоих набуданд,
Сад бори дигар будам мусулмонтару пок.

**ОГАРДИ БУЗУРГ**

Эй кош, Худоят бидиҳад дарди бузург,
То дарди бузургат бикунад марди бузург.
Сангин бувад ар замини кишти рӯзи-т,
Боист дар он биканд огарди бузург.

**НАВИДИ ҚИЁМ**

Дар бистари шабҳо-ст нуҳуфта айём,
Дар ҳар лаби баста ҳам навид асту паём,
Чун дар сари ангур, ки хомӯшу хам аст,
Дар донаи он валек шӯр асту қиём.

**ДУРУ НАЗДИК**

Эй оташи ишқ, сӯзиш омӯзиям,
Монанди ту кай шавад худафрӯзиям?!
Аз дур аҷаб ба сӯйи худ мехонӣ,
Наздик шавам, тамом месӯзиям.

**СУРАТИ ИХТИЛОФ**

Оне кунад обод, кунад вайрон ҳам,
Дар сурати ихтилофи худ ҳайрон ҳам.
Нутқ аз ҳаявон агарчи инсоне сохт,
Нутқ аст, ки боз созадаш ҳайвон ҳам.

**САНГИ ФАСОН**

Аз хархашаҳо чӣ гуна парҳез кунам,
Шарт аст, ки ман бо ҳама овез кунам?!
Дар панҷаи рӯзгор агар корд туӣ,
Ман санги фасонам, ки туро тез кунам.

**ЭЙ РӮЗА...**

Эй рӯза, чӣ кардӣ ту ба он гулбаданам,
К-аз омаданат ба чашми ӯ хор манам.
З-он лаҳза, ки бастӣ даҳани ғунчагулаш,
Ман ҳам натавонам, ки кушоям даҳанам.

**ПОРАДӮЗӢ**

Мо хеш куҷо бандаи рӯзӣ бикунем,
Бал коста нафс, худфурӯзӣ бикунем.
Гирӣ ту зи кас пораву дил пора кунӣ,
Мо он дили пора порадӯзӣ бикунем.

**ГИРДИ САРИ ХУРШЕД**

Ҳар рӯз, ки ҳомили ҳазор уммедам,
Ман роҳнаварди шаҳраҳи испедам.
Гарчи чу замин ба гирди худ мечархам,
Дар чархиши худ  гирди сари хуршедам.

**ДАР САФАР**

Шаб зода, ба уммеди саҳар мемирем,
Андешаи фирдавс ба сар мемирем.
Гарчи раҳи умр то ниҳо паймоем,
Манзил нарасида, дар сафар мемирем.

**РӮЗАКУШО**

Ояд рамазону ман ба ту шайдоям,
Дар моҳи Худо ишқ бувад мавлоям.
Ман рӯза фақат ба он ният медорам,
К-онро ба асалрези лабат бикшоям.

**СОҲИБКУЛАҲИ ВАҲДАТ**

Ин ваҳдати халқ аст, ки мо хушбахтем,
Дар ваҳдати хештан аз оҳан сахтем.
Фахрем, ки имрӯз ба соҳибватанӣ,
Соҳибкулаҳи замону соҳибтахтем.

## АЛЛОМАИ  НОХОНДАКИТОБ

Мо бар ҳамаи дарахти дониш бехем,
Ё илми ҳама давру замонро мехем.
Ҳайрон машавед, з-он ки нохонда китоб,
Алломаи фиқҳу адабу таърихем.

## ПАНДИ ҲАЁТ

Дар ҳар нафаси ҳаёт пандест чунин,
К-андӯҳи замон махӯр, марав зору ҳазин.
Барге, ки зи шоха меканад, то охир
Рақсидаву чархида биафтад ба замин.

## ҒАМИ ЗЕБО МУРДАН

Моем пайи ҳаёти зебо бурдан,
Аммо дигарерост насиб афсурдан.
Ин зиндагӣ он гоҳ шавад инсонӣ,
Гар ҳаст башарро ғами зебо мурдан.

## МАСТУ ҲУШЁР

Тирожа* бубину ҷилваи борон бин,
Ҳам хасм бубину ёвару ёрон бин.
То аслу сиришти мардумон бишносӣ,
Худ маст бигиру кори ҳушёрон бин.

*тиру камон, қавси қузаҳ

## ХОНАИ ДУНЁ

Бар чӯл бар обеву чаман эҳё кун,
Сарбанд шикаста, рӯдро дарё кун.
Гирду бари хешро ту девор мазан,
Девор фитону хонаро дунё кун.

**ЧИРО ҶӮЯМ?**
Бо даҳри ҳазоррӯ, ки якрӯям ман,
Дорам суханеву рӯ ба рӯ гӯям ман.
Гумкардахудоён, ки Худо меҷӯянд,
Бо ман, ки бувад Худо, чиро ҷӯям ман?

**ИЛМУ ҲАЁТ**

Шайхо, ки ҳаме ба илму фан дорӣ кин,
Бе илм туро куҷост расму оин.
Гар ҳандасаро Нӯҳ намедонистӣ*,
Ҳоло на ҳаёт, не ту будиву на дин.

*Агар Ҳазрати Нӯҳ илми ҳандасаро намедонист, сохтани киштие ба он бузургӣ, ки дарозиаш 133,5м., бараш 22,25м. ва баландиаш 13,25м. буда, он қадар махлуқро бо худ бурда тавонад, ҳаргиз имкон надошт.

**БИНГАР ТАҲИ ПО**

Онон ки маро гуфта пагоҳу бегоҳ,
Боло нигару фақат суи пеш, ба роҳ!
Як бор, ақал, кош, ба ман мегуфтед,
Бингар таҳи по, ки наафтӣ бар чоҳ.

**ДАВИ ПОЙГАҲӢ**

Дар бед чӣ нисбатест бо сарви саҳӣ,
Фарқ аст миёни каҳрабоиву каҳӣ.
Поят агар аз камар бувад ғафсу дурушт,
Ҳаргиз накунӣ ҳавас дави пойгаҳӣ.

## СУХАНИ ПУЧ

Ҳарчанд ба даҳр аст бадеву нағзе,
Булбул набувад вале ҳарими чағзе*.
Мардум сухани пуч агар дорад дӯст,
Фардо нигарӣ, намонда соҳибмағзе.

*ғук, қурбоқа

## ҶАҲЛИ ҚАБЕҲ

Эй халқ, ки бар илми башар оғозӣ,
Имрӯз куҷо шуд он баландовозӣ?!
Ҳайфо ки ба асри бисту як ҳоло ту,
Бо ҷаҳли қабеҳи асри даҳ менозӣ.

## АЙБИ МУҚАРРАБОН

Ҳар қадр ки наздик ба назди шоҳӣ,
Он қадр ту наздик ба қаъри чоҳӣ.
Сад айби муқаррабон ба ту мечаспад,
Ҳарчанд ки беайбу муназзаҳ, моҳӣ.

## ДАР РОҲИ ХУДО

Моро ки ба тан ҷон буваду имконе,
Ҷон додаву ҷӯем раҳи имоне.
Дар роҳи Худо гузар кунем аз масҷид,
Он ҷо ки Худо наёфт ҳеҷ инсоне.

## ОЙИНАВУ ВОРУНБИНӢ

Ҳар гаҳ ба шинохти ҷаҳон биншинӣ,
Фаҳмаш ту мабодо ки сабук бигзинӣ.
Дар ойина хоҳӣ ҳама осон бинӣ,

Бинӣ осон, валек ворун бинӣ.

**ШИНОХТИ ДАҲР**

Ин олами бегона чӣ сон бишносӣ,
Дурру гуҳар аз хору хасон бишносӣ?!
Гӯям ба яқин, ки даҳри нашнохтаро,
Бишносӣ, агар неки касон бишносӣ.

**ТАЗОДИ ГАВҲАР**

Хобат набарад гаҳ ба мулоим рахте,
Гаҳ  бахтакат* оварад навиди бахте.
Дар гавҳари ҳар чиз тазоде хуфта-ст,
Рӯяд зи замини нарм бурси сахте.

* кобус,пахш кардани сиёҳӣ дар хоб

**ТОЛЕЪИ ПАСТ**

Эй Бор Худо, амр ба ҳастам додӣ,
Гӯё ки ҳамон рӯз шикастам додӣ.
Бо ин ҳама кӯҳҳои то арш баланд
Охир, ту чаро толеи пастам додӣ?!

**ФУРӮҲАРБУНЁД**

Оне ки шинохт маънии инсонӣ,
Душвор ҳар он чӣ буд, шудаш осоне.
Чун буд зи авлоди фурӯҳарбунёд,
Кай сохт ба даъвии фароинсонӣ?!

**ЯК ТАНУ ДАҲ ТАН**

Аз марги баногаҳ, ки сухан меронӣ,
Худ мояи умр аст дами инсонӣ.

Эй банда, ту аз Худо чӣ мехоҳӣ боз,
Як тан ки ба даҳр омада, даҳ тан монӣ.

## ҲАВАСИ ОЗОДӢ

Ин ҷо ҳама мотам асту чун шод зиӣ,
Дар мулки харобазор обод зиӣ?
Дорам ҳаваси озодият, аммо
Бо халқи ғулом чун ту озод зиӣ?!

## ХУДСОЗӢ

Боз аст, чу аз тухм бaрояд бозе,
Ё асп, чу зода гашт, бошад тозӣ.
Ҳарчанд инсон ҳам инсон зода шавад,
Инсон нашавад аммо, бе худсозӣ.

## АФРӮХТА БОШ

Бо фар, ки расидӣ, на фаромӯш шавӣ,
Оғушта ба меҳр, меҳроғӯш шавӣ.
Чун шуъла задӣ, ҳамора афрӯхта бош,
Ту шамъ найӣ, ки субҳ хомӯш шавӣ.

## ДУБАЙТИҲОИ НАВ
**(солҳои 2017-2020)**

## РОЗИ ҶОВИДОНҲО

Чӣ хоҳӣ, аз замину осмонҳо,
Ки дорандат абадноми замонҳо?!
Бале, ҷовид шудан сода-ст, танҳо
Бикун коре, ки карда ҷовидонҳо.

## РАФТОРИ ХУРШЕД

Чӣ асрорест пайдову ниҳонро,
Ҳама ноогаҳону огаҳонро.
Чӣ ҳикмат дорад ин рафтори хуршед,
Ки як ҷо истаду гардад ҷаҳонро?!

## ФАРМОНБАРӢ

Сарат бояд, ки шойӣ сарвариро,
Вагарна мубтадоӣ бесариро.
Ту ки фармондиҳии халқ хоҳӣ,
Нахуст омӯз худ фармонбариро.

## КАЛИДИ ҲАҚ

Ба садҳо роҳ ҷустам роҳи ҳақро,
Ки ёбам як нафар огоҳи ҳақро.
Бигуфтам осмон:– Беҳуда ҷӯйӣ,
Калиде дар замин даргоҳи ҳақро.

## ЗУЛМАТУ РАВШАНӢ

“Ман”-ат бишносу гум кун ман-маниро,
Ки кас бар худ нахоҳад душманиро.
Чаро, донӣ, ки зулмат офариданд,
Ки некӯтар шиносӣ равшаниро.

## ЧАҲОР ФАСЛИ ШУКУФТАН

Туӣ хуррам, чу хоҳӣ хуррамиро,

Туӣ беғам, чу хоҳӣ беғамиро.
Табиатрост агар фасле шукуфтан,
Шукуфтан чор фасл аст одамиро.

**ДАРИ ДИЛ**

Ба ҳар ҷойе бувад гар манзили мо,
Бишуд деворбандӣ мушкили мо.
Агарчи хонаро девор бастем,
Вале боз аст дарҳои дили мо.

**ХЕШТАНШИНОСӢ**

Раҳо бинмой, ёро, мову манро,
Ки қурбонат кунам ин ҷону танро.
Маро аз дӯсти-т ин аст манзур,
Ки дар ту беҳ шиносам хештанро.

**ШУКРИ ЁР**

Раҳо кун аз сари худ мову манро,
Макун қурбони ғам ин ҷону танро.
Агар як ёри нав пайдо кунӣ ту,
Ҳазорон шукр гӯ ёри куҳанро.

**ТАКЯ**

Хаёлат пар занад дар осмонҳо,
Агар бошад заминат дар таҳи по.
Уқоберо агарчи шоҳболест,
Куҷо бе такяи по паррад аз ҷо?!

**МУШКИЛ**

Чӣ сон гирам раҳи рӯди равонро,
Чӣ сон дорам пари асби давонро?

Худоё, раҳмате овар, чӣ созам,
Ба ҷисми пир ин ҷони ҷавонро?!

**ФИШАНГИ АРХИМЕД**

Кунад дониш тавоно одаминро,
Диҳад пирӯзиву қудрат каминро.
Фишанги Архимед ар сохтастӣ*,
Ба як ангушт бардорӣ Заминро.

*Архимед, донишманди Юнони қадим, аз рӯйи назарияи фишанг асбобе сохт, ки ба воситаи он киштии бузургеро дар рӯйи ғӯла як худаш ҳаракат дода, аз ҷое ба ҷое бурд. Ба ҳамватанони ҳайратзада гуфт: –Агар нуқтаи такя медоштам, Заминро чаппа мекардам.

**ГУНАИ ҲАҚ**

Надорад марди ҳақ ҳоҷат саноро,
Ки Ҳақ худ гунае ояд Худоро.
Чу набвад лутфамон таваққуъ,
Муҳаббат кун, ба мо бигзор моро!

**БАРАБАС**

Зимистон ҳам ба худ ларзад зи сармо,
Диҳад гармӣ ба тан айёми гармо.
Чу хурмо хоҳию беде нишонӣ,
Чӣ меҷӯйӣ зи шохи бед хурмо?!

**ШАРТИ ТАВОНОӢ**

Ба зӯри худ гирифтӣ ту ҷаҳонро,
Музаффар ҳам шудӣ сад ину онро.
Вале он гаҳ тавоноят бихонам,
Тавон бахшӣ агар як нотавонро.

**ГУЛТӮРИ ИШҚ**

Ба рӯйи зонуяш нақши фиребо

Бибофад духтарак – гултӯри зебо.
Вале бе тӯр ҳам фардо шаҳе чанд
Шаванд ӯро шикори ношикебо.

## МАҲТОБ ДАР ОҒӮШ

Бубин шабро ту дар оинаи об,
Ки механдад дар он бонуи маҳтоб.
Миёни мавҷҳояш гирӣ оғӯш,
Агар худро кунӣ бар рӯд партоб.

## БАҲРИ ДИЛИ ОБ

Туӣ гулмоҳии дарёи Варзоб,
Вале нозукпару зебову камёб.
Чу ҳар рӯде бихушкад дар биёбон,
Биё моро ту дар баҳри дили об.

## ДУОИ СОЛИ НАВ

Ба соли нав дуо мегӯям имшаб,
Ту ҳам омин бигӯ, ёри шакарлаб.
Маро бо ту, туро бо ман расонад,
Ки гирам ҷоми лабҳои ту бар лаб.

## АНДАРЁБ

Ба ҳар мурғе, ки фарре нест, фар ёб*,
Зи рези зарраҳои рег зар ёб.
Ҳама дар қатрае хуршед диданд,
Ту акнун қатра дар хуршед дарёб.

*Ишора ба фарри эзадии Ҷамшед,
ки чун аз ӯ ҷудо шуд, қисме
бо ҳайъати шоҳин даррафт.

## РОЗИ ИШҚ

Агар дил додай, дилдор дарёб,
Макун андешаи ашхоси гапкоб.
Намонад рози ишқ асло ниҳонӣ,
Ки ғирчас мезанад ҳатто кати хоб

## ХАВФИ ИСРОР

Маноз аз толеъу бахти баландат,
Ки ноҳаққӣ наёрад дар камандат.
Макун исрор дар ҳарфи ҳақи хеш,
Ки дар дори баландаш мекашандат.

## ХАТОИ ДАРЁФТ

Ҷаҳони эзадӣ, к-он манзили мост,
Дурусту рост чун обу гили мост.
Хато дар офариниш заррае нест,
Хато дарёфти нокомили мост.

## ДУРӮҒИ ШОХДОР

Дар ин даврон, ки садҳо гиру дор аст,
Пайи як ҳарфи пуче корзор аст.
Ҳақиқат гар шавад ҷорӣ ба шамшер,
Худоё, он дурӯғи шохдор аст.

## ИМТИЁЗИ ХОМӮШӢ

Сухан аз рӯзи хилқат ёдгор аст,
Ки онро офариниш ихтиёр аст.
Вале з-он рӯз, к-инсон ҳарф омӯхт,
Хамӯшӣ имтиёзи Кирдгор аст.

## МЕЪЁР

Касе дар арсае ояд забардаст,
Мабодо дар дигар афтодаву паст.

Хатои хурд ояд аз бузурге,
Ба меъёри бузургияш бузург аст.

## ГӮШИ ХУДО

Намозатро магар ҷойе ҷудояст,
Бихон ҳар ҷо, туро гар  муддаояст,
Ки дар ҳар шохаву ҳар баргу ҳар гул,
Дуо, то бишнавад, гӯши Худояст.

## УМР

Саре боло бувад, бар гардан аз туст,
Ки онро бо хирад парвардан аз туст.
Худоят медиҳад як умр, аммо
Варо сад умри дигар кардан аз туст.

## РОҲИ ОСМОН

Мурод ин ҷову мо гӯем, он ҷост,
Вале он ҳамчу нопайдои пайдост.
Ду чашмат бар само роҳе, чӣ ҷӯйӣ,
Ки роҳи осмонат дар таҳи пост.

## ҶОМУ САНГ

Агар ҷоми булӯринат ба даст аст,
Ба санге гар занад, айни шикаст аст.
Ва санге ҳам занад бар он баногоҳ,
Бубинӣ, боз ҳам ҷомат шикастаст.

## РОҲ

Кучоят эҳтиёҷи озмун аст,
Ки роҳи дину дунё гунагун аст.
Агар роҳи замин бошад аракрез,
Раҳи гардун ҳама саршори хун аст.

**РАҲИ БОЛО**

Чу ҳар роҳи баландӣ аз нишеб аст,
Раҳи болоравӣ каҷҷу килеб аст.
Ҳаёти одамӣ ҳам бо ҷамоат
Набошад росту пур аз фиреб аст.

**НА ҲАР...**

На ҳар мурғе, ки хонад, андалеб аст,
Ки фарқи зоғу булбул беҳисеб аст.
Агар обат намеояд зи Замзам,
Бихонӣ сад фаробаш* ҳам, фиреб аст.

*фароб – обе ки фар дорад, сохтаи муаллиф

**БАЙНИ ЗАМИНУ ОСМОН**

Кас оё ошиқи чархи барин нест,
Магар сайри фалак, армонат ин нест?
Гарат доданд шаҳболи фалаксайр,
Дигар ҷое бароят дар замин нест.

**РӮСИЁҲУ ДИЛСИЁҲ**

Чӣ гуна бошадат дил, рӯ гувоҳ аст,
Чӣ гуна бошадат рӯ, дил паноҳ аст.
Вале он ҷо, ки истиқрори адл аст,
Баробар рӯсиёҳу дилсиёҳ аст.

**ЧАШМИ БАШАР**

Замин, умри башар бо туст пайваст,
Диҳӣ ӯро ҳар он чизе туро ҳаст, –
Либосу хӯрданиву маскани зист,
Вале ду чашми ӯ бар осмон аст.

## ХИРАДМАНД

Ба ду рӯ одамӣ, афсӯс, садрӯст,
Гар инсонӣ надорад дар рагу пӯст.
Хирадманд аз ҷаҳон чизе нахоҳад,
Ки ҳар чӣ дар башар некӯст, аз ӯст.

## НИШОНИ МАН

Маро бо вақт овези дигар нест,
К-аз ин овез ҷуз боде самар нест.
Агар ман нестам дар дафтари вақт,
Варо ҳам бе нишони ман асар нест.

## ГУЗАШТИ БАРҚВОР

Ба даҳр аз вақт чизе тезпар нест,
Нарафта шаб, ки мебинӣ, саҳар нест.
Гузашти вақт агарчи барқвор аст,
Вале бо ин ҳам аз ман тезтар нест.

## ҚИСМАТИ ДОҲӢ

Аё тифле, ки бахти ту таманност,
Нубӯғи беназире дар ту пайдост.
Валеят қисмати доҳӣ нахоҳам,
Ки доҳӣ байни мардум хору танҳост.

## ДОСТОНИ БИҲИШТ

Бигуфтанд ояҳо аз ину онат,
    Кунам ман мухтасар ин достонат,
    Ки аз баҳри биҳиште, к-онҷаҳонист,
    Макун ҳаргиз ту дӯзах ин ҷаҳонат.

## ДУРӮЙӢ...

Чу инсон ҳомили сад норасоист,
Талошаш ҳар нафас гӯё расоист.
Вале дидам ба ҷамъият, ки ҳар ҷо
Дурӯйӣ ҳамнишини порсоист.

## ШАРТИ РАФОҚАТ

Рафиқам хондиву гардам шафиқат,
Агар ҷуз ростӣ набвад тариқат.
Гурезӣ, ҳар куҷо бинӣ дурӯғе,
Ба сар ойӣ, агар бинӣ ҳақиқат.

## ХОКСОРИИ ДУРӮҒИН

Чароят ин риёву зиштхӯийист,
Ки як мебиниву феълат дугӯийист.
Туро ин хоксории дурӯғин,
Чӣ пӯшоки фиребо аз дурӯийист.

## ИШҚ БАР ИШҚ

Агар зан пеши марде нописанд аст,
Ба зан ӯ даҳ карат худ гунду ганда-ст.
В-агар бо ҷон азизу дӯст дорад,
Варо сад бор беш ӯ орзуманд аст.

## НАҚДИ ШЕЪР

Ҳамедонам яке, бад шоире нест,
Вале лайкаш ба шеъре, ки на шеърест.
Варо гӯям, ки ту, эй одами хуб,
Бидон, дар нақди шеър "одамгарӣ" нест.

## ЗАМИНКОРИ ҚАҲРАМОН

Заминкории деҳқон ному нанг аст,

Вагарна ҳоли халқи даҳр танг аст.
Аҷаб дорад вале ин кори мардум,
Ки номи қаҳрамон дар марзи ҷанг аст.

**АСОИ САБР**

Намедонам, чӣ меояд писандат,
Вале орам ба ёд ин гуна пандат,
Ки гоҳе ҳам асои сабр орад
Ба манзил пештар з-аспи самандат.

**ТАШНАЛАБҲО**

Аё моҳии дарёи муҳаббат,
Макуш моро ба саҳрои муҳаббат.
Дареғат, кош, н-ояд аз лабат об
Ба мои ташналабҳои муҳаббат.

**ҶУФТИ ЛАБҲО**

Лабонат ғунча буд, аз бӯса бишкуфт,
Фаро гӯши ман омад, рози дил гуфт:
Агар донистаме сирри шукуфтан,
Лабон кайҳо ба лаб мекардамат ҷуфт.

**ҚУРБОНИ НОМАТ**

Ту, эй сабзинаи шамшодқомат,
Саломат гӯяму бошӣ саломат.
Нагунҷад дар хаёл уммеди комат,
Ҳаминам бас, ман қурбони номат.

**ТАМАННО**

Дар оғӯшат насими дашту саҳрост,

Тароватнокии обу алафҳост.
Ту медонӣ, ки моро дар канорат
Ба рӯз овардани як шаб таманност.

**АВВАЛУ АНҶОМ**

Ба олам чор фасл айёми ишқ аст,
Касе яксар насӯзад, хоми ишқ аст.
Ба номат дафтари дилро кушодам,
Ки номат аввалу анҷоми ишқ аст.

**ЗИНДАГӢ**

Ба ишқаш пойбандӣ бандагӣ нест,
Ба хок афтоданат афкандагӣ нест.
Агарчи умри одам дар замин аст,
Вале бе осмонаш зиндагӣ нест.

**АҶАБ ҲОЛЕ**

Маро бо дил ҳамеша гуфтугӯест,
Агарчи дар барам кайҳост, дил нест.
Ҳамоне ки бад-ин ҳолам биафканд,
Ба ман хандад, ки ин гумгаштаи кист?!

**ДАРЗАНИИ БЕҲУДА**

Мазан фарёд, ки фарёдрас нест,
Яке ҳам гӯши кар дар пешу пас нест.
Ту, ки дар мезанӣ дар ҷустани ҳақ,
Дигар ин дар мазан, дар хона кас нест.

**ДОРИ БАЛАНД**

Надод оё сари Ҳаллоҷ пандат,
Ҷавобе ҳам ба асли чуну чандат.

Сари дор аст агар марги ту ҳам, кош,
Биовезанд дар дори баландат.

## ТУНДАРУ ТАГАРГ

Ҳамеша умр пешопеши марг аст,
Хазон фарҷоми умри сабзи барг аст.
Бад-он монад ҳавои зиндагонӣ,
Ки аввал тундару баъдан тагарг аст.

## ДЕГИ СИЁҲ

Маро бо ту хаёли гуфтугӯ нест,
Ки як рӯи маро ҳаргиз ду рӯ нест.
Агарчи осмон деги сиёҳ аст,
Ба болои сарам аммо фурӯ нест.

## САД ҚИЁМАТ

Чӣ тарсониам аз шӯри қиёмат,
Ки касро нест бар он тобу тоқат,
Ки ёри мо ба мо ҳар рӯз сад бор
Қиёмат карда бо он қадду қомат.

## ГУВОҲИ ИШҚ

Ҷаҳонро беумед оё кӣ дидаст,
Хазонро ҳам зи даври гул умед аст.
Ба гесӯйи сияҳ дил додаму лек
Гувоҳи ишқи ман мӯйи сафед аст.

## АСЛИ ОДАМӢ

Кӣ медонад, ки асли одамӣ кист,

Табори инҷаҳонӣ, онҷаҳонист.
Агарчи дар заминаш зиндагонист,
Парастори Худойи осмонист.

**ПОЯНДА**

Замонро шеваи навбарбариҳост,
Худоро мондаву худбовариҳост.
Агар дигар паямбар ҳам наояд,
Ҷаҳон поядаи пайғамбариҳост.

АНДЕШАПАЙВАНД

Гаронбории нахл аз решаҳо аст
Ва пешии ту аз ҳампешаҳо аст.
Нагардад канда он пайванд аз ҳам,
Агар пайванд дар андешаҳо аст.

**ГУЗАШТ**

Ба ҳар кас дӯстӣ бо дӯст некӯст,
Ки бошӣ чун ду мағзе зери як пӯст.
Гаҳе бояд гузашт аз ҳарфи тунде,
Ки тунд аз ту ба ранҷиш нагзарад дӯст.

**СУДИ АЗОБ**

Бибояд ҷонӣ аз ҷонсӯз бишнохт,
Ҷаҳонсӯз аз чаҳонафрӯз бишнохт.
Азоби зиндагӣ ҳам нест бесуд,
Ки хоҳӣ дӯстро он рӯз бишнохт.

**ҲАҚҚИ ҲАЁТ**

Ту он, к-ӯ на фаро, на паст рафтаст,
На ҳушёр омада, на маст рафтаст.
Аз он дам, ки наомад аз ҳақат хуш,
Туро ҳаққи ҳаёт аз даст рафтаст.

**МЕАНДЕШ**

Туро ёрон сифат гуфта, ки аълост,
Пазирӣ ҳарфи эшон бекаму кост.
Вале бар хеш меандеш, шояд,
Суханҳои адувонат бувад рост.

**ПИСАНД**

Аз ин ҷо то Сурайё роҳ чанд аст,
Ки фикрам дар тайи ин роҳ банд аст.
Агар ҳам боли парвозе наёбам,
Ҳавою азми парвозам писанд аст.

**ДАРАХТИ ЗАБОН**

Дарахте мардуми тоҷикзабон кошт,
Ки онро шоха номи порсӣ дошт.
Дарияш шохи пурбори дигар буд,
Ки он ҳар се ба гардун сар барафрошт.

**ШИРИНБӮСА**

Бибӯсам аз ҷабинат, гуфта, якрост
Баровардӣ ба аршам бе каму кост.
Кунун, ҷонам, бикун лутфу ту камтар
Биё пойин, ки ширинбӯса он ҷост.

**СУРАТУ СИРАТ**

Зи ман аккос садҳо акс бардошт,
Ки дар ҳар дафтару девор бигзошт.
Ман аммо хешро з-онон надидам,
Магар сурат, ки сиратро ниҳон дошт?

**ГАНДУМНАМОИ ҶАВФУРӮШ**

Ҷаҳон бо он қабоил сахткӯш аст,
Ки дар гандумнамоӣ ҷавфурӯш аст.

Пишак дар чашми муше гар паланг аст,
Палангеро вале камтар зи муш аст.

**ИҚЛИМИ ДИЛ**

Замини ошиқӣ сарсабзу нарм аст,
Агарчи ҷой-ҷое дашту ғарм аст.
Ҳавое форам аз иқлими дил нест,
Ки дар ҳар чор фасли сол гарм аст.

**ДАЛЕРӢ**

Хирад бо мушт н-ояд даст бар даст,
Хирад аз зӯри бозу кай шавад маст?!
Далерие, ки дар майдони ақл аст,
Чӣ бартар аз далериҳои ҳарб аст.

**МАҒРУРӢ**

Агарчи мурғи хушпар беҳисоб аст,
Баландовозаи гардун уқоб аст.
Магӯ аз хоксориҳои беҳад,
Ки он мағрурие зери ниқоб аст.

**ДОДИ ХУДО**

Худо гарчи ба мо бисёр дода-ст,
Вале доди Худо дод асту дод аст.
Ҳар он ҷое, ки ин доди Худо нест,
Зи бедодӣ ҳама мардум ба дод аст.

**ҲИММАТ**

Марав аз худ фурӯтар, ки гуноҳ аст,
Бирав аз худ фаротар, к-асли роҳ аст.
Агар ҳам вартишӣ, бар арш ворав,
Ки гӯяндат сано, шоҳини шоҳ аст!

## ОЗОДӢ

Наёбӣ гар ба умри хеш, эй дӯст,
Ки озодии инсонҳо чӣ некӯст.
Агар ояд насибат ҳам пас аз марг,
Варо биниву нашносӣ, ки аз туст.

## НОСОЗГОРӢ

Замони мо аҷаб тағйир хӯрда-ст,
Ки моро бар фиреб аз рост бурда-ст,
Ки ҳар кӣ зиндагидонаст, гӯйӣ,
Чунон бошад, ки ҳаққи халқ хӯрда-ст.

## ШИГИФТ

Худо бар офариниш чун бипардохт,
Ба ҳар қалбе бинои бовар андохт.
Вале ман з-он худодорӣ шигифтам,
Ки ҳар гӯри хареро маъбаде сохт.

## МУМСИК

Гадо гуфто ба мумсик: " – Хайри ҷонат
Бикун, афзун шавад ҳам шаъну шонат".
Чу дид авзои мумсик танг шуд, гуфт:
"– Ман аз ту танга мехоҳам, на ҷонат!"

## НОМУС

Агарчи неку бад доим ҳисоб аст,
Тамизи он вале гоҳе азоб аст.
Дар он ҳоле тавон осудадил зист,
Ки номуси ту чанголи уқоб аст.

## ҲАМШИРА

Агар модар ба ҷон ҷонпарвари туст,
Ҳама меҳри ҷаҳон дар хоҳари туст.

Ба ҳар ҷое туӣ, мардона мебош,
Ки ин ҳамшираат шери нари туст.

## ЧАРОҒИ РАҲНАМО

Пагоҳи умри ӯ файзи дигар дошт,
Ки сархам бар китобе, сар барафрошт.
Чу шаб болои дафтар рӯз мекард,
Чароғи раҳнамо болои сар дошт.

## ТАЛОШИ ОФТОБ

Ба рӯйи субҳдам шоми ҳиҷоб аст,
Ҳиҷоб аз субҳ бардорӣ савоб аст.
Сано бодо ба равшанкори фардо,
Ки шаб ҳам дар талоши офтоб аст.

## НИҲОЯТ

Баландазмӣ насозад то раҳоят,
Сафар бояд ба сӯйи бениҳоят.
Бигир аз бениҳоят тӯшаи роҳ,
Ки бар мақсад расӣ рӯзе ниҳоят.

## САРНАГУН

Мапурс, эй дӯст, ҳоламро, ки чун аст,
Ки вазъи зуфунунҳо ҳам забун аст.
Дигар аз сарнагуниҳо чӣ нолем,
Ки ҳатто осмон ҳам сарнагун аст.

## ҲАМПАҲЛУ

Башарро орзуи бениҳояст,
Яке беорзу танҳо Худояст.
Агар дил меканӣ аз орзуҳо,
Туро он гаҳ ба паҳлуи кӣ ҷояст?!

## БӮЙИ БИҲИШТ

Чӣ нийят буд Худоро аз сириштат,
Ки ҷаннатро биҳишт аз сарнавиштат.
Зи шеър акнун маро манзур ин аст,
Ки боз орам туро бӯйи биҳиштат.

## СУОЛ

Худоё, ҳар гаҳе орам ба ёдат,
Маро андешае гардад зиёдат,
Ки ин дунёи дуну беадолат
Агар ту сохтӣ, чӣ буд муродат?!

## ШАРТИ УЛФАТ

Чиноре бо чиноре дӯстӣ хост,
Валекин буттааш омад ба нохост.
Чинору буттаро улфат нашояд,
Ки улфат ҳамқадонро неку барҷост.

## НАРДБОНИ МАНСАБ

Фаро рафтан ба бом аз нардбонест
Агар мушкил, фурӯ рафтан гарон нест.
Вале аз нардбони ҷоҳу мансаб
Ба таҳ рафтан азоби сахти ҷонест.

## КОРИ ХАТО

Туро дар сар, ки сад чуну чарояст,
Кадомин кор некӯву равояст.
Туро як панд мегӯям, ки сода-ст,
Ғам овардан фақат кори хатояст.

## ХАЁЛОТИ ЗАИФ

Ба ҷону тан тавозун гар шариф аст,
Вале назди шикамғафсон нахиф аст.

Накӯхоҳӣ агар қудрат надорад,
Ба аҳди мо хаёлоти заиф аст.

## МАЙИ ЛАБҲО

Агар сардӣ ба ман, ҷонам бисӯзад,
Вале сӯйи дигар кай дида дӯзад?!
Майи гулгуни лабҳоят чӣ дорад,
Ки ақлам дуздаду ҷонам фурӯзад?!

## ШУКУФОЙӢ

Даҳони ғунчаҳо атре надорад,
Хазон чун мешавад, накҳат наорад.
Шукуфоийи гул аз даст магзор,
Газиданҳои дастат гар нафорад.

## АҲДИ ПАЯМБАРҲО

Чу Исо бепадар омад – Худодод,
Ки авлоди башарро созад имдод.
Магар аҳди паямбарҳост, к-имрӯз
Ҳазорон Марями мо бепадар зод.

## МАСЛИҲАТ

Агар аз киначӯе кина ояд,
Муҳаббатҷӯ муҳаббатҳо физояд.
Агар хоҳӣ ғазабро бо ғазаб кушт,
Дар он сад шери ғуррон тар бизояд.

## ЧАРОҒЕ ДАР РАҲИ БОД

Дар ин даврон, ки нопайдо бувад дод,
Пайи дод аз касе ҳам нест имдод.
Зи беинсоф агар ҷӯйӣ адолат,
Чароғе барфурӯзӣ дар раҳи бод.

## АЗ МОСТ, КИ БАР МОСТ

Агарчи неку бад дурӣ гузинанд,
Вале мазлуму золим ҳамқаринанд.
Худо кай офарида хоҷаеро,
Ғуломон хоҷаро худ офаринанд.

**РАҲМИ БЕРАҲМӢ**

Ҳамоне ки тараҳҳум мепазирад,
Варо дил аз дуруштиҳо бигирад.
Раҳимӣ хуб бошад, лек ҷарроҳ
Агар бераҳм не, бемор мирад.

**ҲАМТАБОРӢ**

Куҷо сору заған бо ҳам нишинад,
Зи шохи бед хурмолу кӣ чинад?!
Ба ойина назар ҳаргиз надӯзам,
Агар он ҳам зи ман худро набинад.

**НОМУМКИН**

Туро дар илму дониш нест монанд,
Ки оламро кунӣ бо донишат банд.
Вале натвонӣ омӯзӣ хирад ҳеч,
Ҳамонеро, ки худ хонад хирадманд.

**БА НОМИ ДИН**

Дар ин дунё, ки инсонҳо ду рӯзанд,
Магар бо нури дин дилро фурӯзанд?!
Сари сӯзан амал бо дин накарда,
Ба номи дин ду оламро бисӯзанд.

**ГУЛИ ЛАБҲО**

Ба эъҷози Худо шаккат наояд,
Ки инсонат бад-ин сон сохт шояд
Ва лабҳои туро ӯ ғунчасон баст,
Ки бикшойӣ, сухан ҳам гул кушояд.

**ҚАДР**

На ҳар чизе баҳову қадр дорад,
Ки онро ранҷу заҳмат қадр орад.
Гар оби шӯреву бадмаззаро ҳам
Ба ранҷ орӣ ба каф, ширин гуворад.

**ҲОМИЛИ ҲАҚ**

Хушо, ҳар зода гар озода гардад,
На ҳар саҷда пайи саҷҷода гардад.
Чунонат ҳомили ҳақ гашт бояд,
Ки худ ҳақ дар вуҷудат зода гардад.

**САВДОГАРӢ**

Ба инсонӣ туро гар бартарӣ буд,
Накӯкорият аз судат барӣ буд.
Агар некӣ ба ёди музд кардӣ,
Худо шоҳид, ки он савдогарӣ буд.

**ЧАРОҒ**

Агар нуре зи мағзи ҷон биҷӯшад,
Ба дидан дидаи дилҳо бикӯшад.
Ба фарде, к-ӯ ба зулмат хӯ гирифтаст,
Чароғ орӣ, ду чашмашро бипӯшад.

**ШОИР**

Агар шоир бигӯяд шеър бо ҷид,
Бихезад бо фиғон ними ҷаҳон зид,
Ки ларзонад ба дасте шоҳу тахташ,
Ба дасти дигараш муллову масҷид.

**РИСОЛАТ**

Туро холиқ ба ҳар ҷинсе, ки овард,
Ба заъфи ҷисму ҷон бояд зафар кард.
Агар ҳам омадӣ чун зан ба дунё,

Аз он аммо бибояд рафт чун мард.

**НОЗОНОЗИ СУНБУЛ**

Туро аз шохаи гул офариданд,
Зи нозонози сунбул офариданд.
Сароям то ки шаҳнози чаманро,
Маро баҳри ту булбул офариданд.

**НАКҲАТИ ИШҚ**

Туро дидам, дилам пурорзӯ шуд,
Канори дил баҳори рангу бӯ шуд.
Чу дил аз накҳати ишқи ту бӯ бурд,
Бадар аз сина рафту з-они ту шуд.

**РОЗИ ГУЛ**

Гуле андар канори ҷӯй рӯйид,
Сафои дил зи оби ҷӯй ҷӯйид.
Чӣ розе ин гули серобро буд,
Ки ҳар дил об шуд, онро ки бӯйид.

**КОШ**...

Туро, ки ҳамқади ман офариданд,
Ба ман ҳамҷону ҳамтан офариданд.
Лабонатро ба лабҳову маро, кош,
Ду дасти ту ба гардан офариданд.

**КАНОР**

Шабамро ёди рӯйи ту саҳар кард,
На шаб буд, рӯзро рӯзи дигар кард.
Чу шоме дар канорам омадӣ ту,
Канорамро канорат баҳру бар кард.

**ДАРДИ АЗАЛ**

Ҳама шеърам алайҳи марг амал буд,
Вагарна чарбу ширин чун асал буд.
Ғазалбофӣ накардам ҳеҷ гоҳе,
Агар гуфтам ғазал, дарди азал буд.

**ЯК РОҲ**

Дил аз дурӣ бари дидор зорад,
Ки бар пойи азизаш сар гузорад.
Ҷаҳон бар ман вале як роҳ дорад,
Ки ҳар ҷойе равам, пеши ту орад.

**ТАБОРИ ДӮСТОН**

Табори дӯстон бар ду қароранд,
Ки гӯё нардбони зери доранд.
Агар хубанд, бар моҳат бароранд
В-агар зиштанд, бар чоҳат фуроранд.

**БА ҶОЙИ ТУ**

Наҷӯяд ёр, к-ӯ худҷӯ набошад,
Ки ғайри сӯи ёре сӯ набошад.
Нашояд дӯстиро ончунон дӯст,
Ки дар сахтӣ ба ҷойи ту набошад.

**АБЛАҲРАВОН**

Хирад бо аблаҳӣ дар ду масиранд,
Вале дар ботини инсон асиранд.
Аҷаб, аблаҳравон аммо дар ин роҳ
Касиранду касиранду касиранд.

**АНДЕША**

Ба умре дӯсте ёбӣ ту, шояд,
Чӣ хушбахтӣ, гар инат бар каф ояд.
Валекин то иваз созӣ яке дӯст,
Ду умри дигарат андеша бояд.

**ГУЗИР**

Ҷаҳони панд дорад боз ҳам фанд,
Батар аз заҳрханд ояд шакарханд.
Агар ҷоҳил бувад ҳамраҳ ба ҷаннат,
Зи ҷаннат бигзарад марди хирадманд.

**ТАБЛАРЗА**

Дилам омад талабгорат, макун рад,
Пазиро мешавад, он к-ӯ пазирад.
Надорам бими сардии даю лек
Зи сардии туям табларза гирад.

**НАРМӢ**

Ба ҳар кори ҷаҳон нармӣ бибояд,
Ки бо пӯлод ҳам сахтӣ нашояд.
Бибояд кард равған тири чарха,
Ки бе ғарчу садо бар гардиш ояд.

**ҒАМИ МАРДУМ**

Агар дилҳои мардум ғам надорад,
Ба зери осмон абре наборад.
Чу гардун дар ғами мардум бигиряд,
Дили шоир ба ин чун тоб орад?!

**КАМУ БИСЁР**

Сухан дар шеър гуфтан кори ман шуд,
Чу ёди ёри ёре ёри ман шуд.
Чӣ парвои каму бисёри дунё,
Сухан худ чун каму бисёри ман шуд.

**ОРЗУ**

Лаби ҷӯят агар наъно надорад,
Ва боғат ҳам гули раъно надорад,

Ба он монӣ, ки кас беорзуе
Зияд, ки умри ӯ маъно надорад.

**БИҲИШТ**

Агар ҳукком бо пушти хам оянд,
Фузунтарҳо ба чашми худ кам оянд,
Ҳамон рӯзе шавад дунё биҳиште,
Ки зӯриву адолат бо ҳам оянд.

**МАНУ ТУ**

Маро онон, ки ҳар ҷо бо ту диданд,
Бидонистанд, агар аҳли замиранд,
Ки бахри ман туро, эй дилбари ҷон,
Маро танҳо бароят офариданд.

**БЕДОДӢ**

Чу фар аз ёд рафт, омад ба фарёд,
Варо н-аз бахри ин моро Худо дод.
Зи зулми золимон дигар чӣ гӯйӣ,
Ки бедодӣ расад аз довари дод.

**ШОҲИН**

Агар ҳам дар замин бошад зафарманд,
Ҳавои осмон дорад ҳунарманд,
Ки шоҳин асту болу пар кушояд,
Ки шоҳинро нашояд буд дар банд.

**ҚАСРУ КОЗА**

Якеро ахтари давлат битобад,
Тавонад сарвати Қорун биёбад.
Ба қасри хеш роҳат хобад оё,
Агар ҳамсояаш дар коза хобад?!

**ОБИ РАВОН**

Агар бахт аз қазо бар ту бихандад,
Раҳи оби туро як дам набандад.
Ба маҷрои  тапиданҳо равон шав,
Ки оби норавон ночор гандад.

**САҶДАИ ҲАҚ**

Ҳақиқатро башар аввал кунад рад,
Ба он хандад, мазоҳу сухра дорад.
Вале охир чу мефаҳмад, ки ҳақ чист,
Ба зону мефитад, то саҷда орад.

**ПАЙСИПАР**

Маро кори ҷаҳон як дарди сар шуд,
Ва бекори-ш сад дарди дигар шуд.
Чӣ ҳоле дар миёни ҳар ду бошад,
Дар ин андеша умрам пайсипар шуд.

**ТАҲСИНУ ТАНҚИД**

Агар фарде ба ҳарфи ту каҷӣ дид,
Магӯ ӯ ҳарзаву беҳуда лаққид.
Чу таҳсин ҳар гаҳе хуш мепазирӣ,
Пазиро шав ту боре низ танқид.

**БИФАРМО...**

Туро з-уммеду армон офариданд,
Ба дарди ишқ дармон офариданд.
Бифармо дарди ишқамро давое,
Туро, к-аз баҳри фармон офариданд.

**ТИРХӮРДА**

Ба сӯят дошт дил парвози озод,
Ки он маҳбубаи ҷон дорадам ёд.

Чу бишнид ӯ, ки кардияш фаромӯш,
Чу мурғи тирхӯрда аз пар афтод.

**ФАРИШТАВУ ОДАМ**

Туӣ инсони ошиқ, нек ё бад,
Накардӣ арзаи ишқи Худо рад*.
Шак аст оё, к-аз он дам сад фаришта,
Ба хоки пойи як одам наарзад?!

* Ишора ба Қуръони Маҷид, сураи «Азҳоб», ояи 73: «Мо ин амонатро (ишқро) бар осмонҳо ва замину кӯҳҳо арза доштем, аз таҳаммули он сар боз заданд... Инсон амонат ба дӯш гирифт...».

**ҲАҚПАЗИРӢ**

На ҳар ҳарфи раво гуфтан тавонанд,
Агар гӯйӣ, на бишнуфтан тавонанд.
Ҳам ононе ки меҷӯянд ҳақро,
Агар гӯем, пазруфтан тавонанд?!

**МАРДОНАГӢ**

Асоси зиндагиро бар ҳам овард,
Тазоде ки бувад дар ҳар зану мард.
Аҷаб, дар зиндагонӣ мешавад гоҳ,
Зи тарси беш ҳам мардонагӣ кард.

**ДАРДИ БЕДАРМОН**

Чӣ аблаҳ хешро якто надонад,
Касеро оқилу ҳамто надонад.
Маҷӯ бар аблаҳӣ беҳуда дармон,
Ки ин дармон Худо ҳатто надонад.

**ХУДОИ МУҲАББАТ**

Худоёни башар аксар язиданд*,
Башар тарсондаву қалбаш дариданд.

Манам банда ба оне, ки бигӯяд:
“– Худо баҳри муҳаббат офариданд”.
*язид – ба маънои шайтон

**ЧИЗУ НОЧИЗ**

Ғамӣ гардем аз ҳар чизи ночиз,
Чунонки шод аз ночизаке низ.
Шигифтам ман аз он ки, гоҳ моем,
Ғамии навбаҳору шоди пойиз.

**НОБАҶО**

Ба ҳар синнӣ, ба фасли хештан соз,
Ҷавон бошӣ, макун пирӣ ту иброз.
Ҳамон сон нобаҷову хандадор аст,
Агар пире бихоҳад кӯдакӣ боз.

**ЯК НОМ**

Туро ман дӯст медорам чу дирӯз
Ва фардо дӯстат дорам чу имрӯз.
Ҳама рӯзи маро номест, як ишқ,
На фардову на имрӯзу парерӯз.

**МЕҲР Ё СЕҲР**

Худоё, ин чӣ бахти оламафрӯз,
Ки овардӣ варо наздам ба Наврӯз.
Ду чашмаш чашмаи меҳр аст ё сеҳр,
Кунун ту дарки ин розам биёмӯз.

**ҶАҲЛУ ХИРАД**

Расӣ то бар худӣ худро биомӯз,
Ки гардӣ аз худомӯзӣ худафрӯз.
Зи бас кори ҷаҳон беҳикмате нест,
Набошад гар хирад, ҷаҳл аст пирӯз.

**МАРДУ МАРДОНАГӢ**

Набарди зиндагӣ кардӣ чу оғоз,
Кунад мардонагиҳоят сарафроз.
Дар он тарсу шавад тарсутар аз бим,
Шавад мард аз хатар мардонатар боз.

**ОҚИЛУ ОДИЛ**

Худоё, бар сипосат қобилам соз,
Ба рағми ҷоҳилонат оқилам соз.
Чу ақлам коргар омад, бигӯям,
Худоё, ҳақпарасту одилам соз!

**ШАРТИ ЗИНДАГӢ**

Агар ҳам нестӣ дар умр пирӯз,
Ба ёди зиндагӣ ҷоне барафрӯз.
Агар имрӯзи ту фардо надорад,
Бубояд зистан бо ёди дирӯз.

**ОФТОБ**

Ба болои ту дебои шабафрӯз,
Шабафрӯзӣ, биё, бар маҳ биёмӯз.
Агар ту офтоби ман набошӣ,
Чаро бо омадат шаб мешавад рӯз.

**ОҚИЛТАРОШӢ**

Ҳама бо ту накарда суҳбате дер,
Ҳамоно мешаванд аз ҷони худ сер.
Аз ин оқилтарошиат чӣ суд аст,
Ки медӯшӣ ту говеро ба ғалбер?!

**РОҲИ КӮТОҲ**

Гаҳе абрӣ самову гоҳ беабр,
Гаҳе раҳмат бубиниву гаҳе ҷабр.
Агар ҳам зиндагиро раҳ дароз аст,

Вале ин раҳ чӣ кӯтоҳ аст то қабр

**ФАНДИ ЗАРАНДУД**

Ту донӣ, ҳар куҷо афроди бесар
Асири худнамоиянд яксар.
Махӯр фанди зарандудӣ, ки пинҳон
Сари кал дошт зери тоҷ Қайсар.

**ҲИКМАТИ ЗАР**

Баланд аст арчи қадри дурру гавҳар,
Вале тоҷи ҷавоҳир омада зар.
Агар зар шаҳ кунад марди хирадро,
Валекин бехирадро мекунад хар.

**ЛАНГАР**

Шавӣ дарёи донишро шиновар,
Бупаймоӣ варо то охир аз сар,
Агар ҷӯйӣ дар он дурри ҳақиқат,
Ба саргаҳ боядат андохт лангар.

АНДАРЁФТ

Зи шоми тор бин боми мунаввар,
Ба ҷавфи санги хоро лолаи тар.
Агар мебошадат ҳисси шунидан,
Зи хомӯшӣ шунав фарёди маҳшар.

М АҒЗКУШӢ

Азизи ман, ки ҳар рӯзе ду-се бор
Кунӣ бар меъдаат хӯрок тайёр,
Ба сол оё китоберо нахонда,
Кушӣ мағзи саратро гушнаву зор?!

**ҶАҲОНПАЗИРӢ**

Биандешам ба ин даҳри мудаввар,
Ситамкаш ин яке, дигар ситамгар.
Ҷаҳон дарёфтан душвор набвад,
Пазируфтан басо ояд гаронтар.

**ДУРУСТИИ МУХОЛИФ**

Ба чархакҳои соат нек бингар,
Ки зидди ҳамдигар чарханд яксар.
Вале дар ин мухолифгаштани хеш,
Кунанд они* дурустеро муқаррар.
*вақт

**ПОДОРИ ХУН**

Ҳукумат гаҳ ба раъйи халқ ё зар
Ва ё зӯри силаҳ гардад музаффар,
Агар бо хун биёяд рӯйи қудрат,
Бувад танҳо ба хун подор дигар.

**ЯКЕ...**

Яке зӯру дигар созад музаффар,
Яке нуру дигар созад мунаввар.
Яке омад, ки атри гул бибӯяд,
Дигар то даҳрро созад муанбар.

**БЕҲУДА**

Сари коре бигирӣ, зуд ё дер,
Бувад маҳсули он рӯбоҳ ё шер.
Аз ин шуғлат вале гирӣ чӣ ҳосил:
Ки медӯшӣ гаверо ту ба ғалбер.

**МУЯССАРУ НОМУЯССАР**

На ҳар касро бувад ин фикр дар сар:
Муяссар кай шавад ҳар номуяссар.
Ҷавонӣ – сол камтар, бештар – дӯст,
Чу пирӣ – сол бешу дӯст – камтар.

**АЁР**

Далериҳост зеби рӯзи пайкор,
Таҳаммул оядат гоҳи ғазаб кор.
Аёри дӯстӣ гар дар ниёз аст,
Вафо бошад ба ишқи ёр меъёр.

**ШАВҚУ ЗАВҚ**

Аё бахшандаи илҳоми нодир,
Ки додӣ шоиронро ҳарфи соҳир,
Ба онҳое ки шавқи шеър доранд,
Надодӣ аз чӣ завқи шеър охир?!

**БИСОЗӢ...**

Туӣ дар арсаи мардӣ музаффар,
Санои ҷуръатат гӯям мукаррар.
Вале беш офарин хонам, агар ту
Бисозӣ зиндагиро зиндагитар.

**ҲАМДАРДУ ҲАМҶОМ**

Агарчи дар барат дорӣ ту бас ёр,
Нагардад ёри кас бар ҳеҷ кас ёр.
Ба рӯзи ғусса ноёб аст ҳамдард,
Ба рӯзи шод ҳамҷом аст бисёр

**КАФФАИ ФАРДО**

Сари имрӯзу фардоям мукаррар
Маро андеша буд якзайл дар сар,
Ки кош, ар бор бинҳам бар тарозу,
Фурояд каффаи фардо фурӯтар.

**ИМРӮЗУ ФАРДО**

Миёни рафтаву оянда бингар,
Набошад ҳолати истода яксар.
Намонӣ як қадам имрӯз бар пеш,
Равӣ ту даҳ қадам фардо қафотар.

**УФҚ**

Мани ночорро медор маъзур,
Ки аз ту гӯшаи чашме-м манзур.
Ту чун уфқӣ маро, ҳар қадр сӯят
Қадам монам, ҳамон қадре шавӣ дур.

**САЛОҲИ ДАҲР**

Ҷаҳон бар коми рӯбоҳ аст ё шер,
Надорад хиҷлат аз гушна шикамсер.
Дар ин дунё, ки пурбаҳсу талош аст,
Салоҳи даҳр адл орад, на шамшер.

**РОҲИ ОЛАМ**

Чӣ аз умр одамиро буд манзур,
Ба чӣ хайру савобе буд маъмур,
Ки гарчи роҳи оламро бипаймуд,
Набуд беш аз раҳи гаҳвора то гӯр.

**НОСОЗГОРӢ**

Чу бо рафтори инсонам бувад кор,
Маро ҳайрат биафзояд дигар бор,
Ки ман хулқи накӯяш меситоям,
Чаро меорад он бадмазҳарӣ бор?!

**ШЕЪРУ ШАМШЕР**

Сарафрозо, нагардӣ, кош, сарзер,
Далер ойӣ ту дар ҳангом, на дер.
Туро то шер хонад шермарде,
Мутеъи шеър шав, ҳаргиз на шамшер.

**ГУНОҲУ ГУНОҲКОР**

Гунаҳ бар гардани кас мешавад бор,
Гаҳе беихтиёру гоҳ мухтор.
Вале бо чашми ҳақ бинӣ, ки гоҳе
Гунаҳ зишт аст, аммо на гунаҳкор.

**СӮЗИ ИШҚ**

Агар ангушти худ сӯзӣ ту камтар,
Дигар з-оташ гурезӣ ту муқаррар.
Вале боре бисӯзад оташи ишқ,
Ба ҷон хоҳӣ, ки сӯзӣ бори дигар.

**ИШҚИ НОТАКРОР**

Шавад аз ишқ нав даҳри куҳанкор,
Вагарна куҳна монад чархи даввор.
Агар як ишқи нотакрор бигзашт,
Дигар ҳар чиз такрор аст, такрор.

**НОЧОР**

Ҳамегӯям ба худ ҳар рӯз сад бор,
Ки бахшоӣ маро, эй шеър, зинҳор.
Вале фардо намедонам чаро боз,
Зи нав сар мекунам ин кор ночор.

**ҲАВАС**

"Зи шеъру шоирӣ шуд ҳавсала-м пир, –
Ба худ гӯям: – Сари кори дигар гир".
Вале чун субҳ сар бардорам аз хоб,
Ҳавас аз нав ҷавон гаштасту даргир.

**НАФРАТ**

Ба ақли одамӣ ояд қарин ҳис,

Ки касро мебарад арши барин ҳис.
Агарчи ҳисси иззат беҳтарин аст,
Гаҳе нафрат шавад волотарин ҳис.

**ДУ ГӮШ**

Чу дорад ҳар забон ҳам неш, ҳам нӯш,
Хушо, кам гӯиву афзун кунӣ гӯш.
Набуд беҳикмат ин кори Худованд,
Ки танҳо як даҳонат доду ду гӯш.

**МАЙЛ**

Зи дил танг ояму аз вою вайлаш,
Ки ҷуз кӯи нигоре нест найлаш*.
Вале он ки барад аз ман диламро,
Чаро бар бурдани ман нест майлаш?!

*найл – ба мақсад расидан

**ГУЛБАРГИ ПО**

Равон кардӣ гуле, монам куҷояш,
Ки ҷуз болои чашмон нест ҷояш.
Вале тарсам, ки мижгонам харошад,
Шабе ногаҳ кафи гулбарги пояш.

**РОҲИ ҒАНО**

Ҳар инсонро бувад роҳи ғано гӯш,[19]
Макун ҳам ҳикмати сурат фаромӯш,
Ки пинҳон дар даҳони ту забон аст,
Вале гӯшат аён аст аз буногӯш.

**НОРАВО**

Чу байни бордорони ҳамоиш
Сафедори баландӣ дар намоиш,

[19] Мавлоно гуфта: Одамӣ фарбеҳ шавад аз роҳи гӯш...

Чаро з-онон, ки сархам зери боранд,
Ту мехоҳӣ ба худ ҳамду ситоиш?!

**СОЯ**

Ба хешу соягоҳи хеш андеш,
Ки умре нурборон оядат кеш.
Агар ту пушт гардонӣ ба хуршед,
Бигардад соя аз ту як қадам пеш.

**МАСЪАЛА**

Худоё, боз мехонӣ ту бар хеш
Ба ҳангоми қиёмат шоҳу дарвеш.
Дар он маҳшар, ки меоянд бо ҳам,
Чӣ хоҳӣ кард ту бо гургу бо меш?!

**РАДДУ "БАЛЕ"**

Ба рағми маслиҳатбин гӯямат фош,
Куҷо рушде бувад бе баҳсу пархош.
Маро танҳо "бале"-ят, дӯст, хуш нест,
Агар ёри манӣ, дар радди ман бош!

**БОТИНАЁНӢ**

Агар дар кеш ҳастӣ ростандеш,
Биафзоӣ ба ҳуснат беш аз пеш.
Туӣ пӯшидатар аз ҳар қабопӯш,
Чу шармат н-ояд аз урёнии хеш.

**НАМОЗУ НАВОЗИШ**

Ҳамин ёре, ки афсунист созаш,
Заминӣ ё ки гардунист розаш,
Ки ҷон гӯяд, намозат хон ба пояш,
Ки дил гӯяд, ба бар гиру навозаш.

**УМРИ АБАД**

Бароҳат сар ба рӯйи нозболиш
Нахоҳӣ ёфт ному ганҷи дониш.
Дари умри абад боз аст, раҳ лек
Наёбӣ ҷуз ба ранҷу озмоиш.

**ИЛТИҶО**

Касе хоҳад, ки мо бошем ёраш,
Ба рӯзи бекасиҳо дар канораш,
Худоё, дар паноҳат дор ӯро,
Ки то ман зинда бошам, зинда дораш!

**ИЛОҶИ ҒАМ**

Ба ҳар ҷо ҳар чӣ бошам, ту чаман бош,
Мусофир гар шавам, бар ман ватан бош.
Ғами худро илоҷе мекунам ман,
Фақат ту рӯзи шодиҳо ба ман бош!

**МЕЪЁРИ МАТЛАБ**

Бувад занбӯрро ҳам нӯшу ҳам неш,
Вале нӯшоварӣ ӯро бувад кеш.
Махоҳ аз кас зиёда з-он чӣ дорад,
Ки ӯ натвонад аз будаш диҳад беш.

**ҲУШЁРУ ДЕВОНА**

Ту ёру ёвари бегонагон бош,
Тасаддуқ бар фари фарзонагон бош.
Агар чун хеш ҳушёре наёбӣ,
Бирав, девона бо девонагон бош!

**РӮСПӢ**

Маро сад мард хонад ҳамтани хеш,
Яке аммо намехоҳад зани хеш.
Насиби ман чӣ сон додӣ, Худоё,

Ки рӯзидеҳ надорам ҷуз тани хеш?!

**ҲАЛОЛУ ҲАРОМ**

Ҳамон ки дар ниҳон дорад тааффуф*,
На ҳар гаҳ пок монад дар таассуф**.
Чунон-к оби ҳалол андар даҳонат,
Агар берун биандозӣ, шавад “туф”.

*боз истодан аз ҳаром
**баромадан

**ЯК КАМТАРАК...**

Худовандо, ки ёронро диҳӣ шавқ,
Ки бар гардан заナнд аз шоирӣ тавқ,
Ба ин бечорагон з-он доданиҳо-т
Чаро арзон надорӣ як камтарак завқ?!

**ХОК БАР САР**

Ба чашми ҳамватан пошидани хок
Кунад то кай давом охир дар ин хок,
Ки дар ин хок хоке ҳам намонда,
Ки бо ҳасрат кашам ман бар сарам хок.

**ШАК**

Кушоям дафтари аъмолат инак,
Шиносам хулқу хӯят бешу андак.
Худоро гарчи нуқси халқ* набвад,
Чу мебинам туро, ояд маро шак.
*офаридан

**ҒОРАТ**

Ба унси дузду ҳоким кай бувад шак,
Ки байни ҳар ду фарқе нест андак.
Маро ҳаст он қадар ақле, ки донам,

Ҳукумат кардану ғорат бувад як.

**ТАҶАММУЛ**

Раҳи умри ту бошад аз дили гул,
Ки гардад санг ҳам назди ту булбул.
Чу ту Матлубаи дилҳои мойӣ,
Таҷаммул хоҳамат, умре таҷаммул!

**ДУЗДИ ДИЛ**

Аҷаб дузде, ки бедуздӣ барад дил,
Маро аз сина бе музде барад дил.
Чӣ бошам ман, ки ин кофарсириште
Ба як бозӣ зи Ҳурмузде барад дил.

**ШИГИФТ АНДАР ШИГИФТ**

Намедонам, аз ин ғамҳо чӣ ҳосил,
Ки ғамҳои аҷаб сахтанду қотил.
Ба ғайри ғамдиҳӣ бар хубу фозил,
Чӣ дигар мекунад Аллоҳи одил?!

**ДӮСТӢ**

Маро аз мавҷи дарё фарди коҳил
Ҳамехонад ба реги нарми соҳил.
Худоё, дӯстии як хирадманд
Беҳ аст аз дӯстии ҷамъи ҷоҳил.

**ХИРМАНИ ГУЛ**

Чӣ ширин месурудӣ нағма, булбул,
Ки шуд хорову хор об аз тааммул.
Ба чӯби хушк хондӣ чаҳ-чаҳи хеш,
Тарӣ дарёфту шуд хирмани гул.

## ҒУЛҒУЛУ СУНБУЛ

Кушояд ғунча аз шобошу ғулғул,
Чаман донад баҳои чеҳраи гул.
Чӣ мехонӣ ба гӯши буттаи хор,
Туӣ булбул, бихон дар гӯши сунбул.

## АҚЛУ ИШҚ

Ба ҳар роҳе ки доим меравад ақл,
Зи пушти ишқ лангон медавад ақл.
Аҷаб рабте миёни ақлу ишқ аст,
Чу дарёбад варо, гум мешавад ақл.

## ҒУНЧАИ ГУЛ

Чӣ ширин месарояд нағма булбул,
Ки сандал мешавад ҳамтои сунбул.
Ба гӯши хор хонӣ ту, париҷон,
Кушояд дарзамон сад ғунчаи гул.

## ОЁ

Агарчи рӯзу шаб ӯро сутудам
Ва хоки пойи ӯ бар чашм судам,
Вале ҷони маро месӯзад ин шак,
Ки оё ошиқаш будам, набудам?!

## ОВОЗИ БУМ

Наворезӣ куҷо меояд аз бум,
Ки ҳаст овозаву овози он шум.
Вале он ҷо ки вайрону хароб аст,
Ҳамин овози он ҳам нест мағмум.

## ҶОНБАХШ

Биё, гуфтӣ, дар оғӯшат дароям,

Туро сад ҷони нав бар тан физоям.
Маро ҷонофарин ҷонбахши ту сохт,
Вагарна ман дигар баҳри чароям?!

**СОҲИБХОНА**

Дилу ҷонро, ки бар ҷонона додем,
Ба мурғони ғарибе лона додем.
Магар кардем мо доду гирифте,
Ба соҳибхона танҳо хона додем.

**НИМИ НОЗ**

Сар омад ишқ, мо оғоз бахшем,
Парӯ афтодаро парвоз бахшем.
Ҷаҳон аз нозпарвардон ба ҷон аст,
Вале мо ҷон ба ними ноз бахшем.

**ХОРЕМУ ХОРЕМ**

Гуле гул мефиристад, мо чӣ дорем,
Ба ҷуз як ҷон, ки пеши ӯ супорем.
Чӣ сон гирем бар каф ё канораш,
Ки мо сар то ба по хорему хорем?!

**ХИЛҚАТИ ОДАМ**

Ба гӯшам мерасад ҳарфе дамодам,
Ки дорад хилқати пайғамбар одам.
Чу дар ҳар одаме бошад паямбар,
Кӣ кушта-ст он паямбарро дар одам?!

**ҲАРФИ НАВ**

Садои булбуле аз чағз* ҷӯем,
Карафсеро** чу атри нағз бӯем.
Ҳазорон ҳарфи пучу кӯҳна хонем,
Ки як ҳарфи нави бомағз гӯем.

*ғук, қурбоққа
**гиёҳи нохушбӯй

**ДАРКИ ОДАМӢ**

Худоё, аз чӣ бешиву камиям,
Гаҳ аз доди ту шоду гаҳ ғамиям.
Чу овардӣ маро дар шакли одам,
Бибар фардо ба дарки одамиям.

**ДУШМАНИ ОДАМ**

Манол аз одамизода дамодам,
Ки аз ӯ душманизодаст олам.
Агар худ душмани одам набошӣ,
Набошад душманат ҳам ҳеҷ одам.

**ШИРИНТАР...**

Ту бо ағёриву мо бо ту ёрем,
Ба ғайри ёди ту ёре надорем.
Туро ширинтар аз ҷон офариданд,
Ки ҷону дил ба қурбони ту орем.

**ДУСАД БӮС**

Дилам хоҳад, ки оғӯшат бигирам,
Дар оғӯш аз бару дӯшат бигирам.
Ба ҳам печад чу моро дасту бозу,
Дусад бӯс аз лаби нӯшат бигирам.

**МАЗЛУМУ ЗОЛИМ**

Чӣ роз аст ин, надонад ҳеҷ олим,
К-аз он дар ҳайрат ояд ақли солим,
Ки чун мурд одамӣ, яксон чаро ҷой
Диҳад ин хок бар мазлуму золим?!

**ТАЛХИИ АШК**

Яке ашке фишонад дар ғами ном,
Дигар дар ёди ёру бӯсаву ком.
Чӣ ширин аст ашки ин азизон
Зи талхиҳои ашки ман ба айём

**ЗУЛМАТИСТОН**

Агар дар даҳр дар қалби ҳар инсон
Набуд як офтоби ишқ рахшон,
Ҷаҳон бо анҷуму хуршеду моҳаш
Сарое буд сарду зулматистон.

**САРНАВИШТ**

Чу фармуданд, гоҳи офаридан,
Ба як парвозу бар дигар хазидан,
Дусад хар ҳам давад аз пушти як асп,
Ба гардаш ҳеҷ натвонад расидан.

**ХУЛОСА**

Ҷаҳон пур гаштааст аз панди инсон,
Ки бояд зистан ин сону он сон.
Ба як ҳарфат кунам онро хулоса,
Чунон зӣ, к-одамон гӯяндат Инсон!

**НОНИ ХУШК**

Хирадманде агар хушкид чун нон,
Набояд кард онро дур аз хон,
Ки нони хушки ҷавро ҳам кунӣ тар,
Зи пешин ҳам шавад хушмаззатар он.

**МАНУ ЗИНДАГӢ**

Магар як дам ба умр осудаам ман,
Чу раҳ бар сӯи худ паймудаам ман.
Надонистам чӣ буда зиндагӣ, лек
Бибояд донад ӯ, кӣ будаам ман.

**СОДА КОРЕ**

Ҷавонӣ ту, маро чун худ ҷавон кун,
Ба ман ҳар чӣ дилат хоҳад, ҳамон кун.
Намегӯям, ки бо ман ину он кун,
Дар оғӯшам дарою ҷовидон кун.

**СОЯБОН**

Нашояд ҳар хамеро паст дидан,
Ба ҳар паскӯчае бунбаст дидан.
Ту рӯйи офтоберо тавонӣ,
Магар бе соябони даст дидан?!

**ДАР ИН САҲРО...**

Канори дашт оҳу дар чаридан,
Вале гург аст дар фикри даридан.
Худовандо, ту моро офаридӣ,
Дар ин саҳро пайи ҷоне харидан.

**ЧОРА**

Ҳунар бошад, ба чашми баста дидан
Ҷаҳонерову бе гӯше шунидан.
Забон гар тунд бошад, боядат суфт,
Дароз аст он агар, бояд буридан.

**БО ЧАШМИ МАН**

Бимон дашту даман, сӯйи чаман бин,
Гузар аз хору хас, рӯйи суман бин.
Чароят дӯст дорам, ин ки пурсӣ,
Ту худро як назар бо чашми ман бин!

**ҲОЛО БИБАХШОЙ...**

Кушо чашму бубин фардои равшан
Ба дашту чӯли мо сад боғу барзан.

Заифиҳои мо ҳоло бибахшой,
Ки бошад ҳомили садҳо Таҳамтан.

**ҲАМЁРӢ**

На танҳоем дар гардуни гардон,
Ки ҳамёрӣ бувад ойини мардон.
Ба фатҳи қуллаи умрем пайванд
Ба арғамчин ба ҳам чун кучнавардон.

**ЧОР ФАСЛИ СОЛ**

Парастуиву айвонат нишеман,
Баҳорон мерасӣ бо бӯйи гулшан.
Биё, дар дилбарӣ гунҷишки ман бош,
Ки бошӣ чор фасли сол бо ман.

**ДУР АЗ ДИЁР**

Ба хориҷ гулрухе гуфто, ки: "– Ин сон
Ба ман дил додаӣ, ин ҷо ба ман мон!"
"– Ба ҷон ёрам туро, фардо валекин
Чӣ сон дур аз диёрам медиҳам ҷон?!"

**ЗИШТУ ЗЕБО**

Маяндеш аз каму бисёр бурдан,
Ки набвад чорае ҷуз пас супурдан.
Чӣ сонат марги тарсуёна зишт аст,
Чунон зебо бувад мардона мурдан.

**МАҲВИ ҲАЙРАТ**

Намедонам, чӣ махлуқӣ, ту, Инсон,
Ки нақши зиндагӣ ҷӯйӣ ба кайҳон.
Валекин дар замин ҳар рӯз бераҳм
Ҳазоронро кунӣ маҳрум аз ҷон.

**АЗОБИ ВИҶДОН**

Агарчи омадӣ осон бад- ин сон,
Чу инсон зистан кай буд осон?!
Ба ҳар ҳадде ки виҷдон дод азобат,
Бад-он ҳадд зистӣ монанди инсон.

**ЗАНОНУ МАРДОН**

Ба худ фахранд мардон чун Таҳамтан,
Занон аммо хамӯшанду фурӯтан.
Гаҳ аз сад мард як марде наёбӣ,
Вале дар як зане пайдост сад зан.

**ҶУРЪАТ**

Зи ман хоҳӣ ҳақиқатро сутудан,
Ба майдон поймардиҳо намудан.
Агар ҳарфи ҳақат бепарда гӯям,
Туро ҷуръат бувад бахри шунудан?!

**МОҲИИ ТИЛО**

Чу дарёӣ бувад обу гили ман,
Ту моҳии умедӣ дар дили ман.
Дили ман беҳтарин ҷавлонгаҳи туст,
Биёву кун тилоӣ маҳфили ман.

**АРЗУ МАРЗ**

Дилатро гунаи ойинае дон,
Ки ҳар чӣ бинад он, созад намоён.
Дилат равшан бувад, арзи Худояст
В-агар торик бошад, марзи Шайтон.

**ШАРТИ ҲАМЗАБОНӢ**

Хуш аст аз рӯйи ёрон меҳр дидан,
Канори ҳамгинон ҳамдил гузидан.

Агар хоҳӣ ба мардум ҳамзабонӣ,
Забонатро каме бояд газидан.

**НОМЗАДИ ИНСОН**

Пас аз ҳар чанд соле гардад эълон
Барои президентӣ марши даврон.
Ба ин мансаб фаровон номзад ҳаст,
Куҷо бошад яке бар номи инсон?!

**ХАСУ ХОС**

Хасе буду бишуд ҷо байни хосон,
Касеро чун набуд айёрӣ он сон.
Ба рӯзе шуд вакили мардум осон,
Ба сад соле нашуд аммо вай инсон.

**ЗОДАИ ВАТАН**

Ба мо бемодарӣ чун нест осон,
Ду модар аз азал дорад ҳар инсон.
Худо моро нигаҳ дорад аз он рӯз,
Ки нашносад Ватанро зодаи он.

**ОН ҶОВУ ИН ҶО**

Биҳишту дӯзаху... моро такопӯ
Ки фардо ҷойи худ донем аз ин ду.
Вале фармуди Ҳақ з-аввал чунин аст:
Равӣ он ҷо, ки ин ҷо сохтӣ ту.

Магар аз бепулӣ парво кунӣ ту,
Нагӯям худ ба пул шайдо кунӣ ту.
Вале ҳамён мадор он сон, ки натвон,
Ба гоҳи бахшише пайдо кунӣ ту.

**САНГИ РАҲ**

Биёӣ рӯ ба рӯ бо зишту бадхӯ,
Набошад ҳоҷате кардан ману ту.
Ба поят мезанӣ санги раҳ оё,
Ва ё мебигзарӣ онро зи паҳлу?!

**НАСИМ**

Насимиву насими раҳгузар ту,
Биёбонему бар мо ҳам гузар ту,
Ки бо атре зи гулпироҳани хеш
Кунӣ дашти диламро гулбасар ту.

**ХУД ОДАМИСОЗӢ**

Худоё, карда дар хилқат ба ман рӯ,
Чӣ одам кардаӣ халқам, ба ман гӯ?!
Магар худ одамисозист осон,
Ки фармудӣ чунин коре ба ман ту?!

**САНГУ РЕША**

Ба реша шохи навбар гуфт: – Баргӯ,
Зи мо ҳар ду, кӣ бошад сабзу хушрӯ?
– Накардам ман агар дар санг реша,
Куҷо дар осмон буд ҷилваи ту?!

**БЕЧОРАНОЛӢ**

Чӣ суд аз шикваи садсолаи ту,
Ки умр асло набошад holаи ту.
Агар нолӣ зи бори умри сангин,
Шавад сангинтар он аз нолаи ту.

**ДУЗДИ ОСОР**

Ба ҳар давру замон панде бувад нав,
Ту ҳам панди замони тоза бишнав:
Надуздӣ ҳеҷ агар, мансаб нагирӣ,
Бидузд осори мо, сардори мо шав.

## ДАР ҶОВИДОНА

Чи дарёву чи дашту кӯҳу ёна,
Ҳама дар даҳр ҷовиданд, ё на?!
Чи меҷӯйӣ абадро ту пас аз марг,
Ки ҳоло зиндаӣ дар ҷовидона.

## БУТСОЗӢ

Бикун кори ҷаҳон боре назора,
Бубин моро, ки ҳастемаш чикора.
Ба хеш аз лӯхтакҳо бут бисозем,
Ки соземаш пагаҳ сад лахту пора.

## НА!

Зи афроду ғуломии замона
Набошад бас магар хондан фасона.
Агар бӯйе зи озодӣ бибурдӣ,
Баланд аз ҷо шаву як бор гӯ: –На

## НИСОР

Ту, эй дар ёди ӯ, бечора гашта,
Дар овори ғамаш овора гашта.
Чӣ меорӣ нисори хоки пояш,
Ба ҷуз як дил, ки он ҳам пора гашта.

## ОЙИНА

Хуш оне ки зи софӣ суд бурда,
Сутуда-сту намегардад сутурда.
Агар ойинаам бошӣ ту, эй дӯст,
Мусаффо бош, на зангорхӯрда.

## БАР РАҒМИ ҚИСМАТ

Чӣ медонӣ, туро аз чӣ сиришта,

Чӣ ҳам дар сарнавишти ту навишта.
Сано бодат, вале бар рағми қисмат,
Агар дев ойию гардӣ фаришта.

**ҚАДРИ СИТОРА**

Надорад ахтари гардун шумора,
Ба рӯз аммо наояд дар назора.
Агар хоҳӣ, ки қадратро шиносанд,
Баро дар шаб, ки гардӣ ту ситора.

**ЗАМОНАТ**

Замонат медиҳад моро замона,
Ки монем аз вуҷуди худ нишона.
Ҳамин як лаҳзаи умр аст фурсат,
Ки соземаш варо мо ҷовидона.

**ЗАБОН**

Туро, эй одамии нури дида,
Худоят чун халифа офарида.
Ҳалолу покиву танҳо забонат
Гаҳе созад ҳарому сархамида.

**МАЪНОИ ДАҲР**

Худованд офарид арчи ҷаҳоне,
Ки он пояндаву моем фонӣ.
Вале гар мои фонияш набошем,
Чӣ бемаъност даҳри ҷовидонӣ!

**ХОМӮШӢ**

Агарчи носабурӣ ё сабурӣ,
Зи лабҳоят садо ояд булӯрӣ.
Вале он суд н-орад ҳеҷ ҳарфат,
Ки хомӯшӣ ба ҳангоми зарурӣ.

## ТАРСУ ҒУЛОМӢ

Чу бишнидӣ аз озодӣ паёме,
Бигир аз бардагиҳо интиқоме.
Туро бетарс оварданд бар даҳр,
Агар аз дигарон тарсӣ, ғуломӣ.

## ХЕШ

Худоро ҳар нафас ёрӣ, на ёрӣ,
Касеро нест бар кори ту коре.
Вале хешат надонӣ бандаашро,
Худоро ту ба худ бегона дорӣ.

## ҲАҚНАМОИ ҲАҚНАРАФТА

Туӣ даъвогари роҳи ризоӣ,
Ки гӯё роҳи ҳақро ибтидоӣ,
Намонда як қадам аз роҳи ҳақ ту,
Чӣ сон, охир, ба мо онро намоӣ?!

## АРМОНИ НАВРӮЗ

Ту моро дилбари дилсӯз бошӣ,
Ту моро ҷони ҷонафрӯз бошӣ.
Ба Наврӯзат чӣ хоҳем орзу кард,
Ки худ армони ҳар Наврӯз бошӣ.

## КАНДУИ АСАЛ

Ту ширинтар аз он ширинлабонӣ,
Вале ширинии худро надонӣ.
Агар он дилбарон гулҳои боғанд,
Ту кандуи асал аз боғи ҷонӣ.

## ЧАРО НЕ?!

Азизи ман, дилат банд аст ё не,

Ба қалбат ҷой гашта аз чӣ мо не?!
Ба як кунҷи дилат моро бидеҳ ҷой,
Агар гӯям, бигӯ, охир, чаро не?!

**ШАВҚИ ҶАВОНӢ**

Ту як нозукниҳоли боғи ҷонӣ,
Ки аз ҳар шохаат гул мефишонӣ.
Чӣ гӯям з-одамӣ, худ, к-аз ту олам
Ба пирӣ мекунад шавқи ҷавонӣ.

**КАБӮТАРБАЧЧА**

Ту шаҳнозиву барҳақ шоҳи нозӣ,
Ба нозукшеваӣ маҷмӯи розӣ.
Кабӯтарбаччаи бозигарастӣ,
Ки дилро мебарӣ бозӣ ба бозӣ.

**ҶОННИСОРӢ**

Шукуфидем аз худ, бе баҳоре,
Гусоридем ғам, бе ғамгусоре.
Куҷо омӯхт дил ин ҷоннисорӣ,
Надида сояи як ҷоннисоре.

**ФАХРИ НОҶО**

Ту мефахрӣ, ки беҳадду канорӣ,
Кашад назди ту чашма шармсорӣ.
Ту чун баҳрӣ, бале, талхиву шӯрӣ,
Ки як қулт оби нӯшидан надорӣ.

**“ЧАРО”-И ХУД**

Ҳама дорад ба умр аҳде, ҳисобе,
Саволе, посухе, амре, хитобе.
Чаро ман бар “Чаро”-шон гуфта посух,
Наёбам бар “Чаро”-и худ ҷавобе?!

**САРИ ЗУЛФИ СИЯҲ**

Дило, охир, бигӯ, дар чӣ умедӣ,
Аз он рӯзе, ки рӯяшро бидидӣ.
Ба дасти орзуманде расад кай
Сари зулфи сияҳ дар сарсафедӣ?!

**ЗИНДА БОШӢ**

Ба рӯйи пояат поянда бошӣ,
Ту хуш имрӯзу ҳам оянда бошӣ.
Намегӯям дар ин ҷо бошу он ҷо,
Ба ҳар ҷое ки бошӣ, зинда бошӣ.

**ЛОЯМУТ**

Кучойӣ, эй лабонат шоҳтутӣ,
Ки баҳрат кардам аз гардун ҳубуте.
Чӣ рӯзие маро кардӣ ту рӯзӣ,
Ки ҷуз як лаб нахоҳам лоямуте.

**ҲАЗОР АФСӮС**

Нагуфта ҳарфи барҷоят ба ёре,
Ту шояд меҳӯрӣ афсӯс боре.
Зи як ҳарфи баноҷо гуфта аммо
Ҳазор афсӯс хоҳӣ хӯрду хорӣ.

**ҶУСТУҶӮ**

Зи боғ оё гули беҳор ёбӣ,
Зи беҳуд ҳуфтагон бедор ёбӣ?!
Ҳамоно дар масири дӯстҷӯйӣ,
Агар худро биҷӯйӣ, ёр ёбӣ.

**АЗ ЧӢ?!**

Ба даҳри беҳамӣ, танҳо, ҳумойӣ,
Ба рағми ин замингирон самойӣ.

Агарчи  дида душман ҳам бузургат,
Ба чашми дӯстат аз чӣ кам ойӣ?!

**ИЛОҶИ ДОҒ**

Зи рози дӯстиҳо парда бикшой,
Зи роҳи дӯстиҳо роҳ паймой,
Ки ёрӣ нест танҳо сайри гулбоғ,
Биё, бо ман илоҷи доғ бинмой.

**ДУР АЗ КЕШ**

Зи ман дурӣ, агарчи пешам астӣ,
Саломатхоҳи қалби решам астӣ.
Ту худро хеши ман ҳарчанд хонӣ,
На хеш астӣ, чу дур аз кешам астӣ.

**КӮҲИ САВОБ**

Сари об ар биҷӯям аз саробе,
Шароберо бихонам гар фаробе,
Агар ин коҳи айби ман бибахшӣ,
Ба фардо орамат кӯҳи савобе.

**СОЯВУ КАМОЛ**

Магӯ ҳаргиз, агар афтодаҳолӣ:
Сарамро соя кун, ёбам камоле,
Ки зери  нахли пуршоху тановар
Куҷо қад мекашад боло ниҳоле?!

**ҲИКМАТИ САХТӢ**

Ба чашми дил агар равшаншиносӣ,
Асолатро зи мову ман шиносӣ.
Ба сахти зиндагӣ ҳам ҳикмате ҳаст,
Ки он дам дӯсту душман шиносӣ.

**ЁРОНА ЁРӢ**

Кахе будиву ҳоло кӯҳсорӣ,
Фулусе буда, ҳоло зарнисорӣ.
Бувад, эй кош, дар ёдат, ки карданд,
Ҳамин ёрон туро ёрона ёрӣ.

**ФАРОХЕ**

Туӣ, бо шеъри худ гар рӯдлохе,
Ба ҳам о, баҳр шав аз шох-шохе.
Мапечӣ дар сухан дар худ чу гирдоб,
Ки дарёи сухан хоҳад фарохе.

**ШЕРИИ ГУРБА**

Хатарҳоро сипар бошад далерӣ,
Набояд кард аз он як зарра дерӣ.
Агарчи гурба пеши саг заиф аст,
Далерӣ медиҳад бар гурба шерӣ.

**ТОРИ ҲАМОҲАНГ**

Ту, эй мутриб, ки торат ҷӯр созӣ,
Ба мо оҳанги шевое навозӣ,
Бикун тори дили худ ҳам ҳамоҳанг,
Ки дар саҳни замон худро набозӣ?!

**ҚУЛТИ ОБ**

Гуноҳамро ту мегӯйӣ – савобе,
Суоламро ту меҷӯйӣ ҷавобе.
Ба гоҳи ташнагии ҷонсупорӣ
Диҳӣ ту охирин як қулти обе.

**НӮШХАНДУ НЕШХАНД**

Раҳо чун гаштаӣ аз бору банде,
Ба коми хеш хуррам бош чанде.
Ба мо гар нӯшханде ҳайфат ояд,

Мазан ҳадди ақал ту нешханде.

## РУШД

Гар аз пастӣ ба боло раҳ набурдӣ,
Нарафтӣ гар фаросӯ, ту фусурдӣ.
Чу худ парвардаи рушд аст ҳастӣ,
Накардӣ рушд агар, он рӯз мурдӣ.

## РОЗИ ИНСОН

Ту, эй инсони хокӣ, ҳеҷ донӣ,
Ки розе дориву набвад ниҳонӣ.
Агарчи пой дар рӯйи заминӣ,
Ба сар аммо фаро дар осмонӣ.

## НАВОИ ҶОН

Навои ҷон шунав, моро, ки ҷонӣ,
Ба мо ҳам ҷуз навои ҷон чӣ хонӣ?!
Агар бо қарру кур унсе бигирӣ,
Ту фарқи зоғу қуқнусе  надонӣ.

## ПАЛАНГӢ

Куҷо дар арса бар мардони ҷангӣ
Ба якрангӣ зафар ёбад дурангӣ.
Пишак ҳам гарчи аз ҷинси паланг аст,
Наояд аз пишак ҳаргиз палангӣ.

## СОДАГИЮ ҲУШМАНДӢ

Агар дар зиндагӣ набвад Афандӣ,
Набошад андар он андарзу панде,
Ки ҳикмат дорад ӯро содагиҳо,
Ки ояд содагӣ аз ҳушмандӣ.

## ШИНОХТИ АСЛ

Ту ҳайронӣ, ки нозӣ ё нанозӣ,
Ба он ки ҳар даме ҷон мегудозӣ.
Шиносӣ хешро асли ҳақиқат,
Зи кирду корат ар ойина созӣ.

**ДУБАЙТИВУ РУБОӢ**

Гаҳе чин аз ҷабин, абрӯ кушоӣ
Ба ҳам ояд дубайтиву рубоӣ.
Дубайтӣ гӯямат аз байти абрӯ,
Рубоӣ гӯямат чун дилрубоӣ.

**ШАҲНОЗ**

Ба ин зебоиву ширинзабонӣ,
Ту шаҳнози дилу шаҳнози ҷонӣ.
Насиби ҳар касе созад Худоят,
Ба нозишҳои худ шаҳноз монӣ.

**ДУРАНГӢ**

Чу  якранг омадӣ, манмо дурангӣ,
К-аз ойина наояд ҳеҷ сангӣ.
Агар гургӣ, фақат мекун ту гургӣ,
На гоҳе рӯбаҳиву гаҳ палангӣ.

**САРБАЛАНДӢ**

Ба сад коре камар бояд ки бандӣ,
Раҳо гар созадат аз мустамандӣ.
Сари корат агарчи сар кафонад,
Саранҷом оварад бар сарбаландӣ.

**БАЙТҲО**

Маро тилфон ба мошин монду мошин монд дар усто,
Туро, ширинтар аз ширин, чӣ гуна созамат пайдо?!

***

Ғаматро ёд кун дар беғамиҳо,
Дилатро шод дар беҳамдамиҳо.

***

Чист анҷоми ҳамин дунёи мо,
Ҷуз умеди нек бар фардои мо?!
***
Ту шириниву ширинтар хиёлат,
Чӣ ширинтар аз ин бошад висолат.
***
Чӣ ширин мекунӣ умрам ба он лабҳои ширинат,
Туӣ деринтизори ман, манам муштоқи деринат.

***

Зи бас ҷонам ба ҷони ту қарин аст,
Садоятро шунидан беҳтарин аст.
***
Лабонат дида гуфтам, ин чӣ лабҳост,
Ки аз як диданаш ин тобу табҳост.

***

Шаб охир бистари хобу хаёл аст,
Дар оғӯшаш чӣ осон ҳар муҳол аст.
***
Гули бишкуфтаи рухсор шарм аст,
Агар рухро набошад шарм, чарм аст.
***
Олам аз беҳунарон пур шуданист,
Ҳар хазафпора кунун дур(р) шуданист.
***
Ин табатон як дамак аст,
Ин ғаматон ғамкаҳак аст.
***
Ҳарчанд меҳмони ҷаҳон одамӣ, дамест,
Дар мизбони ӯ ғами меҳмон набуду нест.
***
Хоб мушкил гашту бедорӣ аз он мушкилтар аст,

Боз байни ину он ҳам сад балои дигар аст.
***
Таронаҳои саҳар васфи рӯйи зебоят,
Шукуфаҳо ба қади навниҳол дебоят.
***
Ҳамадонист агар пешаи кас,
Кори ӯ ҳеҷмадонисту бас.

**БА САНГИ МАРҚАД**

Бар некии ӯ ҳар ду ҷаҳон буд гувоҳ,
Пас ҷой деҳаш ба ҷаннатат, ё Аллоҳ!

***
Куруно, ки ба дузд овард милл(и)ард,
Ба мо танҳо буруту риш овард.

***
Аз куруно халқ дар ташвиш монд,
З-он ба мо аз монданиҳо риш монд.

***
Дар хона бимонеду ба ташвиш намонед,
Олуфта бимонеду чу мо риш намонед.
***
Дар хона бимонед, ки ташвиш надонед,
Он беҳ ки чу мо мӯйлабу риш бимонед.

***
Касе, к-ӯ хареро ба боло барад,
Тавонад, ки низаш ба зер оварад.

***
Он қадар бар мо ҳасад бурд,
К-оқибат ӯро ҳасад хӯрд.

***
Аз бахилӣ баски лабрезу пуранд,
Шод мебинандамону мемуранд.
***

Бе манат хоби ноз ширин бод,
Бо манат хуфта ишқи ту дар ёд.
***
Равам, хобам, ки ширинҷони ман хобид,
Ки дар хобам гул аз лабҳо-ш хоҳам чид.
***
Кас ба манзил нарасида-ст, ки аз ҷой нашуд,
Сабр ганҷ аст, вале ҳеҷ касе бой нашуд.
***
Зи хушбахтӣ маҷӯ маънии бисёр,
Ки маъние надорад беҳтар аз кор.
***
Дуои шаб маро ин аст, эй ёр,
Ки субҳ аз хоб гардам бо ту бедор.
***
Ба ёдат зиндаам, сабзи қаламқош,
Ту  ҳам як лаҳзае бо ёди мо бош!
***
Зи роҳи пурхатар ту барҳазар бош,
В-агар омад хатар, марди зафар бош!
***
Ба мо, эй ҷони ширин, як каме ҳам меҳрубон бош,
Дили моро макун дигар қалам, ёри қаламқош.
***
Чун паси боғ аз ту меёбад суроғ,
Мебарояд гул сари девори боғ.
***
Аз лою гил,
Бар пушти фил.

**БА НОҚИДИ ШЕЪРНОШИНОС**

Гар ту Зеҳнӣ хондаву фарқи ҳиҷо н-омӯхтӣ,
Мо зи шеъри  Рӯдакӣ вазни сухан омӯхтем.
***
Ба сахтӣ гар зи муме санг созӣ,
Агар нармӣ кунӣ, оҳан шавад мум.
***
Шохи сабзам бишикастанд, таҳаммул кардам,

Гарчи оташ зада буданд бунам, гул кардам.
***
Дилдор надорад ҳаваси шеър шунидан,
Худро чамани лолаи навхоста дидан?!

**БА НАВОЗАНДАГИИ ГУЛБАҲОР ШОКИРОВА**

На аз як тори оҳан оварӣ ин созҳо берун,
Ба тори дил занӣ нохун, ки гардад сад ҷаҳон афсун.
***
Варо додам наҷот аз ташна мурдан,
Бидод ӯ пас наҷотам аз намурдан.
***
Хамӯшибозият чун ноз ширин,
Вале акнун барор овоз ширин.
***
Фақат бо мӯйи лаб даъвои мардӣ мекунӣ ту,
Вале мӯйи лаби гурба-ст аз ту бешу хушрӯ.

Муҳамммдаюсуф Давронзод
**МАЛАК ва ФАЛАК**
(Дар ҳошияи сурати нуронии устод Аскар Ҳаким)

Эй, ки дар ҳар тори мӯят як малак шишта,
Ман малакҳоро шумурдам... як фалак шишта!

**ҶАВОБИ АСКАР ҲАКИМ**

Ту сухан дар бораи сабзи талак кишта,
Менавозӣ савти ҷон бо найлабак шишта.

***
Қофия тангу ҷавобаш набувад,
Байт ғарро, ки ҳисобаш набувад.

***
Аз бекулаҳӣ,
Бар подшаҳӣ.

***
Чунон мезебадат ин расми бепарвои дилбозӣ,
Ки садҳо пурсиши мо садқаи як посухат созӣ.

***
Шаҳноз туро гуфтам,
                    ноз аз гули маҳ бурдӣ,
Аз сина дили моро
                    бо ними нигаҳ бурдӣ.

***
Ҳама баҳори гулӣ, гулбаҳортар бошӣ,
Ба ҳар баҳори таваллуд ту гулбасар бошӣ.

**ДОСТОНИ**
**НОНУ ИМОН**

(с.1986)

## СУФРАИ МОДАР

Суфраи модар гирифтам як шабе аз тоқ ман,
Модарам омад ба ёду тифлию рӯзи азо.
Суфраро бо зора молидам ба чашми хештан,
То ризо бошад аз он ноне, ки додаст он маро.

Суфра буд як сафҳаи ранҷу нишоти дигарам,
Дар хаму печаш ғаму шодии модар буд аён.
Дидам аз он талху ширини ҳаёти модарам,
Дидам афгорию ободии ҷонамро аз он.

Нони модар медиҳад атфолро зӯру мадор,
Ман ба тифлиям нахӯрдам сер нони модарам.
Рӯзҳое, ки падар буд дар миёни корзор,
Шуд ба ҷурми нокасе барбод ҷони модарам.

Захмию ғамгин падар баргашт аз ҷанги шадид,
Хонаву ҷоро бидиду ҳамсари худро надид.
Чанд соле ғам кашиду баъд бахташро бикофт,
Ӯ ба худ зан ёфт, аммо тифли ӯ модар наёфт.

Бо ғаму дарду алам бигрифт момо дар барам,
Ӯ калон кардам ба ними нону бо меҳри тамом.
Гарчи момои азизам буд ҷойи модарам,
Дил ба ёди модарам парвард андӯҳи мудом.

Ҳар гаҳе ки модарони ҷӯраҳоям бехабар
Сила мекарданд назди ман сари тифлони хеш,
То нарезам ашк, мекардам назар сӯйи дигар,
Косаи чашмам пур аз обу дилам мегашт реш.

Гар кунун духтарчаҳоям дастҳошонро ба ноз
Бо муҳаббат ҳалқа месозанд гирди гарданам,
Бӯйи модарро ҳамеҷӯям аз онон бониёз,
Мекунад ашки ман ифшо ёди модар карданам.

Ҳар касе бишнид розамро, наомад дар шигифт,
Момаамро гар дар ин ғамнома модар гуфтаам.
Тифли роҳомӯз агар аз домани модар гирифт,
Ман ба тифлӣ домани момои худ бигрифтаам.

Суфраи момо маро чун кард бемодар калон,
Доштам чун суфраи модар гиромияш ба ҷон.
Лек мехоҳам ба ҷону дил, ки ҳар тифли ҳабиб
Ҳеҷ гаҳ аз суфраи модар намонад бенасиб.

## РӮЗИОФАРИН

Ман намедонам, куҷо кард одамӣ кишти нахуст,
Кай дар он майдони кишташ сабзаи гандум бируст.

Лек медонам ҳамон соле, ки гандум кошт ӯ,
Дос бигрифту дарав карду самар бардошт ӯ,

Хилқати халлоқаш ӯро кард бо Яздон қарин,
Буд рӯзихори дунё, гашт рӯзиофарин.

Гуфт: «Чун ваъда-ст он дунёву фирдавси барин,
Ман биҳишти хеш месозам дар ин рӯи замин.

Баҳри гандум, эй Худо, кардиям аз ҷаннат бадар,
Бок не, гар ҷуфти Ҳавво будаам, гаштам башар.

Ман кунун корам замин бо дасти чап, бо дасти рост,
Ҳар касе корад заминро дар паи кори Худост.

Баски меҳнат мекунам дар хок бо омоли пок,
Медиҳад рӯзии беминнат маро ин обу хок».

Шояд ин сон роз бикшуд одами аҳди куҳан,
Як саҳар бишнохта дунёю асли хештан.

Одамиро меҳнату эҷод чун одам сиришт,
Сарнавишти хеш он рӯз одамӣ аз нав навишт.

Ман, ки меҷӯям зи инсон асли яздонии ӯ,
Ҳеҷ н-ояд боварам бар зоти ҳайвонии ӯ.

Ҳар зане, ки остинро барзада шӯрад хамир,
Дар танӯраш то пазад ӯ курси маҳ – нону фатир.

Дида дастони хамирии варо гӯям ба дил:
Аз дигар меофарад Модархудоям обу гил.

Ман ба ҷон қурбони дастони хамиролуди ӯ,
Баски ҳастии башар будаст ҳасту буди ӯ.

Як замон беқадр буд дар назди инсон симу зар,
Аз тамоми симу зар буд қиммати нон бештар.

Баски мекарданд бо дон одамон доду ситад,

Ғалла шуд меъёри кори халқ то рӯзи абад.

Ин амалро, модари ҷон, ҳаст панди бебадал,
Одаму гандум зи як хоканд аз рӯзи азал.

Дар дили одам давида решаҳои сабзи ӯ,
Решаи одам кунад аз донаи гандум нумӯ.

Хӯшаи пурбори гандум чун сари пурбори туст,
Решаи инсону гандум сабз кардан кори туст.

Ҳеҷ медонанд фарзандонат оё ин масал:
Ҷони мардум медамад аз дони гандум дар амал.

Баҳри гандум ронда шуд гӯё ки Одам аз биҳишт,
То биҳиште офарад худ, дар замин гандум бикишт.

Дони гандумро кунад гар зери по нобуд кас,
Мекунад худро яқин аз одамӣ мардуд кас.

**МӮРИ ДОНАКАШ**

Нони гарми гандумӣ хоҳад дилам!
Эй Замин, эй модари аҳли башар,
Дар паноҳи худ нигаҳ дор аз аҷал
Модари пири маро чанде дигар.

Мон, чу мӯре дон кашад бар хонааш,
Ҳеҷ ороме надонад ҷони ӯ.
Баски аз хони касон нон хӯрдааст,
Дигарон ҳам нон хӯранд аз хони ӯ.

Ӯ хамири хешро шӯрад саҳар,
Гӯиё гирад танаш аз ин мадор.
Мерасад дар корсони ӯ хамир
Чун замини кишт айёми баҳор.

Дар танӯри кӯҳнааш монад алав,
Ғун кунад аз гирди ҳавлӣ чахсу чӯб.

Сурх гардад рӯйи нонаш дар танӯр
Чун рухи хуршед ҳангоми ғуруб.

Дар сабад чинад фатиру нони хеш,
Бо ду дасти пир бардорад базӯр.
Боз чанде, мон, ба худ гӯяд сухан,
Ҷунбуҷӯле карда дар назди танӯр.

Гирди дастархони ӯ гарданд ҷамъ
Ҷумла фарзандони ӯ дар рӯзи ид.
Бинад ӯ нони газида рӯйи раф,
Гӯяд: «Аз дунёст шайтон ноумед».

Нони хушк афгору дилхунаш кунад,
Хушкиаш хушконад ӯро бештар.
Нони қоқ акнун чилу сесола шуд–
Интизори бисту яксола писар.

Эй Замин, бар модари раҳпойи ман
Боз андак сабри раҳпойӣ бидеҳ.
Модарию хуб донӣ дарди ӯ,
Дарди модарро тасаллое бидеҳ.

Орзуи дидани фарзанди хеш
То нафасҳои пасинаш зинда дор.
Бовараш аз ҷазби нонаш кам макун,
То бувад ӯ зиндаву чашминтизор.

Модарон миранду монад нонашон
Аз умеди модарон ҳамчун нишон.
Рафтагонро ҷазби нону меҳри мом
Мекашад аз даҳр сӯйи хонадон.

Боумеде мешавад гар ноумед,
Меканад аз ин ҷаҳон пайванди хеш.
Зинда мемонад замоне модарам,
Зинда медонад агар фарзанди хеш.

Одамӣ падруд мегӯяд ба шаб,
То сабоҳи тозаро гӯяд дуруд.
Аз танӯраш хезад оташ бар само,

То наояд оташ аз гардун фуруд.

Эй Замин, модархудои меҳрубон,
Модари пири маро бахшо амон.
Дар танӯраш оташи ӯро макуш,
Суфраи ӯро ту бесоҳиб намон!

**НОНГУРЕЗОН**

Тифлаки ҳамсоя-мон даҳрӯза шуд,
Мекунад гаҳворабандонаш кунун.
Кулчаю нон мепазад момои ӯ,
Меравад ин хушхабар аз деҳ бурун.

Ҷамъ мегарданд занҳо шодмон,
Гоҳвора – ҳадя аз бобои тифл.
Дам ба дам сад бор гуфта: «Садқа ман!»,
Хам шавад момош дар болои тифл.

Зебу оро медиҳад гаҳвораро,
Мезанад по тифлаки навхоста,
Дастбандак, пойбандак, болишак,
Бистару пуштакчааш ороста.

Дар таҳи гаҳвора гандум пошад ӯ,
То шавад кӯдак зи файзаш баҳравар,
То шавад як дони ӯ сад донае,
Халқро гардад азизу муътабар.

Модарам – момои пиронсоли деҳ
Бандадаш дар гоҳвора бо дуо:
«Хоб – хоби хирсу умрат – умри вирс[20]
Хонаи бобот пур аз кӯдако!».

Аз сари гаҳвора пошад қанду қурс,
Кӯдакон чинанд бо часпу талош.
Ӯ газонида ба модар пас ду нон,
Баччаеро дода гӯяд: «Тез бош,

[20] Вирс – арча.

То тавонӣ ҷонакам, дав дуртар,
То бигардад умри ин кӯдак дароз».
Бачагон ҳам аз паси ӯ медаванд,
Нон аз ӯ бигрифта дар шебу фароз.

Дида ин бозию шодию сурур,
Саҳнаи дигар маро омад ба ёд:
Соли ҷангу деҳаи хурду хароб,
Рӯзи танги халқу андӯҳи зиёд.

Тифли наврохе зи дунё бехабар,
Нон ба даст аз хонае омад бадар.
Баччаи зору ятиме менишаст
Гушнаву беҳолу сархам пушти дар.

Ногаҳон бишнид гушна бӯйи нон,
Кард сар боло, кашид оҳе бадард.
Нон ба дасти тифл диду шах бишуд,
Ӯ ба чашми гушнааш бовар накард.

Бо ду мушти хушк молид ӯ ду чашм,
Гӯиё бедор шуд, гар хоб буд.
Ман надонистам, Худоё, ӯ чӣ сон
Барҷаҳиду чанг зад, нонро рабуд.

Мегазидаш сахт, бо ҳирси зиёд,
Ҳеҷ нохоида мебурдаш фурӯ.
Чарх мезад чашмҳояш бо ҳарос,
Пушту рӯ мегашт гӯё ҳалқи ӯ.

Дарнафас як резаи нон ҳам намонд,
Хӯрда будаш пок тифли бенаво.
Фурсате нагзашта печидаш шикам,
Бачча рӯйи хок мезад дасту по.

Рӯдаҳои хушк дарҳам рафта буд,
Тифл бо оҳу фиғон мехӯрд печ.
Мардум андар чорааш бечора буд,
Кас надонисташ кунад имдод ҳеч.

Тифли бенонмонда он сӯ гиря дошт,
Баччаи нонхӯрда ин сӯ ҷон супурд.
Ҳар кӣ дид ин гуна марги синасӯз,
Ҳайрате дорам, ки аз ғам чун намурд.

Аҳли деҳ аз хонаҳо омад бурун,
Канд гӯри тифлро бо ранҷу дард.
Бекафан бурдаш ба монанди шаҳид,
Баччаякро бо либосаш гӯр кард.

Гарчи мурд ӯ, зиндагӣ дар мо намурд,
Баски дар дил буд уммеди зафар.
Гар ба рӯзи ғам зи ғам мемурд халқ,
Зинда як кас ҳам намемонд аз башар.

Чун дарахти ҷовидон сабз аст халқ
Ё ба мисли шохаи сарсабзи бед.
Гар варо сар мезанӣ аз кину ҷаҳл,
Боз ҳам сар мебарорад бо умед.

Модаре баски нахоҳад дар ҷаҳон,
Тифли ӯ ғоратгару ғосиб шавад.
Бар касе нодода нон аз хони хеш,
Ӯ ба нони дигарон соҳиб шавад.

Ин ҷаҳон ҳаргиз нагардад тангу тор,
Хон кушояд гар касе дар назди кас,
Ними нонашро агар бинад ба ӯ,
Мешавад комил ҳама бахту ҳавас.

Тифлаки ҳамсояи ман, шав калон,
Пой кӯбу хандаву фарёд зан.
Бо мағал тозанд тифлон нон ба даст,
То шавӣ пиру азизи марду зан.

Гӯиё нони газида рӯйи даст
Медавад ҳоло ҳама тифли замин,
Гашта аз гаҳворабандони ту шод,
Медавад сӯйи пагоҳи нозанин.

Тифлаки зеборухи ҳамсоям,
Хоб кун, гаҳвора ҳоло тахти туст.
Одамон, к-аз омадат шодӣ кунанд,
Ин нишони ҷовидони бахти туст.

## ХОННИСОР

***Руҷуи Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ Фатҳулло Аҳмадов***

*Домани деҳро шафақ сурхӣ задаст,*
*Шуд баланд аз ҳавлие овози тир.*
*Тирандозе ба дунё омадаст,*
*Гашт шодон аҳли деҳ – барнову пир.*

*… Шоми Седлес*[21] *пурғубору тафта буд,*
*Аскарон се бор тир андохтанд.*
*Тирандозе зи дунё рафта буд,*
*Ҳамсилоҳон сар ба зер андохтанд.*

Муждаи мавлуди ман буд бонги тир,
Бояд акнун тирандозӣ кунам.
Пиру барно шод буд аз рӯйи ман,
Дар ризои халқи хеш акнун манам.

Суннати бобоии мо буду бас
Тирандозӣ ба мавлуди писар.
Аз кишоварзӣ вале моро набуд
Пешаи боқадру волои дигар.

Ҳар кӣ дон афшонд бар пушти замин,
Пуштибони зиндагияш хонд ӯ.
Боровар кард ҳар кас хокро,
Аз ҳама болотараш биншонд ӯ.

Як замон чун тифли раҳгардон шудам,
Дод бар дастам падар дасти сипор,

[21] Седлес – шаҳр дар Лаҳистон, ки Ф.Аҳмадов он ҷо қаҳрамонона ҳалок шудааст.

То намонам дар ҷаҳон бе дастгир,
То шавам муҳтоҷро ҳоҷатбарор.

Пой мондам аз раҳи огард ман,
То раҳи огард бошад пойдор.
Буд чун пиндору чун гуфтори нек,
Буд чун кирдори некам кишту кор.

Омадам мардона бар дашти набард
Ҳамчу деҳқонзода аз дашти шиёр,
Базмҷӯ будам, шудам ман размҷӯ,
Барзгар будам, шудам ҷангисавор.

Ҳаст дар дастам кунун дасти туфанг,
Дар дифои меҳанастам ҷонгарав.
Донфишонӣ буд корам бар замин,
Тухми душман мекунам акнун дарав.

Садқаат, Ласточкаи[22] зебои ман,
Ҳамраҳу ҳампойи ман, аспи бидав.
Ҷуфти оҳан[23] монд дар майдони кишт,
Ман дар ин ҷо гирамат банди ҷилав.

Гоҳ меғӯтем мо дар ботлоқ,
Банд мегардем гоҳе дар шибар.
Бо азобам мекашӣ аз коми марг,
Гашта дар обу арақҳо ғӯтавар.

Эй рафиқи ҳамнасибам, зинда бош,
Сад ҳазор аҳсант тамкини туро.
Чун маро дар ҳарб таҳсин мекунанд,
Ҳақ бувад, гӯянд таҳсини туро.

Бар «Шараф»[24] то ман мушарраф гаштаам,
Сад шараф бодат, «Шараф» аз они туст.
Ман варо бар қоши зинат мезанам,
Нусрати ман баски аз паймони туст.

---

[22] Ласточка (Парасту) – номи аспи Ф.Аҳмадов.
[23] Ҷуфти оҳан – трактор.
[24] Шараф – Ордени Шараф.

Арзи худро гуфта будам бар штаб,
То фиристандам ба полки тоҷикон.
Ҳамчу як ҷангисавори халқи хеш
То кунам бо хасм ҷанги беамон.

Роҳи ҷанги ман дарозу сахт буд,
То Лаҳистон омад аз хоки Сибир.
З-оташи мо сӯхт се танки адӯ,
Муртади бисёрро кардем қир.

То бидонад қадри озодии ман,
Бисту шаш фошистро кардам асир.
Дигарам аз марг ҳаргиз бок нест,
Марг андар куштани ман кард дер.

Мехазам ин лаҳза бар сӯйи ДЗОТ,
Андруша,[25] дӯстам, эй шермард,
Чашми тангаш ташнаи ҷонҳои мост,
Боядаш дар хоки тира гӯр кард.

Мову ту ҷанговарони хом не,
Пухтаем андар набарди бешумор.
Кай шиносад лек тири ҷонситон
Фарқи хому пухтаро дар корзор.

Ман ҷавони ишқ новарзидаам,
Андруша, лек аз хотир мабар,
Лилия – духтарчаи сесолаат,
Сер хоҳад дидани рӯйи падар.

Ҳар чӣ бошад дар насиби мо, ба пеш,
Офарин ӯро, ки мирад қаҳрамон,
Лек бар он қаҳрамон сад офарин,
К-ӯ ба рағми хасм монад зиндаҷон.

Дар дили мо ҷӯши ишқи зиндагист,

[25] Андрей Клименко – разведкачӣ, ҳамсилоҳи Ф.Аҳмадов.

Дар забони мо бувад номи ҳаёт.
Зиндагисоз аст он ки бишнавад
З-ин қиёми ҳашр пайғоми ҳаёт.

Хандаҳои ДЗОТ марговар бувад,
Марг бар он хандае, ки маргзост.
Байни мову ДЗОТ роҳе кӯтаҳ аст,
Байни мову ДЗОТ раҳ беинтиҳост.

То сипоҳи мо аз ин ҷо бигзарад,
Қарзи мо – то он расидан зиндаҷон.
Баҳри таркониданаш гар сар ниҳем,
Сарбаланд оянд з-ин раҳ зиндагон.

Мерасад акнун варо партоби ман,
Мекашам банди гулӯла аз камар,
Дарзамон таркид чашми танги он,
Буд зери хоку шуд зеру забар.

Гарчи аз захми сарам хун меравад,
Нашъаи пирӯзиям бахшад мадор.
Ё Худо, боз ин чӣ ғурроси балост –
Мехазад танки адӯ аз бешазор.

Ин зиреҳпӯш аст, кай таркад зи пеш,
Боядаш тарконд аз банди камар.
Банду пайвандаш чунон аз ҳам канам,
То наёбад ҳеҷ пайванде дигар.

Метаровад хуни гармам аз ҷабин,
Сурх гардад пеши чашмам ҳар нафас.
Меравам гӯё ки аз ҳолу мадор,
Мешавад гӯё ки кӯтаҳтар нафас.

На, набояд монам андар нимароҳ,
Мардӣ, охир, раҳ ба мақсад бурдан аст.
То ба охир бурд бояд роҳи хеш,
Мунтаҳояш гарчи ҷон биспурдан аст.

Эй ту, хоки кишвари ноошно,
Ошноӣ кун ба марди хокпош,

Ман, ки хоки мурда сабзонидаам,
Ҷони сабзамро нигаҳдоранда бош.

Ӯ маро… ё ман варо… бояд занем,
Гарчи он ҳам нест танки охирин,
Лек ҷангад мард бояд ончунон,
Гарчи ҷангаш нест ҷанги охирин.

Эй ту хоки зиндагибахшо, мадад,
Аз ту бошад мурдаам, ҳам зиндаам.
Бори охир зӯри поистан бидеҳ,
Баъд аз ин бо зӯри худ поямдаам.

Даст меёзам ба зӯри вопасин,
Бо гулӯла мезанам танки адӯ.
Дуд хезад аз камаргаҳ то сараш,
Бар сари ман осмон ояд фурӯ.

Андруша… ин туӣ… шукри насиб,
Мекашӣ берунам аз майдони ҷанг.
Он тараф гӯё ки гандумзор буд,
Аз чӣ дар чашмам намояд лоларанг.

Ин, ки аз дурӣ расад, овози чист,
Шиҳаи Ласточкаам дорад суроғ,
Монд оташ модарам ё дар танӯр,
Бӯйи нони гарм ояд бар димоғ.

Ё магар саҳрою хирманҷост он
Дарзаҳои гандум ояд дар назар.
Андруша, бистарам кун дарзае,
То шавам аз бӯйи гандум баҳравар.

Мерасад бӯйи ҳаёт аз дарзаҳо,
Ман ба рӯйи дарза мехобам дароз.
Дӯстам, Ласточкаам, дар ҷовидон
Ту маро бо шиҳаат бедор соз.

Хоб рафту кас дигар ӯро надид,
Хоб рафт ӯ, хоби беозор рафт.
Дарза гашта ё ба хирманҷой монд,

Ё бишуд саҳрои гандумзор…
рафт...

## ДАР МУЗЕИ ГАНДУМ

***Аввалин музеи гандум – «Бунёди ҳаёт» дар шаҳри Улми Олмон таъсис шудааст, ки аз он ҳар сол қариб 20000 нафар дидан мекунад. Ҳоло ин гуна музейҳо дар Фаронса, Иттиҳоди Шӯравӣ, Белҷик, Утриш ва кишварҳои дигар низ ҳастанд.***

*Аз ахбори «Курер»-и ЮНЕСКО*

Улмро модар надонад дар куҷост,
Он чӣ шаҳру дар кадомин кишвар аст.
Гар бигӯям шаҳри Гирмон аст он,
Меравад тамкину оромаш зи даст.

Ҳар гаҳе ки номи Гирмон бишнавад,
Ҷони пираш мекашад дарду азоб,
Гарчи шуд вайронаҳо ободу сабз,
Кай шаванд обод дилҳои хароб.

Дар дилаш дард аст, то зинда-ст ӯ,
То ба ҳол аз ҷанг мебинад ситам.
Нони хушки хотира бинад ба тоқ,
Тар кунад чашми варо ашки алам.

По гузорам ман ба ин музеи нон,
Бинам онро аз паси дуди ҷигар.
Равшанистон аст гарчи з-офтоб,
Тира мегардад маро пеши назар.

Тирачашмиям на аз дилтирагист,
Қалби ман чун субҳи содиқ равшан аст.
Дарди модарро ба шираш хӯрдаам,
Ҷумла дарди ҷони модар бо ман аст.

Лек бо ин дарду озори дилам,

Ман на аз дард, аз даво гӯям сухан.
Баски як ҷо омада дарду даво,
Дард гоҳо мешавад дармони ман.

Шеъри ман эҷоди дармону давост,
Дар пайи дармони дарди хотир аст.
Чун замон дардовару захмӣ бувад,
Шеъри дармон хоҳамаш бар захм баст.

Гарчи ман дар Улм беғам нестам,
Мешавам аз дидани ин хона шод.
Ҳурмати нон ҳар куҷо бошад баланд,
Қимати инсон ҳам он ҷо кам мабод.

Гандуми олам ба зери шишаҳост,
Навъҳои гунагуни баҳру бар.
Бинӣ он ҷо гандуми пайвандие,
К-аз ҳама анво бувад пурбортар.

Умри инсон аст пайванди нафас,
Чун нафас барканд, мирад бегумон.
Решапайванд аст ақсои замин,
Заррапайванд аст меҳри осмон.

Марду зан бошад ба танҳоӣ ду кас,
Гар шавад пайванд, гардад хонадон.
Хонадонҳои башар гарданд халқ,
Хонадони халқҳо – аҳли ҷаҳон.

Хели гандумҳои рангорангро
Зуд гардолуд кардан мушкил аст,
Гарди гандумгул биомезад агар,
Дар заминат хӯшаи пурҳосил аст.

Азми инсонро, ки дар дастони ӯст,
Ман надонам, чист, меорад халал,
К-ӯ чу гандумҳо бупайвандад ба ҳам,

Решааш то сабз бошад бебадал.

Дарзаи гандум, ки ризқи мардум аст,
Эй мабодо гурзи дасти нобакор.
Соқаи гандум нагардад чун синон,
Гул кунад ризқи башар дар киштзор.

Халқ бедин метавонад буд, буд,
Лек беимон натонад буд халқ.
Гарчи аввал нону баъд имон бигуфт,
Нону имон ҳеҷ гаҳ н-олуд халқ.

Нон занад гар, аз Худо бадтар занад,
Мекунад имонгадои ду ҷаҳон.
Нонгадоӣ ҳам агарчи нест бахт,
Лек аз имонгадоӣ ал-амон!

Шукри ин ноне, ки бо меҳнат расад
Чун мукофоте ба дастархони ман.
Шукри ин ноне, ки бошад то абад
Қудратафзо бар ману имони ман.

Сурхаки тоҷикро ин ҷо бубин,
Гандуми навъи қадими олам аст.
Чун Вавилуф[26] ёфташ шодон бигуфт,
Рӯзии насли нахусти одам аст.

Тӯшаи Бобои Одам будаӣ,
Хӯшаи ҷонӣ ту фарзанди варо.
Аз азал пайваста ӯро бо башар,
Сабз дорӣ решапайванди варо.

Мерасад рӯзе, ки бишносанд халқ

[26] Н.И.Вавилов – академик, набототшинос соли 1916 экспедитсия ташкил карда, ба Осиёи Миёна, аз ҷумла, ба Тоҷикистони имрӯза ҳам омадааст. Ӯ баъд аз тадқиқи гандуми сурхак муайян намудааст, ки ин ҷо яке аз маҳалҳои пайдоиши гандуми навъи қадим ва ба ин асос яке аз маҳалҳои бостонии пайдоиши инсон будааст.

Ин Заминро хони бобоии хеш.
Дар миён ҳамчун насиби ҳамдигар
Мениҳанд ин нони бобоии хеш.

Гар ба Улм овард асри ман туро
Рафтаӣ кайҳо ба ақсои ҷаҳон.
Аз бани инсону аз ҳамгавҳариш
Ман ба имдоди ту мечӯям нишон.

То насӯзад решаҳои сабзи ту,
Сӯхт Талбак решаи ҷони ҷавон.
Навҳаҳои модараш ояд ба гӯш
Аз миёни шӯру ғавғои ҷаҳон.

## ТАЛБАКИ ТАЛБИДААМ

***(Навҳаи модар)***

Талбаки[27] талбидаам, ҷон Талбаки талбидаам,
Ин чӣ қисмат, ки туро дар коми оташ дидаам.
Сӯхтан гарчи дар оташ ҳеҷ касро ком нест,
Кас тавонад чун ту дар оташ равад, ноком нест.
Эй ҷавонмарги ҷавонбахтам, ҷавон рафтӣ зи ман,
Ман намедонам ту рафтӣ, ё ҷаҳон рафтӣ зи ман.
Он саҳаргоҳ офтоби зарфишон буд хандарӯ,
Обшори хандааш мерехт сар то пои ту.
Ғарқи нур аз хона берун омадӣ ту шодмон,
Ҷониби ёри шабу рӯзат нигаҳ кардӣ ниҳон.
Завҷаи уммедворат чун ниҳоли себ буд,
Шохи сабзи қоматаш навбору беосеб буд.
Мевае дар шох чӣ, ӯ оламе дар хеш дошт,
Гӯш бар дунёи хешу ҳамдаме дар хеш дошт.
Рафтӣ аз дарвоза берун хушқаду соҳибкамол,
Об бар оина зад он гаҳ арӯси дилкашол.
Гуфт: «Модар аз чӣ бошад, ки дилам осуда нест,
Дар дилу дар ҷонам орому карори буда нест.

[27] Талбак – Талбак Лолаев, ҷавони 24-солаи данғарагист, ки ҳангоми аз сӯхтор наҷот додани гандумзори ҷамъиятӣ қаҳрамонона ҳалок шудааст.

Гарчи роҳаш дур не, то қитъаи ҳамсоя аст,
Кош, пеш аз раҳ ба рӯи суффа як дам менишаст».

Талбаки талбидаам, ҷон Талбаки талбидаам,
Ин чӣ қисмат, ки туро дар коми оташ дидаам.
Ҳамраҳи халқи даравгар менишастӣ дар шипанг,
Пеши чашмат мавҷ мезад ғаллазори қаҳваранг.
Хӯшаҳоро заргари хуршед заррин карда буд,
Донаҳоро шираи анвор шир оварда буд.
Мавҷи зар мерафт аз поин ба сӯи пуштаҳо,
Эй аҷаб мавҷе, ки мерафт аз ҳамӣ сӯи фаро.
Дар сари амвоҷи гандумзорҳо асрор буд,
Дасти эҷоди табиат соҳиру хушкор буд.
Аз қиёми рӯзу аз васли замину осмон
Зиндагӣ эҷод мешуд ногузиру ноаён.
Об бо сардию хуршедаш ба гармӣ месиришт,
Бод бо бозигарӣ, хокаш ба нармӣ месиришт.
Зиндагонӣ шира баста дар замири хӯшаҳо,
Мавҷ мезад дашти зар аз гӯшаҳо то гӯшаҳо.
Баччае метохт аз Булён ба сӯи Сурхрӯд,
Бо тамоми қуввату ҷоне, ки будаш дар вуҷуд.
«Ҳой мардум, дашти гандум ногаҳон оташ гирифт,
Ними гандумзорро якбора дар комаш гирифт…»

Талбаки талбидаам, ҷон Талбаки талбидаам,
Ин чӣ қисмат, ки туро дар коми оташ дидаам.
Хестӣ аз ҷо, паропар тохтӣ сӯи замин,
Як су оташ буду дигар сӯ сияҳ рӯи замин.
Мавҷи оташ аз ҳамӣ бар пуштаҳо сар мекашид,
Хӯшаҳои зиндаро чун аждаҳо дар мекашид.
Бо фиғон месӯхту мехост имдоду наҷот,
Соқаҳою хӯшаҳо, ки буд бунёди ҳаёт.
Ман, ки парвардам туро бо ширу бо нони ҳалол,
Ҳам падар омӯхтат номусу мардию камол,
Роҳбанди мавҷи оташ мешудӣ, эй дилписанд,
Мекашидӣ тасмае аз хок бо белу каланд.
То бурун ояд мабодо оташ аз ин киштзор,
То напайвандад ба гандумзори нопайдоканор.
Аз куҷо ҷинбоди саҳро хест, оташ шуд баланд,
Пеши чашматро гирифт, афтонд аз дастат каланд.

Бо мадори монда андар дасту бозуят каме,
Хушмуроди ҷӯраатро тела додӣ бар ҳамӣ.
То биғелид ӯ ба пастӣ, дур аз оташ фитод:
«Ман чу дар оташ саропо сӯхтам, ӯ зинда бод!»

Талбаки талбидаам, ҷон Талбаки талбидаам,
Ин чӣ қисмат, ки туро дар коми оташ дидаам.
Хонаат, ки буд дар як кунҷи ҳавлӣ нимсохт,
Баъди ту бо дасти ёру додарат қад барфарохт.
Гарчи оташ чун саракҳо сӯхт сар то пои ту,
Тухмаи ту монд аммо сабз дар дар саҳрои ту.
Баски асло ту набудӣ бенишону бекамол,
Чун ту мирад ҳар касе, умри абад бодаш ҳалол!
Баъди ту омад ба дунё Талбаки фарзанди ту,
Бенасиб аз рӯи ту, аммо ба ҷон пайванди ту.
Умр агар боқӣ бувад, эй камнасиб аз рӯзгор,
Талбакатро мекунам дар хонаи ту хонадор.
Дорад ӯ равшан чароғи хонаи меҳри падар,
Бошадаш дар зиндагӣ рӯҳи падар имдодгар.
Таҳ нишинад дар дили ёри азизат дарду ғам,
Мебарорам ман варо аз хонаам чун духтарам,
Баски, эй ҷону ҷигар, дунёст дунёи умед,
Ӯ ҷавон асту дилу ҷонаш бувад ҷои умед.
Гар умеди норасои одамӣ гардад расо,
Рӯҳи поки ту шавад осудаву розӣ зи мо.

Талбаки талбидаам, ҷон Талбаки талбидаам,
Ин чӣ қисмат, ки туро дар коми оташ дидаам.
Дар ҳамин даврони серию пурӣ, эй ҷони ман,
Баҳри гандум шарт буд оё дар оташ сӯхтан?
Метавонистӣ, ки бошӣ аз дами оташ канор,
То насӯзӣ хӯшаи ҷони ҷавон дар хӯшазор.
Ман, чӣ мегӯям, Худоё, дар сари дарду алам,
Ин суханҳо мекунад чун теғ қалбамро қалам.
Худ магар н-омӯхтам аз кӯдакият қадри нон,
Қадри нонро, гуфтам, аз ҳар чиз авлотар бидон.
Гар бубинӣ резаи нон хор шуд дар зери по,
Зуд бардору бибӯсу молаш андар дидаҳо,
Пас варо болои деворе, баландие бимон,

Ё чу ризқи моҳиён андоз дар оби равон.
То шавӣ бар халқ ҳамчун нон азизу ёр ту,
То нагардӣ ҳеҷ гаҳ муҳточу хору зор ту.
Гуфтамат: «Аз нон набошад ҳеҷ беҳтар ҳамсафар».
Гуфтамат: «Танҳо бихобӣ, нон бимон болои сар».
Ҳар куҷое нон бувад, шайтон кунад з-он ҷо фирор,
Ҳар касе нон офарад, ҷон офарад дар рӯзгор».

Талбаки талбидаам, ҷон Талбаки талбидаам,
Ман ба хобам шаб туро дар байни оташ дидаам.
Ҳар касе дар хоб сӯзад, қад кашад, гӯянд, халқ,
Ё магар хоби маро шарҳи дигар ҷӯянд халқ?!
Ҳамчу дарё мавҷ дорад хӯшазори бекарон,
Байни он қад мекашӣ то ҷовидон, то ахтарон.

## ТАХТАСАНГИ ГУШНАГӢ

***«Курер»-и ЮНЕСКО хабар медиҳад: Қадимтарин ҳуҷҷате, ки дар бораи гушнагӣ ҳикоят мекунад, дар санг ҳак шудааст.Дар он Фиръавни Миср бо андӯҳ ба наслҳои оянда аз солҳои қаҳтӣ, ки қаламрави ӯро хароб кардаанд, сухан гуфтааст. Дар он «тахтасанги гушнагӣ», ки дар Остонаи аввали Нил пайдо карда шудааст, чунин ҳарфҳо ҳак гаштаанд.***

«Ман ғаминам дар сари тахти баланди хештан,
Аз балое, к-омада бар сарзамину халқи ман.
Ҳафт сол аст обҳои Нил хурду кам шуда,
Чун биёбон киштҳо хушкидаву бенам шуда.
Нест дар анборҳо аз ғаллаву гандум нишон,
Мардуми бечорaро дигар набошад ошу нон.
Халқи зору бемадор аз кору аз рафтор монд,
Гӯиё тири замин аз гардишу аз кор монд.
Тифлакон хору ҷавонон рафта аз нирӯю ҳол,
Аз заифӣ гашта дар рӯйи замин поҳо кашол.
Ҳеҷ н-омад аз хирадмандони дарборам мадад,
Дар илоҷи ин мусибат беилоҷ омад хирад.
Бод бозӣ мекунад дар гӯшаи анборҳо,
Ман ғаминастам, ғамин, бисёрҳо, бисёрҳо…»
Ин фиғони дилшикан аз соли танги гушнагӣ,

Сабт аз Фиръавн шуд дар «Тахтасанги гушнагӣ».
Гӯиё он дар канори Нил менолад ҳанӯз,
Медиҳад пайғом аз дарди шабу аз ранҷи рӯз.
Аз чӣ ин ҳарфи навишта дар азобам мекунад,
Гӯиё ман гушнае бошам, харобам мекунад.
Ё магар ҷонам бувад пайванд бо Мисри қадим,
Асри ман ё решапайванд аст бо асри қадим.
Ё магар он мисриёни гушнаанд аҷдоди ман,
Ё бувад дар асл насли одамӣ якҷону тан?
Ё магар имрӯз ҳам ояд садои гушнагон
Ҳамчу он фарёди ҷонфарсой аз қаъри замон?
Ё магар ҳақ аст ҳарфи Ҳесиоди дурбин:
«Гушнагию ишқ бошад ҳокими рӯйи замин».
Ман намедонам, ки амри ишқ ҳоло то куҷост,
Лек ҳукми гушнагӣ дар рӯйи дунё побаҷост.
Саф кашанд ар гушнагони даҳр аз Ландан кунун,
То ба Нию-Йорк ояд ин сафи хору забун.
Рафтааст аз ёди онон дегу оташдони хеш,
Нони гарми гандумӣ чидан ба дастархони хеш.
Ё ба Бирзиле, ки бошад сарзамини бекарон,
Аждаҳои гушнагию ташнагӣ дорад макон.
Аз ду кӯдак мешавад аз гушнагӣ як тан ҳалок,
Як нафар дар рӯйи хоку як нафар дар зери хок.
Бошад оё даҳшате дар зиндагонӣ з-ин батар,
Ними як халқ аст мотамдор бар ними дигар.
Гар бидонӣ, ки ба ҷойи хоҳарат ту зиндаӣ,
Ё насиби додаратро хӯрдаву пояндаӣ.
Ҳар шабе дар хоб ояд хоҳарат ё додарат,
Бинад ӯ ҳоли турову чашми ғамбори тарат.
Дасти худ хомӯш ёзад бо тавалло сӯйи ту:
«Ёфт шуд оё дар ин дунё насиби мо, бигӯ,
Мо ҳама аз гушнагӣ мурдему аз ранҷу ано,
Дар таги хоки сияҳ ҳам гушнаву зорем мо».
Метавон оё ба асри бист бурд аз ёди хеш,
Ки ба дашти Африқо, дар Соҳили зору париш,
Халқ бо чашмони нам хоҳанд намро аз ҳаво,
То нахушкад умрашон аз реша дар зери само.
Илтиҷо доранд бар муссон,[28] ки созад илтифот,

[28] Муссон – боди мавсимист, ки баъд аз он борон меборад.

Бар сари ёбон бипошад панҷаи оби ҳаёт.
В-арна аз ин дашт кӯчи худ куҷо хоҳанд бурд,
Беилоҷ аз гушнагию ташнагӣ хоҳанд мурд.
Модаре бар тифли зораш медиҳад оби даҳон,
То раҳад тифлаш зи ранҷи гушнагию назъи ҷон.
Пӯсти аспе, ки се маҳ пеш ин ҷо мурдааст,
Мехӯранд ин халқи гушна канда бо дандону даст.
Ҷуста бахшиш гушнадеҳқонҳо зи бут аз баҳри қут,
Мурдаи инсон биҷӯшонанд – қути лоямут.
Дар ҳамин асре, ки инсон меравад бар сӯйи моҳ,
Ҳоли инсон аст зери моҳтоб ин сон табоҳ.
Гар ба ҷое одамон аз гушнагӣ ҷон медиҳанд,
Ҷойи дигар нокасон нонро ба ҳайвон медиҳанд.
Гар саги соҳиб бихобад бо фараҳ дар парри қу,
Мардуми бечора мехобанд шаб дар чорсу.
Болиши дигар набошад зери сар ҷуз гӯшашон,
Осмони сарду бемеҳр аст болопӯшашон.
Дар само тайёраҳои маргбор аз баҳри чист,
Он гаҳе, ки дар замин бар мурдагон тобут нест.
Ман, ки аз аҳволи халқи олам астам бохабар,
Мекунад фарёди Фиръавнам ба ҷону дил асар.
Ҳар куҷо гар мехӯрад кас беҷазо нони ҳаром,
Ман амин астам, ки он ҷо аз адолат нест ном!

## НЕКВ КУНУ БА ДАРЁ АНДОЗ

Буд Амиралмӯъминини пир дар мулки араб,
Аз Худо мекард субҳу шом фарзанде талаб.
Беписар буду ғуломи хешро фарзанд хонд,
Ӯ ба Фатҳи тифл чун бар вориси худ меҳр монд.
Фатҳро маллоҳ меомӯхт дар дарё шино,
То шавад бо варзи обу мавҷи дарё ошно.
Фатҳ рӯзе рафт сӯйи Даҷла бе устоди хеш,
Тифл мепиндошт, к-ӯ худ гаштааст устод беш.
Чун ба дарё ҷаст, бо амвоҷ кард афту дарафт,
Ӯ савори мавҷи дарё рафт, то аз ҳол рафт.
Чун ба девори баланди рӯд як сӯрох дид,
Хешро аз мавҷҳо бар сӯйи сӯрохӣ кашид.

То ба сӯрохӣ даромад, ёфт аз дарё наҷот,
Ҳафт рӯзу шаб дар он ҷо монд бандии мамот.
Рӯзи аввал чун халифа гашт огаҳ з-ин хабар,
Ки ба дарё ғарқ шуд гӯё варо ҷону ҷигар.
Гуфт: «Ҳар кас Фатҳро ёбад, биёрад дар барам,
Медиҳам ӯро ҳазору анд динору дирам».
Обварзон ғӯта мерафтанд дар амвоҷи рӯд,
То ба чашми обварзе Фатҳи бечора намуд.
Завраке оварду биншонду бибурдаш сӯйи тахт,
Шодмон гашту бипурсидаш амири некбахт:
«Зинда мондӣ ту чӣ сон бенон ба дарё ҳафт рӯз?»
Гуфт: «Амиралмуъминин, нон хӯрдам он ҷо ҳафт рӯз.
Дар табақ ҳар рӯз даҳто нон ба дарё буд равон,
Бо ҷадал ман мегирифтам чандтоеро аз он;
Номи марде – Бӯ Ҳасан дар рӯйи онон сабт буд».
Гуфт Амиралмуъминин: «Хоҳам варо ёбед зуд!»
Марде омад субҳдам: «Оё кунедам ҷустуҷӯ?»
«Мақсадат, – гуфто, – чӣ буд з-он кор, эй марди накӯ?»
Гуфт: «Бишнидам, ки мегуфтанд: дар роҳи савоб
Бебадал некӣ куну андоз некиро ба об.
Чун намеомад маро аз даст некии дигар,
Ман ҳамин кардам, ки мекардам, бувад, орад самар».
Гуфт Амиралмуъмининаш: “Панҷ деҳ додам ба ту”,
Гуфт: «Ман н-аз баҳри суде кардаам кори накӯ…»
Ман намедонам чӣ меарзид подоши амир,
Буд аммо ҳиммати деҳқон баланду беназир.
Марди деҳқон аз азал рӯзирасони халқ буд,
Гӯиё, то нон диҳад халқи ҷаҳонро, халқ шуд.
Буда деҳқонзода андар мазҳабу имон қавӣ,
Ҳам яҳуду габру муслим, бутпарасту исавӣ.
Шуд вале одампарастӣ мазҳаби волои ӯ,
Ҳеҷ дин дигар накарда мазҳаби ӯ, рои ӯ.
Хилқати инсонпарасташ буд ӯро роҳбар,
Заҳмати нонофаринаш кард ӯро муътабар.
Нони ӯ мекард бар хони башар ҳусне ато,
Ҳусни дастархони пурноз аст бе нон норасо.
Он, ки чун деҳқон ба мардум нони беминнат диҳад,
Ҷумла оламро ба хулқи хештан зиннат диҳад.
Зумрае бар халқ на нону на рӯзӣ медиҳанд,
Рӯзии ӯро рабуда, боз сӯзе медиҳанд.

Ё ба ҷойи нон силоҳе сохтан набвад гуноҳ,
Ё силаҳ бошад давои гушнагони бепаноҳ?
Зумрае имрӯз агар тиру силаҳ дорад ба даст,
Он нишони дарду доғу гушнагии мардум аст.
Ҷумла першингу ракети зарбазан, донӣ, ки чист,
Нони халқу ҷуз азоби халқи ғоратгашта нест.
Аз силоҳи ҷангҷӯ ҳатто ба ахтар рӯз нест,
Ӯ магар баҳри башар бадтар зи ахтарсӯз нест?
Ҳар касе хоҳад ба зери чарх ҷанги ахтарӣ,
З-ахтари наҳсаш намонад ҷуз кафи хокистаре.

## ДАР ҲИСОРИ ГУШНАГӢ

***Ба ёди Таня Багдануваи сездаҳсола, як нафар аз се миллион зиндаву мурдаи Ленинград (Санкт-Петербург), ки дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ гушна ва дар муҳосираи нуҳсадрӯза буд.***

Кишти гандум хӯша мебаст аз қиёмат бедарак,
Тухми одам бар замин мерехт чун дон аз сарак.
Киштҳо буданд сабзу хуррам аз оби баҳор,
Даштҳо буданд аз хуни башар чун лолазор.
Об мешуд барфҳо дар пуштаву дар кӯҳҳо,
Об мешуд одамӣ аз ғуссаву андӯҳҳо.
Гарчи дар соҳил намегунҷид дарёи дамон,
Хушк мешуд дам ба дам дарёи ризқи одамон.
Наҳр мерафт аз миёни шаҳр озод аз каманд,
Шаҳр аммо дар ҳисори гушнагӣ буд шаҳрбанд.
Олами озодро ин шаҳр пай афканда буд,
Худ вале аз олами озод ҳоло канда буд.
Аз уфуқ поин намерафт офтоби осмон,
Офтоби зиндагонӣ буд аммо бенишон.
Гарчи равшан буд шаҳр аз нури шабҳои сафед,
Буд рӯзи шаҳриён аммо сиёҳу беумед.
Шаҳр монанди ҳисоре буд, к-онро дар набуд,
Ғайри зору гушна мурдан чораи дигар набуд.
Тифлаке дар симкат хобида беҳолу мадор,
Менавишт ӯ бар падар, бар ҷанг, хат аз ҳоли зор.
Номаро мехостам бо шеър орам бар қалам,
Оҷиз омад гаҳ қалам, гаҳ қалбам аз дарду алам.
Ман варо он сон, ки буда, назм кардам сар ба сар,

Худ ғаму дардаш маро мекард таҳрире дигар:
«Ҷон, падарҷони азизам, нома бар номи Шумост,[29]
Номаи ғамбори Таня, тифли нокоми Шумост.
Менависам, баски медонам, ки маргам дур нест,
Дар ҷаҳон аз гушна мурдан дарду ранҷи зӯр нест.
Дар сари ман модарам шабзиндадорӣ мекунад,
Бо тани бемори худ бемордорӣ мекунад.
Додаронам лоғару беҳолу гушна рӯзу шаб,
Дар фироқи як лаби нон ҷонашон омад ба лаб.
Медиҳанд аммо зи ҳаққи нони худ кам-кам ба ман,[30]
Дар сипоси меҳри онон аз куҷо ёбам сухан.
Ман чунон аз гушнагӣ ворафтам аз ҳолу мадор,
Ки ба ҷуз маргам наояд чораи дигар ба кор.
Гул кунад пушти тиреза шохаи нахли ҷавон,
Ман вале дар навда овезон чу як барги хазон.
Дина рӯйи осмонро дида будам беғубор,
Осмони дидаи ман буд аммо ашкбор.
Як нафас мехостам берун равам чун дигарон,
Хостам аз ҷо бихезам, буд ҷунбидан гарон.
Бурд берун модарам дар рӯйи дастонаш маро,
Мефишурд ӯ ҳар замон бар сина чун ҷонаш маро.
Гушнагию дардҳо бурда рамақ аз ҷони ман,
Аз давоми умри ман набвад дигар ҷойи сухан.
Ҷон, падарҷони азизам, рафт як моҳи тамом,
Номаи худро накардам лек то ҳоло тамом.
Баски онро менависам аз заифӣ ҳарф-ҳарф,
Об мегардам сари ҳар ҳарф мисли барф, барф.
Боз баъди як-ду сатре meравад ҳушам зи сар,
Менависам, чун ба ҳуш оям, ду-се сатри дигар.
Гар зи дарду ғусса гирям, дасту поям раг кашад,
Дард гӯё аз заминам бар чаҳи бетаг кашад.
З-ин сабаб аз гиря метарсам, ки ногаҳ ҷон диҳам,
То намонад ҳамчу умрам нотамом ин нома ҳам.
Дӯстам доред агарчи бештар аз ҷону тан,
Ҷон, падарҷон, хун нагардед аз ҷавонмаргии ман.

---

[29] Асли мактуби Таня Багданува дар музеи омӯзишгоҳи педагогии рақами 5 шаҳри Санкт-Петербург маҳфуз аст.

[30] 125 грамм ноне дар назар аст, ки барои як шабонарӯз ба бошандагони дар муҳосара мондаи шаҳр дода мешуд.

Ҳеҷ касро дар вафоти ман гуноҳе нест, нест,
Аз насиби ман батар рӯзи сиёҳе нест, нест.
Ман фақат хоҳам кунун, як бор гиредам канор,
Ман Шуморо то дами марг интизорам, интизор…»

Ман чӣ мегӯям ба ту, эй тифли ширини падар,
Гушна мемирию меҷӯйӣ ту таскини падар.
То кунад сарбоз Багданув зафар дар корзор,
Панҷ фарзандаш агарчи мурд гушна, хору зор.
Гуфтаӣ: Марги маро асло гунаҳкоре набуд,
Буд, аммо ту намехоҳӣ аз ӯ ёде намуд.
То насозад номаатро номи ӯ зишту касиф,
То ба вақти назъ н-олояд туро ҷони шариф.
Гар ту аз покӣ нагирӣ номи ӯро бар даҳон,
Нокасон доранд акнун номи ӯ вирди забон.
Гӯиё ӯ боиси марги туву куштор нест,
Гӯиё хундор буду ваҳшии хунхор нест.
Дод фармон ӯ:
Кунед ин шаҳр яксони замин,
То намонад зинда дар он ҳеҷ ҷони одамин.
Бар сараш боред ҳар рӯз он қадарҳо бомбу тир,
То сияҳ гардад замину осмонаш ҳамчу қир.
То намонад дар ҷаҳон ному нишону ёди он,
Дар ҳисори гушнагӣ мирад ҳама ҷонзоди он…

Рӯҳи халқи зинда,
арвоҳи шаҳидон ёр шуд,
Дар дили халқи гурусна қудрате бедор шуд.
Баски нон омад ба роҳи обу оҳан сӯйи он,
Кард халқи кишварам баски ба ӯ тақсими нон.
Гарчи шуд чун ҳар кафи хокаш диле захмию реш,
Он куҷо таслим шуд,
кард он зафар бар хасми хеш.
Ҳар замон чун абр пӯшонад вале рӯйи само
Дуди ҷисми мардуме, к-ӯ сӯхта дар печҳо.
Аз фиғони зиндагӯронидагони он лаин
То кунун бо нола зери пой мечунбад замин.
Гар касе ёде кунад белаънат аз ному фанаш,
Хуни поки ҳамчу ту қурбониён дар гарданаш!

**УМЕД**

Ман ҳазорон шукр гӯям, суфраи модар, ба ту,
Ки маро парвардию додӣ забони чомагӯ.
Ёфтам ногаҳ турову ҳикмати ин достон,
Ёфтам пайванди даврони навину бостон.
Сабт андар суфраҳо будаст таърихи башар,
Маҳшари таърихи инсон доштаст ин ҷо асар.
Нон набудаст аз азал танҳо ғизои одамӣ,
Нон чу имон будаасту мубтадои одамӣ.
Ҳар гаҳе ки модари тоҷик мешӯрад хамир,
Гӯиё мешӯрад ӯ моро зи нав аслу замир.
Гӯиё мегӯяд ӯ моро, ки насли одамед,
Модари гетӣ агар розист, асли одамед.
Модари инсону гетӣ хоҳад аз фарзанди хеш,
То кунад худро раҳо ӯ аз худу аз банди хеш.
То кунад ӯ ҷумла тӯпу танкҳои хеш об,
З-он фулуз ӯ созад акнун комбайни беҳисоб.
То ҳама майдони машқу посгоҳи аскарон
Сабз гардад ҳамчу гандумзорҳои бекарон.
Аскарони навҷавон ҷойи камон дар даст гул
Интизори духтарон бошанд бо уммеди кул.
Ҷумла мошинҳои ҳарбӣ гашта мошини арӯс
Гулфишону гулбасар гӯянд таҳсини арӯс.
Ҷойи мили тӯпҳо восил ду ангуштар шавад,
Зочааш гӯяд: Арӯси нозанин модар шавад.
Шаст милён ҳарбию созандаи тӯпу силоҳ
Дар замин бо азми деҳқонӣ кунад кори салоҳ.
То ба худ оянд кишварҳои пурзӯру қадир,
Фахр бинмоянд на бо аслиҳа, бо халқи сер.
Мавҷҷӯён аз дигар сайёраҳои ноаён
Дар замин ҳам бишнаванд овозҳои гушнагон.
То расад дар ҷойи тӯпу бомби маргоаре
Тухми гандум чун мадад аз кишваре бар кишваре.
Модари гетӣ бихоҳад мардумиро иттиҳод,
То зи аҷдоду зи асли хештан оранд ёд.
То баранд аз ёдҳо кину ситезу душманӣ,
Синаҳо софӣ биёбад, ақлу дилҳо равшанӣ.
Нони бобой ба хон бинҳода гӯянд одамон:

Ҳар касе аслаш надонад, нест ҳаргиз одам он.
Асли кас нонофарию ранҷу мардумзодагист,
Ҳар касе, ки нон хӯрад беранҷ, мардумзода нест.
Одамиро одамӣ кардаст агар нони ҳалол,
Нони муфташ боз ҳайвон мекунад бе қилу қол.
Ман, ки нон меёбам аз ранҷи шаборӯзи қалам,
Мехурам нони ҳалоли хеш дар бозор ҳам.
Гуфта буд момо: «Ҳазар кун, баччам, аз нони ҳаром,
Ҳеҷ хайре нест дунёро зи инсони ҳаром.
Одамӣ поку ҳалол аст, ар бувад нонаш ҳалол,
Аз ҳалол аст одамию дахрро авҷу камол».
Дорам уммеде, ки халқи гушнаю сери ҷаҳон
Гирди ҳам оянд акнун гирди як дасторхон.
Чун замин дасторхони сабзи аҳли олам аст,
Рӯйи дастархон баробар ҳиссаи ҳар одам аст.

*Азбаски дар ин дуҷилда саргузашти баъзе шеърҳо оварда шудаанд, овардани ин саргузашт ҳам зарур буд, вале чун боби "Талбаки талбидаам (Навҳаи модар)" дар байни достон аст, барои ворид нашудани латма ба дарки яклухтии он, саргузашт дар охир оварда шуд.

## САРГУЗАШТИ "ТАЛБАКИ ТАЛБИДААМ" (Навҳаи модар)

"Талбаки талбидаам" – ин шеър яке аз бобҳои "Достони Нону Имон"- и ман аст. Он асоси воқеъӣ дорад. Талбак Лолаев, ҷавони данғарагӣ буд, ки солҳои ҳафтоди асри гузашта барои хомӯш кардани сӯхтори гандумзори колхоз ихтиёран худро ба оташ зад ва дар охир сӯхта ҳалок шуд. Барои дарки комилтари ин шеър маро зарур аст, ки дар бораи "Достони Нону Имон" мухтасаран чанд сухан гӯям. Аввали солҳои ҳаштод маро андешае фаро гирифт, ки дар бораи арзишмандии Нон, ҳамчун яке аз рукнҳои асосии ҳастии моддию маънавии инсон, яъне Нон на фақат ҳамчун хӯроки моддӣ, балки ҳамчун ғизои маънавӣ, ки решаи Имон аст, чизе нависам. Халқ беҳуда: "–Аввал нон, баъд имон", – намегӯяд. Ҳамин тариқ, ман ба ҷустуҷӯи мавод афтодам, ва ҳар қадар ки чизҳои бисёреро пайдо кардаву мехондам, ҳамон қадар муҳиммӣ ва зарурати навиштани ҳамчунин чизеро дарк мекардам, зеро мақола ва суратҳое, ки нашрияҳои ҷаҳонии ЮНЕСКО оид ба камбуди нон – ғизо дар кишварҳои ақибуфтодаи ҷаҳон чоп мекарданд, маро ба даҳшат меоварданд. Дар онҳо суратҳои бачагону калонсолоне чоп мешуданд, ки танҳо пӯсту устухон буданд, ва онҳоро ба ҳеҷ ваҷҳ бе ашк дида намешуд. Азбаски он нашрияҳо ба ҳама дастрас набуданд, мардуми мо онро намедонистанд, ва

ҳатто тасаввур ҳам карда наметавонистанд, ки чунин ҳолатҳо буданаш мумкин аст, зеро он вақт дар Иттиҳоди Шӯравӣ ва Тоҷикистон ҳам, хушбахтона, масъалаи камбуди нон вуҷуд надошт. Ман он маводро аз китобхонаҳо, махсусан аз китобхонаи Ленини Москва гирифта мехондам. Бинобар ҳамин, вақте ки достонро навишта тамом кардаму ба дӯстон барои хондану баррасӣ медодам, Бозор Собир, ки номи онро хонд, дар ҳайрат шуду ба ман гуфт, ки: – Аскар, охир мо масъалаи нон надорем, ту дар ин бора чӣ навиштӣ? Гуфтам, ки: –Устод, шумо аввал достонро хонед, баъд мебинед, ки Нон дар он танҳо ғизои моддӣ нест, балки маънавӣ ҳам ҳаст, баъдан, агар танҳо моддӣ ҳам буд, арзиши навиштан дошт, зеро камбуди нон масъалаи ҷаҳонист ва шумо медонед, ки шоир танҳо барои як халқу як кишвар наменависад. Хандиду гуфт: – Хеле баланд рафтӣ, хонда мебинем.

Ин ҷо як воқеъаи дигар ҳам гуфтанист. Ман хондани китобҳои толеъномаро дӯст дорам, албатта, ҷиддияшро. Ин гуна толеъномакитобҳои чинӣ, ҷопунӣ, ҳиндӣ, юнониву румӣ..., ки хеле қадимӣ ҳастанд, дар бораи намояндагони бурҷҳо маълумоти ҷолибе медиҳанд, ки ба ҳақиқат рост омадани онҳо касро ба ҳайрат мегузорад. Ман зодаи бурҷи мизон – моҳи октябр ҳастам, ва дар яке аз ин гуна толеъномаҳо дар бораи бурҷи худ маълумоти муфассале хонда будам, ки дар баробари хислату хусусиятҳои дигари зодагони ин бурҷ, гуфта мешуд, ки аз байни онҳо шоиру нависандагон бештар мебароянд, ва азбаски хислати аз ҳама қавитарини онҳо адлу одилист, онҳо бештар ба масъалаҳои иҷтимоӣ меандешанд, ва нобаробарии иҷтимоӣ онҳоро водор месозад, ки гушнагии башариятро бисёр дарднок эҳсос кунанд ва дар бораи НОН асар нависанд. Ин маълумотро ман тақрибан баъд аз бист соли “Достони Нону Имон”-ро навиштанам хонда тамом дар ҳайрат шуда будам, маълум мешавад, ки ман рисолати қисмати худро ба ҷо оварда будаам.

Бадбахтона, солҳои навадуми асри гузашта бар асари фоҷиаи ҷанги шаҳрвандӣ камбуди нон ба сари халқи мо ҳам омад. Ҳоло насли калонсол шоҳиданд, ки дар он солҳо, махсусан, дар Кӯлоби дар муҳосираи иқтисодӣ монда ва Бадахшон мардум аз бенонӣ ба чӣ ҳол омада буданд, ҳатто яке аз шоирони мо дар мақолааш бо фиғон навишта буд, ки: – Дар кӯчаҳои Хоруғ искилетҳо мегарданд. Худи мо дар Душанбе барои нон дар таги дари мағозаҳои нон аз аввали шаб навбат мегирифтем. Ҳамсояҳоямон дар бинои зисти нависандагон гуруснагӣ мекашиданд. Шукри Худо, ки ҳамааш паси сар шуд.

Ҳоло ҳам аз рӯи маълумоти СММ дар кишварҳои дигар – Амрикои ҷанубӣ, Африқо, Осиё қариб як миллиард одам азоби гуруснагӣ мекашад, яъне аз ҳар нуҳ нафар одами сайёра як нафар гурусна аст.

Акнун баргардем, ба саргузашти худи шеъри “Талбаки талбидаам”. Ман онро дар канори Баҳри Сиёҳ, дар Хонаи эҷодиёти Питсунда навиштаам, ва нисбат ба бобҳои дигари достон хеле ба осонӣ ва зуд, шояд барои он ки мавод шиносу худӣ буду онро хуб омӯхта будам. Вазну лаҳни ин бобро ман аз рӯзи дафни дӯсти шоирам Ҳабибулло Файзуллои 32 сола гирифтаам, ки дар роҳи Кӯлоб – Душанбе дар садами мошин ҳалок шуду ман аз Душанбе барои дафнаш рафта будам. Он рӯз, дар Ховалинг, дар ҳавлии падариаш, наъши ӯро зери дарахти бузурге гузошта буданд, ва занони деҳа ба сари ӯ навҳагарӣ мекарданд,

ки дилҳо хун мешуданд. Он дар хотири мани дилхун ҳам барои як умр нақш баста буд, ва ман дар ин боб баробари модари Талбак, ки ба сари наъши писараш навҳа мекунад, ба марги дӯсти ҷавонмарги худ нола кардаам. Ҳамин тариқ, яке аз муаассиртарин бобҳои достон ба вуҷуд омадааст.

Ин бобро ман дар бисёр вохӯриҳои адабиам хондаам ва эҳсосоту бардошти шунавандагону хонандагонро аз он медонам. Ҳангоми тоза навишта тамом кардани достон мо – ду нафарро, мисли ин ки нафари дувум шоир Зиё Абдулло буд, донишҷӯёни Донишгоҳи (ҳоло) миллӣ ба бинои хобгоҳи худ ба вохӯри даъват карданд. Дар толор донишҷӯёни афғонистонӣ ҳам буданд, вақте ки ин байтро хондам:

Дорад ӯ равшан чароғи хонаи меҳри падар,
Бошадаш дар зиндагӣ рӯҳи падар имдодгар.–

донишҷӯёни афғонистонӣ қарс заданд, азбаски шунавандагони мо маъмулан дар охири шеър қарс мезананд, ман аввал дар ҳайрат шудаму зуд фаҳмидам, ки онҳо барои байт қарс мезананд, на барои тамом кардани сухан, ва ба ишораи сар сипос гуфтаму хонданамро давом додам. Аммо ин шеър на ҳамеша ин гуна истиқбол шудааст.

Баъд аз баррасии “Достони Нону Имон” дар Иттифоқи нависандагон, ки онро даҳ-понздаҳ нафар шоири саршинос хонда буданд, он барои чоп ба маҷаллаи “Садои Шарқ” тавсия шуд. Ман баъзе бобҳои онро дар рӯзномаву маҷаллаҳои дигар ҳам ба чоп додам, ҳамин боби “Талбаки талбидаам”-ро рӯзномаи “Тоҷикистони советӣ” чоп карда буд. Рӯзе ба утоқи кори устод Муъмин Қаноат даромадам ва рӯи мизашон ҳамин бобро дидам, ки аз рӯзнома бурида гирифта шуда, зери ҳар калимаву ҳар сатраш хатти сурх кашида аломати суол ҳам гузошта шуда буд, яъне ҳамаи он гӯё хато буд. Ман ба маънои суол ба устод, ки сигор дар даст дар утоқ қадам мезаданд, нигоҳ кардам, ки гуфтанд: – Инро ба Кумитаи марказӣ фиристодаанд, аз он ҷо ба мо фиристоданд, ки ҷавоб нависем. Пурсидам, ки: – Агар махфӣ нест, чӣ ҷавоб менависед. Гуфтанд: – Менависам, ки аз анҷуман то анҷумани нависандагон ин беҳтарин шеъре, ки ба вуҷуд омадааст. Ман ва устод ҳам медонистем, ки ин корро кӣ мекунад, ва он аввалин бор ҳам набуд, ва ин далели нуқси равонӣ доштани он муаллиф буд, зеро ҳеҷ мумкин набуд, як бобе ки зиёда аз сад мисраъ иборат асту аз баррассии он қадар шоирони саршинос гузаштааст ва онро рӯзномаи муътабартарини ҳизбӣ чоп кардааст, ақаллан як сатр ё як калимаи сиҳат надошта бошад, ки ба зери ҳамааш хат кашанду суол гузоранд.

Он нафаре ки ин корро карда буд, хабарнигори радио буд ва ба таври худаш шеър ҳам менавишт ва ба ҳафтавори “Адабиёт ва санъат” меовард, ки чоп намешуд. Боре ба назди ман, ки сардабир будам, даромада хеле даъво кард, вале ҳарфашро гузаронида натавониста, аз назди ман баромада, ба назди устод Қаноат рафта, он касро ба ҷону ҳолашон намонда имзояшонро гирифтааст ва дар долони иттифоқ ба ман рӯ ба рӯ омада, парпанакзанон гуфт, ки: – Ана, Қаноат имзо карданд, акнун чоп мекунӣ! Ман медонистам, ки Қаноат ба ихтиёри худ дар ду дунё ба ин хел навишта имзо намекунанд, гуфтам, ки: – Рав, Қаноат дар рӯзномаи худашон чоп кунанд, ман намекунам. Ӯ ҳам ҷавобам дод: – Ҳоло ҳамту,

ана акнун мебинӣ! Баъд аз ин ҳар навиштаи ман, ки дар матбуот пайдо мешуд, ҳатман барида гирифта мешуду ба ҳамон гуна хаткашиданҳо ба Кумитаи марказӣ фиристода мешуд ва аз он ҷо ба Иттифоқи нависандагон меомад. Маълум аст, ки номашро наменавишт, он вақт мактубҳои беимзо ҳам тафтиш мешуд, танҳо дар замони ошкорбаёнӣ тафтиши мактубҳои беимзо аз миён бардошта шуд ва навиштаҳои ман ҳам аз дасти ӯ халос хӯрданд, аммо ин гуна муносибат дар шаклҳои дигар боз ҳам давом мекард. Сабабаш ҳам маълум, ҳамон буд, ки гуфтам, беҳунари бисёре, ки ба "Адабиёт ва санъат" "асараш"-ро меоварду чоп намешуд, ба ҳамин роҳҳо аз сардабир – Аскар Ҳаким қасос гирифтанӣ мешуд. Якеи дигари ин гуна қасосҳо ҳам ба ҳамин шеър вобаста буд.

Охири солҳои ҳаштоди асри гузашта шоирони эронӣ – Сиёвуши Касроӣ ва Жола Бадеъ, ки дар Москва мезистанд, ба Душанбе ташриф оварда буданд ва Иттифоқи нависандагон марвидро муносиб ёфта, зеро арафаи ҷашни Наврӯз буд, бо иштироки онҳо дар Кохи Борбад маҳфили шеър баргузор кард. Ба хаёлам, ҳашт-нуҳ нафар шоир ҳамроҳи меҳмонон ба саҳна баромада, ҷой гирифтем. Толору балконҳо лабрези шунавандаҳо буд, тақрибан дувуним ҳазор одам. Устод Лоиқ барандаи маҳфил буданд. Маслиҳат карда будем, ки яктоӣ шеър хонем, ё то панҷ-шаш дақиқа, зеро бисёр будем. Ман ҳам як шеъри "Забони тоҷикӣ"-ро хонданӣ будам. Маҳфил оғоз шуду як вақт устод Лоиқ хатчаи қаткардаеро, ки ба рӯяш номам навишта шуда буд, ба ман дароз кард. Кушода хонам, дар он чунин навишта шуда буд: – Шумо дар байни шоирон чӣ кор мекунед? Дар ин гуна ҳолатҳо дар ман аксуламали шадид пайдо мешавад, ва ман дар дил ба ӯ гуфтам, ки: – Ҳоло ман ба ту нишон медиҳам, ки дар ин ҷо чӣ кор мекунам. Ва ҳамон лаҳза қарор кардам, ки шеъри "Талбаки талбидаам"-ро мехонам, зеро яке аз суннатҳои Наврӯз ёд кардани гузаштагони нек аст, ки Талбак ҳамин гуна ҷавони ҷонфидо буд. Навбати ман, ки эълон шуд, бо гуфтани як-ду ҷумлаи мухтасар ба хондани шеър оғоз кардам ва азбаски сахт барангехта шуда будам, шеърро ниҳоят пурэҳсосу пуртаъсир мехондам, чун тамом кардам, толорро чунон кафкӯбии пурмавҷи дуру дароз фаро гирифт, ки ғайримуқоиса буд. Омада дар ҷоям нишастам, аммо кафкӯбӣ ҳеҷ каму паст намешуд, устод Лоиқ аз ҷо бархост, ки иктифо кунанд, аммо нашуд, ба ман муроҷиат кард, ки: – Аскар, хуб, биё боз як шеъри дигар хон. Назди баландгӯяк омада маъзарат хоста, гуфтам, ки: – Дӯстони азиз, сипос, аммо ман аллакай реҷаро вайрон кардам, ба ҷои панҷ-шаш дақиқа, 14-15 дақиқа (хондани он шеър ҳамин қадар давом мекунад), се баробар зиёдтар шеър хондам, акнун навбати дигарон аст. Кафкӯбӣ хомӯш нашуд, маҷбур шудам, шеъри дуюм – "Забони тоҷикӣ"-ро ҳам хонам. Ин бандро, ки хондам:

Аслу буди хешро манзури олам кардааст
Тоҷики сарводапарвар бо забони модарӣ.
То забонаш зинда бошад боз ҳам садсолаҳо,
Боядаш чун Рӯдакӣ соҳибқирони дигаре. –

Сиёвуши Касроӣ қарс зад. Ҳамин тариқ, ин шеър ҳам бо ҳамон гуна истиқбол рӯ ба рӯ омад, вале ман ба ҷоям омада нишастаму дигар барнахостам. Шеърхонии

дигарон давом мекард, ки устод Лоиқ ба ман боз хатчае дароз кард, кушода бинам, ки боз ҳамон ҳусни хат ва навишта, ки: – Чӣ, магар ин ҷо азост, ки шумо марсия мехонед? Хостам, аз ҷо баланд шаваму гӯям, ки: – Агар мардӣ, аз ҷо бихез, то ҳама бинандат, ва ман хатчаатро хонаму ба ту як гӯшмоли сахте бидиҳам, ки як умр фаромӯш накунӣ, вале нахостам ба рӯҳияи идонаи маҳфил латма занам.

Соли 2020

**«САНГИ МАН**
**– АЛМОС»**

**Манзума**

(с. 1997)

Ман киям?
Шояд ангори дарахт,
Решаам рафта дар оби дили деҳ,
Шохаам сабз шуда дар тани шаҳр,
Ки бад-ин ҳол на шаҳрӣ, на деҳотӣ бошам,
Кандам аз хеш, чӣ сон бо дигаре пайвандам?!

Натавонам, ки барам
Панҷаи решаи зарринн диламро бо хеш
Ва дар он хоки навин сабз кунам.
Шоху баргам, ки кунун бори патакреша бувад,
Бим аз ҳамлаи тӯфон дорам.

Лек ҳоло сухан аз тӯфон нест,

Гарчи дар ҳар нафаси зиндагиям тӯфонест.

Маданӣ гаштам,
яъне ки шудам шаҳрзада.

Дӯстони бачагиям ҳама дар деҳ монданд.
Ман ба деҳ меоям,
Лек ҳамроҳи парастуҳо соле як бор,
То дароям ба канори токистонҳояш
Ташнаи меҳри канори модар,
Ҳамчу бо хоҳаракам ҳарф занам бо чашма,
Ба сафедори сарафрохта гӯям, ки:
Салом, эй додар!
Гарм оғӯш кашам момаи пири тутам,
Сар ба санги сари сахти бачагиям ниҳаму
хоб равам.

Хезам,
атроф маро фарши гули зардолуст
Ва парасту созад лона ба шифти хона.

Як замон бому дари хонаи мо
Боми кафтарҳо буд.
Бом пар мезаду кур-кур мекард,
Бом мехонд,
ва бом
Боми оҳангу наво буд ба қонуни саҳар.

Хуш ба ҳолаш,
Ки паси он ҳавлӣ
Қитъаи сабзи замин буд,
ки чун шом ояд,
Осмонаш пури шабпар мешуд.

Кӯдаконе будем,
К-аз ҳавои дили худ
тоқии худро ба ҳаво дода ҳаво,
Медавидем,
ки дар тоқиамон шабпарае дармонад.

Ман, ки андохтам аз шавқ кулоҳам боре,

Рафту дар хӯшаи Парвин овехт.
З-он шабам худ ба замину кулаҳ аз моҳ
бувад болотар.

Дӯстдори суханам.
Сабз гардад ба кафам шохи қалам.
Баски ҳам ишқ ба шудгори хазонӣ дорам
Ва дар ин дам, ки маро нест замину испор,
Рӯи марзи вараҳи тоза қалам меронам,
Ки баногаҳ гияҳе сабз шавад,
гандум ё ҷав рӯяд
Ва аз он қитъаи шудгори қалам,
дасти кам,
Мӯр бар хонаи худ дона кашад.

Дӯст дорам фаварони гули шафтолуро,
Ишқи занбӯри асалро ба арӯси гули себ,
Ки ба як бӯсаи ширин кунадаш обистан
Ва ман обистани гулро
ба қалам об диҳам,
То ки дар дафтари ман шохаи себ орад бор.

Хушам ояд,
Бӯсае, к-аз лаби гул бардорад,
Асали гул кунад охир ба муҳаббат занбӯр.

Ибрате ҳаст дар ин зумраи нӯшин ҳашара,
Ки занад неш фақат аз пайи нӯш.
На пайи нӯш агар неш ба иҷбор занад,
Дарнафас ҷон бидиҳад аз гунаҳи бегунаҳӣ.

Лек афсӯс, маро дар дафтар
Гоҳ-гоҳе на асал ҳасту на занбӯру на себ,
Фақат авроқи гули пажмурда-ст.

Хушам ояд,
Гар зулоли шабнам –
Ташнаи чашмаи нӯши хуршед –
Миннати барги гулеро накашад.

Хушам ояд,
Қатра донад, ки дар он ҳар дарёе дарёст,
Низ дарё, ки вай аз қатра бувад дарёе.

Чун шудам зода ба соли сагу бурҷи мизон,
Аз сагам меҳру вафо мерос аст
В-аз тарозуям дод асту адолатмандӣ.

Санги ман алмос аст.

Шишабозӣ набувад шеваи ҳеҷ алмосе.
Чун мураккаб бишавад санги ман аз дудаи дил,[31]
Гарчи гоҳ обию гаҳ сабзу сафеду сурх аст,
Лек шаффофу булӯрист ҳама.

Шӯълаи теғаи алмоси ман аз нури дил аст.

Дил ибодатгаҳи ман.
Ҳамди ислом аст
он сура, ки ман мехонам,
Бо нафасҳои Масеҳ
Ва ба имони Яҳуд
Ва мудоро, ки расад аз Будо
Ва ба ҳар кас, ки ба дил маъбади имонаш ҳаст,
Оварам рӯйи намоз.

Ва дуо мегӯям,
Беҳи имони маро дорад сабз
Он Худое, ки туро сабз нигаҳ медорад.
Рӯ ба абре, ки равон аст ба дарёи само, мезорам,
То барад хайру савобаш ба қабули хуршед.

Осмон дорад агар
панҷаи оби раҳмат,
На фақат бар сари сарву гулу райҳону тамишк,
Ба сари газна, шутурхору ғумой,

[31] Таркиби санги алмос аз дуда аст.

Ба сари хори хасак ҳам борад.

Хор худро ба чаман хор кунад,
То гуле ханда ба гулзор кунад.

Чашми бад дур зи хори сари кӯтаҳдевор.

Чашми бад дур,
Зоғ агар замзамапардоз шавад,
Чашми хаффош ба хуршед шиносо гардад,
Дом худро шиканад дар пайи озодии сайд,
Гургро раҳм ба бузғолаи гумроҳ ояд,
Заҳр агар дар даҳани мор шавад позаҳре.
Чашми бад дур.

Чашми бад дур,
Шаб зи вайрона ба ободӣ агар орад рӯй
Чуғзи вайронанишин.
Аз ҳаё санги раҳ аз раҳ фиканад худро дур,
Набзи худро шунавад хораи сарду хомӯш,
Гар ба болои шутур
Камбағалро нагазад
Саг
ва ё
соҳиби саг.

Чашми бад дур,
Агар арбоби сиёсат як субҳ
Дар пайи рафъи хумори абадӣ
лаб на ба ҷом,
Лаб ба сарчашмаи дониш ниҳаду додгарӣ.

Кафки дарё назанад лофи асолат
ба сари гавҳари пок,
Ҷӯши мағзоба кунад шарм зи мағзи одам,
Хӯса гар Рустами дастон нашиносад худро.
Чашми бад дур.

Чашми бад дур,
Гар нагӯяд зи ҳасад душмани ту,
(Чун наёбад зи ту айб)
Кач бувад думби сагат.
Ва ҳар он кас, ки занад лофу гизоф,
Ки чу ӯ дар ду ҷаҳон нест башардӯст касе,
Натарошад ҳама шаб
    Лоақал сояи ҳамсояи хеш аз девор.
Чашми бад дур.

Чашми бад дур,
Гар ба ҳар кишвари гумкардашаҳе
    Бози давлат шинад
Ба сари кал, ки кунад соҳибтоҷ,[32]
Он калак лек ба фардои кулаҳгӯшагиаш
Калии хеш фаромуш накунад
Ва нагӯяд, ки барад фарти шаҳӣ аз Доро
Ва наомӯзад ӯ
Панду андарз ба Луқмони Ҳаким,
Мушкили фалсафаро бар Суқрот.
Чашми бад дур.

Чашми бад дур,
Гар ҳамоне, ки бигуфт:
Ин манам бораи подори диёр!
На фақат пораи девори диёр,
Балки девори ҷаҳонро як хишт
Ҷониби худ фақат ӯ, ҷониби худ н-афтонад,
Ки на девор бимонад ба ватан з-ӯ бар ҷо,
На дару дарвоза.
Чашми бад дур.

Чашми бад дур,
Гар нагӯяд зи пагаҳ то ба абад
Дар ҳама гирду канори кишвар,
Ҳамаи вирду намозат, эй халқ,
Номи ман пеш зи Бисмиллоҳ аст.

[32] Ишора ба афсонаҳои халқӣ.

Чашми бад дур,
Гар сари тахти шаҳаншоҳи замон
Чоруқи кӯҳнаву фарсуда бувад овезон,
То бигӯяд, ки: «Аёз,
Чоруқат андар кос,
Ҳадди худро бишнос».[33]

Чашми бад дур,
Гоҳ агар бе хатари ҷон
ба думи шер
тавон бозӣ кард.

Зиндагӣ чун на фақат ҷонбозист,
Зиндагӣ боз, ки бозӣ ҳам ҳаст.

Зиндагӣ нест, вале
Бозии гурбаву муш.

Зиндагӣ гар бозист,
Бозии модари хирс аст ба хирсакбачаҳо
Дар варои ҷангал
Ё паси панҷараи боғи вуҳуш.

Зиндагӣ гар бозист,
Бозии барқ ба нафти шаби торик бувад,
Ки ба оташбозӣ,
Бизанад бар дили зулмат оташ
Пилтаи каҷмакаҷи шӯълавараш.

Зиндагӣ
бозии як лаҳза ҷаҳонафрӯзист.

Зиндагӣ аз кайҳон меояд.
Ҳамчу нурест, ки аз роғи даре мегузарад
Ва ба торикии долони дудар меларзад,
Кас мабодо ки дари хона ба рӯяш бандад.

Зиндагӣ

[33] Аёз, ғуломи Султон Маҳмуди Ғазнавист, ки ба мартабаи вазирӣ расида, чоруқи кӯҳнаашро дар рӯ ба рӯяш овехта нигоҳ медоштааст, ки мабодо гузаштаашро фаромӯш карда, пой аз ҳад берун наниҳад.

ҳадяи нур аст ба ҳар як дари боз.

Нардбоне, ки барад ҷониби бом,
Агар аз шавқ бимонӣ ба сари тиру камон,
Барадат балки ба боми гардун.

Зиндагӣ расми нигаҳ доштани паймон аст,
Ки абад баста ба ҳам
булбулу гул

Хандаи сурхи шақоиқ ба баҳори борон,
Офтобу гули хуршед, ки бинад рухи он
Аз паси сад қабати абри захим,
Теғаи кӯҳу уқоб,
Ҷуфти мусичаву як шохи дарахт,
Камари уқдакушои
зану дастони гиреҳхӯрдаи мард.

Зиндагӣ
ношикебоии абр асту шикебоии кӯҳ,
Зиндагӣ
ҳиммати шеронаи шер,
Ҳилаву рӯбаҳии рӯбоҳ аст.
Гарчи камтар набувад
Шерии рӯбаҳу рӯбоҳии наршераш ҳам.

Зиндагӣ
ҳеҷ на зишт асту на хуб,
Зиндагӣ
бурҷи тулӯъ асту ғуруб.

Лек гоҳе аҷаб аст,
Ях кунад дил ба дами тафсонаш,
Ё зи бедодии сардаш сӯзад,
То яке зумраи нокора саворанд ба дӯши инсоф,
Ҳамчу бар пушти харе.
Дузду раҳзан ҳама якбора шуда «Ҷип»-савор.
Пои инсоф, ки ланг аст имрӯз,
Ланги инсоф нишинад бар «Ҷип».

Лек деҳқон –
сияҳи сӯхта дар саҳроҳо, –
Осиёсанги гарони рӯзӣ
Бикашонад ба сари дӯши хаму обилахез.
Зиндагӣ ҳам, ки гаҳе беинсоф
Ва намакхӯрда намакдоншикан аст,
Рӯйи ин захм намак мепошад.

Зиндагӣ
дониши нодониҳост.

Бикунад дониши мӯраш ҳамаро дар ҳайрат,
Ки агар донаи арзан бибарад,
карда ду тақсим варо

Ва агар донаи гандум бибарад,
карда чаҳораш пора,
Бигузорад, ки нарӯяд ба баҳор.[34]
То намирад ба баҳорон гушна,
То баҳораш нашавад айни хазон.

Ва агар мӯр бад-ин сон доност,
Чӣ тавон гуфт зи донишварии инсонаш.

Дафтари дониши андӯхта шӯям дар об.

То зи нав фалсафаи обу алафро хонам,
Ҳикмати бастагии кӯҳу камарро ёбам.
Фарқи парвозу хазидан дар чист?
Гар паридан нарасонад ба савойи хуршед.

Чист дар ишқи ниҳони садафу марворид,
Ки чу санг аст, вале ҷон дорад,
Ҳаст ҷонзод, вале сангинтан,
Чӣ наботест, ки бораш ҳама гавҳар бошад.[35]

---

[34] Мӯрча вақте дони арзанро ба хонааш мебарад, ду тақсим ва гандумро чаҳор тақсим карда мегузорад, ки дар баҳор неш назанад. Дар ҳолати ду тақсим накардани арзан ва ё чаҳор тақсим накардани дони гандум, он неш мезанад, ки мӯрча инро савқан медонад ва барои он ки беғизо намонад, маҳз ҳамин тавр қисмат мекунад.

[35] Садафу марворид, ки дар зери дарё мерӯяд, хосияти сегона дорад: сангӣ, ҷонзодӣ, наботӣ.

Дар баҳорони гулу бедорӣ,
Нисбати духтари деҳқону ниҳоле дар чист,
Ки ба сар карда сарандози арӯсӣ аз гул
Мешавад дар раҳи домоди чаман атрафшон.
Баъд ҳамтои зани ҳомилае ҳосили хеш
Дар таҳи пираҳани сабз ниҳон медорад.

Дар чаманҳо
Сари ҳар соқи алаф сад гираҳи роз бувад.

Ғунча хандида чӣ гуфтаст саҳар бо булбул,
Ки дигар булбули шӯрида бихонад
ҳама субҳу ҳама шом,
Кай тавонад, ки ҷавоби сухани гул гӯяд.

Дили ман мехоҳад,
Бонги мурғони чаман шӯъла кашад дар гулшан,
Сахт ношодам, агар шохаи гул,
Хушк аз ғунчаи овоз шавад.

Чун бубинам, шаби маҳтоб, ки як ҷуфти ҷавон
Чун ду саршохаи нур аст ба ҳам печида,
Бикушояд зи фараҳ баҳри дилам
Аз замин то маҳтоб,
Ё фарохотар аз уқёнус.

Ман надонам, ки чаро
бештар аз ҳар чӣ, ки ҳаст,
Кашадам ҷазбаи маҳ дар гардун
Дар замин паҳнаи дарёҳоям.

Ин магар ғуссаи ишқи ватани
аввалу сонии ман аст?![36]

Як замон хаймаи маҳ буд нахустин ватанам

[36] Дар қисмате аз фалсафаи Ҳинд оид ба пайдоиши инсон гуфта мешавад, ки ҳастии инсон аз ҳафт давра иборат буда, он аввал дар моҳ пайдо шуда, баъд ба дарё фуромадааст. Замин ҳоло давраи сеюми ҳастӣ ва ватани сеюми ӯст. Ҳамон муҳаббат ва ғуссаи ватани пешини азёдрафта аст, ки инсон ба моҳ ва дарё ба шефтагӣ ва дӯстдорӣ соатҳо бе хастагӣ метавонад назар дӯзад.

Ва ба он пайраҳаи нур,
ки дар байни маҳу дарёҳост,
Як шаб аз зодгаҳи маҳтобам
Омадам бар ватани дарёям.

Маҳди маҳтобии ман
Қарнҳо пас ба ниҳонхонаи дарё ҷунбид,
То зи дарё ба замин по мондам.

Ман набудам, агар аз насли башар,
Бегумон
моҳии дарё будам.
Моҳӣ,
оё хабарат ҳаст, ки ояд аз моҳ.
Моҳӣ аз маҳ, яъне.

Духтарам, к-аввали бурҷи моҳӣ
ба ҷаҳон омадааст,
Рӯзе омад тозон,
(Он замон кӯдак буд)
Гуфт: Бобо, амакеро дидам дар кӯча,
Ба сараш лонаи кафтар мерафт
Ва ба оҳубара мегуфт сухан чун бо мо,
Моҳӣ аз рӯд ба ҳар як суханаш пар мезад.

Ногаҳон себи ҷавоне, ки ба зераш будем,
З-ин суханҳои шигифти кӯдак,
Шох афшондаву ларзиду шукуфт.

Зиҳӣ, он ишқи Худованди
ҷаҳонҳои ҷаҳонсоз,
зиҳӣ,
Ки саросар ба ҳама соҳати даҳр,
Ба ҳар оҳанги сабо,
Ларзаи барги дарахт,
Сари ҳар мавҷи равон,
Балки дар ҳар нафаси туғи биёбони ҳаҷир
Накҳати ишқи маҷозиву намозӣ ҷорист
Ва ба ҳар нахли шукуфта
чамани орзуи Лайлоест
Ва ба ҳар пайки навозишгари бод

Мавҷи дарё,
таби саҳрои дили Маҷнунест.

Ман агар шохаи бед
Дар замини шафати боғчаам биншонам,
Ҳаргиз уммед надорам, ки бисабзад бодом.
Гар бикорам бодом,
Нағз донам, ки намерӯяд бед.

Лек агар буттаи газ рӯяд ҳам,
хушнудам.
То нарӯяд.

Нафареро медонам,
ки пагоҳи ҷумъа
Мехарад халтаи пур
Чормағз аз бозор.
Мефурӯшад ба ҳамон қимат боз.
Чун бипурсанд варо: Суд аз ин савдо чист?
Бо аҷаб мегӯяд:
– Э, чунон мефорад,
Чормағзо бикунан жағ-жағи жағ.

Метавон нон ба гадоӣ ҳам ёфт,
Натавон ёфт валекин номе.

Зиндагӣ як сафари дуру дарози абадист
Бо нигаҳдошти кӯтоҳтарин ҳангоме,
Ки бувад аз ту ба андозаи як ними нафас,
То расӣ зинда ба даргоҳи умед.

Падарам зинда зи ҷанги ватанӣ бозомад,
Модарам шуд, вале аз айби қаровул шабе
ин ҷой шаҳид,
Ки ба сар дошт хумори бода
Ва ба каф дасти туфанг.

Баъд
дар маҳкама
мегуфт ҳамон:
Чӣ кунам – айби арақ,

Чӣ кунам – ҷурми туфанг.

Шуд аз он рӯз яқин
Мастию тиру туфангам манфур.

Модарамро, ки ба гӯристон
бурданд чу бод,
Барфи ғам меборид,
Ончунон авҷкунон, печзанон меборид,
Ки дарахтону хиёбонҳоро
сару бар мепечид.
Оламеро ҳама бо печиши худ мепечонд
Ва таҳи бистари худ мепӯшид.
Барфи поиндарӣ аз бом баландӣ мекард,
Барфи бом аз гардун.
В-аз замин то ба само буд кафанпӯш ҷаҳон.

Мани навроҳ паси панҷара ҳайрон будам,
Модарамро, ки сари дӯш сабук мебурданд
Аз миёни ҳама он барфи бузург
Ба кучоe пурбарф.

Баъд аз он аст, ки мепиндорам,
Маргро роҳи сафеде ба ҷаҳони барфӣ.
Модару кӯдакиам монда паси барф,
паси барфи азим.

Духтарамро, ки гаҳе
Нусхаи модари ман мегӯянд,
Мезанад ҳалқа ба чашмонам ашк.

Чист дар ҳасрати он мурғи қафас,
К-обу донаш бошад,
Амни ҷонаш бошад,
Лек бошад побанд
Ва дар озодии мурғе, ки набошад ба амон
Ва бувад ҳар нафаси зиндагиаш роҳ ба марг;
Ё ки аз хастадилӣ
Бурда аз ёд ҳавои парвоз,
Ва наёрад зи дарахте ба дарахте кӯчад
Ва само дар назараш деги фурӯ афтода-ст

Ва надонад ҳатто
Нашъаи озодӣ
аз ситами побандӣ.

Ман, агар болам буд,
Дода будам ба шутурмурғ, ки парвоз кунад,
То шавад яксара озод зи бори таъна,
Ки шутур бошаду боре накашад,
Ки бувад мурғу наёрад бикунад парвозе.

Агар имкони сухан аз шаън аст,
Чӣ зарурат ба сухан аз таън аст.

Зиндагӣ рӯзу шаб аст,
Шабаш аммо чӣ дароз асту чӣ кӯтаҳ рӯзаш.
Ҳашт соат бошад гарчи шабаш,
Шонздаҳ соат рӯз.

Буд адибе, ки ба ҳар меҳмонӣ,
Сари минбар ҳатто
Ба ғанаб рафтаву хур-хур мекард
Ва гумон мекардӣ,
К-ӯ чӣ донад чӣ бувад бедорӣ.
Лек хонӣ агар имрӯз ту осорашро,
Ҳафт пуштат шавад аз хоби абад ҳам бедор.

Баъд аз он чун дарёбам, ки ба даҳр
Чанд сол аз умре шаб буваду чанде рӯз.

Рӯзро чун на фақат равшанӣ аз хуршед аст,
Шомро низ сиёҳӣ на фақат ҳасрати бехуршедист
Ва на ҳар дидаи боз
Муҳри тасдиқи дили бедор аст.

Ва Худоро чӣ санад буд, ки рӯзи хилқат
Рӯшноиро рӯз,
Зулмату торикиро шаб хонд.[37]

[37] Ишора ба «Китоби Муқаддас», ба ояҳои 3-5, боби «Сифри пайдоиш»: «Ва Худо гуфт рӯшноӣ бишавад ва рӯшноӣ шуд. Ва Худо рӯшноиро дид, ки некӯст ва Худо рӯшноиро аз торикӣ ҷудо сохт. Ва Худо рӯшноиро рӯз номид ва торикиро шаб номид ва шом буд ва субҳ буд рӯзе аввал». Қуръони Маҷид, ояҳои 1,73 сураи «Анъом»:

Балки буд ошиқи рӯз.
Тани шаброба ҳарири сияҳи розу ниёзаш печид
Ва чу зан ҷогаҳи оромиш сохт.

Чашми сар менигарад,
дидаи дил мебинад.

Батни нахл аст ба ҳар хурмое,
Хуми хамр аст ба ҳар навдаи ток,
Раги савт аст гулӯи булбул,
Авҷи парвоз ба зери ҳар бол,
Равзаи ишқ канори ҳар зан,
Ҷовидон гарм,
ки яксар диҳадат зиндагии ҷовидон.

Шӯри ҷанг аст ба ҳар бонги ситез,
Нури сулҳ аст ба ҳар ҳарфи салом,
Мавҷи сеҳр аст ба ҳар чашми сиёҳ,
Акси моҳ аст ба доғи рухсор,
Ҷойи хуршед ба ҳар сояи бед,
Ки зи ҷӯбе чамани зулфи таре рӯёнад.

Чашми сар менигарад,
дидаи дил мебинад.

Чашми дил боз шуду дидам ман,
Ки ҳамин мушти муҳаббат, ки варо Дил ном аст,
Дар қафасбанди ниҳони сина
По фаро мениҳад аз саҳроҳо,
Жарфтар аз дарё
Ва фаротар аз арш
Ва ҳамон бори амонат, ки на дарёву на кӯҳ
Ва на афлок тавонист кашид,
Мекашад ин дили ошиқ бар дӯш.[38]

«Ситоиш аз они Худованде ҳаст, ки осмонҳо ва заминро биофарид ва торикиҳо ва рӯшноиро падидор кард...Ва ӯст, он ки осмонҳо ва заминро ба ҳақ биёфарид. Ва рӯзе, ки бигӯяд: мавҷуд шав, пас мавҷуд мешавад».

[38] Ишора ба Қуръони Маҷид, сураи «Азҳоб», ояи 73: «Мо ин амонатро бар осмонҳо ва замину кӯҳҳо арза доштем, аз таҳаммули он сар боз заданд ва аз он тарсиданд. Инсон амонат ба дӯш гирифт, ки ӯ ситамкор ва нодон буд». Амонат ишқ аст, ки Худованд танҳо ба инсон бахшидааст, мавҷудоти дигар аз он бебаҳраанд. Мурод аз офариниши инсон бурдани амонат, яъне маърифат аст, ки инсон онро ошиқона ба дӯши ҷон мекашад. Дар «Бӯстон-ул-орифин» ва

Ман диле дидаму дарё дидам,
Ва ба ҳар дил дарё
ва ба ҳар дарё дил.
Боз дидам, ки диле,
То нашуд об, нашуд дарёе
Ва касеро, ки дили дарёист,
Туф ба дарё накунад.

Об дар мазҳаби мо
Равшанӣ буду сафо,
Ки дилам соф шуду равшан шуд.

Бинам он мард, ки бо тӯбраи бозорӣ
Ояд аз пайраҳа рӯёрӯям,
Як қалам нусхаи кайҳон бошад.
Баски хаста-ст таҳи бори гарон
Ва кунад пок дамодам ба лаби рӯмолаш
Араққи пешониро, ки дарояд бар чашм,
Дар гумон аст, ки ёдаш ояд,
Асли кайҳониву дастури худовандии ӯ,
Ки миёнҷӣ бувад ӯ
байни Табиат ва Худо.

Арши аъло – Сари ӯ,
Синааш – баҳри Само
Ва Шикам маҳзи Табиат бошад.

Дили ман мехоҳад,
Санги асвад[39] шиканад шишаи хомӯширо,

---

«Тӯҳфат-ул-муридин», зимни баёни ин ки дили ориф бузургтар ва фарохтар аз ҳафт табақаи замину осмон ва аршу курсӣ аст, иллати онро нигаҳдории бори амонати ҳақ медонад. «Ҳазқил пайғамбари алайҳиссалом дуо кард, гуфт: Бор Худоё! Ҳафт табақи замин маро бинамой. Бад-ӯ намуд. Аҷаб омадаш. Гуфт: Илоҳо чӣ офаридаӣ аз ин бузургтар ва фарохтар ба ҷуз биҳишт? Ҷабраил омаду гуфт: Гуфт офаридаам. Гуфт: Илоҳо, он чист? Гуфт: Дили ориф. Гуфт: Чаро? Гуфт: Зеро ки амонат арз кардем бар осмонҳо ва заминҳо ва кӯҳҳо чунонки андар насс танзил аст,... напазируфтанд ва тоқати ин надоштанд, дили ориф пеш омад, амонат пазируфт, далел омад, ки дили ориф аз ин ҳафт табақа фарохтар аст. «Ишора – фақеҳ Аҳмади Хайр гӯяд: Дили ориф аз ин ҳафт табақи замин фарохтар аст ва аз кӯҳҳо сарбарафрохтатар аст ва аз осмонҳо бузургтар аст, ки осмону замин тоқати бардоштани амонат надоштанд, ӯ бардошт. Худои таъоло ба кӯҳ нигоҳ кард, пора-пора шуд. Дар шабонарӯзе сесаду шаст назар ба дили ориф кунад, ҳеҷ нуқсоне андар дили ориф наояд». Иқтибос аз Дуктур Аҳмад Алии Риҷоии Бухоройӣ. Фарҳанги ашъори Ҳофиз. Чопи шашум. Интишори илмӣ. Теҳрон, соли 1370, саҳ. 83-84. Муфассалтар нигаред ба боби «Бори амонат, ишқ.»

[39] Санги маълум дар Каъба

Роз гӯяд боре,
То ба такрор занемаш бӯса,
Ё ниёзи дили моро шунавад
Ва чу донад
чӣ касему зи куҷо меоем,
Хезад аз ҷову занад бӯса ба хоки раҳи мо.

Дили ман мехоҳад,
К-одамӣ ҳамчу дарахте, ки пас аз боронҳо
Ғарқаи нур шавад дар хуршед,
Тозаву тар бошад
Ва тавонӣ, ки кунӣ хам ба замин шохашро
Ва гулашро буйӣ
Ва нагардад самари шохи баландаш ҳаргиз
Тӯъмаи зоғу заған.

Субҳдам ҳомилае сӯйи биҳизор ояд,
Ки: – Дилам бӯйи биҳӣ мехоҳад.-
– Ай Худо, медиҳиям тифлаки зеборӯе.[40]

Нисбате чист миёни биҳию
тифлаки зебо кардан?!

Дили ман мехоҳад,
Осмон шиша,
замин сабзаву
дарё ҳама нилӣ бошад,
Побараҳна равам аз майсаи шабнамхӯрда,
Ҳамчу тифле, ки намедонад роҳ,
Лек мепиндорад,
Ки варо чор тараф шаҳроҳ аст,
Нест банде,
санге,
Нест чоҳе дар роҳ.

Чоҳ – таҳхонаи об

[40] Дар китобҳои тибби қадим гуфта мешавад, ки агар зани ҳомила биҳӣ бештар хӯрад, тифли зебо таваллуд мекунад.

Санг – бунёди бино
Банд – дар пойи вуҳуш

Дили ман мехоҳад,
Сухани шеър бувад сабзтар аз вожаи дашт,
Решаи фикр бувад жарфтар
аз бехи дусадсола чинор.
Савту ово шавад аз хонаи танбӯрии дарё ҷорӣ.

Гулпаракҳо сари зулфони алафро гиранд,
Ғук бар об ҷаҳад,
тоза барояд ба канор,
Сари ду пой нишинад сари санг,
Бидамад сурнайи ҷӯю бихонад овоз,
Ки бубин,
зиндагӣ аз сар чӣ қадарҳо зебост
Ва чӣ андоза сахист,
Ки ба ҳар ғук диҳад ҳанҷараи довудӣ.

Мурғи пӯпак, ки ба сар тоҷи арӯсӣ дорад,
Ба тани тут занад минқоре
Ҳамчу чангӣ, ки занад химчаи ангушти наво
Ба сари хонаи чанг
В-аз раги тути ғанабрафтаи пир
Нағмаю шӯри ҷавонӣ хезад.

То нахонам пас аз ин
Хасу хошоки суханрезаи хеш,
Ҳамшумори сухани сабзи алаф,
шеъри равону тари об.
То надонам пас аз ин
Шоире ҷуз дарё,
Шеър ҷуз оби равон,
Сафҳа ҷуз сафҳаи сабзидаи дашт.

Дили ман мехоҳад,
Чор ҳангоми табиат, ки замони ишқ аст,
Ҳама ошиқ бошем.

Накҳати бодияи ишқ баҳорон ба димоғ,

Гармии бӯсаи хуршед ба лаб тобистон,
Зулфи заррини муҳаббат ба хазон дар гардан,
Дар зимистон шунаҳи барфи сафед
Ҳамчу покии муҳаббат дар чашм
Ва ба ҳар фасл –
бахорону даю тирамаҳу тобистон
Ҳама ошиқ бошем.

Ҳама дар кӯйи муҳаббат мирем,
Ҳама дар шаҳри муҳаббат абадӣ зинда шавем.

Хоса шаҳре, ки хиёбонҳояш
Ҳама сабз аз армон,
Ҳама алвон аз шавқ,
Ҷӯйҳояш пури ширу асал аст,
Нимкатҳо ба канори раҳҳо
Ҳаҷлаи авлонҷакҳоянд
овехта аз шохаи бед.

Нафаси сабзи дарахтон ба ҳаво печида,
Хандад аз ойинаи равзанаҳо
Сӯйи хуршед ҳазорон хуршед,
Ки рухи ойинаҳо шуста сиришки найсон.
Хезад аз ҳанҷараи фохта
оҳанги булӯрини саҳар.

Хонаҳо – чашмаи нур,
Кӯчаҳо хурраму саршор аз ишқ.
Мӯсафеде ба сари гӯши гарон, лолаи сурх,
Сӯйи кампири навадсолаи хеш
Мепаронад абрӯ.

Хоса шаҳре, ки ба вақти дидор
Рӯйи ду дасти дароз
Гул кунад шохаи гулҳои гулобии «Салом»
Ва касеро набувад
Санг дар зери бағал.

Хоса шаҳре, ки гадояш
гули бобунаи тар хоҳад хост,

Баргро хоҳад хонд:
– Дӯст дорад, ё на,
Дӯст дорад, ё на...
Дӯст дорад,
Дӯст дорад,
Дӯст дорад!

Ку шаҳаншаҳ, ки биёяд ба гадоӣ зи дарам,
Ки ҳама шавкати шоҳаншаҳияш
Камтар аз арзиши як барги гул аст.

Хоса шаҳре, ки хиёбонҳояш
Каҳкашоне ба замин густардаст,
Ахтаровезу чароғон чу шаби базми арӯсӣ
ҳар шаб.
Ҳотаву боғчаву гулгашташ
Ҳама чун духтараки омада бар шаҳр зи деҳ,
Абрувон сабз зи нози вусма,
Гунаҳо сурх зи шарми лола.

Хоса шаҳре, ки баҳорон
ба шабонгоҳи бунафш
Дар таҳи чодари рангини сипеҳр
Рахти хоб андозанд
Ва ба овози чаковакҳо хезанд аз хоб
Ва ба чашми оламбине
оламро бинанд,
одамро бинанд,
Осмонро бинанд,
Ки фуруд омада то зинаи пойини дар аст,
Ки фаро рафтани мо
сӯйи худ
осон бошад,
Ҳар кучое
Осмон бошад.

Осмоне, ки дар он
Ҳасти дигар набувад ғайри Худо
Ва дар он боргаҳи Борияш
Солҳоест, ки ӯ
чашм ба раҳ доштаву дил нигарон,

Ки ниҳоят ба канораш ояд,
Он, ки салсоли варо
чанд ҳазорон соле
Аз муҳаббат,
аз садоқат бисиришт.
Дар Заминаш ба халифӣ бигумошт,
Бинишонид сари тахти ҳама эҷодаш
Ва ҳама ишқу умеди худро
Дар ниҳонхонаи қалбаш ҷо дод.

Ҳамчу моҳӣ, ки варо ҳастии бедарё нест,
Ҷумла занбӯри асалро, ки ҳаёти бегул,
Шохи гулро, ки набошад нафасе бе гулбод,
Пас чӣ инсон битавонад, ки бувад дар дунё
Бе муҳаббат ба Худо?!

Ишқи маъшуқ, ки аз ошиқи худ созад худ,
Ҷумла моҳӣ шавад аз ишқи чу дарё дарё,
Ҷинси занбӯр ҳам аз ишқи гуле гул гардад,
Ишқи бодаш бикунад ғунчаи гулро гулбод.

Пас Халифиллаҳи Олам кӣ шавад,
Гар нагардад зи муҳаббат ба Худо,
ёри Худо,
То кунад дар ду ҷаҳон кори Худо.
Ло Илоҳа Иллаллоҳ!

## ЧАКОМАИ РИЗОЙИ МОДАР

Модаре пир, хору зору наҳиф
Ба дари маҳбас омад ин бегоҳ.
Өнчунон буд нотавону заъиф,
Ки баромад ба зӯр аз лабаш оҳ.

– Кист, ин ҷой, эй бачам, сарвар,
Ба мулоқот, то диҳад рухсат
Ба мане, к-аз ду рӯз ҳам камтар
Монда аз умр шоядаш фурсат.

Хоб дидам, ки баст бояд рахт,
Омадам, то кунам васияти хеш
Бачаамро, ки кӯр гашташ бахт
Аз нифоқи замони кофаркеш.

– Аз мулоқоти кардаат ба писар
Нагузаштаст вақти бисёре.
Нест рухсат ба вохурии дигар,
Ҳеҷ узрат намекунад ёрӣ.

Рав аз ин ҷо, ки рӯз бигзашта,
Гуфту омир, дилаш бикард дуним.
Модари аз фироқ хун гашта,
Пушти дар монд бо азоби алим.

– Ман куҷо меравам, ки дар тани ман
Нест ҷоневу ҷойи рафтан ҳам.
На ба шаҳрам даре бувад маскан,
На ба дардам касе бувад марҳам.

Ҳар тараф бингарист, ҷое ҷуст,
Ки ба рӯз оварад шаби ялдо.
Субҳ шояд, ки кор гашта дуруст,
Рухсати вохурӣ шавад пайдо.

Субҳ диданд, дар гаҳе во шуд,
Зери сар монда борхалтаи хеш
Рафта буд хоб, лек хоби абад
Дар таҳи зина модари дилреш.

Ҷамъ гаштанд халқ гирди сараш,
К-ин чӣ маргеву ин чӣ ҳоле буд?
Ба замоне, ки кард хун ҷигараш,
Посухе буд ё суоле буд.

Яке аз омирон ду чашмаш баст,
– Рухсаташ, – гуфт, – буд кори савоб.
Ногаҳ омад садо, ки: – Рухсат ҳаст,
Модар аз марг хест гӯ аз хоб.

Омири пир ҷо ба ҷо шуд шах,
Гуфт: – Лоҳавлаву, – гиребон дошт.
Ин чӣ буд, пойбасти чарху ях[41],
Они дигар гурехт, то ҷон дошт.

Модар озод рафт сӯйи вуруд,
Ҳеҷ касро на эътиборе кард.
Муъҷизе, к-он набуд зи гоҳи вуҷуд,
Меҳри ӯ ё Худойи Борӣ кард.

Рафтани ӯ чӣ шӯр меангехт,
Ҳама дарҳо ба рӯ-ш во мешуд.

Қуфлу занҷиру панҷара мерехт,
Бандҳо канда, зери по мешуд.

То расид ӯ ба ҷойи хоби писар,
Дид ӯро ба бистараш бемор.
Ончунон нарм сила кардаш сар,
К-ӯ зи хоби саҳар нашуд бедор.

– Гуфта будам, ки пойи тобутам,
Эй ҷигарбанди ман, ту бардорӣ,
Гарчи дар ин умед мазбутам,
Ту чӣ сонаш, вале ба ҷой орӣ,

Ки дар ин ҷо туӣ худ андар банд
Ва ман он ҷо ҳалоки қисмати шӯр,
Ки на тобут мебарад фарзанд,
Ки на фарзанд мениҳад дар гӯр.

Дигар аз дасти ман чӣ меояд,
Рӯзу рӯзии ман ҳамин будаст.
Донам, аммо, ки адл мебояд,
Ки Худояш ба банда фармудаст…

Ҷон бачам, шоми ҷумъа Қуръон хон,

[41] кори номумкин, ғайриодӣ

Бифирист ояе ба раҳмати ман,
То бидонам, ки зиндаӣ ба ҷаҳон
Охирин мояи саодати ман.

Гуфту ҷон дод аз нав ӯ ором,
Чун набудаш ба дил ризои дигар,
Ки ба гӯраш барад паёму салом
Баъд аз ин аз писар дуои писар.

## АНӮШИРВОН ДАР ДОДГОҲИ АДЛ

Эй Анӯширвон, ки то имрӯз ҳам
номи Шумо одилтарин
шоҳи шаҳаншоҳони сосонист,
Ман ҳазорон бор маъзурам,
агарчи пурсише аз Зоти Олӣ
н-аз адаб ҳасту на осонест,
Лек водорам кунад
рӯҳи ҳазорон марди қурбонӣ,
ки то ин дам
Ҷойи нафринҳои
нобарҷойи
садҳосолае аз мо –
Ворисонаш,
чашмдори
як дуои хайри инсонист.

З-ин сабаб акнун
мани шоир
Шуморо мекашам
бар додгоҳи адл,
То бубинам ман
чӣ сон буданд эшон
подшоҳи адл.

Эй Анӯширвон,
Шумо дирӯз,
яъне

понздаҳ садсола аз ин пештар
шоҳаншаҳӣ кардед?
Ҳо, бале,
дирӯз
ҳарфам иштибоҳе нест,
Баски кори неку бад
дар эътибори вақт
маҳфуз аст,
Чун Шумо
аз хусравони даҳр
гӯё боз гӯйи
одилӣ бурдед,
Пас
на дирӯз аст
аъмоли Шумо,
имрӯзи имрӯз аст.

Узр орам,
гар бигардам
ранҷаи хотир,
Лек ҳол аз Зоти Олӣ
пурсишеро
посухе хоҳам:
Як Шумою
даҳ ҳазору
ду ҳазори дигаре зан
дар ҳарам ҳозир,
дуруст аст ин?
Пас югурдакҳоятонро ҳам
яқин аст ин ки
садҳо буду камтар на
В-аз барои пешкории занон
садҳо ҷавонро
ахта кардан ҳам,

То баногаҳ
дар чарогоҳи шумо
як шаб начаррад
моли бегона.
Ҳазрато,

ин аст оё
шеваи
як шоҳи адлоин?!

Ё шуморо
хирмане аз Каҳкашон
паҳновару пурбор,
Халқҳоро
бори андӯҳу
пари коҳе.
Ё шуморо
синаи мурғу
дили кабку
шароби ноб,
Дигаронро
ин ҳама дар хоб,
ё аз синаи сӯзон
фақат оҳе.

Хуб,
з-инҳо бигзарем,
аммо чу омад Маздаки беҳдин
ба оини мусовоташ,
К-аз забони
Зардуҳишти Хуррагон
мегуфт:
Эзиди олам,
ки олам сохтасту
банда парвардаст,
То адолат
будаву бошад,
Замин,
Обу Ҳавои хеш
Аз азал дода
баробар
бар шаҳу дарвеш
Ҳам ба ҳар марде
фақат як зан
ато кардаст.

«Ман,

Анӯширвон,
ки аз пушти Қубод астам,
- Шумо гуфтед,-
Мешиносам
хубат, эй Маздак,
ки бар дини ҳақ астӣ ту.
Чун падар моро
ба кешат
эътиқод овард,
Пас,
биё бо мо,
ки дар роҳи Худо
бошем ҳампаҳлу.
Ман
ба ҷойи ҷаддам акнун
мекунам коре,
ки бояд кард,
То мусовоти
зану моли ҷаҳон бошад
ба ҳар кас,
завҷа бар ҳар мард.

Ту кунун,
эй Маздаки бедору хуррамдин,
Сафҳае баргиру
номи маздакиёнро
рақам бинмо,
К-аз ҳамон хуҷҷат шиносем
иҷтимои
маздакиён мо.
То аз онон
баргузинам ман
вазирони
нави кишвар,
Ҳам ту бошӣ
дар барам
марди худоҷӯеву
донишвар».

Мекушоям хон канори

Даҷла пас гуфтеду
Маздакро бифармудед,
То тамоми
маздакиёни мусовотӣ
фаро оянд,
К-ин замон
ҷашни бузурги
Меҳргони мост.
Пас биёед,
эй ҷавонмардони
адлу дод,
То диҳам мансаб
ба ононе,
ки мешоянд.

Маздакиён
гирди хони хусравӣ
дилшод,
На ба каф
теғу синон,
на дар бағалҳо
санг,
Бас ба дил
ҳарфи адолат
доштанду
нанг.
Дар Шумо аммо
муҳайё
нақшаи бедод,
Бо тамоми
лашкаре, ки
дар таҳи ҷома
силоҳе дошт,
Маздакиёнро
гирифта
ҳалқа танготанг.

«Ин ҳама ёрони ту,
Маздак,
ту худ андар

канори ман,
Бингар акнун
дар мусовоти
замину мол
кори ман»
В-аз камар боло
табарзин рафту
истибдод,
То сари боло
ба хони шоҳ
аз гардан
ҷудо уфтод.

Сар шуд он шӯре,
ки мебоист,
сар мешуд,
Дар сари хони
шаҳию
Меҳргон
он рӯз
Як саду панҷоҳ ҳазор
аз маздакиён
каллапар мешуд,
Адл
сар мебохт,
бедоду разолат
тоҷвар мешуд…

Ин Шумову
адлатон,
эй Шоҳи Одил,
эй Анӯширвон?!
Бояд амри
қатлатон,
худхоҳи қотил,
эй Адӯширвон!

В-арна охир
хунбаҳои
он ҳама куштори беҳад
ку?

Боз қатли ду бародар,
ду бародарзодаву
моми ғариби хештанро
чад,
Ҳам Анӯшакзод
пури хешро
ду чашм кардан кӯр,
Як диҳед инсоф,
охир,
дар кадомин чорчӯби адл
мегунҷад?!

Хуб,
ин ҳам равшан аст,
асло муаммо нест,
Ку ҳамон золим,
ки чун одил
мусаммо нест?!
Ҳар қадар
золимтар ӯ будаст,
номаш
он қадар
одилтар оварданд,
Он ҳама
пасмондахӯрҳое,
ки аз хонаш
намак хӯрданд.
Дар ҳарамҳо
ронда шаҳват
хешро хонданд
некоин,
Маздаку
маздактариқонро
валекин
фосиду баддин,
К-ӯ занонро
сар ба сар мехост
гӯё
муштарак кардан,

Баҳри ин бӯҳтон
шуморо ҷо ба ҷо бояд
задан гардан,
К-ӯ фақат мегуфт
ҳар як мард
танҳо
як зане гирад,
На яке чандин саду
чандин сади дигар
надида рӯйи зан мирад.

Лек,
эй зоти Анӯширвону
маддоҳони қотилҳо,
Як ҳазору панҷсад соле
гузашта
гарчи з-он айём,
Гарчи қотилро
ба суди хештан кардед
Одил ном,
То дурӯғ асло нагардад
бар ҳақу
бар ростӣ
пирӯз,
Меканад
дасти адолат
он ниқоб
аз рӯятон
имрӯз.

То замоне
дар ҷаҳон
зулму тааддӣ
ҳаст,
Маздаке
дар батни модар
нутфа хоҳад
баст!
Мешавад акнун,
ки ойини адолат
ғолибу таъйин,

Шод бодо, шод,
рӯҳи маздакиёни
ҳама давру замон
Омин!

БА ТАВАҶҶУҲИ ХОНАНДАГОН!

Хонандагони гиромӣ! Ба ин ду ҷилд маҷмӯаи шеър ман ҳикояти мухтасари зиндагӣ – “Гуфтор дар бораи худ”-ро барои он дохил кардам, ки зиндагии шоир ва махсусан шоири ғиноӣ (лирик), ба ҳаёти ӯ пайвастагии решагӣ дорад. Аз ин рӯ, барои пурра фаҳмидани ашъори ӯ зиндагияшро донистан мадад мекунад, зеро ҳар воқеае, ки бо ӯ рух медиҳад, ё онро ӯ мебинад ва ё аз он огоҳ мешавад, ба ин ё он тарз дар ашъораш акс меандозад, ки навиштаҳои ман ҳам аз ин ҳолат истисно нестанд. Ба замми ин, ҳоло ки бисёриҳо аз воситаи иҷтимоии шабакаи интернет – Фейсбук истифода мекунанд, ман ҳам ин “Гуфтор...” -ро дар он қисм-қисм интишор дода будам, ки хонандагон хеле хуш пазируфтанд, бинобар ин мехоҳам, шумо ҳам имкон дошта бошед, ки онро дар ин ҷо ба пуррагӣ бихонед.

Ба ғайр аз ин, дар ин маҷмӯа баробари баъзе шеърҳо саргузаштҳои онҳо низ дар поини шеър оварда шудаанд, ки мароқангез буда, донистани онҳо ҳам ба дарки комилтари ашъор мадад мекунанд.

## ГУФТОР ДАР БОРАИ ХУД

На танҳо ҳар асари калонҳаҷм, ҳар мақола, балки ҳатто ҳар ҷумла, ки ба қалам меояд, сабабе дорад ва бисёр мешавад, ки маҳз ҳамин сабаб моҳияти ба вуҷуд омадани онро беҳтар аз ҳама муайян менамояд. Навиштани ин «Гуфтор дар бораи худ» ҳам сабабе дошт, ки иброзаш барои дарёфти он мадад карда, хонандаро аз таҳайюр хоҳад вораҳонид, ки чаро муаллиф дар бораи худ, яъне ҳаёту фаъолияти шахсии эҷодияш, худ суҳбат мекунад, ҳол он ки ин жанр бештар очерки ҳаёту эҷодиёт ном дошта, маъмулан аз ҷониби шахсони дигар навишта мешавад. Аввалан, бояд бигӯям, ки ин гуфтор мухтасар хоҳад буд, на ба мисли он очеркҳо муфассал, ки тоқатшикананд, сониян..., хуб, биёед, чун риштаи суҳбат боз шуд, суханро аз сабаби аввал оғоз кунем.

Китобхонаи миллии Тоҷикистон осорномаи бандаро тайёр ва ба чоп ҳозир мекард ва ҳамчунонки маъмул аст, дар оғоз бояд мақолае ҷой медошт, ки дар бораи объект (мабҳас)-и он маълумот медод. Ва ин мабҳас ман будам ва масъулини омодасози осорнома номи чанд нафарро, ки навиштани ин гуна мақоларо мехостанд аз онҳо хоҳиш кунанд, ба забон гирифта, фикри бандаро ҳам дар ин бора пурсиданд, ки кадоме аз онҳо ин корро беҳтар метавонад анҷом бидиҳад. Ман муҳлат хостам, ки фикр кунам. Вале ҳар қадар ки бештар фикр мекардам, ҳалли масъала ба назарам ҳамон қадар душвортар мешуд. Ва он чанд сабаб дошт. Банда дар бораи ҳаёти худ, ҳеҷ ба ёдам намерасад, ки ба ғ айр аз дар

маълумотномаҳои расмӣ дар ҷое чизе навишта чоп кунонида бошам, пас, он касе, ки дар ин бора бояд чизе нависад, маълумотро, ба ҷуз аз худи ман, аз куҷо пайдо мекунад? Агар аз касони дигар, ки маро мешиносанду ҳаёти маро медонанд, мавод ҷамъ овардани шавад, чӣ қадар вақт ва заҳмати зиёде бояд сарф кунад, ки подоши он ҳаргиз ба он ҳаққуззаҳмае, ки ноширон имрӯз медиҳанд, баробар нахоҳад буд. Яъне ҳар касе, ки ин корро мекунад, онро бе уҷри мутаносиби заҳмат ба иҷро мерасонад, ки ман ҳамчунин кореро аз ҳеҷ кас хоҳиш ҳам карда наметавонаму қабул карда ҳам, зеро дар хотири ман ҳикояте, ки Раджнив Ошо, файласуфи ҳиндӣ, дар яке аз китобҳояш меорад, абадӣ нақш бастааст, ки бароям таълими ниҳоят муҳимм ва омӯзанда аст. Яке аз роҳибон (шайхон)-и равияи ҷайния, ки 96 сол дошт, аз хӯрдан даст кашид, то бимирад. Моҳи январ буд. Муридон гуфтанд, хӯрок бихӯред, ки дар зимистон гӯру ҷӯб кардани шумо заҳмат дорад. Ӯ қабул кард ва дар баҳор фавтид. Роҳиби дигар, аз ин фирқа, ҳангоме ки ҷон медод, гуфт, кафшамро биёред, гуфтанд, чӣ мекунӣ, гуфт, рафта дар қабр мемирам, то касеро заҳмат надиҳам.

Ҳамин тариқ, тасмим гирифта шуд, ки агар ҳамчунин чизе зарурат дорад, онро ман худ бояд бинависам. Аз ҷиҳати дигар, аксари ин гуна мақолаҳо, ки дигарон менависанд, мутаассифона, дилгиркунандаанд, ки на танҳо шавқи хонандаро ба хондани он китоб бедор намекунанд, балки аз байн мебаранд. Дар яке аз китобҳои нависандаи фаронсавӣ Франсуа Мориак дар ин бора хонда будам, ӯ ба суоли Мадлен Шапсал, ки фикри навиштани асари «Сафаҳоти ҳаёти ботинии ман» дар Шумо чӣ гуна пайдо шуд, чунин ҷавоб дода буд: «Ман пай бурдам, ки маҷмӯи мақолаҳо, ҳатто мақолаҳое, ки хуб номида мешаванд ва дар иншои онҳо муаллифонашон бисёр заҳмат ҳам кашидаанд, ба хонандагон мақбул нестанд». Чун дар Фаронса ҳол чунин аст, то чӣ расад бар мо.

Дар айни ҳол худи китоб, ки осорнома аст, чизи хондание набуда, барои мутахассисон омода карда мешавад, ба болои он боз мақолаи нохонданиеро зам кардан, бешубҳа, ҷабрест ба ҷони китобу хонанда. Бинобар, кӯшише карда шуд, ки китоб дар сурати ин гуфтор, дасти кам, як чизи хонданӣ дошта бошад. Аммо ин ҳама гуфтаҳо далели пешакии он нест, ки ин навишта сахт шавқангез хоҳад буд, на, танҳо кӯшишест барои раҳонидани хонанда аз малолангезии ин навъ сарсуханҳо.

Таърихи ба ҷаҳон чашм кушодани банда дар шиносномааш 10 октябри соли 1946 дарҷ шудааст. Аммо ба наздикӣ хонумам гуфт, ки ин дуруст нест, банда дар ҳайрат шуда, пурсидам, ки ба чӣ далел? Ҷавоб дод, ки ман шаҳодатномаи таваллудатонро пайдо карда хондам, дар он ҷо 1Октябр навишта шудааст, азбаски Октябрро ба рақами 1 ҷафс ва бо ҳарфи калон навиштаанд, ба назар

мисли 10 менамоянд, шиносномнавис ҳам онро иштибоҳан 10 Октябр навиштааст. Шояд ҳарфаш дуруст ҳам бошад, вале ман ки то 68-солагиам ҳама ҷо 10 октябр навиштаам, дигар дар паси таҳқиқи даҳ рӯз пеш ё паси мавлудам намегардам. Зиёда аз ин, як рӯзу даҳ рӯз он қадар аҳаммияте ҳам надорад, ба қавли худам, ки дар яке аз ҷаласаҳо гуфта будам. Он чунин аст. Мисли ин ки нимаи дуюми солҳои ҳафтоди асри гузашта, ҷаласаи якҷояи садорати иттифоқҳои эҷодии мамлакат доир гашта буд, ки дар хотима чун анъана аз номи он ба Котиби Генералии Ҳизби Коммунисти Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравӣ Леонид Илич Брежнев нома қабул карда мешуд ва Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон, ки ҷаласа дар толори он мегузашт, хондани онро ба зиммаи банда гузошт. Банда онро бо овози баланду ҷарангосӣ, чунонки зарур буд, то охир, ки таърихи рӯз ҳам дарҷ шуда буд, хондам ва дидам, ки толор ба чӣ сабабе бошад, пичир-пичир мекунад ва котиби Кумитаи Марказии ҳизб, ки дар раёсат менишасту ба минбар наздик буд, ба ман бо нимовоз таърихи рӯзеро мегуфт, ки аз хондаи ман як рӯз фарқ дошт, яъне дар чоп як рӯз хато рафтааст, ки ман онро хондаам ва бояд ислоҳ мекардам. Аммо ман ба ҷои ислоҳ чунин гуфтам:

–Хайр, ҳеҷ боке нест, нависандагон вақтро бо асрҳо чен мекунанд, як рӯз барои мо чизе нест.

Бинобар, аз паси як рӯзу даҳ рӯз намегардем, муҳиммаш ин ки ба дунё омадем, соати 2 шаб, дар соли вафодор, яъне саг ва бурҷи мизон. Боз, ҳамчунонки ҳамдеҳонам дар бораи деҳаамон мегӯянд, дар Рӯмони шариф, ноҳияи Хуҷанд, ҳоло Бобоҷон Ғафуров. Соли 1952 ба синфи яки мактаби № 24 деҳаамон, ки он вақт ибтидоӣ ва ба ҳавлиамон наздик буд, рафтам, яъне ҳоло шашсолаи пур ҳам набудам. Он ҳам қисса дорад. Азбаски модарам тақрибан дар дусолагиам ба таври фоҷиавӣ ҳалок шуда буд, ман дар тарбияи модаркалони падариам будам, ки бо амаки хурдиам мезист. Ҳамон ҳавлие, ки ман таваллуд шудаам, ҳавлии модаркалонам буд. Мо аз шафати ростамон ҳамсояе доштем, ки бо мо бисёр дӯст буданд ва ман бисёр вақт бо духтарони онҳо, ки ду-се нафари онҳо аз ман як сол-ду сол хурд ва ё калонтар буданд, бозӣ мекардам. Калонтари он духтаракон ба мактаб мерафтанд ва ман ба ҷону ҳоли бибиам намонда, ӯро водор кардам, ки маро ҳам ба мактаб барад. Ӯ аз матое ба ман мисли киф чизе дӯхту дафтару қаламро ба даруни он андохта, маро ба мактаб бурду аз муаллим хоҳиш кард, ки ба синфи як қабул кунад. Азбаски бибиам дар деҳа соҳибэҳтиром буд, муаллим ҳарфи ӯро ба замин нагузошта, ҳарчанд ман хурд будам, маро ба синфи як қабул кард. Он муаллим, Мирзонеъмат Аҳмадов, ки ба синфҳои ибтидоӣ дарс медод, моро то синфи панҷум расонд, равонаш шод бод, ки инсони бисёр хубу меҳрубон буд ва ман ба ӯ меҳр баста будаму талабаи аълохонаш будам ва ӯ ҳам маро мисли

як фарзанд то охири умраш азиз медошт. Қисса кӯтоҳ, баъди синфи чаҳор мо ба мактаби №12 рафтем. Хондани мо дар он мактаб ҳикоятҳои аҷибе дорад, ки шояд ягон вақт ҳавсалаи навиштанаш даст диҳад, аммо ҳоло танҳо аз ду-сетои онҳо ёд овардан кофист. Ба мо аз фанҳои забон ва адабиёт муаллим – Абдусамад Файзиев, ки марди хушсурату зебо ва ошиқи фанҳояш, махсусан адабиёт буд, бисёр шавқовару хотирмон дарс мегуфт. Ба хаёлам, аз синфҳои шашум ё ҳафтум буд, ки дар ман шавқи шеър навиштан пайдо шуд ва чизакҳое менавиштам вале, мутаассифона, дар атрофи ман касе набуд, ки аз қонуниятҳои шеър огоҳ бошад ва ё, ақаллан, ба хондани китобҳое роҳнамоӣ карда, дар омӯхтани асрори он мадад расонад. Дар асоси муҳаббати шеър бо Нурмуҳаммад Ниёзӣ, ки як синф аз ман поинтар мехонду ӯ ҳам ба ҳамин кор машғул буд, ошно шудем. Боре, дар синфи ҳафт ё ҳашт мехондем, бо ҳеҷ кас аз муаллимон маслиҳат накарда, аз пеши худ ҳар ду як рӯзномаи ҳаҷвии деворӣ сохтем, ки расмҳои онро Нурмуҳаммад кашида буду матнҳояшро ҳар ду гӯё бо шеър навишта будем. Онро субҳи барвақт оварда ба девори даруни мактаб часпонидем. Ҳамон пагоҳӣ ба мактаб аз шуъбаи маорифи ноҳия комиссия меояд ва он рӯзномаи девории ҳаҷвии моро дида, ба муаллимон таъриф мекунад. Аммо онҳо намедонистанд, ки баъзе талабагони духон, ки мо ҳаҷв карда будем, фарзандони муаллимони мактаб буданд. Баъди рафтани комиссия мо, ду муаллифи худсарро, ба хонаи муаллимон даъват карда, ҳам таърифу ҳам сарзаниш карданду рӯзномаро аз девор каканд.

Ман дар мактаб умуман аъло мехондам, аммо ҳоло нағз мефаҳмам, ки муаллимони фанҳои риёзӣ ба ман ба хотири он ки аз фанҳои дигар баҳои аъло мегирифтам, гузашт карда, аз фанҳои худ баҳои аъло мемонданд. Вале, мисли ин ки, дар дарси адабиёту навиштани иншо лаёқат доштам, ки муаллими адабиётамон, баъзан ҳангоми дар синфи нуҳуму даҳум хонданам, аз ман хоҳиш мекард, ки дар тафтиши иншоҳои адабиёт ба ӯ мадад расонам, яъне иншоҳои ҳамсинфонамро тафтиш кунам. Солҳои дар мактаби миёна хонданам дар хона ҳар вақт мавзӯи баъд аз тамом кардани мактаби миёна дар куҷо хондан ва оянда кӣ шудани ман ба миён меомад ва падарам, ки ба ихтисоси духтурӣ эҳтироми бисёр дошту онро башардӯсттарин касб медонист, мегуфт, ки ба донишгоҳи тиббӣ меравию духтур мешавӣ. Ман аввалҳо чизе намегуфтам, вале дар синфҳои болоӣ, ки ба адабиёт меҳр доштаму гӯё шеър ҳам менавиштам, дигар худро дар соҳаи дигар тасаввур карда наметавонистам ва ҳар вақте ки падарам боз ин масъаларо ба миён меандохт, акнун мегуфтам, ки: ман шиками қурбоққакафониро дӯст намедорам. Аз куҷое шунида будам, ки донишҷӯёни духтуршаванда дар дарсҳои таҷрибавиашон ғукҳоро буридаю дарида дарунашро меомӯхтаанд, ҳоло аз мурдахонаравию ҷисми мурдаҳоро ин тавр карданашон

бехабар будам, вагарна маро барои омӯхтани ин касб ташвиқ кардан бефоида буд, зеро ман ҳеҷ вақт ҳатто дидани ин гуна корҳоро тоқат надоштам, то чӣ расад ба карданаш. Ҳангоми дар синфи нуҳ ё даҳ хонданам дар рӯзномаи «Пионери Тоҷикистон» хабарчаву дар «Ҳақиқати Ленинобод» шеърчаам чоп шуда буд, ки ба чиҳилсолагии ташкилоти пионерӣ бахшида шуда буд, он вақт ҳама аз хурдӣ аҷаб фарди ҷамъиятиву сиёсӣ будем. Чаҳор мисраи аввалаш ҳоло ҳам дар хотирам ҳаст:

*Фарҳод омад бегаҳӣ*
*Чун тир бар назди падар.*
*Бар гардани худ баста буд*
*Ӯ галстуки шӯълавар.*

Баъд, Фарҳод ба падар мегӯяд, ки маро табрик кун, ман имрӯз чиҳилсола шудам, падар дар ҳайрат шуда мепурсад, дар ин бачагӣ чӣ тавр чиҳилсола шудӣ, ӯ ҷавоб медиҳад, ки имрӯз ташкилоти пионерии мо чиҳилсола шуду ман ҳам. Ҳамин тавр, ҳарфҳои бачагона. Ёдам ҳаст, ки барои он се ё панҷ сӯм ҳаққи қалам ҳам дода буданд, ки падарам ба болои он чанд пули дигар зам карда, ба ман як курта харида, ба хона омада гуфта буд, ки: инро Аскар, худаш, аз пули шеъраш харидааст. Ҳамин тариқ, бо ҳамин гуна бозиҳои бачагона роҳи ояндаи мо муайян шуда буд, ки падар ҳам дар бораи духтур шудани ман дигар ҳарф намезад.

Мактаби миёнаро бо нишони нуқра тамом кардам, ман, ки аъло мехондам, чаро бо нишони тилло неву нуқра, ин ҳам қисса дорад. Рӯзе, ҳангоми дар синфи нуҳ хонданам, дар вақти танаффус, дар синф, бо як ҳамдарсам барои чӣ бошад, аввал муноқиша, баъд занозанӣ кардем ва ман ӯро афтонда, ба зерам гирифта будам, ки занг шуду ба синф муаллими ҷуғрофиё даромад. Ӯ ин ҳолро дида, ба ман дар дафтари синф як дуи ғафс гузошт ва ҷамъбасти солонаи ман аз ин фан чор шуд ва азбаски дар синфи даҳ дигар дарси ҷуғрофиё набуд, ин баҳои чор ба номаи камоли ман дохил шуд, ки бо баҳои чор ба нишони тилло пешниҳод кардан мумкин набуд. Хайр, ба қавли мардум, ёди он нишон ба хайр, вале ҳоло ҳам бо он ҳамдарсам, ки аз дӯстони беҳтарини бачагиам аст, вомехӯраму ҳамдигарро оғӯш-оғӯш мекунем, он воқеа ба ёдам омада, хиҷолат мекашам, кошкӣ ӯ фаромӯш карда бошад. Ба замми ин, аз синфи мо се нафар ба нишон, як нафар ба нишони тилло ва ду нафар ба нишони нуқра, пешниҳод шуда буд, вале танҳо ба ман нишон доданд, зеро иншоҳои мо се нафарро шуъбаи маорифи ноҳия тафтиш карда, ба иншоҳои он ду нафари дигар баҳоҳои паст гузоштааст. Аммо он нишон ба ман қариб дарди сар оварда буд, зеро номаи камоли ҳамаи ҳамсинфони маро дода буданду ҳеҷ не ки аз они ман тайёр шаваду диҳанд,

мегуфтанд, ки онро бо нишон ҳамроҳ медиҳанду ҳоло наомадааст ва ман тарс доштам, ки аз рӯзи қабули ҳуҷҷатҳо ба мактаби олӣ дер мемонам. Хайрият, дар охир ҳамааш ба хубӣ анҷом шуд ва ман ба Душанбе омада, ба факултети таъриху филологияи Донишгоҳи давлатӣ (ҳоло Донишгоҳи миллӣ) ҳуҷҷат ва имтиҳон супорида донишҷӯ шудам.

Ин фасли зиндагӣ худ як қиссаи зебоест, агар кас истеъдоди навиштан дошта бошад, вале ман ҳоло новобаста ба он ки дорои ин гуна истеъдод ҳастам ё на, барои навиштани он фурсат надораму мавридро ҳам муносиб намедонам, бинобар, танҳо чанд лаҳзаро, ки ба фаъолияти эҷодӣ робита дорад, ҳикоят хоҳам карду бас. Онҳое, ки он солҳо, чанд сол пеш ё пас, ҳангоми тадриси устодон Шарифҷон Ҳусейнзода, Воҳид Асрорӣ, Соҳиб Табаров, Додоҷон Тоҷиев дар шуъбаи забон ва адабиёти тоҷик хондаанд, аз онон хотираҳои аҷибу ёдоварданӣ доранд, ки ман ҳам яке аз ҷумлаи онҳоям. Мо дар нимсолаи аввал дарси назмшиносӣ доштем, ки устод Шарифҷон Ҳусейнзода тадрис мекарданд. Ин фан гӯё барои бисёриҳо сахт мушкил буд, ки баҳои аъло гирифтан аз он дар як курс, базӯр, ба як-ду нафар муяссар мешуд. Аммо ба ман ин фан ҳеҷ душворие надошт, зеро ман, ки шеър машқ мекардам, дар мактаби миёна онро худомӯзӣ карда будам. Ҳамчунонки болотар гуфтам, солҳои талабагиам ман дар пайи китоб ва ё касе будам, ки аз ӯ қоидаҳои шеъррро биомӯзам, вале дар муҳити деҳ онро пайдо карда наметавонистам. Ҳангоме ки ба синфҳои болоӣ расидам, бо дучархаам ба шаҳр, ки аз ҳавлии мо тақрибан ду-се километр фосила дошт, меомадаму ба дӯкони китоб, ки дар шафати масҷиди Шайх Маслиҳатдин буд, медаромадам, то чизе пайдо кунам. Фурӯшандаи он духтари зебои яҳудӣ буд ва бисёриҳо барои тамошои ӯ ба он ҷо медаромаданд, бинобар дӯкон ҳамеша пур аз ҷавонон буд, ки бештар харидори ҳусн буданд, то китоб. Он духтар, ки фурӯшанда буд, яъне кор мекард, аз мани талаба, албатта, соли бештар дошт, вале банда ҳам аз қабили он гурӯҳ будам. Ана дар ҳамон дӯкон боре китоберо бо номи «Қофия дар назми тоҷик» дидам, ки муаллифаш Бахром Сирус буд, онро зуд харидам ва он ягона китобе буд, ки ман он солҳо оид ба шеър пайдо кардам ва табиист, ки онро хуб хонда будам ва шояд, аз ин рӯ, дарси назмшиносӣ барои ман мушкил набуд. Дар имтиҳони нимсола аз ин фан, ёдам ҳаст, ки дар билет ба ғайр аз суолҳо боз ин байти Саъдӣ ҷой дошт, ки бояд таҳлил мешуд:

*Бигзор, то бигирям чун абр дар баҳорон,*
*К-аз санг нола хезад рӯзи видои ёрон.*

Ман онро аз назари вазну қофия ва санъатҳои бадеӣ таҳлили муфассале кардам, ки устод Ҳусейнзодаро аввал шигифтзада карду баъд ба ваҷд овард, ки хеста, ба китфам нарм-нарм зада, бале, писарам, бале, писарам мегуфтанд. Аз имтиҳонҳои Воҳид Асрориву Соҳиб Табаров ҳам ба ҳамин минвол мегузаштам. Мушкил аз фанни забоншиносӣ доштам, на ба он маъно, ки баҳои паст мегирифтам, балки ба он маъно, ки китобҳояш ба забони русӣ ва душворфаҳм буду асабиям мекард ва тайёр кардани дарсаш вақти бисёрамро мегирифт. Дар асл, қоидаҳои сарфу наҳв барои ман аз мактаби миёна дилгиркунанда буданду номаҳбуб, танҳо солҳои дар аспирантура хонданам ба ин илм шавқ пайдо кардаву аҳаммияташро фаҳмидам.

Дар ин ҷо агар аз даврони донишҷӯӣ, ки ба фаъолияти оянда илмию адабии ман алоқаманд аст, ду-се ҳикояте карда шавад, ноҷо нахоҳад буд. Он солҳо дар факултаи таъриху филологияи тоҷик маҳфили «Адибони ҷавон» фаъолият мекард, ки роҳбарии онро шоир Тоҷибой Муродӣ ба уҳда доштанд. Эшон иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва дар он аз як пои худ маҳрум шуда буданд ва баъди 12 соли Ғ алаба, чанд соли кор дар соҳаи маориф, дар калонсолӣ вориди донишгоҳ шуда буданд ва соле, ки мо дар курси якум мехондем, дар курси панҷуми шуъбаи шарқшиносӣ (форсӣ) таҳсил мекарданд. Муродӣ як шахси ҳалиму меҳрубон, ғамхори ҷавонон буданд ва бо ҳамаи фазилатҳои ҳамида ва писандидаашон камтар содагиҳои безарар ҳам доштанд, ки барои баъзеҳо мояи ҳазлу шӯхӣ буд. Ин марди дилдодаи шеъру шоирӣ маҳфили «Адибони ҷавон»-ро таъсис дода буд ва ба он хидмати бедареғе мекард, бо шарофат ва даъвати ӯ шоирони маъруфи тоҷик ба маҳфил омада, ашъори шоирони ҷавонро баррасӣ мекарданд, ки барои навқаламон дарси манфиатноке буд. Ӯ баъдҳо, бо вуҷуди солхӯрдагиаш, рисолаи илмӣ навишта, дифоъ карда, соҳиби унвони номзади илм ҳам шуд. Банда аз соли аввали таҳсил узви ҳамин маҳфил будам. Дар он солҳо Нозирҷон Боҳирӣ, Абдуфаттоҳ Кулолӣ, Гулназар, Саидалӣ Маъмур, Ҳоҷӣ Мурод, Ҷамолиддин Каримзода аз фаъолони маҳфил буданд, ки баъд аз онҳо шоирони хубе ба камол расиданд. Дар соли севум ё чаҳоруми хониш буд, маҳфил аз шоир Аминҷон Шукӯҳӣ, ки он вақт муовини раиси садорати Иттифоқи нависандагон буд, хоҳиш кард, ки дар баррасии ашъори банда, ки маҳфил дар ҷаласааш гузошта буд, иштирок кунад. Шукӯҳӣ ба маҳфил омада, фикрҳояшонро дар бораи шеърҳо муфассал баён намуданд, дар ҳошияи варақҳо қайдҳо ҳам карда буданд, ки баъд ба ман доданд. Ман бо фикрҳои эшон мувофиқ будам, ба ҷуз дар як ҳолат. Он шеъре буд бо номи «Имони саг», ки устод напазируфта буданд, бо ин далел, ки ҳеҷ сайёде гӯё сагашро намепарронад ва ин амал аз ҷониби одам хуб ҳам нест. Ҳарчанд банда ин эродро дар дил қабул надоштам,

аммо ба эшон чизе нагуфтам ва он шеърро ба ҳеҷ рӯзномаву маҷалла барои чоп пешниҳод накардам, ҳамин тариқ он аз ёдам рафту гум ҳам шуд. Солҳои ҳаштодум, ки бештар ба шеър машғул будам, ба ёдам расид, ки бо номи «Имони саг» шеъре доштам, вале ҳар қадар ки дар байни коғазҳоям ҷустам, пайдо карда натавонистам, шояд куҷое бошад, ё ҳангоми аз хона ба хона кӯчиданҳо гум шуда бошад, вале азбаски мавзӯяш дар ёдам буд, онро аз нав навиштам. Бинобар, имрӯз намедонам, чӣ чиз аз шеъри пешин мондаасту чӣ чизҳояш тоза аст. Ҳамроҳи шеърҳои дигарам онро ба устод Лоиқ, ки сармуҳаррири маҷаллаи «Садои Шарқ» буд, пешниҳод кардам, ба эшон он шеър бештар аз шеърҳои дигар хуш омад, ки шӯхиомез «инаш зӯр будаст-ку» гуфту ҳамаашро ба чоп гирифт.

Имрӯзҳо, чун дар ин бора меандешам, мефаҳмам, ки ба фикри Аминҷон Шукӯҳӣ оид ба он шеър мафкураи замон, ки инсон ва, махсусан, инсони шӯравӣ аз худ амали нописанде набояд зоҳир кунад, таъсире доштааст, вагарна эшон медонистанд, ки мавзӯи адабиёт танҳо аз воқеаҳое, ки рух додаасту медиҳад, иборат набуда, балки дар он эҳтимолот ва хаёлоти бадеӣ низ мақоми на камтаре дошта метавонад.

Дар он солҳо, шояд соли севуми донишҷӯӣ буд, ки чанд шеърамро ба идораи рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» барои чоп бурдам. Мудири бахши адабиёт, мисли ин ки, Додоҷон Раҷабӣ будааст. Ӯ шеърҳоро гирифта, як сӯ монду дар куҷо хонданамро пурсид, чун фаҳмид, гуфт:

– Мо шеър бисёр дорем, аммо тақризу мақолаи танқидӣ надорем, ана ин китобро мегирӣ ва як тақриз навишта мебиёӣ, баъд шеърҳоятро чоп мекунем, – ва ба ман китоби ҳикояҳои «Дар гирди гулхан»-и Лутфӣ Саидро дод. Ҳамин тариқ, ман аввалин тақризи худро ба китоби бадеӣ навиштам, ки дар он рӯзнома чоп шуд, сипас ба шарофати он шеърҳоям. Бинобар, намедонам, ки дар ҷодаи адабиёт ман аз шеър бештар шукргузор бошам ё аз нақд. Ба ҳар навъ, то ҳол хидматгори ду хоҷаем, бубинем, кор охир чӣ мешавад.

Ба хаёлам, дар соли чаҳоруми донишҷӯиям буд, ки маро ба идораи рӯзномаи «Ба қуллаҳои дониш»-и донишгоҳ ба ним баст ба кор гирифтанд. Ин бароям аз ду ҷиҳат хуб буд, ҳам аз ҷиҳати моддӣ, ки як миқдор пул мегирифтам ва ҳам аз ҷиҳати эҷодӣ, ки таҷрибаи бештари навиштану таҳрир касб мекардам. То он вақт ҳам, ба хаёлам, дар он рӯзнома чизакҳое чоп кунонида будам. Масалан, ба чанд кас ҳазлҳои солинавие бо шеър навишта будам, ки дар байнашон ҳунарпешаи синамо Муяссара Аминова ҳам буд. Он шеър, албатта, бештар оҳанги мафтунӣ аз ҳусну назокат ва ҳунари ӯ дошт, то ҳазли солинавӣ. Муяссара он вақт ба тозагӣ дар филми «Ҳасани аробакаш» нақши Садафро офарида, ба шуъбаи рӯзноманигорӣ ба таҳсил омада буд. Шеър ба ӯ писанд шудааст, чун мефаҳмад,

ки муаллифи он ман ҳастам, бо ман эҳтиром ва рафоқати хосае нишон медод, ки боиси сарфарозии ман ҳам буд, ки ҳунарпешаи овозадоре маро дар ҳалқаи дӯстонаш даровардааст. Аммо ӯ пас аз каме таҳсил шуъбаро тарк карда рафт.

Дар аввали соли панҷуми хонишам ҳодисаи нохуше рух дод, ки баъдҳо натиҷаи хубе бор овард. Дар хобгоҳи донишгоҳ, ки дар кӯчаи Айнӣ воқеъ буд, дар ошёнаи севум дар хонаи чоркаса мезистем. Рӯзи мавлуди ман, бегоҳӣ, чанд нафар дӯстон дар хона ҷамъ омада буданду ҷашн мекардем. Устод Соҳиб Табаров дар муқобили хобгоҳи мо, дар он тарафи кӯча мезистанд ва баъзан, бегоҳиҳо, ба хобгоҳ омада, бо мо шоҳмотбозӣ мекарданд. Ҳамон бегоҳ ҳам омада, ба хонаи мо даромаданӣ шуда, дарро мекушоянду мебинанд, ки мо машғули базм ҳастем, ба хонаи ҳамсояи мо даромада, бо онҳо шоҳмот мебозанд. Шоир ва тарҷумон Аслам Адҳам, ки аз солҳои аввали донишҷӯиям бо ман робитаи бародарона дошт, ба табрикам омада буд. Ӯ аксар вақт сархуш мегашт, он бегоҳ ҳам дар ҳамон ҳолат буд ва ба хонаи ҳамсоя, ки дар он ҷо Соҳиб Табаров бо ҳамдарсони ман шоҳмот мебозиданд, медарояд ва бо ӯ шӯхиҳои беадабонае мекунад, ки устод аз он сахт меранҷанд. Чун устод мефаҳманд, ки Аслам ба табрики ман ба хобгоҳ омада будааст (зеро Аслам донишҷӯ набуд, ки дар хобгоҳи донишҷӯён бошад), бинобар, аз ман домангир мешаванд. Фардои он рӯз, пеш аз дарси Табаров, сардори курсамон ба ман гуфт, ки Соҳиб Табаров гуфтанд, ки ту ба дарсашон надароӣ. Ман, ки аз он воқеа хабаре надоштам, дар ҳайрат шуда аз сардори курсамон сабаб пурсидам. Сардор воқеаи шабинаро ба ман нақл карда, гуфт, ки шояд ба ҳамон сабаб бошад. Ман ҳам аз воқеа ва ҳам аз қарори Табаров дар ҳайрат афтодам, зеро, ҳамчунонки гуфтам, аз воқеа огоҳ набудам (ҳамдарсонам шояд барои дар шаби мавлуд озурдахотир накардан ба ман воқеаро нагуфта буданд). Ман ба дарс надаромадам, вале бегоҳӣ ба хонаи устод рафтам, ки гуноҳамро фаҳмам. Дидам, ки устод хеле озурдахотир аст ва ба рӯи ман нигоҳ накарда, гап мезанад, ҳарчанд ман аз донишҷӯёни дӯстдоштааш будам. Чун пурсидам, устод ба ман гуфтанд, ки: – Устоди шуморо таҳқир кунанд, оё барои шумо фарқ надорад? Ҷавоб додам, ки: – Ман охир аз ин хабаре надоштам... Ҳамин тавр байни мо чанд ҷумлае радду бадал шуду ман узр хоста пурсидам, ки баъд аз ин ба дарсатон дароям? Устод гуфт, ки инро курсатон ҳал кунад, вале пеш аз дарси оянда сардорамон аз забони Табаров ба ман боз ҳамон ҳарфи пешинро такрор кард. Ман ҳам ранҷидаму дигар ба чанд дарси Табаров надаромадам. Чанд рӯз пас, дар кӯча, бо устод вохӯрдем. Устод бо пичинг пурсид, ки: – Мулло Аскар, чанд рӯз боз наменамоӣ? Ман ҳам ҷавоб додам, ки: – Аз давлати Шумо истироҳат карда гаштем. Устод гуфт, ки: – Хуб мекунӣ, хуб мекунӣ...вале дар пеш имтиҳони давлатӣ ҳаст... хайр, майлаш, ба дарс биё! Ман ташаккур гуфтаму ба дарси оянда

омада, чун ҳарвақта на дар партаи пеш, балки дар партаи аз ҳама охир нишастам ва ҳамин тавр то охири сол. Ҳамчунонки гуфта будам, аз Табаров ҳам аз як курс як-ду нафар дар имтиҳон баҳои аъло мегирифт. Дар курси панҷум мо аз адабиёти шӯравии тоҷик имтиҳони давлатӣ доштем ва ман яке аз онҳое будам, ки баҳои аъло гирифтам. Устод ба дил кина нагирифта будааст, шукри таълиму тадрисаш. Вале ман, ки ба адабиёти муосир машғул шудан мехостам, баъди он воқеаи шаби мавлуд, мавзуи рисолаи дипломиамро дигар на аз кафедраи адабиёти муосир, балки аз кафедраи адабиёти классикии тоҷик аз устод Шарифҷон Ҳусейнзода гирифтам, ки «Тағаззулоти Манучеҳрии Домғонӣ» буд.

Ҳимояи ин рисолаи дипломӣ ҳам қисса дорад. Раиси ҳимояи корҳои дипломӣ Носирҷон Маъсумӣ буданд, ки аз Институти забон ва адабиёти Академияи илмҳо даъват шуда буданд. Ҳангоми ҳимояи рисолаи дипломии ман эшон ҳузур надоштанд. Ман суханрониамро дар бораи рисола анҷом додам, муқарризон фикрҳояшонро гуфтанд, ҳама ба рисола баҳои аъло доданд, вале дар охир Турсунбой Неъматзода, ки аз адабиёти классик дарс мегуфтанд ва декани факултет буданд, ба рисола эрод гирифтанд, ки дар муайян кардани вазни тағаззулҳо хато мавҷуд аст, гӯён ҷо-ҷо ба рисола хат мекашиданд. Ман, ки онро медидам, ба эшон гуфтам, ки ба рисола хат накашед, ҳамааш дуруст аст, агар хоҳед, ман дар тахта нақшаҳояшро кашида, исбот мекунам. Ман сад дар сад медонистам, ки он ҳеҷ хатое надорад, зеро, агар худситоӣ нашавад, он вақт ман вазни шеърро аз устод нағзтар медонистам. Ба замми он, эшон аз ҳамкурсони ман дипломанте доштанд, ки мавзӯи кораш ғазалиёти Туғрал буд ва азбаски ӯ ба вазни шеър сарфаҳм намерафт, он боби рисолаашро, ки ба вазн тааллуқ дошт, ман навишта дода будам, ки ба ман мушкилие надошт ва роҳбараш, ки эшон буданд, ба он ҳеҷ эроде нагирифта буданд ва ӯ онро аз ман пештар ҳимоя карда, баҳои аъло гирифта буд. Бинобар, табиист, ки ман дар кори худ хато намекардам ва эътирозам беасос набуд. Вале тарзи эътирози ман ба эшон хуш наомад ва талаб карданд, ки исбот кунам. Ман ба назди тахта баромада, нақшаи вазни шеърро кашида, афоилу тафоилашро навишта, даъвоямро исбот мекардам, аммо эшон қабул намекарданд. Ҳарчанд гуфтам, нашуд. Пас ба устод Ҳусейнзода рӯй овардам, ки: – Устод, Шумо ба мо назмшиносӣ омӯхта будед, ба эшон гӯед, ки ҳарфашон дуруст нест. Аммо устод сар ба зер афканда, хомӯш буданд, намехостанд, ки дар назди донишҷӯён эътибори устоди дигарро паст фуроранд. Ҳамин тариқ, баҳс ба ҷанҷол гузашт ва ман, ки сахт асабӣ шуда будам, дигар тоқат наоварда, гуфтам: – Ман талаб мекунам, комиссияи салоҳиятдор сохта шавад, то тарафи ҳақро муайян намояд ва агар устод Неъматзода ҳақ бошанд, ман аз баҳри дипломи донишгоҳ баромадам ва агар ман ҳақ бошам, устод аз

унвони илмиашон, – гуфта, табошир(бӯр)и дар дастам бударо ба тахтаи девор задаму аз аудитория баромада рафтам, ки албатта, кори нодурусте буд, вале чӣ мекунед, ки ҷавонӣ ҷавонист. Табиист, ки он рӯз дигар бо ҳамин ҳимояи кори дипломӣ қатъ карда шуд ва аъзои комиссия донишҷӯёнро ба берун фиристода, худ ба баррасии ҳодиса пардохтанд. Дар он ҷо ҳарфи бисёре шудааст, ки мухтасараш ин аст. Баъзе пешниҳод мекунанд, ки, биёед, ӯро аз донишгоҳ хориҷ мекунем, то ба дигарон сабақ шавад, ки бо устодон ин гуна баҳс накунанд. Қисми дигар, аз ҷумла, устод Ҳусейнзода мегӯянд, ки ҳарфи дипломант дуруст буд, Шумо Неъматзода бояд қабул мекардед. Дигаре мегӯяд, ки биёед, ба кораш баҳои ду мемонем. Боз Ҳусейнзода мегӯянд, ки чӣ тавр ду мемонем, вақте ки муқарриз ва роҳбар, ҳама, дар ҳузури хатмкунандагон рисола ба баҳои аъло меарзад, гуфта будем. Пешниҳоди дигаре мешавад, ки баҳои се мемонем, боз қисми дигар розӣ намешавад, ки дар назди ҳама ба баҳои аъло меарзад, гуфта будем, пас хатмкунандагон, ки инро шунида буданд, чӣ мегӯянд? Охир ба хулосае меоянд, ки баҳои хуб мемонем, вале қисми дигар мегӯянд, ки ду кори аз ин пеш ҳимояшударо ҳам баҳои аъло мемонем, гуфта будем, агар ҳоло мо ба ин кор баҳои хуб монему ба он ду аъло, рафтори беадолатонае мешавад, зеро фарқ дар байни ин корҳо калон аст. Пас, ба ҳар сеяш баҳои хуб монем, номаълумтар мешавад. Ҳамин тавр ҳам карданд ва он ду нафар ҳамдарсам аз ман домангир буданд, ки бо сабаби ҷанҷоли ман онҳо баҳои аъло нагирифтанд.

Баъди чанде маро устод Ҳусейнзода ба наздашон даъват ва сарзаниш карда гуфтанд:

– Агар ман медонистам, ки ту ин тавр тезӣ мекунӣ, ҳимояи рисолаатро бе ту мегузаронидам ва корат баҳои муносибашро ҳам мегирифт. Акнун ту донишгоҳро хатм кардӣ, аз ҳеҷ кадоми мо вобастагӣ надорӣ, аммо ман аз ту хоҳиш дорам, ки аз Неъматзода узр пурсӣ.

Ман ҷавоб додам, ки: – Барои хатои он кас ман узр пурсам? Намепурсам! Устод гуфтанд, ки: – Ихтиёр дорӣ, аммо дар ин ҳолат ман аз ту розӣ нестам. Ман чизе нагуфта баромада рафтам.

То ҷаласаи ҷамъбастии хайрбодӣ бо устодон ва гирифтани дипломҳо ҳоло вақт бисёр буд, ман ба хонаамон, ба Хуҷанд рафтам ва қиссаро ба падарам нақл кардам. Падарам онро бо диққат гӯш карданду гуфтанд, ки кори нодурусте кардӣ, аз ин ҷо рафта хоҳиши устодат Ҳусейнзодаро ҳатман ба ҷо меорӣ!

То ҷаласаи хайрбодӣ тафси ман ҳам хеле паст шуда буд ва ман хоҳиши устод Ҳусейнзодаро иҷро карда, дар он узрамро ба Неъматзода гуфтам. Вале баъди ҷаласа Неъматзода бо ман рӯ ба рӯ омада гуфтанд:

– Дидӣ, дурустии ҳарфи маро акнун фаҳмидӣ.

Ман худро бо як азоб нигоҳ доштам, ки баҳсро дуюмбора сар накунам, маълум мешавад, ки устод ҳанӯз ҳам хатояшро нафаҳмида будааст ё сипоҳигарӣ мекард. Бошад, мову зикри хайраш, рӯҳаш шод бод!

Ман дар солҳои донишҷӯиям бо матбуот ва махсусан, бо радио ва телевизион бештар ҳамкорӣ мекардам, ки ба ман аз ду ҷиҳат манфиатнок буд, ҳам ба таъмини рӯзгори донишҷӯиям мадад мешуд, ҳам таҷрибаи навиштану таҳрир меандӯхтам. Бинобар ин, ҳангоми хатми донишгоҳ Кумитаи радио ва телевизиони ҷумҳурӣ ба ман барои кор даъватнома дод ва маро ба шуъбаи барномаҳои ҷавонии радио, ки сармуҳаррири он Тоҷинисо Ғафурова, хоҳари Бобоҷон Ғ афуров, хонуми бисёр ботамкин ва меҳрубоне буданд, ба кор қабул карданд. Ман то моҳи декабр дар ин шуъба ба сифати муҳаррир кор кардам ва аз он ҷо ба хидмати ҳарбӣ даъват шудам. Хидмати ҳарбии ман, ки аз як сол иборат буд (он вақт баъди хатми донишгоҳ хидмат як сол буд), дар шаҳри Слоними вилояти Гроднои Ҷумҳурии Белоруссия, дар қисми тонкӣ гузашт, ки он ҳам қиссаҳои худро дорад, ки ҳикояташро ба як мавриди муносиби дигар вомегузорем.

Баъди хидмат ба ҷои аввалаи корам баргаштам. Рӯзе, пас аз се-чаҳор моҳ, дар кӯча ба устод Ҳусейнзода вохӯрдам, устод бо оҳанги як андоза писхандомез гуфтанд:

– Ҳоло ҳам гапнависак бардошта гаштӣ?

Он замон кормандони радио репортер доштанд, ки ҳаҷмаш калон буд ва бисёриҳо онро ба китф овехта мегаштанд.

– Биё, ба кафедраи ман ба аспирантура дохил шав! – ҷавоби маро мунтазир нашуда, давом доданд устод. – Ба шуъбаи аспирантураи донишгоҳ рафта, шарту шароиташро фаҳму омада ба ман гӯй.

Ба ман дар шуъбаи аспирантура гуфтанд, ки ба кафедраи адабиёти классикии тоҷик ҷои ғоибона ҷудо шудааст, ҷои рӯзона дар кафедраи адабиёти советии тоҷик ҳаст ва як ҷой дар донишгоҳи давлатии Маскав ба номи Ломоносов. Ман вазъиятро ба устод Ҳусейнзода гуфтам ва назди устод Табаров рафтам, ки шояд бо эшон мувофиқат кунем. Устод ба ман гуфтанд, ки:

– Туро қабул карда наметавонам, зеро ба донишгоҳи Кӯлоб муаллим даркор аст ва мо Нозим Баротовро қабул мекунем, ки баъд ба он ҷо рафта кор мекунад, ту ин ҷоро тамом карда, ба он ҷо намеравӣ.

Ҳарфашон дуруст буд. Ба ғайр аз ин, ба ёд оварданд устод:

– Ҷанҷолатро бо Неъматзода ҳам фаромӯш накун, эшон декани факултет.

Ман қиссаро ба устод Ҳусейнзода нақл кардам. Устод ҳарфи аҷибе заданд:

– Мо ҳамаи чизеро, ки медонистем, дар давоми панҷ сол ба ту ёд додем. Дигар аз мо ҳеҷ чизи тозае ёд намегирӣ. Бинобар ин, ба Маскав рав, худи дар Маскав се сол зиндагӣ кардан баробари хатми як донишгоҳ аст, ҳоло дар аспирантура хонданашро намегӯем...

Ин гуна ҳарфро на ҳар устоде дар бораи худ мегӯяд, ин камоли шикастанафсию фурӯтанӣ ва ҳақиқатгӯӣ буд, ки ба хотири ба роҳи дурусти рушд равон кардани шогирд гуфта шуда буд. Ман қадри онро баъдтар фаҳмидам ва як умр аз устод сипосгузор ҳастам, зеро устод бо ин роҳнамоӣ ба ман бузургтарин хидматро дар ҷодаи фарогирии илм карда буданд.

Нимаҳои ҳамон сол дар Душанбе чӣ ҷаласаи илмиву адабӣ баргузор шуда, ба он аз Маскав олимон, аз ҷумла, аз институти шарқшиносии Академияи илмҳо Усмонова Зоя Григоревна омада буданд. Маро Мӯъмин Қаноат, дар рӯи ҳавлии Иттифоқи нависандагон, бо хонум шинос карданд. Ман ба хонум нияти ба аспирантура рафтанамро арз кардам, баъди каме суҳбат Зоя Григоревна ба ман гуфтанд, ки агар ба аспирантура дохил шавӣ, ман ҳозир ҳастам, роҳбари илмиат шавам. Зоя Григоревна зани зебо, меҳрубону дилрабое буданд, ки ҳар бинанда мафтунашон мешуд, суҳбаташон ҳам, ки хеле ҳалимонаву дилписанд буд, ба ҳуснашон ҳусн меафзуд. Ман дар дил меболидам, ки агар бахт мадад кунаду ба аспирантура дохил шавам, ҳамин гуна роҳбари ҳалиму меҳрубоне хоҳам дошт. Баъди ин суҳбат ман дар бораи эҷодиёти Мӯъмин Қаноат реферат навишта, онро ба русӣ тарҷума кардаму омодаи маскавравӣ шудам. Дар шуъбаи барномаҳои бачагонаву ҷавонон, ки ман кор мекардам, Ҳалима Насибуллина режиссёр буданд ва хонум ба дугонаашон, ки дар радиои умумииттифоқ кор мекард, телефон карда, хоҳиш намуданд, ки ба ман бо ҷои хоб мадад кунад. Ӯ пазируфт ва ман рафта, дар хонаи ӯ, ки дар маркази Маскав, дар назди Майдони сурх буд, ҷойгир шудам. Ӯ худ зани солхӯрда буд ва бо модари пираш дар квартираи якхонагӣ мезистааст, азбаски тобистон ва ҳаво гарм буд, онҳо маро дар балкони болокушодашон ҷой карданд. Шабҳо аз ҷогаҳ осмони Маскавро тамошо мекардам. Ҳар ду ҳам занҳои меҳрубоне буданд, оши палаверо, ки якум бор дар умрам ва онро ҳам дар кастрюля пухта будам ва он шояд ба шавла бештар монанд буд, то ба палав, чӣ хел хушмазза гуфта, таъриф мекарданд.

Факултаи филологияи донишгоҳи давлатии Маскав дар майдони Манеж, аз ҷои истиқомати ман пиёда 10-15 дақиқа роҳ буд. Рефератамро ба Зоя Григоревна Усмонова, ба хонаашон бурда додам, хонум ба он тақризе хубе навиштанд, онро ҳамроҳи ҳуҷҷатҳо ба кафедраи таърихи адабиёти шӯравии рус, ки шуъбаи адабиёти халқҳои шӯравӣ ҳам дошт, супоридам. Ба ман гуфтанд, ки омода бошед ва вақти имтиҳон ҳозир шавед. Ман ба Душанбе баргаштам.

Моҳи октябр ба Маскав рафтам, ба ман аз бинои марказии донишгоҳ, ки дар Ленинские гори (ҳоло Воробёви гори) воқеъ аст, аз хобгоҳ ҷой доданд. Ман аз се фан имтиҳони дохилшавӣ супорида, аспирант шудам. Аспирант шудам, аммо аҷибаш ин аст, ки мақсади ман аз аспирантӣ рисолаи илмӣ навишта, номзад шудан набуд. Азбаски кори муҳарририю мухбирӣ дар радио маро қонеъ намекарду дар як муддати кӯтоҳ ба дилам зада буд, мехостам, ҷое пайдо кунам, ки вақт дошта бошаму шеърамро нависам. Бинобар ин, вақте устод Ҳусейнзода ба ман пешниҳоди аспирантураро карданд, хурсанд шудам, ки се сол вақти шеърнависӣ пайдо мекунам. Баъди қабул шудан ба аспирантура ҳам ҳамин фикрро доштам ва ду-се моҳи аввал ҳамин корро ҳам мекардам, дар хона менишастаму шеър менавиштам, зеро аз тартиби хондан дар аспирантура огоҳ набудам. Сипас, дидам, ки сари ҳар чанд вақт ҷаласаи кафедра баргузор мешавад, аз аспирантон ҳисобот мепурсанд... хулоса, баъд чӣ будани аспирантураро фаҳмидам ва фаҳмидам, ки дар охир аз ман кори илмӣ мехоҳанд, на маҷмуаи шеър ва агар онро нанависам, мисли баъзе аспирантони соли сеюми таҳсил, ки вақти худро ба корҳои дигар сарф кардаанд, дар ҷаласаҳои кафедра ҳоли зоре хоҳам дошт. Ман, ки табиатан пӯстам хеле нозук аст, ин ҳолро таҳаммул карда наметавонистам. Аз он замон ҷиддан ба омӯхтани илм машғул шудам, зеро ман бояд се имтиҳони минимуми номзадӣ месупоридам ва ҳам рисолаи илмиамро менавиштам, ки кори чандон осоне набуд. Бисёриҳо аввал имтиҳонҳои минимуми номзадиро супорида, баъд ба аспирантура дохил мешаванд, ки барои навиштани рисола вақти кофӣ дошта бошанд, ман, ки фикри аспирантураро надоштам, ин корро накарда будам ва акнун дар назди худ вазифа мегузоштам, ки ҳамаашро дар ҳамин се сол ба иҷро расонам.

Аз аввали дохилшавӣ ба аспирантура ба ман гуфтанд, ки донишгоҳ аз берун роҳбарӣ илмӣ қабул намекунад, бинобар ин, Усмонова З. Г. наметавонанд роҳбари илмии кори шумо бошанд. Дар кафедра олимони машҳур ҳастанд, ба онҳо муроҷиат кунед. Ман, ки тақрибан ба кадом мавзуи шеъри муосири тоҷик машғул шуданамро муайян карда будам, аз профессор Азиз Шариф хоҳиш кардам, ки роҳбарии кори илмии маро ба уҳда бигиранд. Эшон аз он насли олимони озарӣ буданд, ки форсиро хуб медонистанд, ба замми олимиашон тарҷумони дузабона буданд, – аз озарӣ ба русӣ ва аз русӣ ба озарӣ тарҷума мекарданд. Аспирантони бисёр доштанд, роҳбарии маро ҳам қабул карданд. Устод инсони ниҳоят ҳалим буданд, ҳатто ба он дараҷа, ки дар талаби кор аз аспирантҳояшон истиҳола мекарданд, аз ин рӯ, баъзе аспирантҳояшон баъди чанд соли аспирантура рисолаашонро навишта тамом ва ҳимоя мекарданд. Аммо ҳар аспиранташон, агар чизи навиштаашро барои хондан медод, тамоми корҳои

дигарашонро як сӯ гузошта, онро дар як-ду рӯз хонда меоварданд. Ҳамин тавр шуд, ки ман аввал боби дувуми корамро навиштам. Он «Сухан ва образ» ном дошт ва чун онро барои хонданашон додам, онро ҳамон рӯз хонда, фардояш ба кафедра омада, ба устодони кафедра чунон ба шавқу завқ таъриф мекарданд, ки мудири кафедраамон Метченко Алексей Иванович ва профессор Якименко Лев Григоревич, ки аз олимони машҳури шӯравӣ буданд, ба ҳайрат омада, мегуфтанд: – Наход, ҳо, баъзан аз аспирантҳо ҳам ҳамин хел кор мебарояд.

Чун сухан аз устодони кафедра рафт, бояд бигӯям, ки аксари онҳо дар соҳаҳои худ олимони дараҷаи аввали мамлакат ба шумор мерафтанд. Аз ҷумла, ин ду нафари номбаршуда, Метченко А. И. муҳаққиқи Маяковский, барандаи Ҷоизаи давлатии ИҶШС дар соҳаи адабиёт, раиси кумиссиони экспертии кумиссиони олии аттестатсионӣ оид ба рисолаҳои номзадию доктории соҳаи адабиёти ИҶШС, Якименко Л. Г. муҳаққиқи Шолохов, муаллифи асарҳои бисёри илмӣ буданд. Ба ғайр аз онҳо дар кафедра боз Петров Сергей Митрофанович, Овчаренко Александр Иванович, Бекмуҳаммадов Роберт Гатович, Соколов Алексей Георгиевич, Юшин Пётр Федорович, Гӯрӯғлӣ ва дигарон кор мекарданд, ки як муҳити бисёр фаъоли илмиро ба вуҷуд оварда буданд. Мақолаву китобҳои илмии онҳо дар мӯътабартарин маҷаллаву рӯзномаҳо ва нашриётҳои умумииттифоқӣ чоп мешуданд, ки ҷараёни асосии илми адабиётшиносии шӯравиро муайян менамуданд. Ҷаласаҳои кафедра ва баррасии корҳои илмӣ бисёр ҷиддиву омӯзанда буданд, ҳарчанд баъзан бе шӯхӣ ҳам намешуд. Масалан, яке аз устодони кафедра, бо фамилияи Хабин, марди солхӯрдае буду унвони илмӣ надошт, ҳамкорон аз ӯ талаб мекарданд, ки рисолаи номзадиашро зудтар тамом карда, онро барои дифоъ ҳозир намояд. Дар яке аз ҷаласаҳои кафедра ҳисоботи ӯро гузошта буданд, чун навбати ӯ расид, аз портфели худ чанд ҷузъгир коғазро баровarда, рӯи миз монд, ки тақрибан 700-800 варақ ба назар меомад, ҳол он ки ҳаҷми рисолаи номзадӣ аз рӯи талабот 170-180 саҳифа буд. Пас, гуфт: – Ана ин, кори ман. Ҳама ҳайрон-ҳайрон ба он ғарами коғ аз менигаристанд. Алексей Иванович ба ҳозирин рӯй оварду як оҳ кашида: – Акнун чӣ кор мекунем? – гуфт, ҳама мехостанд, ки ӯ ҳимоя кунаду соҳиби унвони илмӣ шавад. Сергей Митрофанович, ки овози аҷиби борике дошт, бо лаҳни аз он ҳам аҷибтар гуфт: – Худи Худо ба ӯ мадад кунад, ки мо ҳеҷ мададе карда наметавонем.

Сергей Митрофанович Петров, муаллифи асарҳои бисёри пурмуҳтавои илмӣ, марди хушсуҳбате буд. Дар борааш латифае нақл мекарданд. Ӯ, қабл аз омаданаш ба кафедра, дар институти адабиёти ба номи Горкий муовини ректор будааст ва гӯё он ҳангом бо гурӯҳи ҳунармандони театру кино дӯстӣ доштааст, ки берун аз шаҳр дар сабобӯстоне хушиву хурсандӣ ва ишқбозӣ ҳам мекардаанд. Он

роз фош мешаваду онҳоро дар кумитаи ҳизби комунисти ноҳия муҳокима мекунанд. Котиби аввали ҳизб зан будааст ва ӯ аз Сергей Митрофанович, ки аз дигарон хеле калонсолтар будааст, бо ҳайрат мепурсад: – Хуб, ман онҳоро мефаҳмам, онҳо ҷавон, аммо Шумо дар он ҷо чӣ мекардед? Сергей Митрофанович сар ба зер афканда, ба зӯр, ба нимовоз: – Ман онҳоро «гладит» мекардам, – мегӯяд ва аз он ҷо ба ӯ лақаби «гладиатор» мечаспад. Навозиш кардан, сила кардан, молидан ба русӣ «гладит» аст, «гладиатор» паҳлавонғуломест, ки дар Рими қадим дар саҳнаи сирк бо паҳлавонғуломи дигар ва ё бо ҳайвонҳои ваҳшӣ ҷанги марговар мекард. Аз ин рӯ, ин лақаб нисбат ба ҷисми хурд ва наҳифу лоғари Сергей Митрофанович бисёр хандаовар меомад.

Метченко Алексей Иванович аспиранте дошт – Умаров Шамил Адулҳамидович, ки соли дохил шудани ман донишгоҳро аъло хатм карда, аспирант шуда буд. Ӯ ҷавони болобаланд, қадаш як метру наваду се сантиметр, миллаташ тотор буд. Мо бо ҳам дӯсти қарин шудем. Шамил бисёр донишманд, китобхону китобдӯсти ашаддие буд. Ҳангоми аспирант шудани ӯ падару модараш, ки дар шимоли Русия мезистанд, ба нафақа баромада, ба шаҳраки назди Маскав, Александров, кӯчида омаданд, ки ба писарашон наздик бошанд, зеро Шамил яккафарзанди онҳо буд. Онҳо, падари Шамил ҳарчанд муҳандис буд, китобхонаи бузурге доштанд, ки аз чандин ҳазор китоби беҳтарини адабиёти ҷаҳон ба ҳам омада буд. Шамил ҳам дар донишгоҳ, дар хонаи аспирантиаш китобҳои бисёр дошт, дар соҳаҳои гуногун – адабиёту адабиётшиносӣ, таъриху фалсафа, фарҳангу ҳунар ва монанди инҳо. Дар ин шавқ мо ба ҳамдигар монанд будем, ҳар китоби тозаи муҳиммеро, ки дар Маскав нашр мешуд, ҳатман дастрас мекардем. Вақте ман, баъди хатми аспирантура аз Маскав бармегаштам, ба Душанбе ба воситаи қатор чандин қуттӣ китоб фиристода будам. Асоси китобхонаи ман ҳамон солҳо ҷамъоварӣ шуда буд.

Шамил сабки матини илмӣ дошт, мақолаҳояш дар солҳои аспирантӣ дар рӯзномаи «Литературная газета» чоп мешуданд. Маслиҳатгарони ӯ роҳбари илмиаш Алексей Иванович Метченко ва як устоди дигари кафедраамон Бекмуҳаммадов Роберт Гатович буданд. Роберт Гатович бошқирд, олими хубе буд, мақолаҳояш дар маҷаллаи илмии «Вопросы литературы» бисёр чоп мешуд. Ӯ ба Тоҷикистон омада, аз таассуроти сафари худ китобе бо номи «Роҳ мемонад...» («Дорога остается») навишта, дар Маскав чоп кунонида буд. Табиист, ки мо бо ҳам дӯст шудем. Ман аз маслиҳатҳои илмии ӯ хеле бахра бурдаам, ҳаққи ӯ бар ман зиёд аст. Ман ҳамчунин, ба замми дӯстияш, вомдори Шамил ҳам ҳастам, кори маро таҳрири хуби забонию услубӣ мекард. Ҳангоми ҳимояи рисолаи илмиам шарқшиноси машҳур, устод Комиссаров Даниэл Семенович, ки

муқарризи аввалам буданд ва бо ман ҳангоми вохӯрӣ ба форсӣ чунон зебо суҳбат мекарданд, ки ман аз шарм ба русӣ мегузаштам, аз ман «ту тоҷикӣ таҳсил кардаӣ, забону услуби корат ба русӣ бисёр матин аст, кӣ онро таҳрир кард», гуфта, пурсида буданд. Ман рисолаи илмиамро аввал ба тоҷикӣ менавиштам, баъд худам ба русӣ бармегардондам ва Шамил онро таҳрир карда медод. Ҳамин тариқ, рисолаам якбора ба ду забон тайёр мешуд.

Ман аввалин тақризи муфассали илмиам «Нӯшбоди шоир»-ро дар соли дуюми аспирантиам навиштам, ки бар маҷмуаи тозанашри Лоиқ «Нӯшбод» буд. Охирҳои моҳи июл буд, ки саҳифаҳои охири тақризро менавиштам, шабе, дӯсти душанбегиам Неъмат Сайфуллоев, аспиранти соли сеюми шуъбаи фалсафа, ба хонаам даромад, ки ман фардо субҳ дар ҳайати гуруҳи донишҷӯёни бинокор ба Сахалин парвоз мекунам, биё, ҳамроҳи ман. Дар ду моҳ маблағи нағзе кор мекунем, ба зиндагиамон даркор мешавад. Ӯ ҳангоми аспирантиаш оиладору фарзанддор буд, ба пул аз ман бештар эҳтиёҷ дошт. Дар охир маро розӣ кард. Ман ҳамон шаб то субҳ тақризро навишта тамом карда, ба ҳамсояхонаам, ки аспиранти араб буд, хатча навишта, зери дараш гузоштам, ки онро ба Душанбе, ба унвони маҷаллаи «Садои Шарқ», ки навишта будам, бифиристад ва худ ба Сахалин парвоз кардам. Ана, ҷавонӣ чӣ озодию соҳибихтиёриҳо дорад, ки дар як шаб тасмим мегирию аз як гӯшаи ҷаҳон ба гӯшаи дигараш парвоз мекунӣ.

Мо аз Маскав ба Хабаровск ва аз он ҷо ба Южно-Сахалинск парвоз карда расидем ва дар бунгоҳи сайёҳии «Горний воздух» (Ҳавои кӯҳӣ), ки воқеан дар оғӯши кӯҳ буд, ҷойгир шудем. Гурӯҳ ба чанд қисм тақсим шуда, корҳои мухталифро анҷом медод. Зимистони соли 1972 дар шаҳри Саппорои Ҷопон бозиҳои зимистонаи олимпӣ баргузор мешуд ва дар кӯҳе, ки мо будем, барои машқи лезактозон бояд трамплин сохта мешуд, ки барои он хандақ канда, сими барқро дар он хобондан зарур буд ва азбаски домани кӯҳ якбора баланд мерафт, дар он ҳеҷ мошини хандақкан истода кор карда наметавонист, бинобар он, хандақ бояд дастӣ канда мешуд, яъне кор бо зоғ нӯлу мисрон буд. Ман ба ҳамин гурӯҳи хандақканҳо рафтам, зеро кори вазнини дастиро дӯст медоштам ва мехостам дар як вақт мушакҳоямро ҳам сахт машқ диҳам. Воқеан ҳам ҳамин тавр шуд, дар давоми ду моҳ дасту мушакҳо ба он дараҷа сахту пурқувват шуданд, ки баъди баргаштан ба Маскав бо касе дастӣ салом мекардам, зуд «воҳ» гӯён дасташро кашида мегирифт. Он ду моҳ беҳтарин айёме буд бо кори сахту қиссаҳои дилнишинаш. Табиати атрофи бунгоҳи сайёҳӣ, ки мо дар он ҷо хандақ мекандем, афсонавӣ сабзу хуррам буд. Мо дар баландии кӯҳ кор мекардем, бисёр вақт абрҳо чунон аз поин мегузаштанд, ки ними одам дар байни абрҳо мемонд. Аҷаб манзарае буд, як умр аз хотири кас намеравад.

Хуб, қисса кӯтоҳ, баъди ду моҳ бо ҳазор рубл баргаштем, ки он солҳо барои аспирант пули кам набуд, ба он қариб 600 кило гӯшт харида мешуд. Боз стипендияи думоҳаи аспирантиамон захира шуда буд. Ана, акнун савлати аспиранта бинед, оби Намангон ях мекард. Ба замми ин, ман боз ҳар гуна мақолаю барномаҳо менавиштам, тарҷума макардам, ки дар воситаҳои ахбор ва радиову телевизиони тоҷик ба нашр мерасиданд ва ба ман ҳаққи қалам мефиристоданд, яъне кисаамон холӣ набуд. Китобҳои бисёреро ҳам ба ҳамон пулҳо мехаридам.

Мавзӯи рисолаи илмии номзадиам тасдиқ шуда буд: «Ворисияти таърихӣ ва навпардозиҳои шоирона (дар мисоли шеъри муосири тоҷикӣ)». Солҳои ҳафтодуми асри гузашта ин аз мавзӯъҳои муҳимм ва зарурии илми адабиётшиносӣ маҳсуб мешуд. Дар Маскав хондани ман аз он ҷиҳат ҳам хуб буд, ки ман аз адабиёти илмӣ ва баҳсу талошҳое, ки оид ба ин мавзӯъ дар доираи мамлакати бузург ИҶШС ба вуҷуд меомаданд, хуб огоҳ будам. Ба ғайр аз ин, ҷаласаҳои илмие, ки дар кафедраи мо баргузор мешуданд, дар баландтарин сатҳи илмӣ буданд, зеро ҳамчунон ки қайд кардам, дар он дурахшонтарин ситораҳои илми адабиётшиносии шӯравӣ кор мекарданд. Ман роҳу равиши кори илмиро дар ҳамон ҷо омӯхтам ва як умр сипосгузори он устодон ҳастам. Ба замми ин, қариб се соли ман дар яке аз китобхонаҳои бузургтарини дунё, китобхонаи ба номи Ленини Маскав гузашт, ки дар он китобҳои бисёреро, ки дар китобхонаҳои ҷумҳуриҳои дигар пайдо карда намешуд, зери даст доштам. Масалан, китобҳоеро, ки дар Эрону Афғонистон нашр шуда буданд, ман дар он ҷо мутолиа мекардам. Хуб, ҳар каси дигар ҳам, ки дар он солҳо дар Маскав дар аспирантура таҳсил мекард, аз ин имконоти фаровони омӯзиши илму адаб истифода карда метавонист вале, мутаассифона, на ҳама ин корро мекарданд, бинобар ин, навиштани рисолаҳояшон баъд аз муҳлати аспирантура ҳам солҳои сол тӯл мекашид ва ё баъзе, бо вуҷуди ҳамаи ин имконот, умуман рисола ҳам наменавиштанду дифоъ ҳам намекарданд. Дар байни аспирантони роҳбари ман ҳам, чунонки қайд карда будам, роҳбарам инсони ниҳоят нармдилу хотирнигоҳдор буданд, ин гуна аспирантон вуҷуд доштанд. Аммо дар факултаи забонҳои хориҷӣ дар шуъбаи забони инглисӣ Ахманова Олга Сергеевна ном профессоре буд, ки аспирантҳояш ҳама дар муҳлат ва баъзе пеш аз муҳлат ҳам рисолаҳояшонро навишта ҳимоя карда мерафтанд. Яке аз аспирантони хонум аз Вилнюс буд, ки Роландас ном дошт, рафиқи бисёр хуб, ҷавони зебои паҳлавонсурате буд, ки бо ҳам дӯст будем. Мо аспирантони як сол будем ва дар ҳамон бинои баландошёнаи донишгоҳи давлатии Маскав, дар Ленинские гори, дар як хобгоҳ мезистему хонаҳоямон ба ҳам наздик буд, бинобар

ин, ҳамдигарро зуд-зуд медидем. Мо, рафиқони аспирант, шабнишиниҳое доштем, ё дар зодрӯзҳои ҳамдигар ҷамъ меомадем, аммо Роландас дар онҳо иштирок намекард, агар рафта маҷбур меовардем ҳам, каме менишасту маъзарат хоста, мегуфт, ки: – Маро маъзур медоред, ман ҳар ҳафта дар назди «шеф» аз рӯи нақшаи корам ҳисобот медиҳам, агар онро иҷро накунам, намедонам, ӯ бо ман чӣ кор мекунад... бинобар ин, маъзур... Ҳамин буд, ки ӯ дар давоми дуним сол рисолаашро навишта, пеш аз мӯҳлат дифоъ карда, ба Вилнюс баргашт.

Ҳоло, ки сухан аз шабнишиниҳо рафт, маъмулан аспирантон дар соли аввал бештар ба ин гуна корҳо машғул мешаванд, ситораи шабнишиниҳои мо Шамил буду Вилоят Рустамзода, ки аспиранти соли сеюми роҳбари илмии ман буд. Шамил истеъдоди бемисли латифа(анекдот)гӯӣ дошт, ки камтар артистони касбии ин соҳа доранд, захираи латифаҳояш беохир буд, метавонист дар як мавзӯъ ҳам як олам нақл кунад. Вилоят Рустамзода, озарӣ, аз Боку, то аспирантиаш узви иттифоқи нависандагон, аз мо тақрибан даҳ сол калонтар, дар шабнишиниҳо ҳамеша соқии бебадал буд. Ӯ, ки шоир буд, шояд дар аввал, ба монанди ман, ба аспирантура барои шеърнависӣ дохил шуда буд, вале ман зуд, дар як-ду моҳ аз ин фикри худ баргаштам, вале ӯ, мисли ин ки, дар соли сеюм ҳам дар ҳамон ҳол боқӣ монда буд, ки андешаи рисоланависӣ надошт, вале азбаски шоир буду узви иттифоқи нависандагон, дар кафедра эътибор дошт.

Вилоят бо аспиранти дигари роҳбари ман Нугзар Тсховребов, ки нимгурҷию нимосетинӣ буд, аспирантони як сол ва дар синн ҳам ба ҳам наздик буданд, дар соли аввал дар як хона бо ҳам мезистанд ва қиссаҳои аҷоибе доштанд. Нугзар бо масъалаҳои шеъри солҳои бисти қарни бист машғул буд, ки давраи пурмаҳсул вале печида маҳсуб мешуд ва ӯ ҳамеша ҷиддан машғули кор буд. Дар соли сеюми аспирантиаш ӯ дар ҳамсоягии ман, дар як нумраи хона, ки долону дастшӯю души ягона вале ду утоқи алоҳида дошт, мезисту баъзе қиссаҳояшонро нақл мекард. Аз ҷумла, яке аз онҳо чунин аст. Онҳо дар соли аввали аспирантура дар як хона ҷойгир мешаванд, аз мағозаи ГУМ-и назди Майдони сурх асбоби рӯзгор – қошуқу чангаку дегча барин чизҳоро харида, ба автобуси рақами 111, ки аз он ҷо рост то хобгоҳи МГУ меомад, савор мешаванд. Ба автобус як нафар марди бузургҷуссаи рус ҳам, ки сахт сархуш буд, даромада, дар як курсӣ менишинад, ки дар наздаш як ҷои холии дигар мемонад, вале ҳарчанд автобус пури одам буд, касе аз эҳтироз ба он ҷо наменишинад. Вилоят ба он ҷой нишастанӣ мешавад, Нугзар мегӯяд, ки аз бало ҳазар, ин корро накун. Вилоят баръакс довталабона ба он ҷо мешинаду асбоби харидаашонро рӯи зонуяш мегузорад, пас аз каме он марди маст, ки аз Вилоят ду-се баробар бузургҷуссатар буд (Вилояту Нугзар ҳар ду ҳам резапайкари қаддашон аз миёна ҳам пасттар буд), дасташро ба гардани

Вилоят партофта, ба гӯши ӯ як дашноми маъмулии русӣ медиҳад, ки муродифи тоҷикиаш «очата... фалон» мебошад. Вилоят аз ҷояш ҷаста бармехезаду бо ҳамон дегча бо тамоми қувват ба сари он мард мезанад, ки ӯ ҳеҷ интизори онро надошт. Дар автобус ғавғо мехезад, маст аз ҷояш боло шуда, ба гузаргоҳи автобус мебарояд ва аз гиребони Вилоят гирифта, ба тарафи дари баромад мекашад, ки дар истгоҳ аз автобус берун бароварда, ҷавоби зарбаро бидиҳад. Вилоят, ки ҳангоми ӯро ба тарафи худ кашидани маст пояш аз фарш канда шуда, дар ҳолати горизонталӣ – уфуқӣ буд, Нугзарро ба мадад даъват мекунад, ки маро дор, ки аз автобус берун накашад. Нугзар, ки ба ин ҷои ҳикоят мерасид, хандида мегуфт, ки ман бо ин пайкару бо ин айнак ба он мард чӣ гуна метавонистам муқобилат кунам. Қисса кӯтоҳ, дар истгоҳ маст Вилоятро аз автобус кашида берун баровард, ман ҳам баромадаму мардум ҷамъ шуданд, пулис ҳам омаду кор ба пулисхона кашид. Пулис, мастро истинтоқ кард, ки чаро ин касро заданӣ шудӣ? Маст гуфт, ки ба ӯ нигоҳ кун, як ваҷаб қад дораду ба бузургҷуссагии худаш ишора карда, маро зад, алам намекунад? Хайр як, «очата...» гуфтам, гуфтам – дия, чӣ шудаст, барои ҳамин ба сари кас бо дегча мезананд? Вилоят боз ҷаста хест, ки Нугзар, дегчаро деҳ, ман инро як бори дигар дурусттар занам, фаҳмад, ки ман рус нестам, қафқозиям, ба ин фаҳмон, ки дар Қафқоз барои ин гуна дашном бо дегча не, бо корд мезананд. Ҳамин тариқ, Нугзар рисолаи номзадиашро навишта ҳимоя карду Вилоят, ба назарам, ҳатто навиштанашро сар накарда, аспирантураро ба охир расонид ва ба Боку баргашта, кори шоириашро давом дод. Ҳоло даргузаштааст, ки равонаш шод бод.

Азбаски он солҳо кафедраи таърихи адабиёти шӯравии руси донишгоҳи Маскав адабиёти халқҳои шӯравиро низ дар бар мегирифт, дар кафедра ҳам олимони ин соҳа ва ҳам аспирантон бисёр буданд, ки аз ҷумҳуриҳои гуногун омада буданд, аз ҷумла, қазоқ, қирғиз, ӯзбек, туркман, бошқирд, қалмоқ ва дигарон таҳсил мекарданд. Дар худи донишгоҳ аз бисёр мамлакатҳои дунё донишҷӯву аспирантон мавҷуд буданд ва дар ҳамон бинои баландошёнаи донишгоҳ, ки хобгоҳ буд, мезистанд. Табиист, ки мо бо ҳамдигар шинос будему дӯстӣ доштем ва аз ҳолу аҳволи ҳамдигар бохабар будем. Маро як аспирантхонуми ӯзбек, Эргашой Тоҷибоева, ки аз Фарғона буд ва дар кафедраи забони русӣ таҳсил мекард, дар ҳайрат гузошта буд. Дар соли аввали аспирантиаш шавҳараш ҳам ба Маскав омада, ҳамроҳи ӯ мезист, баъдан ӯ ба Фарғона баргашту Эргашой ба хобгоҳ омада, дар ошёнаи мо ҷойгир шуд. Ӯ дугонае дошт Мукаррам, ки аз Миср буд ва чунон зебо буду чашмони бузурги бодомӣ дошт, ки аз паси сараш ҳам менамуданд. Агар ба одам менигарист, нигоҳи чашмонаш одамро гӯё бо равған ва ё ягон навъи кафки мулоиме фаро

мегирифт. Аҷаб чашму аҷаб нигоҳи меҳрборе дошт. Эргашой дар давоми се соли аспирантӣ аз ин дугонааш забони арабиро чунон хуб ёд гирифт, ки агар бо телефон суҳбат мекард, ҳеҷ арабе пай намебурд, ки бо як нафар ғайри араб суҳбат мекунад. Аммо хати арабиро намедонист. Забонро шифоҳӣ ёд гирифта буд. Баъдан, аз шавҳараш талоқ гирифта, ба араб ба шавҳар баромад ва ба кадом кишвари арабие рафт.

Мо, аспирантони халқҳои гуногун, корҳои ҳамдигарро мехондем, сари масъалаҳои илмиву адабӣ баҳсу талош мекардем ва табиист, ки нигоҳамон ҳам дар шинохти адабиёт фарохтар мешуд. Умуман, аспирантони донишгоҳи Маскав ниҳоят донишманд буданд, махсусан, онҳое, ки худи ҳамон донишгоҳро хатм кардаанд. Ҳамчунонки болотар гуфтам, мақолаҳои онҳо, масалан, Шамил ҳамон вақт дар нашрияҳои марказии бонуфузтарини мамлакат ба чоп мерасид. Дӯсти дигаре доштем, Александр Авеличев, ки ҳангоми аспирантиаш ҳафт- ҳашт забони хориҷиро медонист.

Ман дар баробари навиштани рисолаи номзадиам тақризу мақолаҳо ҳам оид ба шеъри муосири тоҷик менавиштам, ки яке аз аввалинҳои он ҳамон тақризи муфассали мақоламонанд дар бораи маҷмӯаи ашъори Лоиқ «Нӯшбод» буд, ки «Нӯшбоди шоир» ном дошта, дар шумораи 9 соли 1971 маҷаллаи «Садои шарқ» ба чоп расида буд. Баъд аз чоп шудани он мақола ман аз номи Муҳаммадҷон Шукуров, ки он вақт аллакай олими варзидаву машҳуру маъруфи адабиёт ва мудири шуъбаи адабиёти муосири тоҷик дар Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи улум буданд, нома гирифтам, ки барои ман тамоман ғайричашмдошт буд. Устод менавиштанд, ки ман баъди хондани мақолаи шумо, азбаски кӣ будани шуморо намедонистам, ба идораи маҷаллаи «Садои шарқ» омада, кӣ будани шумо ва адресатонро пурсидам. Баъд аз фаҳмидан, ин мактубро навишта истодаам, ки агар шумо пас аз хатми аспирантура дар ҷое банд набошед, ман шуморо ба шуъбаи худ ба кор даъват мекунам. Ман ин масъаларо бо директори Институт муҳтарам Абдуқодир Маниёзов ҳам маслиҳат кардаам, яъне ин мактубро шумо метавонед ҳамчун даъвати расмӣ қабул кунед. Ба хаёлам, мухтасари мактуб ҳамин гуна маъно дошт. Мутаасифона, асли он мактубро дар бойгонии худ пайдо карда натавонистам, шояд дар байни ягон китоб бошад, аммо ба ман Ҳасан Султон, доктори фанҳои филологӣ, гуфт, ки ӯ нусхаи ҷавоби маро ба ин мактуби устод аз бойгонии эшон пайдо карда, дар яке аз китобҳояш чоп кардааст ва он ҷавобро лутфан ба ман ҳам дод. Албатта, дар он солҳо, ки мақом ва эътибори илм дар осмони ҳафтум буду институтҳои Академия ҳам, аз ҷониби олими машҳур чунин мактуб гирифтани аспиранти 25-сола, тасаввур кунед, ки чӣ гуна хушбахтии бузург буд. Аз ҷиҳати дигар, ин мактуб нишон

медиҳад, ки устод Муҳаммадҷон Шакурӣ то чӣ андоза ғамхори илму адаб буданд, ки баробари чоп шудани як мақолаи арзишманд заҳмати ҷустуҷӯ ва пайдо кардани муаллифи онро ба гардан гирифта, ӯро ба кор даъват мекунанд. Равонашон шод бод, банда қарздор ва сипосгузори якумраи ин ғамхории устод ҳастам.

Мақолаи дуюми ҷиддии ман дар бораи достони «Қуллаҳои ноаён»-и Қутбӣ Кином буд, ки «Гузаштаи зинда ва рӯҳи замон» ном дошта, соли 1972 дар шумораи 5-уми маҷаллаи «Садои Шарқ» чоп шуд. Ман ҳоло, ҳангоми навиштани ин сатрҳо дармеёбам, ки он вақт ман ба дӯши худ чӣ бори сангине гузошта будаам, ҳам ба имтиҳонҳои минимуми номзадӣ тайёр мешудам, ҳам рисолаамро ба тоҷикӣ навишта, худ алоқадри ҳол ба русӣ тарҷума мекардам, ҳам мақолаҳо менавиштам, ки берун аз мавзӯи рисолаи номзадиам буданд, аз ҷумла, ин ду мақолаи чопкардаам ҳам. Аммо ин ду мақола ба ман як чизро равшан кард: мақолаи аввалро, ҳамчунонки болотар аз он суҳбат шуд, беҳтарин олими адабиётшинос устод Шакурӣ пазируфта, бандаро ба кор даъват карда буданд, мақолаи дуюмро шоир, муаллифи достони «Қуллаҳои ноаён» Қутбӣ Кином, ки ман онро аз забони дӯстам, шоир Гулназар шунида будам. Баъдтар ин ҳарфро Гулназар дар яке аз мақолаҳояш дар бораи банда навишт, ки мухтасараш чунин аст: Қутбӣ Кином баъд аз хондани мақола аз Гулназар, ки он вақт дар маҷаллаи «Садои Шарқ» кор мекард, мепурсад, ки Аскар Ҳаким кист? Гулназар мегӯяд, рафиқи донишгоҳии ман, ки ҳоло аспиранти донишгоҳи Ломоносови Маскав аст. Қутбӣ Кином бо бардошту муболиға- кунии зотиаш мегӯяд: Воллоҳ, ки мақолааш аз достони ман зӯртар аст. Вақте ин ҳарф ба ман расид, дарёфтам, ки дар роҳи дурусти таҳқиқ ҳастам, зеро дар кори худ ду навъи пазиришро доштам, ҳам олимона ва ҳам шоиронаро.

Солҳои аспирантиам ба Литва ба назди рафиқам Роландас рафта, шаҳрҳои таърихии он, аз ҷумла, Вилнюс, Клайпеда, Тракай ва Каунасро тамошо кардам. Дар Каунас осорхонаи рассом ва оҳангсози беназир Чурлёнис маро бисёр ба ваҷд оварда буд. Ҳоло ҳам ман албоми расмҳои ӯро, ки аз он ҷо харида будам, бо шавқ ва мафтунии тамом тамошо мекунам. Умуман, ман он солҳо ба ҳунар, рассомӣ, пайкаратарошӣ, адабиёт, назму насри кишварҳои назди Балтик таваҷҷуҳи амиқ доштам. Дар Маскав хонда, ба Санкт-Петербург (Ленингради онвақта) сафар накардан, ба тамошои Эрмитаж нарафтан барои ман имкон надошт. Ман чанд рӯз дар кӯчаҳои ин шаҳр махсус пиёда гашта, ҷойҳои таърихиву ҳунарии онро тамошо мекардам, аз тамошои Летний сад (Боғи тобистона), Маъбади Исҳоқ, ки рассоми бемонанд Брюллов онро бо асарҳояш оростааст, барои худ олами зебоӣ ва рӯҳониро кашф мекардам. Дидани асарҳои

осорхонаи рассомии русӣ – Русский музей, махсусан, асари Брюллов «Вопасин рӯзи Помпей» ба ман таъсири амиқ мегузошт, сайру гашт дар қасрҳои Петергоф, Павловск ва гирду атрофи он ки бо набототу буттаҳову гулҳояш зеботарин намоҳои табиат мебошад, ба дилу ҷон тароват мебахшид, дидани хона – музеи Пушкин дар Мойка, ки ин шоири абадзинда охирин солҳову дақиқаҳои умрашро дар он гузаронидааст, маро бо олами ӯ ошнотар месохт. Ҳамин тариқ, солҳои аспирантӣ баробари хондан боз шаҳрҳои таърихиву фарҳангии Русия, аз ҷумла, Суздал, Клин, ки дар он ҷо осорхонаи П. И. Чайковский ҷой дорад, Тула – зодгоҳи Толстой, Пушкино, ки дар он ҷо Пушкин солҳои дар литсей хонданашро гузаронидааст ва дигар шаҳрҳо сафар карда, доираи фаҳмишамро аз фарҳанги русӣ фарохтар мекардам.

Албатта, аз ҷойҳои фарҳангии худи Маскав ҷои сухан нест. Сари ҳар чанд вақт ба Галереяи расмҳои Третяков мерафтам, ки таассуротам тоза гашта, маро ба андеша водор месохт ва ҷаҳони наверо ба рӯям боз менамуд. Дар он вақтҳо сухани устод Шарифҷон Ҳусейнзода ба хотирам мерасид, ки худи дар Маскав гаштанро як воситаи пурмаҳсули омӯзиш гуфта буданд. Бештарин ва беҳтарин вақти ман, албатта, дар китобхонаи давлатии ба номи Ленин мегузашт, ки яке аз бойтарин китобхонаҳои дунёст. Дар он дар сари рисолаам кор мекардам ва ҳамзамон асарҳои адабиёти Эрон, махсусан, китобҳои шеъри онро, ки он вақтҳо дар ҷойҳои дигар пайдо карданашон мушкил буд, гирифта мехондам ва ҳатто китоби шеърҳои Нодир Нодирпурро барои худам ба ҳарфи сириллик рӯнавис карда будам. Ба ғайр аз ин, донишҷуён ва аспирантони эронӣ, ки дар донишгоҳ таҳсил мекарданд, китоб меоварданд, ки онҳоро ҳам дастрас карда мегирифтаму мехондам ва ба ин васила бо вазъи шеъри ҳамзабонон шиносоӣ пайдо мекардам.
Дар донишгоҳи Ломоносов аз бисёр мамлакатҳои хориҷӣ донишҷӯёну аспиранту коромӯзон таҳсил мекарданд. Боре ба ман гуфтанд, ки туро ноиби ректор оид ба корҳои хориҷӣ даъват мекунад, ман дар ҳайрат шудам, ки ӯ ба ман чӣ кор доштанаш мумкин аст, зеро он вақт мо ҳама дар ҳайати як давлат будему ман хориҷӣ ҳисоб намешудам. Вақте ба наздаш ҳозир шудам, гуфт, ман Шуморо, ки тоҷик ҳастед, махсус даъват кардам, зеро медонам, ки мардуми тоҷик хеле меҳмоннавоз ҳастанд. Фардо аз Фаронса ба донишгоҳи мо як нафар коромӯз меояд, ман мехоҳам, ки шумо ӯро дар истгоҳи роҳи оҳани Белорус пешвоз гирифта, ба хобгоҳи донишгоҳ расонида, ҷойгир кунед. Ман медонам, ки шумо инро ба хубии тоҷикона ба ҷо меоред, бинобар ин, шуморо интихоб кардам. Ман қабул кардам ва ӯ дар охир бо ман бо тоҷикии соф ташаккур ва хайрухуш кард, ки ман дар назди дар ҳайратзада шуда мондам.

Ман рисоларо дар вақти зарурӣ навишта тамом кардам, аммо барои таҳриру муҳокима дар кафедра боз вақт лозим буд. Одатан дар ин ҳолат ба аспирант муҳлати аспирантураро боз ду моҳ дароз мекарданд, ки бо хоҳиши ман ва ризояти мудири кафедра ин корро карданд. Ба ман он ду моҳ барои ҳамаи корҳои заруриро анҷом додан басандагӣ накард ва ман аз хобгоҳи донишгоҳ ба хобгоҳи Ҳабибулло Файзулло кӯчидам, ки дар курси дусолаи Институти адабиёти ба номи Горкий таҳсил мекард. Мо чор - панҷ моҳ дар хонаи ӯ бо ҳам зиндагӣ кардем ва ман он вақт ӯро ба хубӣ шинохтам, ки чӣ рафиқи шафиқе буд. Ман баъзе лаҳзаҳои ин зиндагиро дар мақолаи «Чу ҳавои баъди борон...», ки дар бораи Ҳабибулло навиштаам, баён кардаам, ки ҳоло аз он танҳо ду лаҳзаашро дар ин ҷо иқтибос меорам.

«Боре Ҳабибулло омад, ки биё хонаи устод Сотим Улуғзода меравем, (он вақт ман дар хобгоҳи донишгоҳ будам) устод он гоҳ дар хонаи маскавиашон мезистанд. Ман, ки дӯстии ӯро бо устод медонистам, бе ҳеҷ истиҳола розӣ шудам. Ин, ба назарам, аввалин дидори ман бо устод Улуғзода буд.
Устод моро хеле хушнудона пешвоз гирифтанд ва сухбаткунон худашон барои мо оши палав пухтанд ва ба як ҳамсояи русашон палавро ситоиш карда, шояд ба шӯхӣ мегуфтанд, ки дар замонҳои қадим чанд хирадманди машриқ ҷамъ омаданд, то таоме тайёр кунанд, ки панҷ сифати хуб дошта бошад: зуд пухта шавад, серғизо, хушмазза, зебо бошад, хӯрданаш гаронӣ наорад ва ҳамин тавр палавро фикр карда баровrepresentations.

Дар болои мизи кории устод «Дон Кихот» -и Сервантес буд, гуфтанд, ки тарҷума карда истодаам. Ман дар ҳайрат шуда пурсидам, ки оё ин кор имкон дорад, зеро забону услуби гуфтори қаҳрамонҳои ин асар, махсусан, Санчо Пансои он чунон囲 пуррамзу киноя, маҷозу истиора ва зарбулмасалу мақол аст, ки муродифи тоҷикии онро ёфтан ва ё ба ҳамон рехтагӣ баргардон кардан ба назари ман ғайриимкон менамояд. Устод як хандаи фурӯтанона карданду гуфтанд, ки: – Хуб, як зӯр зада бинем-чӣ... Ва шоҳкоре ба вуҷуд оварданд, ки дар олами тарҷумаи тоҷикӣ назир надорад. Ҳар дастоварди адабӣ мавриди имкон гардидани ҳар чизи ғайриимкон аст.

Ман ҳангоми баргаштанам аз Маскав чанд вақт мушкили манзили истиқомат доштам, ӯ маро ба ҷону ҳолам намонда, ба хонааш овард ва гуфт, ки тобистон аст, вақти таътили фарзандони ман, онҳо бо модарашон дар деҳ, дар ҳавлии бибиашон ҳастанд ва то пайдо кардани ҷои истиқомат дар хонаи ман зиндагӣ мекунӣ. Вале баъди баргаштани аҳли хонаводааш ҳам чанд вақт маро ҷои дигар рафтан намонд, то дар рӯ ба рӯи бинои истиқоматиаш, дар маҳаллаи 33, бароям хонаи иҷора пайдо кард».

Ҳамин тариқ, ман аз Маскав баргаштам ва ба ҷои аввалаам, идораи Кумитаи Радио ва телевизиони тоҷик, ба кор омадам, зеро ман ба онҳо хонаи

худро супорида рафта будам ва онҳо ба ман ваъдаи дар ивазаш хона додан карда буданд. Барои ҳамин ҳам ман ба устод Муҳаммадҷон Шакурӣ дар вақташ узр оварда будам, ки то аз кумитаи радио хонаи ваъдагиро нагирам, ба институт ба кор омада наметавонам, баъди он ба назди эшон ба кор хоҳам омад. Устод инро пазируфта буданд ва маро ҳамчун корманди шуъбаи худ нигоҳ медоштанд. Вале дар он рӯзҳо маро устод Мирзо Турсунзода, ки Раиси Иттифоқи нависандагон буданд, ба наздашон даъват карда, пешниҳод карданд, ки ба Иттифоқи нависандагон, ба идораи маҷаллаи «Садои шарқ», ба вазифаи муовини муҳаррир, ки ин вазифаро тоза таъсис карда буданд, ба кор биёям. Ин соли 1974 буд. Барои ҷавони бисту ҳаштсола муовинии муҳаррир маҷаллаи шуҳратёри «Садои шарқ», ки дар он вақт дар он шоиру нависанданони машҳурамон, аз ҷумла Убайд Раҷаб, Лоиқ Шералӣ, Юсуф Акобиров, Шамсӣ Собир хидмат мекарданд вазифаи бисёр баланд буд. Ман ба устод Турсунзода ташаккур гуфта, омада ба Раиси кумитаи радиову телевизион, ки устод Шукӯҳӣ буданд ва ман корманди эшон будам, даъвати устодро баён кардам. Устод Шукӯҳӣ гуфтанд, ки даъвати устод Турсунзодаро бояд бо шукр бипазирӣ ва ман бисёр хурсандам, ки туро ба он ҷо ба кор даъват карданд, масъалаи хонаатро мо ҳал мекунем. Воқеан ҳам устод Шукӯҳӣ ва Убайд Раҷаб, ки муҳаррири маҷаллаи «Садои шарқ» буданд, ҳар ду ба назди Раиси шаҳри Душанбе, ки он вақт Маҳмадназарови бадахшӣ буд, рафта, ба ҷои хонаи пештараи ман, ба ман квартираи духонагӣ, дар рӯ ба рӯи чойхонаи Роҳат, гирифта доданд. Ба ман якбора ҳам вазифаи баланд насиб шуду ҳам хона дар маркази шаҳр.

Ҳамин тариқ, хидмати банда дар маҷаллаи «Садои Шарқ», нашрияи Иттифоқи нависандагон оғоз шуд, яъне банда ба маркази баҳсҳои адабиву илмӣ афтодам, ки дар идораи маҷалла ва Иттифоқи нависандагон баргузор мешуданд. Аксари асарҳои калонҳаҷми назму наср пеш аз чоп, бо иштироки аъзои ҳайати таҳририяи маҷалла, баррасӣ мешуданд, дар шуъбаҳо ва садорату Раёсати Иттифоқи нависандагон низ ин гуна баррасиҳои асарҳо ва масоили адабию бадеӣ сурат мегирифтанд, ки ширкати банда дар онҳо ҳам аз ҷиҳати вазифаи доштаам ва ҳам бо хоҳиши худам, зарур буд. Онҳо воқеан ҳам як мактаби калони адабӣ буданд. Муносибат дар байни кормандони маҷалла асосан хуб буд, вале бемоҷаро ҳам набуд. Моҷаро дар байни муҳаррир Убайд Раҷаб, ки воқеан як инсони пурбардошту пуртаҳаммул ва коргар буд ва котиби масъули маҷалла нависанда, Юсуф Акобиров, вуҷуд дошт. Баъди омадани ман ин моҷаро, мисли ин ки, тундтар шуд, зеро Юсуф Акобиров мехостааст, ки варо ҷонишини муҳаррир таъйин кунанд, чунки корманди собиқадори маҷалла буд. Маро ба ин вазифа даъват кардани устод Мирзо Турсунзода, ба назарам, ду сабаб дошт: аввал ин ки дар байни кормандони маҷалла ҳеҷ мунаққид набуд, ҳама шоиру нависанда буданд, сониян, он солҳо қарори махсуси КМ ПК ИҶШС оид ба диққати ҷиддӣ додан ба ривоҷи танқиди адабӣ ба тасвиб расида буд, ки бояд

амалӣ мешуд. Аз ҷиҳати дигар, албатта, ризояти муҳаррир, Убайд Раҷаб ҳам ба эътибор гирифта бояд мешуд, ки ӯ, маълум аст, моҷароҷӯяшро ба муовинӣ намехост. Аммо ӯро аз вазифа дур карда ҳам наметавонист, зеро он солҳо романҳои Юсуф Акобиров аз ҷониби Раиси Иттифоқи нависандагони ИҶШС Георгий Марков, ки Юсуф Акобиров дар яке аз машваратҳои адибони ҷавон дар Маскав бо ӯ шинос шуда, робита пайдо карда буд ва духтари ӯ, ки ба тарҷумаи асарҳои наср машғул буд, тарҷума шуда, дар нашрияҳои умуиттифоқӣ ба чоп мерасиданд, яъне ӯ дар шахси Раиси калон пуштибон дошт. Акнун дар ин байн ман пайдо шуда будам ва табиист, ки ҳадафи муборизаи Ю. Акобиров қарор гирифта будаам. Аммо ман дар аввалҳо аз ин чиз бехабар будам. Инро баъди дар маҷалла чоп шудани мақолаам дар бораи Аминҷон Шукӯҳӣ – «Шохаи райҳон ва себҳои шукуфта» фаҳмидам.

Ҳамчунонки гуфтам, ҳар шумораи маҷалла баъди чоп мавриди баррасии кормандони идора қарор мегирифт. Навбатчии он шумора Шамсӣ Собир буд. Дар ҷаласа ӯ дар бораи маводи маҷалла суханронӣ мекард. Ӯ дар бораи маводи бачопрасида як-ду сухани мухтасаре гуфту дигар тамоми суханашро ба «муҳокима ва таҳлили» мақолаи ман ихтисос дод, ки камаш бештар аз ним соат давом кард ва ба гардани ман гуноҳҳоеро бор кард, ки мӯи сари одам рост мехест. Он рӯз саломатии ман хуб набуд, сармохӯрда будам, аммо ба хотири ҷаласа ба кор омада будам ва ҳатто телпак ба сар менишастам. Айбмониҳои Шамсӣ Собир ба мақола услуби солҳои сивумро ба хотир меовард, ки баъд аз он муаллифро бояд ба ҳабс мегирифтанд ё бадарға мекарданд. Масалан, ӯ мегуфт, ки чаро муаллиф дар мақолааш аз шоири австриягӣ Райнер Мария Рилке ба маънои мусбат иқтибос меорад, ҳол он ки ӯ шоири реалист нест ва ба сиёсати адабии давлати мо мувофиқат надорад ва чаро ӯро дар ин ҷо ташвиқ мекунад ва монанди ин айбҳо. Хуллас, ҳар ҳарфро ба сиёсат бурда мечаспонд. Аз шиддати ҳаяҷон, дар ҷои нишастаам, ду-се бор чашмонам сиёҳӣ зад. Мудири шуъбаи накд Фотеҳ Абдулло, ки барои ба чоп рафтани мақола имзои ӯ ҳам буд, хост як-ду бор бо луқма ба ин ҳарфҳо эрод гирад, аммо ӯро Юсуф Акобиров таҳдид кард, ки ӯ ҳам беҷазо нахоҳад монд. Ба ҳамин минвол, маърӯзачӣ суханашро ба охир расонд.

Муҳаррир, пеш аз он ки ба ман сухан диҳад, хоҳиш кард, ки мухтасар ҳарф занам, ман дар ҳайрат шудам, зеро ҳамин гуна хоҳишро ӯ бояд аз маърӯзачӣ мекард, зеро, ақаллан, барои он ки маҷалла ба ғайр аз мақолаи ман боз маводи бисёри дигар дошт, ки дар бораи онҳо ҳам ҳарф бояд зада мешуд ва, сониян, банда, ба ҳар ҳол, муовини муҳаррири маҷалла будам, ки эътибори вазифавиаш аз мудири шуъбаи наср Шамсӣ Собир баландтар буд. Вақте ман ин суханро шунидам, гуфтам, ки ман дар ин ҷо аз ду ҷумла зиёдтар ҳарф нахоҳам гуфт. Аввалаш, ин аст, ки рафиқ Шамсӣ Собир баъд аз ин ҳам мақолаҳои маро бо қалам бо диққати тамом хонанд, шояд дар оянда ба фаҳми адабиёт мерафтагӣ шаванд. Дуюм ҷумлаам ин аст, ки ман ҳамаи ин ҳарфҳоро ба роҳбарияти

Иттифоқи нависандагон хоҳам расонид ва аз онҳо хоҳиш хоҳам кард, ки дар ҷаласаи худ ин масъаларо баррасӣ намоянд ва ҳақро ба ҳақдор расонанд, агар ман гуноҳ дошта бошам, ҷазои маро диҳанд ва агар не... Бо ҳамин ҷаласа тамом шуду ман ба кабинети кориам омада портфеламро гирифтаму аз идора баромада рафтам.

Рӯзи дигар, ки ба кор омадам, дар кабинете, ки ман бо дигарон ҳамроҳ менишастам, маро фарроши идора, зани тотор, мунтазир буд. Гуфт, ки ман ба шумо гап дорам. Гуфтам, чӣ гап? Гуфт, ки дирӯз бегоҳӣ, баъди кор, вақте шумо ба кабинет даромада портфелатонро гирифта рафтед, ман кабинетро тоза мекардам, пас аз рафтани Шумо ба кабинет Юсуф Акобиров ва Шамсӣ Собир даромаданду аз ман пурсиданд, ки Аскар Ҳаким ба кабинет даромада, чӣ гуфт? Ман гуфтам, ки ҳеҷ чиз нагуфт, портфелашро гирифту рафт. Онҳо гуфтанд, ки, не, мо шунидем, ӯ ҳамаи моро ҳақорат кард. Ман гуфтам, ки ӯ  ҳатто як калима гап назадааст. Гуфтанд, не, ту дурӯғ  мегӯӣ, агар ҳозир дар коғаз нанависӣ, ки Аскар Ҳаким ҳамаи моро ҳақорат дод, мо туро аз кор пеш мекунем. Ман гуфтам, ки ман ба одам туҳмати ноҳақ намезанам ва аз болоятон ба роҳбарият шикоят мекунам. Баъд онҳо диданд, ки маро тарсонида натавонистанд, пешниҳодҳои дигари шармовари ба нафси кас мерасидагӣ карданд ва хору мол ҳам карданӣ шуданд. Ман ин ҳарфҳоро аз забони фаррошзан шунида тамом дар ҳайрат шудам, ҳеҷ дар тасаввурам намегунҷид, ки ду одами баркамол ҳамин гуна рафтор карданашон мумкин аст. Онҳо ба ҳам бисёр наздик буданд, ҳама гапашон аз як ҷо мебаромад. Вале, ба ҳар ҳол, ман ин қадарашро тасаввур карда наметавонистам. Ман ба фаррошзан гуфтам, ки ту ин суханонатро дар ҳузури дигарон ҳам гуфта, тасдиқ карда метавонӣ? Гуфт, бале, чаро не, охир, ман гапи шудагиро мегӯям. Баъд ман, ҳамчунонки дар хотимаи ҷаласаи маҷалла гуфта будам, ба назди Мӯъмин Қаноат, ки муовини аввали устод Мирзо Турсунзода буданд, даромада ҳамаи воқеаро нақл ва ҳаллашро хоҳиш кардам. Мӯъмин Қаноат масъаларо ба котиби бюрои ҳизбӣ Басир Расо ва муовини ӯ Михаил Левин гуфта, хоҳиш мекунанд, ки онро санҷида, ба баррасии бюрои ташкилоти ҳизбӣ гузоранд. Ҳар дуи ташкилкунандагони ин моҷаро аз чунин ранг гирифтани он ба ҳарос меафтанд ва Шамсӣ Собир, ки мисли Юсуф Акобиров пушту паноҳи зӯр надошт, аз оқибати баррасии ҳизбӣ тарсида, фардои он рӯз рафта дар бемористон ҷо мешавад, мисли ин ки, дар бюрои ҳизбӣ боз чӣ гуноҳҳои ӯро медонистаанду таҳаммул карда гашта будаанд. Ҳамин тариқ, ӯ дуру дароз дар бемористон монду аз ҳамон ҷо барои аз кор рафтан аризаашро ба идораи маҷалла фиристоду дигар наомад.

Ман то ҳоло ба фаҳми ин рафтори Шамсӣ Собир намеравам, агар ақидааш дар бораи мақолаи ман ончунон буд, ки арз кард, ҳақ дошт, ҳар кас ба ақидаи шахсӣ ҳақ дорад, вале ин рафтори баъдинаи ӯро наметавонам дарк кунам, ба чӣ хотир? Ба хотири мадад ба ҷӯрааш Юсуф Акобиров, ки мехост ба ҷои ман муовин

шавад, бо ин роҳ, ки ба кас мансаб намедиҳанд. Намефаҳмам. Баъдан, ки аз Душанбе ба Хуҷанд кӯчиду дар идораи маҷаллаи «Паёми Суғд» кор мекард, вақте ман ба идораи он меомадам, бечора аз шарм ба рӯи ман нигоҳ карда наметавонист. Хайр, ҳар чӣ буд, гузашту рафт, равонаш шод бод. Аҷибаш ин буд, ки пас аз ин корҳо Юсуф Акобиров бо ман муносибаташро хуб кард, дуруст аст, ки ман аллакай дар вазифаҳои баландтар кор мекардам, ҳатто дар ҷашни хонадоршавии писараш маро бисёр хоҳиш карда, соқии базм карда буд. Зиндагӣ ҳама чизро ҳамвор мекунад ва ҷо ба ҷо мегузорад. Дар охир боз одамият боло мегирад.

Қиссаҳои дигари кор дар маҷалларо ба фурсати дигар вомегузорем, вале якеаш ҳоло нақл карданист. Ман, ҳамчунонки гуфтам, муовини муҳаррир будаму тахти раисии устод Мирзо Турсунзода маҷлиси Раёсати Иттифоқи нависандагон баргузор мешавад ва дар он ҷаласа устод мегӯянд, ки Аскар Ҳаким ба узвияти садорати ИН пешниҳод карда шавад, ба ӯ мегӯянд, ки ӯ ҳоло узви ИН несту чӣ тавр ба узвияти садорат пешниҳод мекунем? Устод дар ҳайрат мешаванд, ки чӣ тавр, охир, ӯ муовини муҳаррири маҷаллаамон, то ҳоло узв нест. Мегӯянд, ки ҳоло китобаш чоп нашудааст. Устод мегӯянд, ки ҳеҷ қисса не, мақолаҳои бисёраш чоп шудааст, аз рӯи мақолаҳояш қабул мекунем, ба маҷлиси оянда ҳуҷҷатҳояшро тайёр кунед. Баъди маҷлис устод дар назди дари бинои иттифоқ маро диданду хандида-хандида, холи гӯштии болои лабашонро молида-молида, гуфтанд, ки: – Мо ҳам имрӯз як рӯмонигарӣ кардем, мулло Аскар, ту ҳоло узви иттифоқ набудию мо туро ба узвияти садорат пешниҳод кардем, хайр ҳеҷ гап не, ба наздикӣ қабул мешавӣ. Ҳамин тариқ, банда дар ҷаласаиояндаи Раёсат ба узвияти ИНТ пазируфта шудам. Соли 1974 буд. Ман чор сол гоҳ дар вазифаи муовини сардабир ва гоҳ дар вазифаи мушовири ИН кор кардам.

Рӯзе Аминҷон Шукӯҳӣ ба идораи «Садои Шарқ», ки ман он ҷо акнун муовини сардабир (вазифаи муҳаррир акнун сардабир шуда буд) будам, омада, ба ман гуфтанд, ки маро мудири шуъбаи маданияти КМ ҲКТ Холмурод Шарифов даъват карда буд. Гуфт: – Фикре ҳаст, ки Аскар Ҳаким ба вазифаи котибии садорати Иттифоқи нависандагон пешниҳод карда шавад, фикри шумо чист? Ман гуфтам: – Шумо медонед, ки Аскар ҳамдеҳаи ман аст ва ман бо ӯ муносибати хуб дорам, ман агар ӯро таъриф кунам, шояд ба дилатон гап ояд, ки ҳамдеҳаашро таъриф мекунад ва агар бад гӯям, дар ҳақи ӯ ҷабр мешавад, бинобар ҳамин шумо дар ин бора фикри бетарафонро пурсед, масалан, Мирсаид Миршакар, Боқӣ Раҳимзода ва ё дигаронро. Баъд Шукӯҳӣ гуфтанд, ки ин тавр фикр пайдо шуда бошад, ба назарам, туро котиби садорат интихоб мекунанд.

Ҳамин тавр, баъди он ки дар соли 1977 устод Мирзо Турсунзода даргузаштанд, дар соли 1978 дар маҷлиси садорати ИНТ Муъмин Қаноат котиби якуми садорат, Фазлиддин Муҳаммадиев котиби садорат оид ба масъалаҳои эҷодӣ ва банда, ба ҷои устод Фотеҳ Ниёзӣ, ки ба нафақа рафтанд, котиби садорат оид ба масъалаҳои

эҷодиву ташкилӣ интихоб шудем. Ман он вақт сиву ду сол доштам ва яке аз ҷавонтарин котибони садорати Иттифоқи нависандагон дар ИҶШС ба ҳисоб мерафтам. Ин вазифаи масъул фаъолияти зиёде мехост ва касро аз ҷиҳати роҳбарию ташкилотчигӣ зуд ба камол мерасонд, зеро дар он солҳо Иттифоқи нависандагони саросарии шӯравӣ ва ҳамчунин иттифоқҳои нависандагони ҷумҳуриҳои бародар хеле фаъол буданд, чорабиниҳои зиёди адабӣ мегузаронданд ва дар ҳаёти фарҳангии мамлакат нақши дурахшоне доштанд. Дар ҷумҳуриҳои шӯравӣ ҳафтаву даҳаҳои адабиёту фарҳанг, ҷаласаҳои гуногуни адабӣ, бузургдошту ҷашнҳои шоиру нависандагон баргузор мегаштанд, ки ба онҳо аз ҷумҳуриҳои дигар низ меҳмонон даъват мешуданд. Дар онҳо кас бо шоиру нависандагони бузурги кишварҳои дигар ошно мешуд, назараш ба адабиёту фарҳанг вусъат пайдо мекард, коре карда, дар ин вазифа кас аз дастоварди як мактаби калони адабӣ бархурдор мегашт.

Соли 1991 ба Иттифоқи нависандагон аз Иттифоқи нависандагони Озарбойҷон барқия-даъватнома омад, дар он гуфта мешуд, ки дар Озарбойҷон солгарди шоири бузурги озарӣ Низомии Ганҷавӣ баргузор мешавад ва ба ин муносибат барои иштирок дар он як нафар шоир ва ё тарҷумони асарҳои Низомиро ба ин ҷашн даъват менамоем. Ман ин даъватномаро хонда хандидаму аз Муъмин Қаноат хоҳиш кардам, ки маро бифиристанд. Ба Боку омадам, ба ҷашн аз Маскав ва шаҳру кишварҳои гуногун меҳмонони бисёр омада буданд. Тантанаҳои ҷашнӣ аз Ганҷа, аз зодгоҳи шоир оғоз шуд. Ҷаласаи аввали адабӣ дар ифтитоҳи осорхонаи наве, ки ба номи Низомӣ сохта буданд, баргузор гашт. Дар он ҷо ба ман сухан доданд. Ман мазмуни он даъватномаро ба ёд оварда гуфтам, ки дӯстони озарии мо аз Иттифоқи нависандагони Озарбойҷон ба назди мо вазифаи мушкил гузоштаанд, зеро мо дар интихоби тарҷумони асарҳои Низомӣ хеле мушкил доштем, чунки ҳар як тоҷике метавонад тарҷумони асарҳои ӯ бошад, зеро забони Низомӣ забони модарии ӯст. Аз байни ин қадар номзад интихоби як нафар осон нест. Вале аз вазифаам суиистифода карда, ман худ омадам, ки тарҷумони Низомӣ бошам, ба ҳамаи шумо. Аммо метарсам, ки ин масъулиятро ман ҳам ба хубӣ иҷро карда наметавонам, зеро забони Низомӣ чунон бузургу ғаниву шоирона аст, ки онро ба забони дигар пурра ифода кардан ғайриимкон аст, нубӯғи Низомиро танҳо бо забони навиштааш пурра дарк кардан мумкин аст. Пас аз ин дар бораи робитаи адабиёти тоҷику озарӣ, мазмуну муҳтавои эҷодиёти Низомӣ як миқдор сухан рондаму гуфтам, акнун мехоҳам, ки шеъри Низомӣ ба ҳамон забони асл ва модариаш, ки навиштааст, дар ин ҷо садо диҳад ва пораеро аз достони «Лайлӣ ва Маҷнун» хондам. Хеле хуш пазируфтанд, махсусан меҳмонон. Баъди вохӯрии адабӣ Татяна Стрешнева, ҳамсари Ярослав Смеляков, шоира ва тарҷумони хуб, ки аз Маскав бо як гурӯҳ адибони рус омада буд, ба ман гуфт, ки: – Аскар, ин меҳмонон аз ман, ки тарҷумон ҳастам, мепурсанд, ки Низомӣ ба тоҷикӣ навишта бошад, пас тоҷик аст? Ман гуфтам,

бале, азбаски тоҷикон шоирони бузург бисёр доранд, Низомиро ба бародарони озариашон бахшидаанд.

Ҷашн чанд рӯз давом кард, ба дараҷаи аъло баргузор шуда буд, як силсила иншоотҳо, ҳайкалҳо сохта буданд, ободкориҳои бисёре шуда буд. Ҷамъбасти ҷашн бегоҳӣ дар Боку, дар боғ, зери пояи пайкараи Низомӣ сурат мегирифт. Тобистон буд, мардуми бисёре ҷамъ омада буданд. Ба меҳмонон пайи ҳам навбат медоданд, ки сухан кунанду шеър хонанд. Як дӯсти озарии шоир маро ба хонааш ба меҳмонӣ даъват мекард. Ман аз барандаи ҳамоиш пурсидам, ки навбати ман чандум аст, то вақти холӣ шуданамро ба дӯстам гӯям. Баранда рӯихатро диду номи маро пайдо накарда, гуфт, ки номи шумо дар ин ҷо нест ва якбора хиҷил шуд, зеро шоире буд, ки форсӣ хуб медонист ва дар он рӯзҳо бо ман ба форсии тоҷикӣ суҳбат мекард. Ва ҳамоно гуфт, ки ман ҳамин ҳоло номи шуморо дар байни ҳафтуму ҳаштум нафар менависам ва сухан медиҳам. Ман фақат ҳамон лаҳза дарк кардам, ки чаро дар ҳеҷ ҷои дигар ба ман сухан надода буданд, ман гумон доштам, ки бо сабаби бисёрии меҳмонҳо... маълум мешавад, ки на танҳо ба ин сабаб будааст. Маро дарлаҳза ҳиссиёти чандгунае фаро гирифт, аз як тараф, каме озурдагӣ, аз тарафи дигар, агар ҳоло ҳамин тавр аст, яъне таҳаммули шунидани сухани ҳақ нест, пас, ман ҳоло чунон сухан хоҳам гуфт ва бузургии Низомиро чунон баён хоҳам кард, ки як умр дар ёди шунавандаҳо нақш бандад. Ва ин маро водор кард, чандин карат бештар қуввати рӯҳонӣ бахшид, ки дар бораи Низомӣ ва мақоми ӯ дар шеъри башарӣ сухани пурэҳтироси шоиронае гӯям ва на бо камтар аз он эҳсосоту таассурот, ба тоҷикӣ, аз ашъори ӯ намунаҳо бихонам. Мардуми ҷамъомада, ки аз асли масъала бехабар буданд, ҳай қарсакзанӣ карданд. Баъди аз сухан фориғ шуданам чанд нафар назди ман омада пурсиданд, ки шумо кистед? (Кто вы такой?) Ҷавоб додам, ки: (я прямой потомок Низами) ман аз авлоди бевоситаи Низомӣ ҳастам.

Баъди муддате ин ҷашн дар Маскав, дар “Большой театр” баргузор шуд, ки яке аз театрҳои мӯътабартарин ва бузургтарини ҷаҳонист. Ман бо чӣ маъмурияте дар Маскав будам ва Темур Пӯлодов, Раиси Созмони байналмилалии Иттифоқҳои нависандагон, аз ман хост, ки ба сифати меҳмон дар ҷашн иштирок кунам. Ҷашнро Ҷумҳурии Озарбойҷон, ҳамроҳи СБИН баргузор мекард, дар он бо роҳбарии шахси аввали Ҷумҳурии Озарбойҷон ҳайати калони озарӣ ширкат меварзид. Бандаро Темур Пӯлодов дар раёсати ҷаласа ҷой дод. Театр лабрези тамошобин буд. Президенти Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравӣ Михаил Горбачев ҳам бо ҳамсараш, Раиса Максимовна, омада, дар лоджия нишаста буд. Баъди сухани ифтитоҳии Темур Пӯлодов як-ду нафари дигар ҳарф заданд, ки дар толор дилгир шудани мардум ҳис шуд, зеро тамошобинони театр, ки чанд ҳазор буданд, аз шунавандаи ҷаласаҳои адабии илминамо фарқ мекарданд. Сухани ман дар барнома набуд, аммо Темур Пӯлодов ба ман гӯшакӣ кард, ки вазъиятро бубин, ба ту сухан медиҳам. Маро зарур буд, ки барои каме ҷон бахшидани ҷаласа

бадоҳатан як сухани шоирона бигӯям. Ҳоло ду-се нуктаашро, мухтасаран, дар ин ҷо ба ёд меорам, ки гуфта будам: Ман дар ин ҷаласаи бошукӯҳ, дар ҳузури ҳамаи шумо, меҳмонони гиромӣ, мехоҳам, аз дилу ҷон ба сарзамине, ки шоире, ҳамчун Низомии бузургворро, ба дунё овардааст, ба табиате, ки ба ашъори ӯ рангу бӯ ва садоҳои дилнишине додааст, ба мардуме, ки ном ва ашъори ӯро дар дилу ҷони худ ҳифз карда, то имрӯз расонидааст, самимона ташаккур кунам... Зеро модар, модари мо, ҳангоми тифлиамон, сухани Низомиро бар забони мо ниҳода, сухангӯӣ ёд медиҳад ва мо аввалин бор, ки ҳушмандона сухан мегӯем, бо шеъри Низомӣ сухан гуфтанро ёд мегирем:

*Эй чорда(ҳ)сола қурратулайн,*
*Болиғ назари улуми кавнайн!*
*Он рӯз, ки ҳафтсола будӣ,*
*Чун гул ба чаман ҳавола будӣ,*
*В-акнун, ки ба чордаҳ расидӣ,*
*Чун сарв бар авҷ сар кашидӣ,*
*Ғофил манишин, на вақти бозист,*
*Вақти ҳунар асту сарфарозист!*
*Дониш талабу бузургӣ омӯз,*
*То беҳ нигаранд рӯзат аз рӯз.*
*Ному насабат ба хурдсолист,*
*Насл аз шаҷари бузург холист.*
*Ҷое, ки бузург боядат буд,*
*Фарзандии ман надорадат суд.*
*Чун шер ба худ сипаҳшикан бош,*
*Фарзанди хисоли хештан бош!*
*Давлат талабӣ, сабаб нигаҳ дор,*
*Бо халқи Худо адаб нигаҳ дор!*

Ва он гоҳ ки ба камол расида ошиқ мешавем, ҳоли дили худро ба ҳоли дили Маҷнуни ӯ, ки дар достони безаволаш – «Лайлӣ ва Маҷнун» офаридааст, қиёс карда, ба маҳбубаамон изҳори ишқ мекунем. Ва ҳангоме ҳам ки бо дунё падруд мегӯем, бо шеъри Низомӣ падруд мегӯем, ки ӯ дар сӯги дӯсти шоираш гуфтааст:

*Ба дил гуфтам, ки Хоқонӣ дареғогӯи ман бошад,*
*Дареғо, ман шудам акнун дареғогӯи Хоқонӣ.*

Ман ҳоло танҳо се лаҳзаи муҳиммтарини зиндагии инсонро, зиндагии моро, ба ёд овардам, ки бо шеъри Низомӣ оғоз мешаваду камол меёбаду ба поён мерасад, яъне ин маънои онро дорад, ки шеъри Низомӣ ҳамарӯзаву ҳамасола дар забону дар дилу ҷони мост, бо мо зиндагӣ мекунаду ба мо зиндагӣ меомӯзад... Ман намедонам, шеъри Низомӣ, дар тарҷумааш ба забонҳои дигар чӣ гуна садо

медиҳад, он маъниҳои амиқ, он эҳсосоти сӯзони фарогир, он тасвирҳои зеботар аз манзараҳои воқеии табиӣ, он піростагиву оростагии вожагонӣ чӣ гуна ба забонҳои дигар баргардон мешаванд, аммо медонам, ки барои ба ҳамон сурату сират баргардондани онҳо нубӯғи шоиронае ҳамчун Низомӣ доштан зарур аст, вагарна ин кор имкон надорад ва роҳи ягонаи ба асл расидан танҳо ба забони худи Низомӣ хондан ва шунидани ашъори ӯст. Бинобар ин, ман ҳоло ба худ иҷоза медиҳам, пораеро аз достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-и шоир ба забони асл дар ин ҷо бихонам, то шумо, ҳозирини гиромӣ, то чӣ андоза шевою гуворо ва дилнишин будани забони Низомиро, забони модарии ӯро, забони халқи азизи ӯро бишнавед. Ва ин пораро аз достон хондам.

*Лайлӣ чу ситора дар аморӣ,*
*Маҷнун чу фалак ба пардадорӣ.*
*Лайлӣ калабанд боз карда,*
*Маҷнун гилаҳо дароз карда.*
*Лайлӣ зи хурӯш чанг дар бар,*
*Маҷнун чу рубоб даст бар сар.*
*Лайлӣ на, ки субҳи гетиафрӯз,*
*Маҷнун на, ки шамъи хештансӯз...*
*Лайлӣ ба карашма зулф бар дӯш,*
*Маҷнун ба вафо-ш ҳалқа бар гӯш.*
*Лайлӣ ба сабӯҳи ҷоннавозӣ,*
*Маҷнун ба самои хирқабозӣ.*
*Лайлӣ зи дарун паранд медӯхт,*
*Маҷнун зи бурун сипанд месӯхт.*
*Лайлӣ чу гули шукуфта меруст,*
*Маҷнун ба гулоб дида мешуст.*
*Лайлӣ сари зулф шона мекард,*
*Маҷнун дури ашк дона мекард.*
*Лайлӣ маи мушкбӯй дар даст,*
*Маҷнун на зи май, зи бӯи май маст.*

Ва толор чунон қарс мезад, ки баъди нишастан Темур Пӯлодов ба гӯши ман мегуфт, ки: – Онҳо он қадар қарс мезананд, ки гӯё ба суруд хондани Муслим Магомаев. Дар танаффуси байни ҷаласа ва консерт, ҳангоми пазироии сарипоӣ – фурше, М. Горбачев, ки бо ҳамсарашу роҳбарони Озарбойҷон ва Темур Пӯлодов дар сари миз буданд, ба ман, ки дар охири миз будам, хитоб кард: – Дӯсти ҷавон (воқеан ҳам ман дар он ҷо ҷавонтарин будам), як ба назди ман биёед. Чун омадам, гуфт: –Шумо бисёр зебо шеър хондед, он ба кадом забон буд? Гуфтам: –Ба забоне, ки Низомӣ навиштааст, забони модариям, тоҷикӣ. Гуфт: –Забони модарии Низомӣ тоҷикӣ буд? Гуфтам: – Ҳамчунонки шунидед. Дар ҳайрат шуду гуфт: – Биёед, ба саломатии шумову забонатон як қултӣ бинӯшем ва ҳар ду аз паймонаи

конякамон як култӣ нӯшидем. Ман фурсатро муносиб ёфта, барои бозсозӣ ва ошкорбаёнӣ, ки он вақт, дар оғоз, ҳама мафтунаш будем, ба ӯ изҳори ташаккур кардам. Вале ӯ ҷавоби аҷибе дод: – Акнун дар он подор истода тавонистан зарур аст («Теперь нужно на этом удержаться»). Намедонам, чаро ин тавр гуфт, шояд пешомадро ҳис мекард.

Дигар аз сафарҳои адабии ман ба Гурҷистон буд. Иттифоқи нависандагони Гурҷистон оид ба масъалаҳои тарҷума ҳамоиш доир карда, аз ҷумҳуриҳои Осиёи миёна ва Қазоқистон панҷнафарӣ шоиру нависанда даъват кард. Иттифоқи нависандагони мо низ панҷ нафар – Мавҷуда Ҳакимова, Меҳмон Бахтӣ, Сорбон, Саттор Турсун ва маро ҳамчун роҳбари гурӯҳ ба он ҳамоиш фиристод. Мо вақте ба ҳамоиш омадем, дидем, ки аз ҷумҳуриҳои дигар ҳама адибони солманд, шоиру нависандагони халқӣ омадаанд, гурӯҳи мо аз ҳама ҷавонтарин буд. Пеш аз оғози ҷаласаи кории ҳамоиш хабарнигорони телевизиони гурҷӣ омада, аз байни меҳмонон бо ман суҳбат сабт карданд, баъди ин як нафар аз ҳайати ҳамсоя, ки аҳли Бухоро буд, ба ман бо пичинг эътироз кард, ки чаро онҳо бо шумо суҳбат карданду бо мо не, ё шумо зебову мо не. Ман аз ин тарзи муомила дар ҳайрат шуда гуфтам, ки ман ҳам мисли шумо меҳмонам, аз куҷо донам, аз худашон пурсед.

Аввалин бархӯрди мо бо ҳамсоягон ҳамин тавр сурат гирифт, ки ҳеҷ чашм надоштем. Ҳамоиш чанд рӯз давом кард, ки дар он ҳам масъалаҳои тарҷума мавриди гуфтугӯ буд ва ҳам шоирони гурҷӣ тарҷумаҳои худро аз намунаҳои ашъори шуарои ҷумҳуриҳои даъватшуда мехонданд. Дар яке аз ҳамоиши шеърхонӣ, ки дар як мавзеи зебои кӯҳӣ баргузор карда буданд, маро аз паҳлуи барандаи маҳфил, котиби садорати ИН Гурҷистон оид ба тарҷума ҷой дода буданд, аз паҳлуи дигарам боз ҳамон шоири нимтоҷики бухороӣ нишаста буд. Шоирони гурҷӣ бо навбат ашъори тарҷумакардаи худро мехонданд, як вақт ин бухороӣ боз ба ман эътироз кард, ки чаро дар ин ҷо аз ҳама бештар аз шоирони тоҷик шеъри тарҷума мехонанд, чӣ ин ҷо магар ҳафтаи адабиёти тоҷик аст. Ман дигар таҳаммул аз даст додаму гуфтам, шумо ҳам мисли тоҷикон нависед, аз они шуморо ҳам тарҷума карда мехонанд. Вале, бо вуҷуди ин, ба гӯши барандаи маҳфил гуфтам, ки ин меҳмони паҳлуи ман ранҷиш дорад, ки аз шеъри онҳо намехонанд, агар тарҷума дошта бошед, гӯед, бихонанд, вале ӯ ҳам бо гӯшакӣ ба ман ӯро бо як ҷавоби маъмулии русӣ ба «як ҷо» фиристод. Ман аз ин ҷавоби ӯ бештар дар ҳайрат шудам, зеро гурҷиён бо меҳмон маъмулан ниҳоят эҳтиром мегузоранд, баъд фаҳмидам, ки аз рӯзи аввал дар байни онҳо нофаҳмию ноҷӯрӣ иттифоқ афтода будааст. Меҳмонон дар фурудгоҳ норизоӣ кардаанд, ки чаро ҳайати онҳоро, ки аз нависандагони мӯътабар иборат аст, худи раиси Иттифоқи нависандагон Нодар Думбадзе пешвоз нагирифтааст. Он вақт ӯ дар бемористон буд ва дар кори ҳамоиш иштирок надошт.

Рӯзе меҳмононро ба Гори, зодгоҳи Сталин, барои дидани хона-музеи ӯ бурданд. Роҳбаладии музей, хонуми ҷавони гурҷӣ, ҳангоми нақлаш меҳмононро назди мизе оварду варақеро, ки дар зери шиша нигоҳ дошта мешуд, ба овози баланд ба хондан шурӯъ кард. Ин нусхаи асли ҳамон нутқ – нӯшбоди машҳури Сталин будааст, ки дар Кремл 22 апрели соли 1941 ҳангоми қабули ҳайати Даҳаи санъати тоҷик эрод кардааст. Ин аст он нӯшбод.

«Ман чанд сухан дар бораи тоҷикон гуфтан мехоҳам. Тоҷикон халқи махсусанд. Онҳо на ӯзбек, на қазоқ, на қирғиз, онҳо тоҷиканд, халқи аз ҳама қадимтарини Осиёи Миёна. Тоҷик, яъне тоҷдор, онҳоро эрониён ҳамин тавр меномиданд, тоҷикон ба ин ном ба ҳақ сазовор буданд. Аз ҳамаи халқҳои ғайрируси мусулмон дар ҳудуди ИҶШ тоҷикон ягона халқи ғайри турк – халқи эронинажод ҳастанд. Тоҷикон халқе ҳастанд, ки зиёиҳои онон шоири бузург Фирдавсиро ба дунё овардааст ва беҳуда нест, ки онҳо, тоҷикон, аз ӯ суннатҳои фарҳангии худро оғоз мекунанд. Шумо ҳангоми Даҳа бояд эҳсос карда бошед, ки ҳиссиёти бадеии онҳо, тоҷикон, нозук буда, фарҳанги қадимӣ ва завқи махсуси бадеияшон ҳам дар мусиқӣ ва ҳам дар суруд ва ҳам дар тарона ба зуҳур мерасад. Баъзан рафиқони руси мо ҳамаро бо ҳам меомезанд: тоҷикро бо ӯзбек, ӯзбекро бо туркман, арманиро бо гурҷӣ. Ин, албатта, дуруст нест. Тоҷикон – халқи махсусанд, бо фарҳанги азиму бои қадима ва дар шароити шӯравии мо ба онҳо ояндаи бузург мансуб аст. Ва дар ин амр ба онҳо тамоми Иттифоқи Шӯравӣ мадад бояд бикунад. Ман мехоҳам, ки санъати онҳо бо таваҷҷуҳи ҳамагонӣ фаро гирифта шавад.

Ман ин қадахро барои он баланд мекунам, ки санъати тоҷик, халқи тоҷик шукуфо бошад, барои он ки мо, маскавиён, ҳамеша омода бошем, ки ба онҳо, дар ҳама чизе, ки зарур аст, мадад бирасонем».

Хонуми роҳбалад ин нӯшбодро ба дараҷае пуртаъсир хонд, ки ман аз ҳаяҷону таассуроти амиқу шадид зери обу арақ монда будам, дигарон ҳам, яке аз шоирони қазоқ нидо дардод: Офарини тоҷикон!

Ҳар рӯзи ҳамоиш хуш мегузашт. Мо, ҳамаи меҳмонон, дар як автобус аз ноҳия ба ноҳия мегаштем, аҷибаш ин буд, ки дар ҳар ҷое автобус ист мекард, моро ба ҳавлии сари роҳ медароварданд ва соҳибхона бо рӯи кушоду меҳмоннавозии гурҷӣ хуми шаробро аз таҳхона мебаровард.

Дар автобус як нафар пешниҳод кард, ки, биёед, дар роҳ ҳар ҳайат суруди дастҷамъонае бихонад ва оғоз шуд сурудхонӣ. Қазоқҳо, қирғ изҳо, туркманҳо, мо, тоҷикон, ки иттифоқан ҳама дар ин соҳа ҳунарманд буданд, Меҳмон Бахтӣ, Сорбон, Мавҷуда Ҳакимова, Саттор Турсун, ки аз ҳама камҳунарашон ман будам, хонданд, мутаассифона, ӯзбекҳо гуфтанд, ки мо суруд хонда наметавонем, Саттор Турсун, аз ҳайати мо гуфт, боке нест, ман ба ҷои шумо мехонам ва як ғазали Машрабро ба ӯзбекӣ бо оҳанг хонд, ки ҳама хеле хуш пазируфтанд. Ҳамин

тариқ, ба қавле, гоҳ нағмаву усул гоҳ Худову расул, гӯён, ба хотимаи ҳамоиш ва зиёфати ҷамъбастӣ расидем, ки як лаҳзааш дар ин ҷо нақл карданист.

Он дар толори оростаи тарабхонае баргузор шуда буд, ки ба он ба ғайр аз меҳмонон роҳбарони баландмақоми кишвар, нависандагони саршиноси гурҷӣ низ даъват шуда буданд. Раиси зиёфат, муовини аввали раиси Иттифоқи нависандагони Гурҷистон, шоир, тарҷумони «Илиада» ва «Одиссея»-и Ҳумер, донишманди мӯътабар нӯшбоди аввалро ба хотири ҳамаи меҳмонон гуфт. Пас, чун барои сухан додан ба гӯяндаи нӯшбоди дигар баланд шуд, чунин гуфт: – Ман ҷои ҳамаи ин ҷумҳуриҳоро, ки дар зиёфати ҳамоиши мо иштирок доранд, аз рӯи Конститутсияи Иттифоқи Шӯравӣ нағз медонам, аммо ҳоло маврид дигар аст. Ин мавридест, ки мо бояд ба намояндагони халқҳо бо риоят ва эҳтироми он ҳисса ва мақоме, ки онҳо дар тамаддуни башарият доранд, сухан диҳем. Аз ин рӯ, агар мо ба ҳамин тарз одилона ва мунсифона рафтор кунем, сухани аввалинро бояд ба роҳбари ҳайати тоҷикон диҳем, ки ман ҳоло ин корро мекунам. Ин барои ҳама ғайричашмдошт буд, барои ман ҳам, ки аз ҳама ҷавон будаму аз номи ҳайъат сухани аввалинро бояд мегуфтам. Ман фикр мекардам, ки дар ин ҷо ба ман сухан медиҳанд, аммо намедонистам, ки бо ин гуна сарсухани олии пурмасъулият ва аз ҳама аввал. Акнун чизе бояд мегуфтам, ки сазовори он сарсухан бошад. Ва нӯшбод гуфтам, ки чанд нуктаи мухтасараш ин аст.

Ман ҳамосаи халқии гурҷиро медонам, ки дар он дар бораи ду паҳлавон ҳикоят мешавад, яке фарзанди инсон, дигаре бачаи шер. Онҳо ба майдон мебароянд ва бо ҳам муҳориба мекунанд. Дар ниҳояти ҳарби дуру дароз онҳо ҳамдигарро медаранд ва ҳар ду ҳалок мешаванд. Модари инсон назди модаршер меояд ва мегӯяд: – Фарзандони ҳардуямон дар майдони ин ҳарб ҳалок шуданд, ту ҳам мисли ман модарӣ, пас, биё, ба марги фарзандони худ якҷоя гиря мекунем.
Агар халқи гурҷӣ ба ҷуз ҳамин ҳамоса дигар чизе ҳам намедошт, ҷои ӯ дар фарҳанги башарӣ олӣ ва ҷовидона буд, аммо ӯ боз як силсила асарҳои шоистаи мондагор дорад, ки яке аз онҳо «Палангинапӯш»– и безаволи Шота Руставелӣ мебошад... Ман дар ин ҷо аз забони дӯстони гурҷиам шунидаам, ки гурҷиён то ҳол дар пайи ҷустуҷӯи қабри Малика Тамара ҳастанд. Ман қиссаи дафни ӯро медонам, вақте ӯ мемирад, гурҷиён қарор мекунанд, барои он ки марқади ӯ аз ҷониби аҷнабиёни турк мабодо таҳқир шавад, ду нафар аз байни мо бояд, пинҳон аз дигарон, қабри ӯро биканад ва рӯзи дафн, дар охири маросим, танҳо он ду нафар ба роҳи бозмонда наъшро барад ва ба хок биспорад, то касе дигар онро набинад, ки куҷост. Ва он ду нафар ҳам ҳамдигарро бо теғ зада ҳалок кунад, то нафари воқиф аз он сир боқӣ намонад. Ва ҳамин тавр ҳам мекунанд, ки имрӯз дигар касе намедонад, ки он қабр куҷост ва онро меҷӯянд. Ман бо ин ҷавонии худ ҳад надорам, ки ба дӯстони гурҷиам дар ин бора маслиҳат диҳам, аммо як нуктаро мегӯям: Шумо қабри ӯро дигар наҷӯед, зеро ӯ ҳамон гуна, ки зебову хирадманду дилрабо буд, зиндаи ҷовид аст, зиндаи ҷовид аст дар муҳаббат ва

«Палангинапӯш»– и Шота Руставели, ки шоир ба ёди ӯ ин шоҳкори беназири оламшумулро эҷод кардааст.

Мо дирӯз дар хона-музеи Сталин будем ва нутқи нӯшбодии ӯро дар бораи тоҷикон аз забони роҳбалад шунидем. Ман танҳо ба як ҷиҳати ин нутқ ишора мекунам, ки дар он сиёсатмадори хирадманду дурандеш будани муаллиф ҳувайдост. Ӯ тоҷиконро бар ҳақ меросдори фарҳанги бузург ва қадим, ки аз Фирдавсӣ оғоз мешавад, эълом карда, ба василаи тоҷикон давлати шӯравиро яке аз соҳибони он фарҳанг номидааст. Аммо, мутаассифона, дар замони мо касоне ҳастанд, ки бо тоҷикӣ гуфтани ин фарҳанг забонашон намеравад ва онро танҳо эронӣ ном мебаранд. Ҳамин суханро, ки гуфта будам, аз меҳмонони гурҷӣ касе бархосту ба раис муроҷиат кард, иҷозат ҳаст, ки «алаверди» бигӯям, раис ҷавоб дод, ки: – Бале «батоно» – устод, чӣ ҷои шак. Ин нафар нависандаи забардасти классики гурҷӣ Чабуа Амираҷеби буд, ки ҳамон шабу рӯз аз рӯи асари машҳури ӯ «Дата Туташхиа» дар телевизиони марказии Русия филми бисёрсериягии «Соҳилҳо» намоиш дода мешуд. Ӯ ба тарафи ман муроҷиат карда, гуфт: – Маъзур, дӯсти ҷавон, ки дар байни суханат ҳарф мезанам. Ман ривоятеро аз нависандаи бостон нақл мекунам, ӯ менависад: Ду бародар буданд, онҳо ба назди лонаи шер омаданд, бародари бузург ба лонаи шер даромаду онро берун ронд, бародари хурд шерро кушт. Ба шарафи бародарони бузургамон – тоҷикон менӯшем, гуфту қадаҳашро бардошт, дигар ҳама ба ӯ пайравӣ карданд.

Зиёфат хеле гарм буд, аввал ба роҳбарони ҳайат, пас ба аъзои ҳайат сухан медоданд. Яке аз роҳбарони ҳайати меҳмонон, ки суханҳои маро дар бораи ба тоҷикон нисбат надодани фарҳанги тоҷикии форсӣ ба ҳаммаслакони худ кашида будааст, дар суханаш пардапӯшона ба тарафи мо сангандозӣ кард. Ман ҳамоно ба аъзои ҳайатамон гӯшакӣ кардам, ки мабодо дар сухани худ ба ин кинояҳо ҷавобе гӯед, аслан эътиборе надиҳед, гӯё нашунида бошед. Аъзои ҳайати мо ҳар яке суханҳои хубу шунидание гуфтанд, ҳеҷ кас ба он гуфтаҳо ишора ҳам накард. Чун зиёфат тамом шуду берун баромадем, Чабуа Амираҷеби назди мо омаду дасти ҳар яки моро фишурда: – Офарин бар шумо, бачаҳо, ба шоистагӣ рафтор кардед, фарҳанги баланди худро нишон додед, гуфт. Мо фаҳмидем, ки ӯ ҳама чизро фаҳмидааст.

Баъди ду соли котибии ман дар садорати иттифоқ аз кумитаи марказии ҳизб хабар омад, ки рӯзномаи «Маориф ва маданият» ду тақсим мешавад, ки як қисми он «Газетаи муаллимон» ва қисми дигараш бо номи «Маданияти Тоҷикистон» рӯзномаи адабӣ хоҳад буд. Рӯзномаи махсуси адабӣ доштан орзуи дерини нависандагон буд, устод Мирзо Турсунзода борҳо ин масъаларо дар назди роҳбарони ҷумҳурӣ матраҳ карда буданд, аммо амалӣ шудани он акнун, баъди даргузашти эшон, соли 1980, сурат мегирифт. Кумитаи марказии ҳизб идораи рӯзномаро дар Иттифоқи нависандагон ҷой карда, пешниҳоди номзади муҳаррирашро ҳам ба зиммаи роҳбарони он мегузорад. Муъмин Қаноат ба ман

пешниҳод карда, гуфтанд, ки ин вазифаро ба уҳда бигирам, зеро бисёр масъулиятнок ва баландэътибор ҳам ҳаст. Воқеан ҳам ҳамин тавр буд, зеро дар давлати шӯравӣ, ки давлати мафкуравӣ буд, матбуот дар мавқеи хеле баланд ҷой дошт. Хулоса, маро муҳаррир тасдиқ карданд ва мани 34 сола боз ҷавонтарин муҳаррири рӯзномаи адабӣ дар саросари давлати шӯравӣ будам, муҳаррирони дигар қариб ҳама аз панҷоҳу шастсола боло буданд. Шумораи аввали рӯзнома дар давоми як ҳафта бояд нашр мешуд, ман зуд Саидалӣ Маъмурро ба вазифаи муовини муҳаррир ва Мазҳабшо Муҳаббатшоевро котиби масъул ба кор гирифта, ҳар сеямон шумораи аввали рӯзномаро аз чоп баровардем. Ман баъдтар фаҳмидам, ки рӯзномаи “Маданияти Тоҷикистон” на рӯзномаи махсуси адабӣ, балки рӯзномаи фарҳангӣ буда, ба ду ташкилот – Вазорати фарҳанг ва Иттифоқи нависандагон тааллуқ дошта, аз рӯзномаи махсуси адабӣ аз чанд ҷиҳат фарқ доштааст, вале мо адибон рӯзномаи адабӣ мехостем. Он ҳафтае ду шумора дар чор сафҳаи бузург ба теъдоди 7 ҳазор нусха нашр мешуд. Давоми ин мавзӯъро аз суҳбате, ки рӯзноманигор Маҷид Салим дар ин бора бо ман карда буд, иқтибос мекунам, ки як матлаб ду бор навишта нашавад:

«Ҳамин тавр шуд, ки ман соли 1982 барои истироҳат ба хонаи эҷодии «Куктебел», ба Қрим, рафтам. Дар ин хонаи эҷодиёт ҳам доим ҳушу ёдам ба таъсиси рӯзномаи адабӣ банд буд. Бисёр мехостам, ки адибон нашрияи махсуси худро дошта бошанд. Дар ин ҷо ман бо як драматурги ҷумҳурии Молдава шинос шудам. Ӯ ба ман як шумораи рӯзномаи адабиашонро нишон дод. Ҳафтавор дар ҳаҷми шонздаҳ саҳифа нашр мешудааст. Баъд аз вай фаҳмидам, ки ӯ барои як ҳикояи дар ин нашрия чоп кардааш 300-сӯм ҳаққи қалам гирифтааст. Ҳоло он ки дар ҳамин давра газетаи «МаданиятиТоҷикистон» барои як шумораааш ҳамагӣ 300-сӯм ҳаққи қалам дошту халос. Баъдтар дар ин хусус бо Асқад Мухтор, сармуҳаррири рӯзномаи адабии Ӯзбекистон ва муҳаррирони рӯзномаҳои ҷумҳуриҳои дигар ҳамсӯҳбат шуда фаҳмидам, ки онҳо ҳама рӯзномаҳои алоҳидаи адабӣ доштаанду ҳаққи қаламашон хеле зиёдтар аз мо будааст. Аз ин сахт ҳайрон шудам. Охир, чаро миллате, ки ин қадар адабиёту фарҳанги бой дорад, бе рӯзномаи алоҳидаи адабӣ буда, рӯзномаи доштааш ҳам нисбат ба рӯзномаҳои ремпубликаҳои дигари умумииттифоқ ҳаққи қалами ночиз дорад.

Баъди ин шиносоиҳо аз паи таъсиси ҳафтавори адабӣ шудам. Ҳуҷҷатҳои зиёде ҷамъ карда ба КМ ҲКТ пешниҳод кардам. Он давра таъсис додани рӯзномаи нав осон набуд. Зеро ин масъаларо дар Маскав дар КМ ҲК ИҶШС муҳокима карда, қарор мебароварданд.

Ногуфта намонад, ки ҳамон вақт як қарори КМ ҲК ИҶШС-ро дар хусуси зиёд кардани ҳаққи қалами нашрияҳои адабӣ ёфта будам, ки он дар ҷумҳурии мо иҷро нашуда буд, зеро рӯзномаи мо фарҳангӣ буду адабӣ не. Ҳоло он ки

нашриёҳои адабии дигар ҷумҳуриҳо ҳаққи қалами калон мегирифтанд. Баъди маслиҳат рӯзе бо ҳамроҳии устод Муъмин Қаноат назди котиби якуми КМ ҲКТ Раҳмон Набиев рафтем.

Дар қабулгоҳ моро мудири шуъбаи агитатсия ва пропагандаи ҳамонвақтаи КМ ҲКТ Искандар Қаландаров диду ҳайрон шуд, чунки мо бе маслиҳати вай ба назди Раҳмон Набиев рафта будем. Р. Набиев арзи моро гӯш карда, масъаларо барои баррасӣ ба шуъба супориш дод.

Баъди ин воқеа таку давҳои мо оғоз ёфт. Ман ба И. Қаландаров мефаҳмондам, вале ӯ бо ҳар баҳона садди роҳи мо мешуд. Зеро ӯ ду сол пештар, ҳангоми таъсиси рӯзномаи «Маданияти Тоҷикистон», онро ҳамчун рӯзномаи фарҳангӣ таъсис дода буд, на адабӣ. Бинобар ин, мегуфт, ки ман ин масъаларо бори дигар ба КМ ҲК ИҶШ наметавонам пешниҳод кунам, зеро танбеҳ гирифтанам мумкин аст. Ӯ мегуфт, ки нашриёи шумо ба Вазорати фарҳанг тааллуқ дорад, на ба Иттифоқи нависандагон. Искандаров, ки чун мудири Шуъбаи пропагандаи КМ ҲКТ масъули ин соҳа буд, гаштаю баргашта исбот карданӣ мешуд, ки дар Тоҷикистон таъсиси ҳафтавори шонздаҳсаҳифагии адабӣ мувофиқи мақсад нест ва аз имкон берун аст.

Пас, худам маҷбур шудам, ҳангоми сафарҳоям ба Маскав, аз шиносҳои дар он ҷо доштаам истифода карда, ҳуҷҷатҳои заруриро таҳия намуда, ба кормандони масъули шуъбаи агитатсия ва пропагандаи КМ ҲК ИҶШС супорам. Ҳол он ки ин корро бояд шуъбаи пропагандаи КМ ҲКТ иҷро мекард. Аммо ин шуъба ба ҷои тайёр кардани ҳуҷҷатҳо ба КМ ҲК ИҶШС ҷавоб дода буд, ки дар Тоҷикистон таъсиси рӯзномаи адабӣ ҳеҷ зарурате надорад ва онҳо қатъан муқобили ин кор ҳастанд.

Оқибат баъди таку давҳои бисёре (баъдан шояд муфассалтар хоҳам навишт) 16-феврали соли 1983 бо имзои котиби КМ ҲК ИҶШ Черненко дар хусуси таъсиси рӯзномаи адабӣ дар Тоҷикистон қарор ба имзо расида, ба Тоҷикистон омад. Аммо боз дар ҷумҳурӣ намегузоштанд, ки ҳафтаворро таъсис диҳем. Баҳона меоварданд, ки 16-саҳифа баровардан ғайриимкон мебошад. Мо, худамон бо М. Муҳаббатшоев, аввал як шумораи рӯзномаи ҳамонвақтаи «Пионери Тоҷикистон»-ро 16-саҳифагӣ дар матбаа чоп карда, ба Дашкевич, муовини мудири шуъбаи пропаганда ва агитатсияи ҳамонвақтаи КМ ҳизб нишон додем, сипас ӯ бовар карда, супориш дод, ки «Адабиёт ва санъат» минбаъд дар ҳаҷми 16-саҳифа ба табъ расад. Ҳамин тавр, орзуи деринаи аҳли адаб ҷомаи амал пӯшиду нахустин шумораи ҳафтавор аз чоп баромад. Фарқи «Адабиёт ва санъат» аз рӯзномаи пешини «Маданияти Тоҷикистон» дар он буд, ки он акнун бештар ба масъалаҳои адабиёт ва санъат ихтисос дода шуда буд, ҳафтае як бор дар ҳаҷми

16-саҳифаи хурд, ранга, ба нашр расида, ҳаққи қалами як шумора 1600 сӯм буд. Он вақт ин ҳаққи қалами калоне буд, ки ба муаллифон дода мешуд...

Аз рӯзҳои аввал ҳафтавори «Адабиёт ва санъат» ҳаводорони хеле зиёде пайдо кард. Мардум ҳар як шумораи онро акнун бесаброна интизорӣ мекашид. Аз дӯконҳо ҳафтаворро зуд мехариданд, чунки дар саҳифаҳои он дар баробари шеъру ҳикоя, мақолаҳои танқидӣ, баҳсталаб, ки ба дарди мардум мехӯрданд, бештар чоп мешуданд.

Мо нашри «Адабиёт ва санъат» -ро аз ҳафт ҳазор нусха сар карда, то ба зиёда аз сад ҳазор нусха расонидем. Дар Тоҷикистон ягон нашрияи дигари соҳавӣ ба мисли ҳафтавори мо ин қадар зиёд нашр намешуд. Дар тамоми шаҳру навоҳии мамлакат ва берун аз он ҳафтавор ҳаводорону хонандагони доимии худро дошт. Сол ба сол теъдоди хонандагони ҳафтавори «Адабиёт ва санъат» меафзуд. Бисёр мақолаҳои кормандони моро дар ташкилотҳои ҳизбӣ ё дахлдор мавриди баррасӣ қарор медоданд ва аз натиҷаи тафтиши ин мақолаҳо боз хонандагонро огоҳ мекарданд.

Ман барои кор беҳтарин журналистону адибонро даъват кардам. Дар ин ҷо Саидалӣ Маъмур, Мазҳабшо Муҳаббатшоев, Абдулҳамид Самад, Баҳром Фирӯз, Бахтиёр Муртазо, Ҷонибек Акобир, Салимшо Ҳалимшо, Равшани Ёрмуҳаммад, Раҳмат Назрӣ, Додоҷон Раҷабӣ, Соҷидаи Мирзо, Адаш Истад, Раҳмон Остон, Сорбон, Баҳманёр, Муҳаммадзамони Солеҳ, Низом Қосим, Муаззама Аҳмадова, Насрулло Асадулло, Марям Давлатова, Ҳасан Муҳаммадиев ва дигар эҷодкорони асил кору фаъолият мекарданд. Ҳайъати кормандон хубу дӯст буданд. Мақолаҳои якдигарро хонда маслиҳат медоданд. Умуман, дар идораи ҳафтавор як мактаби бузурги адабии эҷодӣ ба вуҷуд омад. Мо ҳар ҳафта – рӯзи душанбе тамоми мақолаҳои чопшударо муҳокима карда, пешрафту камбудии якдигарро нишон медодем. 28-нафаре, ки дар идора заҳмат мекашид, рафта-рафта як мактаби калони эҷодиро ташкил намуд ва дар оянда аз байни онҳо бештар аз даҳ нафар сардабирони рӯзномаю маҷаллаҳои алоҳида ба камол расиданд. Масалан, баъдтар маҳз собиқ кормандони ҳафтавори «Адабиёт ва санъат» Равшан Ёров, Абдулҳамид Самад, Насрулло Асадулло, Бахтиёр Муртазо, Додохон Эгамов, Ҷонибек Акобиров, Мазҳабшо Муҳаббатшоев, Муҳиб Қурбон... сармуҳаррирони нашрияҳои даврӣ шуда кору фаъолият карданд».

Ман гоҳ ҳамчун сармуҳаррири ҳафтавори адабӣ ва гоҳ ҳамчун шоир ба сафарҳои хориҷӣ мерафтам. Боре Иттифоқи нависандагони саросарии шӯравӣ маро бо ҳайати шоирон барои иштирок дар фестивали умумиҷаҳонии шеър фиристод, ки дар Ироқ, дар Бағдод, баргузор мешуд. Он вақт Саддом Ҳусейн дар сари ҳукумат буд. Дар ҳайат як нафарӣ аз Маскав, Латвия, Туркманистон ва

Тоҷикистон будем. Фестивал дар Бағдод дар толори бисёр ҳам бузургу муҳташам оғоз мешуд. Ман дар даст дастгоҳи наворбардории калони «Панасоник» доштам ва аз ҷои нишастам аҳли толорро барои худам ба навор мегирифтам. Ҳангоми наворгирии қаторе, ки маъмулан ҳукуматдорон менишинанд, дар оинаи дастгоҳ хонумеро дидам, ки дар ниҳояти зебоӣ ва салобати бузургворона буд, ӯро ба оинаи дастгоҳ наздиктар оварда, хеле навор бардоштам. Фестивалро Вазири фарҳанги Ироқ оғоз бахшида, сухани мухтасаре кард ва баъд аз ӯ эълон карданд, ки ҳоло навбат ба шоира, маликаи Кувайт Суад-ас-Сабоҳ ва дидам, ки ҳамон хонум ба минбар баромад. Ман аз тарҷумони маскавиамон хоҳиш кардам, ки сухану шеъри ӯро бо диққат гӯш карда, ба ман тарҷума кунад. Ӯ бисёр хуб шеърхонӣ кард, ба замми он ҳама зебоиву салобати бузургворона. Ва шеъраш ҳам хуб буд. Ба ҳайати мо як ҷавони зебои ироқие, ки зани рус дошту дар Маскав мезист, низ ҳамроҳ шуда буд. Мо бо ҳам рафоқат пайдо карда будем. Ҳангоми танаффус ман аз ӯ хоҳиш кардам, ки, биё, назди малика равем, шинос шавем, ту сухани маро тарҷума кун. Ӯ гуфт, ки вай дар ҳалқаи кормандони амният аст, чӣ кор мекунӣ, мисли ин ки аз чизе ҳарос дошт, гуфтам, ки мо бо кормандони амният коре надорем, бо шоира суҳбат мекунем, ӯро ба ҳар ҳол розӣ кунондам ва ба сӯи ӯ равон шудем, аммо наздик шуда натавонистем, зеро маликаро хабарнигорон аз чаҳор тараф печонида гирифта буданду акс мебардоштанд ва имкони наздик шудану суҳбат кардан набуд. Рафиқи ироқиам гуфт, дидӣ?! Гуфтам, боке нест, баъдан шояд имкон пайдо шавад. Пас аз нимрӯзӣ меҳмононро ба автобусҳо шинонда, ба тамошои музей бурданд. Мо, ки пиёда шуда, аз майдони васее сӯи музей мерафтем, малика бо ҳайати худ аз рӯ ба рӯи мо меомад, ман ба рафиқи ироқӣ, ки Абдул ном дошт, гуфтам, ана, дидӣ, худи Худо расонд. Малика бо мошинҳои сабукрав аз мо пештар омада, музейро тамошо карда, сӯи мошинҳояш бармегашт. Ба мо рӯ ба рӯ, ки омад, ман ба ӯ мурофиат карда, гуфтам, маликаи гиромӣ, чанд лаҳзаро ба мо дареғ надоред. Ман шоир аз Тоҷикистонам, шеъри Шуморо бо диққат гӯш кардам, тарҷумон тарҷума мекард, хеле хушам омад, бисёр мехоҳам, ки ашъори шумо ба забони мо тарҷума шавад, то шеърдӯстони мо ҳам аз он лаззат бибаранд. Дар мо донандагони хуби забони арабӣ ҳастанд, бо ёрии онҳо ин корро карданамон мумкин аст. Бинобар ин, аз шумо китоб хоҳиш мекунам. Ӯ ҳарфҳои маро бо диққат гӯш карду гуфт, ман аз шиносоӣ ба шумо хеле хурсандам, китобам танҳо як нусха боқӣ мондааст, ман дар фалон меҳмонхона ҳастам, бегоҳ биёед, ман онро ба шумо медиҳам. Бо ҳамин мо хайрухуш кардем. Ман дастгоҳи наворбардориамро ба дӯсти туркман дода будам, ки ин ҳамаро ба навор гирад, ки ӯ ин корро мекард. Абдул аз ин гуна моро хуш пазируфтани малика дар ҳайрат шуда, сухан намеёфту як зайл мегуфт, ки,

аҷаб, туро худи малика ба меҳмонӣ даъват кард. Бегоҳ шуд, ҳайати моро як нависандаи ироқӣ, ки дар Маскав хонда будааст, ба хонааш ба меҳмонӣ даъват карда буд. Ҳама бояд он ҷо мерафтем, ман аз Абдул хоҳиш кардам, ки, биё, назди малика равем, ман бе ту рафта наметавонам, шаҳрро намедонам, забонро ҳам. Ӯ исрор мекард, ки агар ба хонаи нависанда наравем, меранҷад, назди малика фардо бегоҳ ҳам рафта мешавад, кори фестивал чанд рӯз давом мекунад. Ман илоҷи дигар надоштам. Чун фардо ба ҷаласаи фестивал омадем, малика набуд, пурсуҷӯ кардам, гуфтанд, ки субҳ ба Суед (Швейтсария) парвоз карда рафтааст. Ман бо афсӯс ба Абдул гуфтам, дидӣ, вақте малика даъват мекунад, ҳаргиз ба фардо набояд гузошт.

Аммо чун ба Душанбе баргаштам, ба Кувайт барояш нома навиштам ва воқеаро нақл карда, маъзарат хостам ва китоби ваъдагиро хоҳиш намудам. Ӯ китобашро фиристод, онро ба арабшинос Нарзуллои Назар додам, ки тарҷумаи таҳтуллафз кунад, Гулназар ба шеър даровард ва китоб чанд бор чоп шуд. Солҳои душвори иқтисодии мо буд, малика ҳазинаи корҳоро пардохта буд.

Аз ин сафар як воқеаи дигар ҳам дар хотири ман мондааст. Дар ҳамоиши ин фестивал ман ҳам сухбат кардаму шеър хондам, ба русӣ, аз тарҷумаи «Достони Нону Имон», ки Владимир Солоухин ба ҷо оварда буд. Баъди ҷаласа назди ман устодони факултаи русии Донишгоҳи Бағдод, ироқиҳо, ки дар Маскав таҳсил карда будаанд, омада хоҳиш карданд, ки ба донишгоҳ, ба факултаи онҳо, бо донишҷӯён ба вохӯрии махсус омада, ҳамаи достонро пурра хонам, то онҳо сабт карда, дар дарсҳои забони русиашон истифода кунанд, зеро онҳо ба Владимир Солоухин, ки яке аз устодони маъруфу машҳури адабиёти муосири рус буд, эҳтироми хосс қоил буданд ва тарҷумаи ӯро дар даст доштан мехостанд Ман рафтам, хоҳиши онҳоро ба ҷо овардам, дар толор бо хузури устодону донишҷӯён бештар аз як соат тамоми достонро ба русӣ хондам, онҳо дар навор сабт карданд ва як нусха ба ман ҳам доданд.

Як шаб ба меҳмонии тоҷиконе, ки дар Бағдод кор мекарданд, рафтам, мақсадам ин буд, ки ҷои марги муфоҷои актери олидараҷа Маҳмудҷон Воҳидовро дақиқ фаҳмам. Онҳо гуфтанд, воқеан баландии деворчаи балкони меҳмонхона, ки ҳайати ҳунармандони тоҷик дар он қарор доштанд, то миёни одам мебошад, аз он дар торикӣ бехабар афтодан мумкин аст.

Аз он сафар ду чизи дигар нақл карданист, ки дар ёди ман мондааст. Яке консерте, ки ба меҳмонони фестивал доданд, ниҳоят зебову дилнишин, ҳофизон чунон мехонданду раққосаҳо чунон ҳавасбарангез мерақсиданд, ки дар ҷой ором нишастан душвор буд. Ман баъдан таассуроти худро аз он рақси камари ироқӣ дар яке аз шеърҳоям бо ҳамин ном баён намудаам. Он вақт ба Абдул, рафиқи ироқӣ, ки дар паҳлуям менишаст, гуфтам, ин дар кишвари арабӣ, исломӣ хеле

аҷиб аст. Ӯ хандиду гуфт, магар намедонӣ, ки ҳазрати пайғамбар чанд зан доштанд, ислом ҳеҷ вақт ба ишқ мухолиф набуд.

Чизи дигар намоиши мӯд буд, ба он дараҷа бо либосҳои зебову фохиру гаронбаҳо ва духтарони зебо, ки кас худро бе ҳеҷ мубоҳот дар афсона тасаввур мекард. Ман саҳнаҳоеро аз ҳар дуи ин намоиш ба навор гирифтаам, ки то ҳол тамошо кунам, як олам лаззат мебарам.

Як суҳбати дигар ҳам бо шоираи латиш, узви ҳайатамон, дар хотирам мондааст. Ӯ ҳомила буд, пурсидам, ки чанд фарзанд дорад, гуфт дуюмашро таваллуд мекунам, гуфтам, урупоиҳо кам таваллуд мекунанд, бо ҳамин бас мекардагистӣ, гуфт, на, мо халқи камшумор ҳастем, ман то тавонистанам бисёр таваллуд мекунам, ки бештар шавем. Гуфтам, офарин, ана, қаҳрамон!

Ҳоло воқеаи дигаре ба хотирам расид. Ҳангоми сафари дуюми ман ба хориҷа, солҳои ҳафтоди асри гузашта, ки ба Сует (Шведсия) ба сифати роҳбари ҳайат дар рӯзҳои фарҳанги Иттиҳоди Шӯравӣ дар мисоли Тоҷикистон воқеъ шуда буд, рӯзнманигоре аз як узви ҳайати мо, ки муҳандис буд, суол мекунад, ки чанд фарзанд доред, ӯ ҷавоб медиҳад, ки шаш нафар. Рӯзноманигори шведӣ, ки дар умраш ба ин хел одам дучор наомада буд, дар ҳайрат шуда, мепурсад, ки чаро ин қадар бисёр. Ӯ ҷавоб медиҳад, ки мо халқи камшумор ҳастем, ман мехоҳам, ки бисёр шавем. Рӯзнома сурати калони ӯро бо мақола чоп карда, қаҳрамони халқи тоҷик номида буд. Он вақт мо воқеан ҳам кам будем ва қонуни танзим ҳам набуд.
Ман даҳ сол сармуҳарририи ҳафтавори «Адабиёт ва санъат»-ро ба зимма доштам, онҳое, ки он солҳо дар матбуот хидмат кардаанд, масъулият ва гаронбории ин вазифаро медонанд. Баъзе шабҳо то соатҳои дувоздаҳ - яки шаб кор мекардем, ки шумора барои имзо тайёр шавад. Ҳамаи кормандон ҷонфидоёна кор мекарданд, зеро ҳам масъулиятро ҳис мекардаанду ҳам шукргузории хонандаи бисёрҳазораашонро. Ҳафтавор на танҳо маркази баҳсу мунозираҳои масъалаҳои иҷтимоиву фарҳангӣ, балки ҳунар ва махсусан, адабиёт ҳам буд.

29 марти соли 1991 дар толори Шӯрои Олии Тоҷикистон, ки маъмулан анҷуманҳои Иттифоқи нависандагон дар он ҷо баргузор мешуд, анҷумани X11 доир шуд, ки дар ҳавои бозсозиву демократикунонии ҷомеа мегузашт. Зеро дар таърихи Иттифоқи нависандагон аввалин бор буд, ки ба мансаби раиси он ба тарзи алтернативӣ ва озод шаш нафар пешниҳод шуд – Муъмин Қаноат, Убайд Раҷаб, Лоиқ Шералӣ, Саттор Турсун, Гулрухсор ва банда Аскар Ҳаким. Ба ғайр аз ин, раисро на аъзои садорат дар ҷаласаи худ, ҳамчунонки пештарҳо буд, балки тамоми нависандагон бо овоздиҳии пӯшида дар анҷуман интихоб мекарданд, ки аз тартиби пешин аз замин то осмон фарқ дошт ва воқеан озоду демократӣ буд.
Рӯзи дуюми кори анҷуман давом мекард. Баъд аз қайди номзадҳо Ибод Файзуллоев, ки котиби садорат оид ба масъалаҳои эҷодӣ буд ва ҷаласаи анҷуманро раисӣ мекард, ризояти номзадҳоро барои дохил кардан ба рӯйхати

довталабон аз рӯи тартиби пешниҳодшудаашон пурсид. Лоиқ Шералӣ ва Саттор Турсун номзадиашонро пас гирифтанд. Вақте раисикунанда аз Гулрухсор раъяшро пурсид, ӯ гуфт, ки Аскар Ҳаким номзадиашро мегирад ё на? Раисикунанда гуфт, ки ман аз рӯи тартиби пешниҳодшуда пурсида истодаам, ҳоло навбати ӯ нарасидааст, навбаташ расад, ҷавобашро медиҳад, шумо ҷавоби худро диҳед. Пас, ӯ гуфт, ки ман ҳам номзадиамро пас мегирам. Мо се нафар – Муъмин Қаноат, Убайд Раҷаб ва банда дар рӯихат мондем. Ман наметавонистам номзадиамро пас гирам, зеро сабаб доштам. Устод Фотеҳ Ниёзӣ, ки ба ман барои узви Иттифоқи нависандагон шуданам тавсия дода буданд (он вақт устод котиби садорати ИН буданд ва баъдан вақте ба нафақа рафтанд, банда ба ҷои эшон котиб интихоб шуда будам), пештар аз анҷуман ба назди ман омада, гуфтанд, ки мо чанд нависандаи калонсол, ки солҳо барои ин иттифоқ кор кардем, ба ҳамин хулоса омадем, ки ту ба раисии Иттифоқ пешниҳод шавӣ. Мо муносибати дӯстонаи туро бо дигар довталабон, ки низ пешниҳод мешаванд, нағз медонем, бинобар ин, мо аз ту мехоҳем, ки ҳангоми интихобот номзадиатро пас нагирӣ, хоҳиши моро ба ҳеҷ ваҷҳ сарфи назар накун.

Дар асл барои ман раиси Иттифоқ интихоб шудан он қадар аҳаммияти бузурге надошт, зеро вазъиятам ҳамчун сармуҳаррири ҳафтавори «Адабиёт ва санъат» аз вазъи раиси Иттифоқ беҳтар буд, ки бадтар не, аз ҳар ҷиҳат, ҳам аз ҷиҳати молиявӣ ва ҳам маънавӣ. Аз ҷиҳати молиявӣ маошам аз маоши раиси Иттифоқ камтар набуд, имкони молиявии идораам аз имкони Иттифоқ чандин маротиба бештар буд, зеро Иттифоқ ташкилоти буҷавӣ буду маблағи каме дошт, вале нашри ҳафтавори «Адабиёт ва санъат», ки ба сад ҳазор нусха расида буд, дар суратҳисобаш бештар аз 1 миллион рубл маблағ дошт. Хеле харҷҳои Иттифоқро мо медодем. Инро Фотеҳ Ниёзӣ медонистанд ва бинобар ин, бар хоҳиши худ таъкид доштанд. Фақат кори ҳафтавор бештар ва масъулияташ гаронтар буд, чунки он солҳо матбуот воситаи асосӣ ва пурзӯри таблиғотӣ буд, дар давлати идеологӣ мақоми аввалдараҷа дошт.

Аммо пеш аз анҷуман ҳам маълум буд, ки агар сармуҳаррири «Адабиёт ва санъат» хоҳад, новобаста ба он ки ӯ ман ҳастам ё каси дигар, дар довталабӣ пирӯз хоҳад шуд, зеро маъруфият ва маҳбубияти ҳафтавор, хоҳед нахоҳед, ба сармуҳаррири он нисбат мегирад. Нависандагон медиданд, ки дар як муддати кӯтоҳ теъдоди нашри ин ҳафтавор аз ҳафт ҳазор ба сад ҳазор расид, ҳафтавор аст, ки ҳар ҳафта асарҳои онҳоро ба сад ҳазор обуначӣ мерасонад, ки хонандааш аз он ҳам бештар аст, зеро як нусхаро чанд нафар мехонад, ҳаққи қаламашон дар ин нашрия чанд баробар нисбат ба дигар нашрияҳо болост. Танҳо ҳамин бас буд, ки нависандагон дар ин гуна довталабиҳо ба банда бештар аз ҳама раъй диҳанд, ҳол

он ки дар ин маврид боз дастовардҳои дигари идориву шахсӣ ҳам буданд. Ва онҳо ин гуна дастовардҳоро дар кори Иттифоқ ҳам умед мекарданд.

Ҳоло аз рӯи тартиби ҷорӣ номзадҳо бояд барномаи фаъолияти ояндаи худро мегуфтанд, яъне бо ҳамдигар мубориза мекарданд. Ман, ки бо ҳардуи номзади дигар кор карда будам, барномагӯиву муборизаро ба худ муносиб намедидам ва ба устод Муҳаммадҷон Шакурӣ гуфтам, ки: – Муаллим, ҳамаи Шумо, нависандагон, ҳар сеи моро хуб мешиносед, оё шарт аст, ки мо дар ин ҷо барномагӯиву талош кунем, аз шумо хоҳиш мекунам, пешниҳод кунед, ки ин чиз сарфи назар карда шавад, ҳарфи шуморо нависандагон қабул хоҳанд кард. Пас, устод ба минбар баланд шуданду тақрибан чунин гуфтанд: – Мо, дӯстони гиромӣ, номзадҳоро хуб мешиносем, ба замми ин дар анҷуман Муъмин Қаноат маърӯза кард, Аскар Ҳаким ҳам, бинобар аз инҳо барномагӯӣ талаб карданро сарфи назар кунем, беҳтар аст, хуб, агар Убайд Раҷаб хоҳад, барномаашро гӯяд. Пас аз ин ҳарф Убайд Раҷаб баланд шуду гуфт, ки ман ба ҳар дуи ин нафар эҳтиром дорам ва номзадиашро бозхост. Мо ду нафар мондем. Рӯзи 31 март дар овоздиҳӣ банда бист раъй бештар гирифта, раис интихоб шудам. Дар ҷаласаи садорати нав, ки анҷуман интихоб карда буд, Абдураҳмон Абдуманнонро муовин оид ба масъалаҳои эҷодӣ, Убайд Раҷаброро оид ба масъалаҳои эҷодиву ташкилӣ, Гулназарро сармуҳаррири ҳафтавори «Адабиёт ва санъат», Абдулҳамид Самадро сармуҳаррири маҷаллаи «Садои Шарқ» ва Борис Пшеничниро сармуҳаррири маҷаллаи «Помир» пешниҳод намудам ва садорат ин пешниҳодро тасдиқ кард. Сипас Сорбонро мушовири бахши наср, Раҳмат Назриро мушовири бахши назм, Ҷӯра Ҳошимиро мушовири бахши адабиёти бачаҳо ба кор гирифтам.

Ҳамчунонки маълум аст, Иттифоқи нависандагон соли 1934 таъсис шуда, ҳангоми раис шудани ман таърихи 57 сола дошт, банда аз рӯи талаботи низомномаи демократие, ки анҷуман қабул карда буд, ду навбат ба тариқи алтернативӣ ва интихоботи озоду пӯшида раис интихоб шуда, кор кардам. Дар анҷумани Х111, соли 1997, ба вазифаи раисӣ ду нафар довталаб будем – устод Лоиқ Шералӣ ва банда, нависандагон ин дафъа ба банда 40 раъй бештар дода, боз раис интихоб карданд. Устод Лоиқ баъд аз эълони натиҷаи овоздиҳӣ аввалин шуда, маро оғӯш гирифт, табрик кард ва то охири умраш бо ман муносибати бародарона дошт ва ҳамчун узви раёсат дар кор фаъолона ширкат кард. Рӯҳаш шод бод, ҷавонмард буд.

Дар асл ӯ ҳеҷ вақт такопӯи вазифагирӣ надошт, ман инро нағз медонистам, ӯро ин дафъа баъзе рафиқонаш ташвиқ карда буданд, ки номзадиашро ба мансаби раисӣ гузорад, онҳо манфиатҳои худро дар назар дошта, Лоиқро ба ин кор водор карда буданд. Зеро пеш аз анҷумани пешини Х11 ИН, соли 1991, ман

бо ӯ, ки ҳар ду ҳам сармуҳаррир будем, ӯ сармуҳаррири маҷаллаи «Садои Шарқ» ва банда ҳафтавори «Адабиёт ва санъат», дар ин бора суҳбат доштам. Мухтасари суҳбат чунин буд, ки ман ба ӯ гуфтам: – Устод Лоиқ, анҷуман наздик расида истодааст, дар ин анҷуман нависандагон дар қатори дигарон шумову маро ҳам ҳамчун номзад ба вазифаи раисӣ пешниҳод мекунанд. Шумо аз ҳама шоистатаред, бинобар ин, агар шумо хоҳиши раис шудан доред, ман номзадии шуморо ташвиқ карда, ба тарафдориатон овоз медиҳам. Ҷавоби устод Лоиқ тақрибан чунин буд: – Вазифаи раисии ИН кори ташкилотчигӣ, ташвиши бисёр дорад, ман ҳавсалаи ин хел корҳоро надорам, ман мехоҳам ба кори шоирии худам машғул бошам, бинобар ин, ман ин корро барои ту мекунам, зеро мебинам, ки ту қобилияти хуби ташкилотчигӣ дорӣ, кори сармуҳарририат далели ин аст.

Зимнан, пештар раиси Бунёди забон шудани ӯ ҳам барояш ғайримунтазира воқеъ шуда буд. Ба хаёлам, охири солҳои ҳаштод буд, ки дар толори ҳозираи филармония ҷаласаи таъсиси Бунёди забон баргузор шуд. Банда ҳам даъват шуда будам. Толор асосан аз намояндагони ҳаракати «Растохез» пур буд. Дар асл, ҳеҷ кас ваколати интихобот надошт, зеро танҳо бо даъват ҷамъ шуда буданду вакили ташкилоте набуданд. Хуб, он солҳо саргарми демократиябозӣ ҳама корро мекарданд. Раёсати ҷаласа дар дасти Мазҳабшо Муҳаббатшоев, сармуҳаррири рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» буд, ӯ ҷаласаро оғоз бахшиду ба интихоби раёсат шурӯъ кард. Аз толор номи ҳар касеро, ки мегуфтанд, ӯ навишта, пас ҳамаро якҷоя ба овоз монду ба раёсат даъват кард. Пас аз ҷойгир шудани раёсат, ӯ ба толор назар афканда, ҷаласаро давом доданӣ буд, ки чашмаш ба ман афтод, ки дар толор нишастаам ва гуфт: – Аскар Ҳаким, чаро шумо ба раёсат намебароед? Шумо бештар аз ҳама ҳақ доред, охир пешниҳоди таъсиси Бунёди забон аввалин бор аз ҷониби «Адабиёт ва санъат» интишор шудааст. Ӯ воқеан дуруст мегуфт, зеро чунин пешниҳод аз ҷониби ҳофизи номии мо Зафар Нозим нахустин бор дар «Адабиёт ва санъат» чоп шуда буд, ки он вақт Мазҳабшо Муҳаббатшоев муовини банда буд. Банда ҳеҷ нагуфтаму баромада дар раёсат, дар паҳлуи устод Муҳаммадҷон Шакурӣ нишастам. Чун ҷаласа Бунёди забонро таъсис доду ба интихоби раёсати он расид, аз толор намояндагони «Растохез» одами худ – Мирбобо Миррахимро пешниҳод карданд. Ман ба устод Муҳаммадҷон Шакурӣ гуфтам: – Устод, ба ин вазифа бояд шахсе интихоб шавад, ки обрӯву эътибори баланди адабиву забондонӣ дошта бошад. Дар ин ҷо танҳо ду нафар ин гуна мақомро дорад, Шумо ва Лоиқ. Агар Шумо розиед, ман ҳоло хеста номзадии Шуморо пешниҳод мекунам. Устод гуфтанд, ки синну солам ба як ҷо расидааст, созмон додани ташкилоти нав ба ман вазнин аст, наметавонам. Пас ман гуфтам, ки дар ин ҳолат Шумо хеста, Лоиқро пешниҳод кунед. Устод бархостанду дар

сифати Лоиқ суханҳои шоистае гуфта, номзадиашро пешниҳод карданд, ки пазируфта шуд. Лоиқ ҳам дар раёсат нишаста буд, аз ин тавр сурат гирифтани воқеа хабаре надошт. Ба сӯи мо, ба маънои шумо чӣ кор кардед, нигоҳи ҳайратомезе кард. Раиси Бунёди забон шуданаш, ҳамин тавр, ғайри ихтиёри ӯ сурат гарифта буд. Бинобар он, соли 1997 дар анҷуман номзадиашро ба вазифаи раисии ИТ нависандагон гузоштанаш ҳам иродаи худи ӯ набуд. Инро Абдулмаҷид Достиев, ки он вақт муовини Раиси маҷлиси намояндагон буд, ба ман гуфта буд. Ӯ гуфта буд, ки бегоҳи рӯзи интихобот ман ба Лоиқ телефон кардам, ки дилбардорияш кунам. Ӯ гуфт, ки ҳамин, рафиқон, маро ба ин кор ташвиқу водор карданд, афсӯс, ки ба суханашон гӯш кардам.

Хуб, баргардем ба кори банда дар Иттифоқи нависандагон. Аз соли 1992, ки дар ҷумҳурӣ ноороминву кашокашу ҷангу талош оғоз шуд, кори раис ба маротиб мушкилтар шуд, зеро хеле аз аъзои он узви ташкилоту ҳаракату ҳизбҳои гуногун буданд, ки бо ҳамдигар созиш надоштанд. Бинобар ин, аз якуми сентябри соли 1992 бо қарори раёсат ИН-ро лоҳизбӣ эълон карда, дар он фаъолияти ҳама гуна созмону ҳаракатҳои сиёсиву ғайрикасбиро манъ кардем. Солҳои навадум барои тамоми ҷумҳурӣ солҳои сангин ва фоҷиаборе буданд, иттифоқи нависандагон аз ҳар тараф мавриди ҳуҷуму таҳдид қарор мегирифт, аъзояш ҳам. Ин ҳолат аз матбуоти он давра ҳам аён аст. Баъзе гурӯҳу созмонҳо Иттифоқи нависандагонро ба бетарафӣ айбдор мекардаднд, ки маънояш чаро тарфдори мо нестед, буд. Мо эълом карда будем, ки адабиёт манфиати тамоми мардумро дар назар дорад, адибон ҳам, бинобар ин, мо наметавонем шомили созмонҳои гурӯҳӣ бошем. Банда инро дар ағлаби маърӯзаву суханрониҳоям дар он солҳо борҳо, такрор ба такрор, гуфтаам, дар мақолаҳоям навиштаам. Бинобар он, аксаран банда ҳадафи сангандозии он гурӯҳу ҳаракатҳо қарор мегирифтам. Чанд бор ба сарам бо автомат ҳам омада буданд, омада буданд, ки хонаамро ҳам кашида гиранд, ки ҳамсоягонам ҳам медонанд. Хушбахтона, ба ҳамаи онҳо истодагарӣ карда тавонистам ва Иттифоқи нависандагон аз он муборизаҳо бешикасту бепорашавӣ баромад, ҳол он ки дар ҳамаи ҷумҳуриҳои собиқи шӯравӣ, ҳарчанд дар онҳо ҷангу хунрезӣ набуд, иттифоқҳои нависандагон ба чанд пора тақсим шуда, ба ҳамдигар талош доштанд. Дар он хидмати муовинони ман, махсусан, Абдураҳмони Абдуманнон ҳам калон аст, ки бедареғ хидмати Иттифоқ ва нависандагонро ба ҷо меовард, ки шояд мавриди дар ин бора муфассалтар суҳбат кардан пайдо мешавад.

Ҳамчунонки болотар қайд шуд, ИН ҳангоми аввалин бор раис интихоб шуданам, таърихи 57-сола дошт, аммо ҳамагӣ чор нафар шоиру нависандаи халқии барҳаёт – Мирсаид Миршакар, Ҷалол Икромӣ, Фотеҳ Ниёзӣ ва Гулчеҳра. Дар

давоми дувоздаҳ соли фаъолияти банда ин рақам ба 16 нафар расид, фарқаш маълум аст, боз дар солҳои ҷангу ноороми. Аз устод Муъмин Қаноату Ашӯр Сафару Қутбӣ Кирому Лоиқ Шералӣ то Муҳаммад Ғоибу Фарзона, ҳама, ин унвонро дар замони раисии банда ва бо пешниҳоди раёсати ИН гирифтаанд. Ин, албатта, бо хайриятхоҳии Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон, ки ҳамаи пешниҳоди ИН-ро мепазируфтанд, сурат мегирифт.

Он солҳо вазъи иқтисодӣ ва моливу пулии адибон бад буд, нашрияҳо ҳаққи қалам намедоданд, ё чунон кам медоданд, ки барои мошиннавис кардани дастхат намерасид. Ман чанд бор ба мудири шуъбаи фарҳанги Дастгоҳи иҷроия арз кардам, ки мурочиати маро дар бораи ба шоиру нависандагони халқӣ, ки аксарашон солхӯрда ҳастанду вазъи молиявиашон хуб нест, ба Президент расонад, ки ба онҳо стипендия таъйин карда шавад. Ӯ ҳарчанд рафиқи хубе буд, аммо мегуфт, ки ман ин корро карда наметавонам, зеро дар ин ҳолат ташкилотҳои эҷодии дигар ҳам аз ман ҳамин гуна талаб хоҳанд кард. Бинобар ин, соли 1999, дар ҷаласаи ҷамъбастии солонаи Ҳукумати Ҷумҳурӣ, дар охир вақте ки Президент кӣ боз чӣ гуфтанӣ ҳаст, гӯён, ба толор мурочиат карданд, банда бархоста, матлабро изҳор кардам. Пурсиданд, ки чанд нафаранд шоиру нависандагони халқӣ, гуфтам, 14 нафар. Пурсиданд, ки Ғаффор Мирзо ҳам ҳаст ва нимхандае карданд, ки сабаб дошт, гуфтам, бале. Ба вазири молия супориш доданд, ки аз соли нав ба ҳар яке дар ҳаҷми баробари 50 доллари амрикоӣ стипендия ҷудо кунед, ки он маблағи каме набуд, зеро он вақт маоши вазифавиамон муодили 3-4 доллар буд. Сабаби нимхандаашон ин буд. Чанд муддат пештар ИН ҷашни 70-солагии шоир Ғ аффор Мирзоро дар театри ба номи Лоҳутӣ хеле бошукӯҳ таҷлил карда буд. Баъд аз он дар яке аз ҷаласаҳои ҷумҳурӣ, ки дар Кохи Ваҳдат мегузашту Президенти мамлакат иштирок доштанд, дар фуровард, дар хонаи пазироӣ зиёфати мухтасаре барпо шуд, ки ҳамсари Ғаффор Мирзо Муҳиба Ёқубова – доктори илми кимиё, раиси созмони олимаҳои ҷумҳурӣ низ ҳузур доштанд. Хонум фурсатро мувофиқ ёфта, ба Президент барои ҳидояташон ба ҷашни Ғаффор Мирзо, ки хеле хуб гузаронида шуд, ташаккур изҳор карда, гуфтанд, ки Ғаффор Мирзо аз хурсандӣ даҳ сол ҷавонтар шуд. Лоиқ ҳам, ки ҳузур дошт, дафъатан ба маънои шавҳарҳо ҷавон шаванд, занҳо дарров ҳис мекунанд, шӯхии намакине кард, ки ҳама хандиданд. Ҳоло ҳамон шӯхии Лоиқ ба ёди Президент расида буд.

Кумитаи ҷоизаҳои давлатии ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ барои асарҳои адабиёт ду ҷоиза дошт, ки ҳар ду сол ба асарҳои назму наср дода мешуд. Банда дар яке аз ҷаласаҳои Ҳукумати Ҷумҳурӣ масъала гузоштам, ки барои ривоҷ бахшидани адабиёти бачагон як ҷоизаи махсус ҷудо карда шавад, ки барои

ҷумҳурии мо ниҳоят зарур аст, зеро мо агар адабиёти хуби бачагонаву хонандаи хуби бача надошта бошем, фардо адабиёту хонандаи калонсол ҳам нахоҳем дошт ва зиёда аз ин, табақаи равшанфикр ҳам нахоҳем дошт. Президенти мамлакат дар ҳамон ҷо супориш доданд, ки на як, балки ду ҷоизаи дигар ҷудо карда шавад, ки иҷро шуд.

Солҳои навад, солҳои нооромӣ дар ҷумҳурӣ, созмонҳои давлатию ғайридавлатии хориҷӣ ба аҳли адаби кишвар таваҷҷуҳи калон зоҳир карда, ба ҳар гуна ҳамоишҳои худ даъват мекарданд, шояд аз аҳли адаб, ки маъмулан ашхоси аз сиёсат озодтар буда, забони ҳақиқат ҳам номида мешаванд, асли вазъи мамлакат ва мардумро фаҳмидан мехостанд. Ман, ҳамчун адиб, ду бор ба Амрико сафар доштам, солҳои 1993 ва 1994. Сафари аввалам бо даъвати Донишгоҳи Вашингтон-Сиатлл буд, ки онро Аҳмад Каримии Ҳаккок созмон дода буд. Ин рафиқи маҳбуб, профессор, доншиманди арҷманд ба Тоҷикистон омада, дар донишгоҳ дарс гуфта буд. Ӯ маро даъват дод, аммо билети рафту омад аз ҳисоби даъватшаванда буд, дигар харҷи буду бошро донишгоҳ ба зимма дошт. Солҳои душвори моливу иқтисодӣ буд, ман ба ҳукумат муроҷиат карда, ҷавоби рад гирифтам ва аз саҳни он берун мебаромадам, ки бо Мукаррама Тошматова рӯ ба рӯ омадам, баъди салому алайку пурсу пос, ба ростӣ, мо он қадар шиноси наздик ҳам набудем, хонум гуфтанд, ки ман туро аз телевизион бисёр мебинам ва суҳбату шеърхониҳоят ба ман маъқул аст. Гуфтанд, дар ин ҷо чӣ кор доштӣ, қиссаро гуфтам, гуфтанд, надоданд, гуфтам, на, гуфтанд, рафтем кабинет, ман пули билетатро медиҳам. Кабинаташон дар бинои Вазорати кишоварзӣ буд, омаданду сейфро кушода, якуним ҳазор доллар пули билетро бароварда доданд. Ёдашон ба хайр, зани ҳимматбаланде буданд, дар вақташ на танҳо ба ман, ба бисёриҳо чунин мадад кардаанд.

Ман нимаи аввали моҳи март ба Нию-Йорк омадам. Маро сафирамон дар ИМА Лаким Қайюмов пешвоз гирифт, чанд рӯз ҳамроҳи ӯ будам, зеро он вақт дар донишгоҳҳо таътил шурӯъ шуда буд ва ба Вашингтон-Сиатлл рафтани ман ба таъхир афтода. Пас аз он ба хонаи Ҳабиби Бурҷиён, ки эронӣ буду дар Амрико мувaққатан кору фаъолият мекард, кӯчидам. Ӯ хатти сириллик омӯхта дар бораи адабу фарҳанги тоҷик мақолаҳо менавишт, ки баъзеи онҳо дар Тоҷикистон дар маҷаллаи «Садои Шарқ» чоп шудаанд, аммо аз рӯи ихтисосаш муҳандиси пулсоз буд. Ба шеъру адаб алоқаи самимӣ дошт. Рафиқи хубе буд, баъдан бо ҳамсараш дар хонаи ман дар Душанбе меҳмон шуда буд. Ӯ маро ба ҷашни Наврӯзи эрониёни муқими Нию-Йорк бурд, ки дар толори Донишгоҳи Колумбиё, яке аз бузургтарин ва мӯътабартарин донишгоҳҳои дунё, баргузор мешуд. Чун раёсати ҷашн фаҳмиданд, ки шоирам, аз ман шеърхонӣ хостанд. Шеъри аввал

«Баргпайванд»-ро, ки хондам, хеле хуш пазируфтанд, пас ду шеъри дигар хондам, ки хеле хушашон омад. Чун аз саҳна поин фуромадам, касе омада, худро шиносонд ва гуфт, ки ношир аст, агар хоста бошам, китоби шеърҳои маро чоп мекунад. Розӣ шудам. Пеш аз Амрико рафтанам, дӯстам Абдураҳмони Абдуманнон, ки шуъбаи форсиро хатм кардааст, тақрибан бист-сӣ шеърамро ба форсӣ дастнавис карда дода буд. Шеърҳои дигарро Ҳабиби Бурҷиён ба хатти форсӣ баргардонд. Нашриёт китобро бо ороиши рассоми ошурӣ Ҳоннибал-ал-Хос, тақрибан дар давоми як моҳ, ки ман дар дигар шаҳрҳои Амрико будам, дар Нию-Йорк бо номи «Баргпайванд» ба нашр расонд. Пас аз шеърхонӣ дар ҷашни Наврӯзӣ устодони эронии Донишгоҳи Колумбиё, ки асосан дар кафедраи эроншиносии он, зери роҳбарии донишманди аллома Эҳсони Ёршотир кор мекарданд, як маҳфили алоҳидаи суҳбату шеърхонии маро баргузор карда, ба он эрониёни аҳли фарҳанги Нию-Йоркро даъват карда буданд, ки дар он шоирону рассомон ва намояндагони дигар соҳаҳои ҳунар низ иштирок доштанд. Суҳбату шеърхонии хотирмоне шуд, ҳозирин, ки ҳама аҳли илму ҳунар ва устодони донишгоҳ буданд, суолҳои бисёре аз Тоҷикистон мекарданд, суҳбат қариб се соат давом кард. Ман онро мухтасаран дар пешгуфтори ҷилди якуми ҳафтҷилдаам баён кардаам, ки ин ҷо иқтибос мекунам.

«Баъди суҳбат ва се-чор шеър хондан яке аз устодон аз ман суол кард, ки оё тамоми шеъри муосири тоҷик ба ин сабкест, ки шумо хондед, зеро ин сабк ҳамонанди шеъри нави Эрон, аз ҷумла, сабки Манучеҳри Оташию Нодири Нодирпуру Фурӯғи Фаррухзод ва амсоли инҳост. Аммо, ба фаҳмиши мо, шеъри муосири тоҷик тавре дигартар аст. Ман он вақт шеърҳои «Баргпайванд», «Чӣ эҳсоне?!» ва «Дарё, маро бигир»-ро хонда будам. Банда ҷавоб додам, ки на хайр, ин сабк дар Тоҷикистон тоза шурӯъ шуда, шеъри тоҷик дар садаи бист асосан дигаргунатар, он тавр аст, ки шумо тасаввур доред, масалан, яке аз намунаҳояш ин аст, гӯён, шеъри «Ҳамин кофист» -и устод Мирзо Турсунзодаро хондам. Шеърро хуш пазируфтанд. Боз суол карданд, ки оё шумо ҳам дар ҳамин сабк шеър доред? Гуфтам, бале ва шеърҳои «Ба ту имшаби баҳорон…» ва «Имони саг» -ро хондам. Пурсиданд, ки ривояти «Имони саг» -ро аз куҷо гирифтед? Гуфтам, худ сохтам, хандиданд ва гуфтанд, ки пас метавонед даъвии классикӣ дошта бошед. Хуб, қисса кӯтоҳ, ин ҷо ғараз, албатта, даъвои пардапӯши классикӣ нест, ҳарчанд ҳар шоир бе ин гуна даъво ҳам нест, аммо, дар айни ҳол, манзур аз ин суханҳо дар зеҳн нишаста будани тасаввуроте аз шеъри муосири тоҷик аст, ки бештар такя бар сабки хуросонии классикӣ дорад». Ҳоло вобаста ба даъвои классикӣ доштаи ҳар шоир чанд ҳарфи гуфтанӣ ба ёдам расид. Ба фикрам, Афлотун мегӯяд, ки: – Ҳоло шоири дараҷаи ду ба дунё наомадааст, – яъне ҳар

шоир худро дараҷаи аввал медонад, ки ман дар умри худ ба ҳақиқат доштани ин ҳарфи ӯ дучор омадаам. Яке аз устодони шеъри муосири мо, ки бо ман дӯстии наздике дошт ва ман ба қудрати истеъдоди ӯ қоил будам, дар суҳбатҳои шахсиамон худро аз Ҳофиз баланд мегузошт ва ман ки ҳарфи Афлотунро медонистам, чизе намегуфтам, ки зеҳнаш накоҳад. Аз шоирони асил ин гуна даъво ба гӯш расиданаш мумкин аст, ки бахшуданист, зеро будани ин чиз дар сиришти шоирӣ эҳтимол дорад, вагарна Хоқонӣ ин мисраъҳоро намегуфт:

Шоири муфлиқ манам, хони маонӣ марост,
Резахӯри хони ман – Рӯдакиву Унсурӣ.

Ё дар маснавии "Лайлӣ ва Маҷнун"-и худ Низомӣ дар насиҳати фарзанди худ чунин наменавишт:

Дар шеър мапечу дар фани ӯ,
Чун акзаби ӯст аҳсани ӯ.
З-ин фан маталаб баландномӣ,
К-он хатм шудаст бар Низомӣ.

Бубинед, ки баъди аз чандсад сол Камоли Хуҷандӣ ҳам ба ин маънӣ чунин гуфтааст:

Хатм шуд бар Камол лутфи сухан,
Ҳар чӣ баъд аз камол нуқсон аст.

Ин гуна суханҳои пурифтихор, ки дар ситоиши худ гуфта шудаанд, дар шеъри шоирони бисёре дида мешаванд, ки онҳо низ як навъи ҳамон гуфтаи Афлотун буда, шоирон дар онҳо бар ягонагии истеъдоди худ таъкид мекунанд, ки ҷойи накӯҳиш надоранд.

Хуб, биёем ба давоми ҳарфи худамон. Пас аз он суҳбате, ки дар донишгоҳ доштам, маро рассом ва шоири эронӣ Манучеҳри Яктоӣ, ки муқими он ҷо буд, ба хонааш, ки ҳамзамон ҷои кори рассомиаш ҳам буд, ба меҳмонӣ даъват кард. Ӯ рассоми хубу муваффақе буд, марди қоматбаланди газгӯште ба назар меомад. Ҳангоми суҳбат бо чӣ сабабе аз ман пурсид, ки, ба фикрам, ӯ чандсола аст, гуфтам, шояд панҷоҳ-панҷоҳу панҷсола, гуфт, на, ҳафтод. Маро боз чизи дигар дар ҳайрат гузошт, чун дар курсӣ нишаста, як пояшро болои пои дигар гузошта, суҳбат оғоз кард, дар давоми бештар аз ду соат ақаллан як бор наҷунбид, ҳатто

дасташро ҳаракат надод, гӯё ҳайкал бошад, ман ки дар дивон нишаста будам, сад бор ин тарафу он тараф тоб мехӯрдам.

Ӯ аз ҳар хусус суҳбат мекард, чун фаҳмид, ки ман дар хонаи нависандаи забардасти эронӣ Иброҳими Гулистон дар Ландан меҳмон будаам, аз дӯстӣ ва эҳтироми бузургаш ба ӯ сухан ронда, гуфт, вақте ман ин манзумаро навиштам (манзума дар китоби ба ман ҳадякардааш ҷой дорад), барои назари ӯро гирифтан махсус аз Нию-Йорк ба Ландан рафтам. Ин ба замми эҳтиромаш ба Иброҳими Гулистон, аз аҳаммият ва ҷиддияте, ки ба кори шоириаш зоҳир мекардааст, дарак медод. Ман поинтар қиссаи меҳмони Иброҳими Гулистон шуданамро нақл хоҳам кард, ҳоло чанд лаҳзаи дигар аз сафари Амрико нақл карданист.

Ман, ҳамчунонки гуфтам, чанд рӯз дар хонаи сафирамон Лаким Қайюм, ки ҳамдеҳаамон буд, истодаму пас ба хонаи Ҳабиби Бурҷиён, ки дар маркази Нию-Йорк, дар Бродвей буд, кӯчидам, зеро бо хоҳиши нашриёт бояд китобро барои чоп омода мекардем. Ман пас аз итмоми кори худ ба Халилуллоҳи Ҳошимиён, муассиси маҷаллаи «Оинаи Афғонистон», ки ба забони инглисӣ нашр мешуд, сим задам, ки пештар ба ман ба Душанбе хат навишта, рақами телефонашро дода, хоҳиш карда буд, ки ҳар вақт ба Амрико оям, ба ӯ хабар диҳаму меҳмонаш шавам. Ба ман мактуб навиштани ӯ бо ин сабаб ба вуқӯъ омада буд.

Соли 1991 Раиси Иттиҳоди нависандагони дар табъиди Афғонистон Расул Амин, ки дар Пешовар фаъолият мекард, ба Душанбе омад ва бо банда мусоҳибае анҷом дода, пас маро ба симпозиуми байналмилалӣ даъват дод. Дар он аз Тоҷикистон ду нафар иштирок доштем – Мунира Шаҳидӣ ва банда. Мавзуи симпозиум авзои Осиёи Марказӣ ва ҷумҳуриҳои собиқ шӯравӣ пас аз пошхӯрии он буд. Вақте ба ман сухан доданд, ман суханамро шифоҳӣ гуфтам ва дар охир шеъри «Баргпайванд» -и худро ҳамчун ҷамъбаст хондам, ки сухану шеърхонии банда пазироии ғайричашмдоште ба миён овард, аҳли толор бархоста қарс мезаданд. Ман сабаби онро баъд фаҳмидам, онҳо сухану шеърхонии маро ҳамчун навиди ба ҳам расидани халқҳои ҳамфарҳангу ҳамзабон пазируфта буданд, ки барояшон аҳаммияти бузурге дошт. Баъд онҳо аз раёсати ҷаласа хоҳиш карданд, ки шеърро таксир (нусхабардорӣ) карда, ба онҳо якнусхагӣ диҳанд. Раис аз ман нусхаи шеърро хост, гуфтам, ки надорам, зеро аз ҳофизаам хонда будам. Пас, ба назди ман як афғонро шинонданд, ки ба ӯ «дикта» кунам – хонам, то ӯ нависаду таксир кунанд. Тақрибан ба як баста коғаз, шояд дусад нусха, таксир карда оварданд, ба ҳама нарасид ва раиси ҷаласа гуфт, ки мо ин шеърро дар маҷаллаи «Ҳаппалвокӣ» чоп мекунем, дигарон аз он мегиранд.

Дар танаффуси ҷаласа ба назди ман Ризо Шаъбонӣ омада, худро шиносонданд, ки консули Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Пешовар будаанд ва аз

ман ташаккур карда, ба такрор мегуфтанд, ки туркҳоро панба кардед, ҳол он ки дар сухани ман ҳеҷ ҳарфе оид ба туркҳо набуд, баъд фаҳмидам, ки ифтихори эшон аз он будааст, ки сухани як нафар ҳамзабонашон, яъне дар сурати мани тоҷик, аз ҷониби иштирокчиёни симпозиум, ки бештар турк будаанд (ман инро ҳатто намедонистам), пазириши аз ҳама олӣ ёфт. Рӯзи дигар эшон маро ба вохӯрӣ ба консулгарӣ даъват карданд, мо бо ҳам аз наздик шиносо шудем, шахсияти бисёр ҳам фарҳехтаву донишманд буданд. Китоби пурмуҳтавои «Одоб ва русуми Наврӯз», ки онро Пажӯҳишгоҳи фарҳанги форсиву тоҷикии Сафорати ҶИЭ дар Душанбе ба нашр расонидааст, маҳсули қалами эшон мебошад.

Воқеан он шеър бо суҳбати ман бо Расул Амин дар шумораи 3 соли 1991 маҷаллаи «Ҳаппалвокӣ» чоп шуд, ки онро Халилуллоҳи Ҳошимиён дар Амрико хонда, ба ман мактуб навишта, таассуроти амиқи худро хеле пурмуҳаббат баён карда буд. Бинобар ин, ман ба ӯ телефон кардам, ӯ хеле шод шуд ва гуфт, ки ман ҳоло дар Вошингтон, дар хонаи духтарам ҳастам, хоҳиш мекунам, ба ин ҷо ба меҳмонӣ биёед.

Ман аз Нию-Йорк ба он ҷо рафтам, чун аз қатор фуруд омадам, маро касе пешвоз гирифт, ки аз ман хеле бузургсолтар – худи Ҳошимиён будааст, ки хиҷолат кашидам, зеро ӯро ҷавон пиндошта будам. Ман Вошингтонравиамро ба Аҳмад Каримии Ҳаккок, ки аз Вошингтон-Сиатлл сафари маро барномарезӣ мекард, хабар дода будам ва ӯ ба маҷаллаи «Эроннома», ки дар он ҷо нашр мешуд, сим зада, вохӯрӣ ва суҳбати маро бо онҳо мувофиқа карда буд, яъне як тиру ду нишон – ҳам вохӯрӣ, ҳам меҳмонӣ. Ҳошимиён Вошингтонро ба ман тамошо дод ва ба фурӯшгоҳе дароварду гуфт, ки ман писаре дорам, қаду басташ мисли шумо, аз ман хоҳиш карда буд, ки аз ин ҷо ба ӯ либосҳои хубе биёрам, аммо андозаҳои гуфтааш дар ёдам нест, бинобар ин, агар ба шумо заҳмат нашавад, ба шумо андоза карда ба ӯ либос бихарем. Гуфтам, хуб. Беҳтарин ва мудтарин шиму куртаро интихоб карду харид, чун берун баромадем, ба дасти ман доду гуфт, ҳоло он писар шумоед, ҳадяро қабул кунед. Ман пай мебурдам, ки ҳамин тавр шуданаш эҳтимол дорад, гуфтам, дар даруни фурӯшгоҳ нагуфтед, ки бештар бихарем. Гуфт, дуюмбора даромадан мушкил надорад, гуфтам, на, гапи мард якто. Хандиду гуфт, ба латифаи Мулло Насриддин ишора мекунед. Он дар байни афғонҳо ҳам машҳур аст. Боре аз Мулло Насриддин мепурсанд, ки, Мулло, чандсола шудед? Мегӯяд, чиҳил. Баъд аз бист сол боз ин суолро мекунанд, мегӯяд, чиҳил. Мегӯянд, чӣ тавр, охир, шумо бист сол пеш аз ин чиҳилсола будед, ҳоло ҳам чиҳилсола? Ҷавоб медиҳад, гапи мард якто!

Ҳошимиён маро ба вохӯрии ҳайати эҷодии маҷаллаи «Эроннома» овард. Суҳбати хубе баргузор шуд, Пурҳодӣ дар ҳамон ҷо кор мекардааст, чанд сол

пештар дар атрофи як мақолаи ӯ, ки ба адабиёти муосири тоҷик дахл дошт, дар Тоҷикистон ҳангомае барпо шуда буд. Дар суҳбат Ҳошимиён ба эрониҳо шӯхиомез даъво мекард, ки шумо забонро ба чӣ ҳол овардед, «нон»-ро «нун» кардед, «дӯкон»-ро «дукун» ва монанди ин ҳарфҳо, ки эрониҳо механдиданду чизе намегуфтанд.

Банда аз Вошингтон баргаштаму аз он ҷо ба Лос-Анҷелос парвоз кардам, маро Ризо Муинӣ пешвоз гирифта, ба хонааш бурд. Рӯзи дигар ба идораи Бунёди фарҳангӣ ва иҷтимоии Сапедаи Намозихоҳ овард, ки дабири он Бурҳони Юсуф барномаи вохӯриҳои маро сохта буд. Ҳамсараш Сурур Найййирии Пурондухт шоира буд, китоби хуби шеърҳояш – «Карашма» пеши ман ҳаст. Бурҳони Юсуф дар аввалин вохӯрӣ сухану шеърҳои маро шунида, пешниҳоди чопи китоби шеърҳоямро кард, то дар вохӯриҳои дигар дастовезе дошта бошам. Ӯ дар як ҳафта китобро бо номи «Шаҳри меҳолуд» ба хатти форсӣ ба чоп расонд. Дар вохӯрии навбатӣ, ки тақрибан сад нафар ҷамъ омада буданд, як бастаи китобро рӯи миз гузошту гуфт, ки нархи ин китоб 5 доллар аст, он тарафаш ҳиммати олӣ. Ман ин корро, ки аввалин бор медидам, дар ҳайрат будам. Ба Бурҳон бо назари суол нигаристам, ишора кард, ки баъд мефаҳмонам. Баъд фаҳмонд, ки ин ҷо ҳангоми вохӯриҳо ин корро мекунанд, ҳар кас майл пайдо кунад, аз ин китобҳо мехарад, ҳиммати олиаш ин аст, ки нархи поинтарини китоб 5 доллар аст, вале кас агар ҳиммат кунад, ба нархи болотаре мехарад, ки бисёриҳо ин тавр мекунанд.

Суҳбат оғоз шуду шеърхонӣ ва суолу ҷавоб, он вақт эрониҳо дар бораи тоҷику тоҷикистонӣ қариб ҳеҷ маълумот надоштанд, дар ҳайрат буданд, ки дар кишвари дигар ҳам ба форсӣ суҳбат мекардаанду шеър менавиштаанд, бисёр бо таваҷҷуҳ гӯш мекарданду суолҳо медоданд. Баъди шеърхонии ман як хонуми бисёр зебои эронӣ баланд шуду гуфт, ки ҳамин китобҳои рӯи миз ба чанд доллар фурӯхта шаванд, ман боқии онро ба нархи ҳамон пули ҷамъшуда мехарам. Дар охир ду нусха китоб монд, Бурҳон маблағро ҳисоб карду гуфт. Хонум ба болои пулҳо ҳамон қадари дигар пул гузошту он ду китобро гирифт ва ба назди ман нишасту ба як китоб соядаст навишта, ба худи ман ҳадя кард ва дигарашро ба ман дод, ки барояш соядаст нависам. Баъд мо шинос шудему ӯ маро барои суҳбат ба телевизионаш даъват кард. Хонум Парисо ном дошта, соҳиби телевизион, ҳамсари араби сарватманд ва воқеанигори боистеъдоде будааст. Вақте ба телевизионаш омадем, гуфт, ки ман бо шумо як соат суҳбат мекунам, ки аз чор бахш иборат мешавад, – авзои сиёсии Тоҷикистон, иқтисоду иҷтимоъ, адабу фарҳанг, шеъри шумо, – ҳар бахш понздаҳдақиқагӣ. Бо як оғоз кардан суҳбатро ба дараҷаи олӣ анҷом дод, ҳар чӣ дар ин бораҳо медонистам, аз ман берун овард.

Дар Лос-Анҷелос СИРО ном маркази эроншиносӣ амал мекард, ки ҳамон шабу рӯз ҷаласаи байналмилалие доир карда буд, маро ба он даъват доданд, ки дар он маърӯза кардаму шеър хондам. Дар он ҷаласа бо шоири маъруфу маҳбуб Нодири Нодирпур шинос шудам, баъд як хонуми сарватманди эронӣ моро ба хонааш ба меҳмонӣ даъват кард, ки дар он бо Нодирпур боз аз наздиктар ошно гаштем.

Эрониёни муқими Амрико бунёдҳои гуногуни фарҳангӣ доштанд, ки яки онҳо ҷоиза барои шоири беҳтарини сол, ё чизе ба ҳамин монанд, эълом карда буд, ки Нодирпурро баранда эълон дошта, барояш 10. 000 доллари амрикоӣ маблағ дод. Ин, дар асл гиред, ба тарзи нозук, то ба иззати нафсаш нарасад, мададгорӣ ба шоири маҳбубашон буд, ки тоза ба Амрико ба ҳиҷрат омада, ҳамчун дигарон сарватманд набуд. Ҳоло инро, ки менависам, як чизи дигар ба хотирам мерасад. Яке аз беҳтарин шоирони муосири Эрон Маҳдӣ Ахавони Солис, ки хеле фақирона мезист, дар яке аз мақолаҳояш ба ин мазмун менависад, ки худ фақирии ман кифоят набуд, ки маро боз азият мекунанд. Охунди баландмартабае ба лифофае барояш 200 доллар фиристода будааст, ки ин маблағ барои Эрон чизе нест ва воқеан барои шоире ҳамчун Ахавони Солис бештар ба таҳқир монанд аст, то ба ғамхорӣ.

Он шабу рӯз дар Лос-Анҷелос торзани беназири эронӣ Ҳусайни Ализода консерте дод, ки дар он шоири машҳури эронӣ Манучеҳри Оташӣ ҳузур дошт ва хонуме аз хонаводаҳои фарҳангии маъруфи эронӣ, ба фикрам Партави Нуриало буд, ба хотири ӯ суханронии пурмуҳтаво ва пурмуҳаббате кард, ки ниҳоят дилпазир буд. Дар он ҷо бо Оташӣ ҳам ошно шудем, шахси бисёр гарму пурэҳсосе буд. Шоири амиқу навпардоз аст, як шеъраш бисёр машҳур мебошад, ки «Ханҷарҳо, бӯсаҳову паймонҳо» ном дошта, бо мисраи «Аспи сафеди ваҳшӣ...» оғоз мешавад.

Дар Лос-Анҷелос ман боз як шиносоии хотирмоне доштам бо донишманди фарҳехта, устод Аҳмади Оҷудонӣ, ки дар дафтари кори Бурҳони Юсуф сурат гирифта буд. Устод омада буд, то бо шоири тоҷик ошно шавад. Суҳбати муфассале кардем, маро хеле шеър хононд. Баъд ба ман китоби «Калила ва Димна» -и худро бо соядасти пурмуҳаббате тухфа кард, ки онро аз нав пероиш карда, дар он ягон вожаи ғайрифорсиро истифода накардааст. Китоб аз 316 саҳфа иборат буд, ҳама танҳо бо вожаҳои порсӣ ва вожаҳои нобу зебое, ки кас дар шигифт мемонад, пероиш шудааст. Сухан намеёбӣ, ки офаринаш гӯӣ. Ба хона омада, китобро варақ мезадам, ки аз байнаш сад доллар баромад. Дар ҳайрат шуда, ба Бурҳон телефон карда гуфтам, устод шояд вақте гузоштаанду фаромӯш кардаанд, фардо мебиёрам, мерасонӣ. Гуфт, на, устод онро барои китоби ту

гузоштанд, ман дар ҳайрат шуда гуфтам, ки ман китобамро ба устод нафурӯхтаам, балки соядаст навишта ҳадя кардам, пулро бармегардонем. Гуфт, на, ҳар чӣ бошад, онро устод худ гузоштанд, агар баргардонем, озурда мешаванд.

Ман пулро ба ҳар ҳол ба Бурҳон додам, ӯ гирифту гуфт, ки ин пулро ба болои пули фурӯши китобҳоят мегузорам. Ӯ ҳангоми чопи китоб гуфта буд, ки аз пули фурӯши китоб ягон чӣ мехоҳӣ бихарӣ, гуфта будам, хуб мешуд, роёнаву чопгар бихарем, зеро он вақт дар Тоҷикистон ноёб буд. Гуфт, ман пулҳоро дар ин ҷо ҷамъ мекунам, рафиқоне, ки дар шаҳрҳои дигар вохӯриҳои туро баргузор мекунанду ин китобҳоро мефурӯшанд, пулро ба ман мефиристанд, пас ман аз ин ҷо роёнаву чопгари хуброхарида, ба ту баНию-Йорк мефиристам, ки бо худ бибарӣ. Ман аз Лос-Анҷелос ба Сан-Ҳузе парвоз кардам, маро Масъуди Сипанд пешвоз гирифта, ба хонааш бурд. Як ҳафта дар хонаи ӯ истодам ва дар он шаҳр чанд маҳфили суҳбату шеърхонӣ доштам. Ӯ маблағи аз фурӯши китоб ва шабҳои шеъри ман ҷамъшударо ба Лос-Анҷелос ба Бурҳон фиристоду расиди онро ба як қуттӣ андохта монд, пурсидам, расидро чаро нигоҳ медорӣ, гуфт, масъалаи пул нозук аст, ман бо тиҷорат машғул ҳастам, ин чизҳоро медонам, ҳар кор шуданаш мумкин аст. Ман дар ҳайрат шуда хандидам. Воқеан кораш дуруст будааст, як вақт ин расид ба ман даркор шуд, хуб, бигзорем инро, ки қиссаи дигарест.

Як шаб Масъуд маро ба маҳфили доктор Маҳҷуб бурд, ки шарҳи Ҳофиз мекард ва хеле ҷолиб буд. Дар фуроварди маҳфил устод аз ман хоҳиши ғазалхонӣ кард, хондам, мисли ин ки, хушаш омад. Аввал намедонистам, ки Масъуд шоир аст. Бегоҳиҳо, ки дар хонааш менишастем, ӯ маро шеър мехононду рубоиҳоро ба дафтараш навишта мегирифт. Ман пурсидам, ки ин қадар ба шеър шавқ дорӣ, худ ҳам шеър менависӣ, гуфт, бале, гуфтам, бихон. Вақте хонд, ман коғазу қалам гирифтаму гуфтам, ман шеъри туро бояд навишта гирам, шоири хубе будаӣ, пурсидам, ки китоб дорӣ, гуфт, на, гуфтам, ҳайф, ту сармоя дорӣ, ҳатман китобатро чоп кун. Аз он ҷо ба дӯстам Боқир Муин, ба Ландан, мудири бахши форсии радиои Би-Би-Си телефон кардаму ҳар дуро бо ҳам шинос карда гуфтам, ки Масъуд шоири хубест, метавонӣ аз шеърҳояш истифода кунӣ. Баъд Масъуди Сипанд китобҳояшро ҳам дар Амрико ва ҳам дар ин ҷо чоп кард. Ман ӯро ба Душанбе даъват кардам ва аз ҳамон замон ӯ узви хориҷии ҷамъияти «Пайванд» шуда, ба Тоҷикистон борҳо омадааст.

Сафари дуюми ман, пас аз як сол, ба Амрико ба иёлоти Небраска, шаҳри Омаҳа ба муддати чаҳор ҳафта дар ҳайати ҳаждаҳнафара буд, ки аз он ҳоло танҳо як хотираро нақл мекунам, ки ба духтарам Рухшона вобаста аст. Ҳангоми қабули дохилшавандаҳо ба мактабҳои олӣ буд, ки ман ба сафар рафта будам. Рухшона мактаби таҳсилоти ҳамагониро дар Хуҷанд (ман духтаронамро солҳои ҷанги

шаҳрвандӣ ба Хуҷанд ба назди бобову бибиашон фиристода будам) бо баҳои аъло тамом карда, ҳуҷҷатҳояшро ба Донишгоҳи ҳуқуқ, бизнес ва сиёсат супорида буд, ки агар аз имтиҳони аввал баҳои аъло мегирифт, дигар имтиҳон насупорида донишҷӯ мешуд. Вақте ман ба хона телефон кардам ва ӯ гуфт, ки ман аз имтиҳони аввал панҷ гирифтам, ман он қадар шод шудам, ки дар умрам ин гуна шодӣ накарда будам ва он вақт фаҳмидам, ки дастоварди фарзандон ба волидайн аз дастоварди худашон ҳам муҳиммтар будааст. Ман ҳамон бегоҳ ҳайатро ба хона даъват кардам ва он воқеаро «қайд» кардем.

Акнун баргардем ба меҳмони Иброҳими Гулистон шуданам, ки ин тавр рух дода буд. Ман охири солҳои ҳаштод ва аввали навад ду бор ба Инглистон сафар доштам, бори аввал дар конфронсе, ки оид ба забону адаби форсию тоҷикӣ дар Манчестер баргузор шуда буд. Дар он аз Маскав Шавкат Ниёзӣ, ки дар Иттифоқи нависандагони саросарии шӯравӣ ба сифати мушовири адабиёти тоҷик фаъолият мекард ва забоншинос Хромов аз Академияи улуми Тоҷикистон низ ширкат доштанд. Он вақт роҳбарияти радиои Би-Би-Си моро ба Ландан даъват кард ва мо бо ходимони бахши форсии ин радио ошно шудем. Мудири бахш Боқир Муин, ҷавонмарди хушсурату некӯхисоли машҳадӣ буд, табъи равони шоирӣ дошт, метавонист раҳораҳ дар мушкилтарин авзони арӯзӣ озодона шеър гӯяд, аз хабарнигори хуб буданаш ҷои сухан нест, агар ин тавр намешуд, мудири бахш набуд. Забони арабӣ хуб медонист, аз адабу фарҳанги форсӣ дониши амиқе дошт, огоҳӣ аз сиёсати ҷаҳониро вазифааш талаб мекард, ки, албатта, дар он чун моҳӣ дар об буд. Ӯ маро бори дуюм барои силсилаи суҳбатҳо оид ба шеъру адаби тоҷикӣ дар радиои Би-Би-Си ба Ландан даъват кард, ки соли аввалин бор дар Тоҷикистон баргузор шудани интихоботи Президент аз ҷониби мардум буд, ки дар он Раҳмон Набиев пирӯз омад. Он вақт ин радио тақрибан понздаҳ суҳбати маро дар бораи адабу фарҳанги тоҷик, ки ҳар яке дар ҳудуди то понздаҳ дақиқа буд, сабт кард. Дар он сафар ман бо Азиз, писари устод Сотим Улуғзода, ки дар бахши русии радиои Би-Би-Си кор мекард, шинос шуда будам. Мо бо ҳам дар ошхонаи радио, ҳангоми хӯроки нисфирӯзӣ, вохӯрдему суҳбати мухтасаре кардем. Ӯ ба русӣ ҳарф мезад, ба сурат нусхаи устод Улуғзода буд, ботамкин, камгап. Ҳангоми суҳбат гуфт, ки ӯ истеъдоди падарро надорад, яъне майли нависандагиаш нест, дар пешаш сафҳаи холие бошад, дар ӯ хоҳиши онро навишта пур кардан пайдо намешавад. Пурсидам, хоҳиши дидори падар дорад, гуфт, шояд биравам, аммо наомад.

Ман ба Ландан аз Ҳуланд ҳамроҳи Парвона Ҷамшедӣ омада будам, ки дар донишгоҳи Утрехт лексия мехондем. Рӯзе Боқир Муин ба ман гуфт, мехоҳӣ, ба меҳмонии Иброҳими Гулистон барам. Ман дар бораи ӯ маълумот доштам, ки ӯ аз

дӯстони Фурӯғи Фаррухзод асту шоир манзумаи «Таваллуде дигар»-и худро ба ӯ бахшидааст. Ироҳими Гулистон, ки сарватманд, нависандаи забардаст ва коргардони муваффақи синамо ҳам буд, маҳз дар солҳои сахти зиндагии Фурӯғи Фаррухзод ба мадади ӯ расида, ӯро аз вартаи ноилоҷиву бечорагӣ раҳонида, имкони кору эҷод додааст, ки пасон шоир беҳтарин асарҳои худро офарида, дар шеъри садаи бисти форсӣ табаддулоте ба вуҷуд овардааст. Ман чун инҳоро медонистам, гуфтам, чӣ пешниҳоде аз ин хубтар буданаш мумкин аст. Боқир бо ханда илова кард, ки Иброҳими Гулистон як андоза ғурур дорад, агар беэътиноие кард, намеранҷӣ, аввалан, хислаташ ин гуна аст ва сониян, ҳақ ҳам дорад, устод аст. Гуфтам, мо бандаи чунин устодем, чӣ ҷои ранҷиш, худи ба ҳузураш пазируфта шудан мояи хушбахтӣ ва ифтихор аст. Иброҳими Гулистон берун аз Ландан зиндагӣ мекардааст, мо, се нафар, Боқир Муин, Парвона Ҷамшедӣ ва банда, ба он ҷо ба воситаи қатор рафтем. Дар истгоҳ моро худи Гулистон бо мошинаш мунтазир буд. Ӯ моро бо чеҳраи кушодаву хушҳолӣ пешвоз гирифта, ба мошин шинонду ҳаракат кард, роҳ аз байни бешазоре гузашта, ба як ҷои хушобу ҳавои зебоманзаре расид, ки дар рӯ ба рӯямон як қасри муҳташам қомат афрохта буд. Он манзили истиқоматии Гулистон будааст. Атроф ҳама бешазор, ҳеҷ бинои дигар ба назар наменамуд. Гулистон дар он қаср, мисли ин ки, фақат бо завҷа ва духтараш зиндагӣ мекардааст. Дар давоми рӯз меҳмонӣ ва суҳбатҳои хубе шуд. Гулистон ба мо пораҳоеро аз филмҳояш намоиш дод, ки хеле ҷолибу муаассир буданд. Ман аз рафи китобҳояш яке аз филмномаҳояшро гирифта, таваккалан кушода, барои худам хондам, он сафҳа ба чунон устодӣ ва истеҳкоми сухан навишта шуда буд, ки ман аз қудрати сухан дар ҳайрат афтода, моту мабҳут шудам. Гулистон вазъияти маро ҳис карду гуфт, мутаассифона, ин охирин нусха аст, вагарна ба ту медодам.

Панҷоҳ-шаст метр дуртар аз қасри Гулистон кӯле буд, дар атрофи он гардиш кардем. Бегоҳӣ дар толори бузургу барҳаво, сари мизе нишаста, аз ин ину он суҳбат мекардем, ки Иброҳими Гулистон ба ман муроҷиат карда, гуфт, туро шоир гуфтанд, ку, шеъре бихон, гӯш кунем. Боқир Муин тарафи ман нимтабассуме кард, шояд аз хислати Гулистон ёд оварданӣ буд, ки ҳоло каме аз суханаш ҳувайдо шуда буд. Шеъри «Баргпайванд»-ро хондам, хеле бо диққат гӯш карду пурсид, «нӯла» чист, гуфтам, ҳамон «нола» аст, ки шакли талаффузи мардумиашро овардаам, ба назари ман чунин мерасад, ки дар ин ҳолат дар ин шеър ин тарзи истифодааш бештар оҳанги ташдид дорад:

*...Вале ман чун дарахти яккаву танҳостам дар дашт,*
*Чӣ медонам шароби шабнаму гулбонги мурғонро*

*Ва абреро, ки болои чаманҳо мешавад гирён,*
*Ки танҳо сарсар ин ҷо мекашад нӯла*
*Ва хок аз решаҳоям мекашад, то мекунад урён...*

Гуфт, хуб, яки дигар бихон, шеъри «Чӣ эҳсоне»-ро ба хондан сар кардам ва азбаски ба ҳам бисёр наздик менишастем, ман ҳам бо диққат ба рӯяш нигариста мехондам ва медидам, ки вазъаш лаҳза ба лаҳза тағйир мехӯрад ва ҳангоме шеърро тамом хондам, дар чашмонаш ашк ҳалқа зада буд. Аз ҷо бархост, ашк аз чашмонаш шорид, ҷоми шаробашро бардошту гуфт, ту фақат як рӯз меҳмони ман будӣ, одамро дар як рӯз шинохта намешавад, ки хуб аст ё бад, аммо шоирро аз як шеъраш шинохта мешавад, шоири хуб будаӣ, барои саломати ту менӯшем ва ҷомашро ба ҷоми ман ҷанг андохту нӯшид.

Ман аз ин суханони ӯ барои худ чизи дигареро кашф кардам. Мавзӯи шеъри «Чӣ эҳсоне» зиндагии сахти мардум дар солҳои душвори ҳаёти иҷтимоӣ мебошад, ки барои Иброҳими Гулистон, ки бо он ҷоҳу ҷалолу рафоҳият, сарватмандӣ шоҳона зиндагӣ мекард, бегона буд. Аммо ӯ ҳамчун эҷодкори асил дили дардошно ва пурмеҳру муҳаббат дошт, бинобар ин, дарди мардуми бечораро, ки дар ин шеър баён шудааст, ҳис кард ва гирён шуд, бе ин гуна дил ӯ ҳаргиз Иброҳими Гулистон набуд. Воқеан, дил аст, ки моро месозад.

Ман дар ин сафар бо дигар шоири машҳури эронӣ, Исмоили Хуӣ, ки муқими Ландан буд, низ ошно шудам. Як шом маро ба тарабхонае даъват карданд, ки дар он шоирони эронӣ шаби шеър доштанд. Вақте омадам, дар он ҷо Жола Бадеъ, Исмоили Хуӣ ва Ризо Бароҳаниро дидам. Исмоили Хуӣ дар як сумкаи чархакдор чанд нусха ҷилди якуми китоби шеърҳояшро, ки бо номи «Корномаи Исмоили Хуӣ» дар Суед (Шведсия) ба чоп расида буд, оварда буд, ки хоҳишмандон бихаранд. Ман, ки ин ҳолатро он вақт аввалин бор медидам, хеле мутаассир шуда будам. Пас аз шеърхонӣ, ки ба ман ҳам навбат доданд, мо бо Исмоил наздиктар ошно шудем, ӯ ба ман як нусха аз он «Корнома» ва китоби дигараш «Гузораи ҳазора»-ро тақдим ва ба хонааш ба «обгӯшт» даъат кард. «Обгӯшт», ин хомшӯрбои мо будааст, ҳар рӯзи шанбе, Исмоил, ки танҳо мезистааст, хомшӯрбо меандохтаасту ҳар шоире, ки шеър хондан хоҳад, ба хонаи ӯ омада, шеърхонӣ мекардаасту аз он хомшӯрбо мехӯрдааст.

Ман ҳамроҳи Боқир Муин ба он «обгӯшт» омадам, чанд нафари дигар ҳам омаданд, суҳбату шеърхонии хубе шуд. Исмоил хеле фақирона мезист ва, мисли ин ки, парвое ҳам аз он ҳолаш надошт. Тамоми рӯз дар як дасташ кружка, ҷоми калони оби ҷав буд, ки онро лаҳзае ҷое намегузошт ва ҳар дам аз он кам-кам

менӯшид. Инсони бисёр самимӣ ва пурмуҳаббату меҳрубоне буд. Ӯ ба замми шоириаш доктори илми фалсафа ҳам буд.

Ман бо Жола Бадеъ, ки дар Тоҷикистон борҳо будаасту китобҳои шеъраш дар ин ҷо нашр шудааст, шиносоии қаблӣ доштам ва эҷодиёту шахсияташро ниҳоят дӯст медоштаму арҷ мегузоштам. Ӯ барои ман яке аз беҳтарин шоирони маҳбуб буд, ошиқи шеърҳояш будам. Ёдам меояд, ки боре мо, ману Бозор Собир, Жола Бадеъро барои хӯроки нисфирӯзӣ ба тарабхонаи Тоҷикистон даъват кардему раҳорах барояш шеърҳояшро мехондем. Хеле хуш шуда буд. Дар тарабхона мурғбирён фармудем. Чун мурғбиреёнро оварданд, Бозор Собир мо мурғбирёнро бо даст мехӯрем, гуфту ба хӯрдан сар кард, Жола табассуми малеҳе карду ҳар кас чӣ тавре тавонад, гуфту онро то охир бо корду чангак истеъмол намуд. Ӯ, ки аз оилаи ашроф буд, ба ин одат гирифта буд. Аммо дар муносибат бо одамон ҳамеша ниҳоят ҳалим, меҳрубон, боназокат, хотирнигоҳдор ва бо ҳама баробар буд, ки равонаш шод бод.

Ӯ аз ин дидор хеле хушнуд шуда, маро ба тарабхона ба меҳмонӣ даъват кард, ки дар он писараш сарояндагӣ мекардааст. Маро ба он ҷо ходими радиои Би-Би-Си Маъсумаи Турфа бурд. Вақте писари Жола мехонд, Жола ба мо гуфт, ки шумо ҷавонед, агар дилатон мехоҳад, бихезед, бирақсед, мо он шаб ҳамроҳи Маъсумаи Турфа хуб рақсидем. Жола ба ман навори шеърҳояшро, ки худ хонда буду писараш бо мусиқӣ ороста буд, барои хотира дод. Аз он сафари Ландан як воқеаи дигар низ нақл карданист. Яке аз додарарӯсони ман бисёр ҳам шавқи ҳофизӣ дошт ва аз ман хоҳиш карда буд, ки барояш синтезатор биёрам, он вақт он чиз дар ин ҷо ноёб буд. Мо ҳамроҳи Маъсумаи Турфа аз дӯкони як турк синтезаторро бо адаптораш, ки қувваи баркро ба он мувофиқ карда медиҳад, харидем. Фурӯшандаи турк ҳардуро санҷид, кор мекард. Ба хона оварда кор фармуданӣ шудам, кор накард. Ба Маъсума гуфтам, ӯ дар ҳайрат шуду ба Жола телефон кард. Ӯ гуфт, ки хонаи мо биёред, писарам ин чизҳоро хуб мефаҳмад. Бурдем, писараш санҷиду гуфт, ки адаптораш кор намекунад. Маъсума ниҳоят дар ғазаб шуду гуфт, рафтем дӯкон, ман ҳоло падари онҳоро дармеёрам, ба таъбири тоҷикӣ, онаи зорашона нишон медиҳам. Мо ба онҳо гуфта будем, ки асбобро ба хориҷ, ба Тоҷикистон мебарем. Маълум мешавад, ки дар вақти додан онҳо ба мо адаптори вайронро додаанд. Вақте ба дӯкон рафтем, Маъсума тамоми қаҳру ғазабашро ба сари онҳо фурӯ рехт, ҳар ду чизи харидаамонро ба пешашон партофту пулҳоро пас гирифт ва мо баъд он чизҳоро аз дӯкони ҳиндиҳо харидем.

Ландан шаҳри нодирест, як Музеи вай, бо он ҳама осори бостонии гаронбаҳои таърихиву фарҳангӣ, ки инглисҳо аз тамоми дунё ҷамъ овардаанд, қимате дорад, ки ба ҳеҷ меъёр андоза карда намешавад. Он аз ҷиҳати воруди тамошибин дар

ҷаҳон, пас аз Луври Порис, дар ҷои дуюм меистад, ки дар сол аз он тақрибан то ҳафт миллион нафар дидан мекунанд. Дар Боғи калониЛандан, ки наздики маҳалли зисти маликаи инглис мебошад, ҷои махсусе ҳаст, ки ба он ҳар кас хоҳад, омада, ҳар касро, соҳибмансабонро ҳам, бо овози баланд, ҳар қадар дашному таҳқир карда, дилашро холӣ кунад, муҷозот намешавад. Онро маъмулан ҷои "девонаҳо" меноманд.

Ҳамчунонки болотар гуфта будам, ман баъди раиси Иттифоқи нависандагон интихоб шуданам Гулназарро сармуҳаррири ҳафтавори «Адабиёт ва санъат» тасдиқ кунонида будам. Ӯ шоир, рӯзноманигор ва сармуҳаррири хуб ҳам буд. Мутаассифона, баъдҳо вазъияти сиёсии кишвар бад шудан, ки гирифт, сол ба сол ҳоли ҳафтавор ҳам хароб мешуд, дигар аз он сад ҳазор обуначиву шуҳрати пешинаи ҳафтавор чизе намонда буд. Он панҷсад нусха чоп ва дар ҳудуди иттифоқ паҳн мешуду тамом. Ҳафтавор дар ҳоли аз байн рафтан буд. Ба ман аз вазъи ҳафтавор бисёр нависандагон шикоят мекарданд, ки дуруст ҳам буд, зеро аввалҳо асарҳои онҳоро аз ҳафтавор беш сад ҳазор хонанда мехонд, ҳоло хонандаи онҳо аз байн рафта буд. Ба сармуҳарририи он акнун касе даркор буд, ки дар вазъияти иқтисоди бозору муносибатҳои мураккаби тиҷоратӣ кор ва ҳафтаворро аз нав зинда карда тавонад. Ҳабибуллои Нозирӣ, ки дар Бюрои тарғиби адабиёт кор мекард, ҳамин гуна қобилият дошт. Ман ба ӯ пешниҳод кардам, ки сармуҳаррир бошаду ҷиҳати иқтисодиву молӣ ва ба Гулназар гуфтам, ки ҷиҳати эҷодии онро ба роҳбарӣ гирад. Мутаассифона, Гулназар розӣ нашуд ва ба ман зарур омад, ки худи Нозириро таъйин кунам. Нозирӣ дар давоми ду ҳафта забони кормандони ҳукуматро ёфта, маблағ рӯёнда тавонист ва ҳафтаворро бо маслиҳати ман чор ҳазор нусха нашр кард, аз охирин шумораи он ҳашт маротиба зиёдтар ва ба паҳнкунандагони матбуот бепул дод, ки ба хонандагон фурӯхта пулашро худ гиранд, зеро онҳо пештар ҳафтаворро барои фурӯш намегирифта, мегуфтанд, ки харидор надорад. Гуфтам, ки ба ҳамаи донишгоҳҳои пойтахт бурда, ройгон тақсим кун, ки онҳо аз нав хонандаи ҳафтавор шаванд. Ҳамин тариқ, чор-панҷ шумораро ба ҳамин теъдод нашру ройгон тақсим карда, хонанда ҷалб намуд. Маблағи рӯёндааш он қадар ҳам зиёд набуд, маслиҳат додам, ки акнун ду ҳазор нусха нашр кун, дар ин муддат каму беш хонанда пайдо кардӣ, ин тараф худаш оҳиста-оҳиста зиёд мешавад ва ҳамин тавр ҳам шуд. Ҳатто дар ин давра як бор аз ман барои чопи ҳафтавор маблағи шахсӣ қарз гирифта, баъди як солаш баргардонд, зеро солҳои душвори молию иқтисодӣ буд.

Ман дар ин ҷо аз воқеаҳои солҳои навад, гирдиҳамоиҳо, ҷанги шаҳрвандӣ нақл накарда, онро барои як вақти дигар вогузор мекунам, вале яке аз онҳоро мухтасаран ҳикоят мекунам, ки ба таъсири сухан тааллуқ мегирад. Нимаи аввали

соли 1996 буд. Банда раиси Иттифоқи нависандагон будам. Вақте бегоҳ аз кор ба хона омадам, ҳамсарам гуфт, ки имрӯз ба наздам яке аз шиносҳоям омада, хоҳиш кард, ки ӯро ба назди фолбинзани маҳаллаамон барам, ки қобилияти хуби пешгӯӣ дорад. Ман ӯро бурдаму гуфтам, ки шавҳари маро ҳам фол бин-чӣ. Ман гуфтам, ҳеҷ кори дигар надорӣ, ки ба ҳамин корҳо машғул мешавӣ? Гуфт, ки ман худ нарафтаам, маро шиносам хоҳиш кард, ки ба хонаи ӯ барам, вақте ки рафтам, хайр, гуфтам, шуморо ҳам фол бинад. Фолбин гуфт, ки роҳ мебинам, шавҳарат имрӯз ё пагоҳ ба сафар меравад. Хандидаму гуфтам, хуб, ана имрӯз қариб гузашт, фардоро мебинем. Тақрибан баъди якуним-ду соат, соатҳои ҳашти бегоҳ буд, ки аз дастгоҳи сарвазир телефон карда гуфтанд, ки дар Хуҷанд гирдиҳамоӣ ташкил шудааст, Президенти кишвар дар сафар ҳастанд, аз он ҷо телефонӣ супориш доданд, ки роҳбарони бонуфузро, ки аз вилояти Суғд мебошанд, ба он ҷо фиристем, ки рафта бо мардум суҳбат карда вазъиятро ба эътидол оваранд. Омода шавед, баъди ним соат мошин меравад, шумо се нафар – Шавкат Исмоилов вазири адлия, Аҳад Нурматов вазири саноати сабукро ба фурудгоҳ мебарад, тайёра тайёр, соати нуҳ ба Хуҷанд мепаред. Ҳамсарам, ба маънои ана дидед, ба ман нигоҳе карду сомони сафарро тайёр намуд.

Мо ба тайёра савор шудем, он аз ҳарбиёни таъйиноти махсуси мусаллаҳ пур буд, мо танҳо се нафар ғайринизомӣ будем. Ба Хуҷанд омада, рӯзи дигар дидем, ки ба ғайр аз мо боз тақрибан даҳ-понздаҳ нафари дигари суғдиён аз Душанбе ба ин ҷо омада будаанд. Аз ҷумла устод Муҳаммад Осимӣ, Ибодат Раҳимова, Амирқул Азимов, Рафиқа Мӯсоева, Гулҷаҳон Бобосодиқова ва дигарон. Саҳни ҳавлии мақомоти иҷроияи вилоят пур аз гирдиҳамомадагон буд, ки хаймаҳо ҳам зада буданд, қисме шаб он ҷо мемонанду қисми дигар шаб рафта, субҳ меомаданд ва майдонро боз пур мекарданд. Роҳбарашон Муъминҷон ном ҷавоне буд, мегуфтанд, онҳо чанд нафар бародаронанд, ки соҳибони бозори Панҷшанбе мебошанд. Аз тарафи ҳукумат сардори Гвардияи президент бо ҳайати мусаллаҳаш ҳозир буд. Гирдиҳамомадагон талаботе доштанд, ки аз 17 модда иборат буд. Мо як-ду рӯз оид ба он моддаҳо гуфтушунид кардем, аммо ба мувофиқа нарасидем, зеро баъзеи он моддаҳо зидди қонунҳои мавҷуда буданд, масалан, талаб карда мешуд, ки додситони вилоят аз худи вилояти Суғд бошад, ки он ба қонуни додситонии мамлакат мухолиф буд. Вазъият соат ба соат пуршиддаттар мешуд, танҳо як садои тир кофӣ буд, ки ҷангу хунрезӣ ва талаву тороҷ оғоз шавад. Ниҳоят ба қароре расидем, ки дар майдон бо худи гирдиҳамомадагон бевосита гуфтугӯ кунем. Соат тақрибан ҳашти бегоҳ буд. Ҳамаи ҳайат ба саҳни ҳукумати вилоят баромадем, майдон пуропури мардум буд, аз тарафи даромадгоҳи ҳукумат мизу баландгӯяк гузошта буданд. Раиси вилояти

Суғд Қосимҷон Қосимов аз тариқи баландгӯяк эълон кард, ки як ҳайати бонуфуз аз пойтахти кишвар омадааст, ки бо шумо суҳбат кунад. Ҳоло сухан ба устод Муҳаммад Осимӣ. Устод Осимӣ баландгӯякро гирифта як ҷумла ҳам нагуфта буданд, ки гирдиҳамомадагон бо садои кафкӯбӣ суханашонро хомӯш карданд. Имкони давом додани сухан набуд. Қосимҷон Қосимов суханро ба Шавкат Исмоилов дод. Гирдиҳамомадагон пас як ҷумла сухани ӯро ҳам бо кафкӯбӣ қатъ карданд. Мисли ин ки пас аз он ба Амирқул Азимов сухан дода шуд, ки ӯро ҳам пас аз як ҷумла хомӯш карданд. Раиси вилоят дигар намедонист, чӣ кор кунад, ба ман мурочиат кард, ки шумо як шеър хонед, набошад, ҳозир парон-парон сар мешавад. Ман гуфтам, ки инҳо гапи устод Осимиро гӯш накарданду шеър гӯш мекунанд, оё ҳоло вақти шеърхонӣ аст. Ӯ гуфт, ман намедонам, ягон коре кунед, ки ҷанг сар нашавад, фақат зудтар. Ман ҳар чӣ бодо бод, гӯён баландгӯякро гирифтаму гуфтам, ки ман ҳоло ба шумо дар бораи шаҳрамон, ватанамон шеъре мехонам ва шурӯъ кардам ба хондан. Кафкӯбиро барои хомӯш кардани ман ҳам сар карданд, чанд нафар шеър даркор нест гӯён фарёд ҳам заданд, вале маро на ҳисси таслим, балки ғазаб фаро гирифт, ки ҳамин шояд чанд нафар мехоҳад даҳони маро бандад, ман ҳоло ба онҳо нишон медиҳам, гуфтаму баландгӯякро ба даҳонам тамоман наздик оварда, бо тамоми овоз давоми шеърро хондан гирифтам. Онҳо каф мезаданду ман мехондам, азбаски садои ман ба воситаи баландгӯяк паҳн мешуд, аз кафкӯбии онҳо баландтар буда, садои онҳоро пахш мекард. Баъд аз се-чаҳор мисраъ хондан онҳо кафкӯбиро кам-кам бас карданд. Ҳамин тариқ, ман шеъри «Хоки Ватан»-ро то охир хондам:

*Гар ватан бошад якеро соҳили дарёву рӯд,*
*Дигаре дорад ватан дар домани дашти кабуд.*
*Ҳар касе дорад ватан, дорад ғами буду набуд,*
*Беватан он кас, ки бошад фориғ  аз ёди ватан.*

*Рӯзи одам хубу бад оё ба олам нагзарад?*
*Бигзарад, аммо ба мисли рӯзи одам нагзарад.*
*Рӯзи одам беватан, бигзор, як дам нагзарад,*
*Дар ғаму шодӣ биҷӯяд хотири шоди ватан.*

*Гарчи мерос аст марги волидайни меҳрубон,*
*Теғи алмос аст моро мурдани фарзанди ҷон,*
*Ҳасрату доғи ватан садчанд аз ин бошад гарон,*
*Кас набинад дарду доғу рӯзи ношоди ватан.*

*Хоки одамро, ки шӯриданд бо хоки ватан,*
*То абад аз ӯ намегардад ҷудо хоки ватан.*

*Пур шавад рӯзаш, кашад сӯяш варо хоки ватан,*
*Баски ҳаст ӯ з-обу хоку оташу боди ватан.*

Вақте хондани шеърро тамом кардам, майдон ором шуда буд, пас сухани худро оғоз кардам, азбаски ҳам ғазаболуду ҳам дар ҳаяҷон будам, суханам ниҳоят пурэҳтирос буд. Аз ҷиҳати дигар, ҳис мекардам, ки ҳоло дар ҳамин ҷо қисмати ояндаи на танҳо ин мардуми гирдомада, балки ҳазорҳо нафари дигар, аз ҷумла, худи ман ва фарзандони ман ҳам, ҳал шуданаш мумкин аст. Бинобар ин, ман тақрибан бист-бисту панҷ дақиқа аз таърихи пуршарафи мардуми Хуҷанд, аз мақоми Оли хуҷандиҳо дар акнофи олам, аз суннатҳои асили мардумии онҳо, аз вазъи имрӯз, аз моҳияти ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ ва якпорчагии кишвар, ки ояндаи на танҳо мо, балки фарзандони моро муайян хоҳад кард, аз он ки ҳоло дар ҳамин майдон қисмати фардои мо сурат мегирад ва ҳар яки мо масъулияти онро бояд ба хубӣ дарк кунем, то насли фардоямон аз мо ифтихор дошта бошад, ки барояш Ватани комилу якпорчаро мерос гузоштем, сухан гуфтам. Дар ин байн гилаи худро ҳам кардам, ки ман дар саҳнаҳои хеле кишварҳои дунё шеърхонӣ кардаам, аммо аввалин бор дар умрам дар шаҳри худам маро шунидан нахоста, хомӯш карданӣ шуданд, ҳеҷ қисса не, агар дар бари шумо нагунҷем, мисли Хоҷа Камоли бузургвор ба ягон ҷои дигар рафта мемирем.

Чун ҳарфамро тамом кардам, майдон хомӯш буд, ман хомӯшӣ аломати ризоят гуфтаму ба Муъминҷон муроҷиат кардам, ки ба паси миз биёяду ба суратмаҷлис, бо ҳазфи моддаҳои қабулнашаванда, аз номи гирдиҳамомадагон имзо кунад ва аз онҳо хоҳиш намояд, ки майдонро тарк кунанд. Азбаски мардум дигар изҳори норизоӣ намекарданд, ӯ ин талабро иҷро кард. Суратмаҷлис имзо шуд, ӯ аз гирдиҳамомадагон хоҳиши тарки майдон кард ва онҳо майдонро холӣ карданд.

Ҳайати аз Душанбе рафта маро оғӯш-оғӯшу бӯсаборон мекард, чунки ин ҳодиса ба қисмати ҳар яки онҳо ҳам тааллуқ дошт. Мо ба Душанбе баргаштем. Баъди ду-се рӯз моро ба маҷлиси Президенти кишвар даъват карданд, ман ҳам омада дар қатори охири толор нишаста будам. Президент ба толор ворид шуданду ба ҷояшон нишаста, устод Муҳаммад Осимиро ба боло даъват карданд. Пас ба толор нигаристанду пурсиданд, ки Аскар Ҳаким ҳастанд? Ман аз ҷоям бархостам, ин ҷо биёед, гуфтанду ба паҳлуяшон ишорат карданд. Ман боло баромадаму ба устод Осимӣ гӯшакӣ кардам, ки шумо ба он ҷо гузаред, устод гуфтанд, ки, на, туро гуфтанд. Ба паҳлуи Президент нишастам. Президент дар бораи гирдиҳамоӣ маълумоти мукаммал доштанд, ҳамаи воқеаро медонистанд, мисли он ки аз навор дида бошанд. Дар бораи хатарҳои оқибати он гирдиҳамоӣ муфассал

сухан ронда, пас ба ман мурочиат карда, гуфтанд, ки шумо он гирдиҳамоиро ба анҷоми нек, маслиҳат ва сулҳу салоҳ оварда, барои амният, осудагии мардум, якпорчагӣ ва ояндаи кишвар хидмати бузурге кардед, ба шумо ташаккури самимии худро изҳор менамоям. Ин қадршиносии хеле бузургтаре буд, нисбат ба он коре, ки аз банда ба амал омада буд.

Вобаста ба ин ҳодиса чизи дигар ҳам ба ёди ман мондааст. Ман шояд пас аз як сол ба чӣ коре ба Хуҷанд омада будам ва аз назди китобхонаи вилоятӣ мегузаштам, ки марде ба ман салом доду як дақиқа таваққуфи маро хоҳиш кард, истодам. Ӯ гуфт, ки ман рассом ҳастам, дар он гирдиҳамоии порсола будам, суханронии шуморо шунидам ва ба чашми худ дидам, ки сухан нисбат ба тиру туфанг чандин баробар пурқудраттар будааст. Мани рассом ҳам аз он рӯз таслими сухан гаштам.

Ман, ки дар умри худ дар дохили кишвар ва дар хориҷ аз он дар маҳфилу ҷаласаҳои хурду бузурги гуногуне суханронӣ ва шеърхониҳои бисёре доштам, малакае дар ин соҳа пайдо карда будам, аммо он суханронӣ дар гирдиҳамоии Хуҷанд бесобиқа ва масъулиятноктарин буд, ки сабабҳояшро ҳам болотар зикр кардам. Ҳарчанд он шифоҳӣ ва бадеҳӣ буд, ҳоло ҳам қариб комилан дар ёдам ҳаст.

Ман танҳо як маротиба, бори аввал, соли 1976, ба хориҷ, ба Австрия, ҳамчун сайёҳ дар ҳайати ҳунармандони шӯравӣ сафар кардаам, дигар ҳамаи сафарҳоям бо даъвати созмонҳои адабиву фарҳангии хориҷӣ, ё аз тарафи Иттифоқи нависандагони саросарии шӯравӣ ё аз ҷумҳурии худамон ба сифати роҳбари ҳайатҳои адабиву фарҳангӣ будааст, яъне ман ҳамеша ҳамчун адиб сафар доштаам ва аз адабу фарҳанги тоҷик суҳбат кардаам ва бо аҳли адаби он кишварҳо ошно гаштаам. Албатта, ба ҷуз аз сафарҳои расмӣ, ки ҳангоми муовини Раиси Маҷлиси миллӣ буданам иттифоқ меафтод.

Соли 2000-ум дар ҷумҳурӣ парламенти думаҷлиса таъсис шуд, ки аз Маҷлиси намояндагон ва Маҷлиси миллӣ иборат буда, ҳар ду Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медоданд. Банда он вақт раиси Иттифоқи нависандагон будам. Президенти мамлакат барои таъйин кардани узви Маҷлиси миллӣ шаш квота (имтиёз) дошт, ки ба яки он бандаро таъйин кард ва дар ҷаласаи аввали Маҷлиси миллӣ маро муовини Раиси Маҷлиси миллӣ интихоб карданд. Банда ҳамзамон вакили маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе ҳам будам. Ҳамаи аъзои Маҷлиси миллӣ дар вазифаҳои пешинаашон монда, ҳамчун узви Маҷлиси миллӣ ҳам фаъолият мекарданд. Аз ин рӯ, ман аз роҳи Маҷлиси миллӣ сафарҳои хориҷӣ доштам. Дар онҳо ман ба сифати яке аз мансабдорони давлати тоҷик буда, вазифаи расмии давлатиро ба ҷо меовардам. Яке аз чунин сафарҳои ман ба

ҳамоиши сарварони парламентҳои кишварҳои осиёӣ ба кишвари Филиппин буд, ки ба масъалаи ҳамкориии судманди парламентҳо бахшида шуда буд. Ман дар он иштирок ва суханронӣ кардам. Баъд аз кори ҳамоиш ҳайати парламентҳоро президенти давлати Филиппин улёҳазрат Глория Арроё ба ҳузур пазируфт. Дар он қабул аз ман хоҳиш карданд, ки аз номи меҳмонон сухан гӯям. Ман як сухани мухтасари нимсиёсиву нимшоирона оид ба мақоми занони сарвар гуфтам. Аз он сафар банда бо ордени «Зафар»-и давлати Филиппин баргаштам, он орден чунон калон аст, ки бо тасмача ба гардан меовезанд.

Ба ман ду бор сафар ба Ҷумҳурии Мардумии Чин иттифоқ афтод, ки яке аз роҳи парламент ва дигаре аз роҳи Созмони байналмилалии Иттифоқҳои нависандагон. Сафар аз роҳи парламент ниҳоят мухтасар буд, рӯзи парвози тайёраҳо ҳамин гуна буд, ки ман бегоҳ ба Пекин расидаму рӯзи дигар дар ҷаласа иштирок карда, пагоҳаш баргаштам. Аз он танҳо як чиз нақл карданист. Чун аз ҷаласа фориғ шудем, сафирамон дар Чин Худойбердӣ Холиқназаров, ки маро ҳамроҳӣ мекард, гуфт, шояд пеш аз баргашт фурӯшгоҳ рафтанӣ ҳастед, ки савғотие бо худ бибаред. Гуфтам, бад намешавад, гуфт дар он ҳолат ман шуморо мебарам, зеро чиниҳо дар бозор савдои аҷибе доранд, диданд, ки хориҷӣ ҳастед, нархро даҳ-понздаҳ маротиба боло мебаранд. Рафтем, воқеан ҳам ҳамин тавр шуд, фурӯшанда, ки нархро чанд баробар боло мебаровард, Худойбердӣ мегуфт, ки ин гапҳоро мон, мо вақти кам дорем ва ман чанд сол боз дар ин ҷо кор мекунам, ҳам нархро медонаму ҳам одати шуморо ва нархро якбора даҳ-понздаҳ маротиба поинтар мефуровард, фурӯшанда ҳам намеранҷиду нархи аз аввала гуфтааш каме поинтарро мегуфт ва ҳамин тариқ савдо сар мешуду дар охир ба нархи чанд маротиба поинтар розӣ мешуд. Воқеан бозори шарқӣ ҷои гапу савдост.

Сафари пешинаи ман дар ҳайати адибон, аз Маскав буд, ки ба он котиби иҷроияи СБИН Темур Пӯлодов, нависандаи русзабони тоҷики бухороии ӯзбекистонӣ роҳбарӣ мекард. Мо чор нафар адиб будем. Ду нафари дигар – яке роҳбари бахши карелиягии СБИН, дигар аз Созмони нависандагони Маскав буд. Манзури сафарамон барқарор кардани робитаҳои бештари адабӣ байни адибони кишварҳоямон буд, ки ба ин хотир бо роҳбарони Созмони нависандагони Чин мулоқот ва дар муассисаҳои адабиву фарҳангӣ вохӯриҳо гузаронидем. СБИН барои буду боши ҳайат маблағи хубе ҷудо карда буд, ба мо дар меҳмонхонаи гаронбаҳо ҷо гирифта буданд. Ҳангоми хӯроки нисфирӯзиву шом дар ресторани меҳмонхона ба рӯи мизи давраи ду қабатаи болояш даврзананда, дар табақчаҳои хурду пиёлаҳо, бе муҳобо, шояд сӣ-чиҳил хел хӯрданӣ мегузоштанд, ки касро ба ҳайрат меовард. Миз, ки калон аст, дасти дар ин тарафи миз нишаста ба он тараф

намерасад, бинобар он, ӯ қабати болои мизро давр мезанонад ва хӯроки мехостааш ба пеши ӯ меояд. Воқеан ҳам чиниҳо аз ҷиҳати миқдори гуногунии анвои хӯрок дар ҷаҳон дар ҷои аввал ҳастанд. Мо аз ин хӯрокҳои гуногун кам-кам мечашидем, як навъи мисли ҳасиб гушти сурхи зебое буд, пурсидем, ки гӯшти чист, пешхизмат гуфт, ки мор. Ду нафари русамон, о, ин хеле бомазаву барои саломатӣ фоиданок  аст, гӯён, ба табақчаашон гирифтанду ба хӯрдан сар карданд, ман ҳам худро далер нишон дода, аз он ба табақчаам гирифтам, аммо барои ба даҳон бурдан далериам нарасид. Темур Пӯлодов ҳеҷ чизи ношиносро ба даҳон намегирифт. Баъди ду-се рӯз ӯ ба роҳбаладамон гуфт, ки ман аз ин хел хӯрокҳо намехӯрам, гуй, ки ба ман тушбера биёрад. Роҳбалад гуфт, ки ин ресторани қиматбаҳост, дар ин ҷо тушбера намешавад, тушбера дар ошхонаҳои арзони кӯча ҳаст. Гуфт, ки моро он ҷо бибар. Роҳбалад моро ба он тарафи меҳмонхонаамон, ба як ошхона бурд, ки шом бихӯрем. Чун сари миз нишастем, роҳбалад таомномаро хонду ба Темур пешниҳод кард, ки тушбераи гӯшти хар мехоҳед? Якбора ҷони Темур баромаду ба ман ба тоҷикӣ гуфт, ки ин чӣ, маро масхара мекунад? Гуфтам, Темурака, ҳеҷ масхара намекунад, шумо хуб медонед, ки чиноиҳо гӯшти ҳамаи навъи ҳайвонотро мехӯранд, ин аз куҷо медонад, ки мо харро намехӯрем, асабӣ нашавед, ман мегӯям, ки гӯшти говашро биёрад, тамом. Оё латифаро дар ин бора намедонед: чиноиҳо аз хазандаҳо ба ҷуз танк, аз парандаҳо ба ҷуз самолёт, аз шиновarҳо ба ҷуз киштии атомии зериобӣ, дигар ҳама чизро мехӯранд.

Чин, бешубҳа, кишвари афсонавист. Ҳангоми шомхӯриамон дар ресторан чанд навозанда дар пеши мизи мо чунон оҳангҳои дилнишини чинӣ менавохтанд, ки касро гӯшнавозии онҳо тамом ба ҳайрат мегузошт. Ё наққошиҳои онҳо чунон зебову нозук аст, ки назир надорад. Қасрҳои қадимии императорҳояшон чунон бузургу доманфароху боҳашамат аст, ки чандин гектарро ташкил медиҳад. Аз девори Чин ҷои сухан нест, ки яке аз муъҷизоти олам аст. Субҳ – ҳангоми корравӣ ва бегоҳ – ҳангоми корбаро кӯчаҳои фарохи Пекин намуди аҷибе мегиранд, дар он дар баробари мошинҳо ҳазорон-ҳазор велосипедрон меравад. Саҳар дар майдонҳои махсус аз радио мусиқӣ садо медиҳад, ки дар зери он пиру барно варзиш мекунанд, баъзе миёнсолону солхӯрдагон дар даст шамшер ҳам доранд. Ман як субҳ дар атрофи меҳмонхонаамон, ки медавидам, ин манзараро худ дидаам.

Дар ошёнаи якуми меҳмонхонаамон, дар назди дари даромад, қаҳвахонае буд, ман ба даруни он даромада дидам, ки даҳ-дувоздаҳ нафар духтари ҳамсиннусоли ҷавон бо либосҳои якхела рост истодаанд, аз роҳбалад пурсидам, ки онҳо кистанд ва чӣ кор мекунанд? Гуфт, ки онҳо ҳамсуҳбат ном доранд, агар

касе майл дошта бошад, яке аз онҳоро ба ресторан даъват мекунад ва духтар ӯро ҳамроҳӣ карда, ҳамсуҳбат мешавад, ки танҳоӣ накашад. Онҳо асосан духтарони деҳот ҳастанд, ки нав ба Пекин омадаанд ва ҳоло машғулияташон ҳамин аст.

Дар Чин ҳамзистии мусолиматомези осори бостон бо навтарин дастовардҳои замон хеле хуб ба мушоҳида мерасад, дар як тараф осори чандҳазорсола, ба монанди қабристони бузургу бемонанде, ки аз зери теппаи регзоре дар пойтахти қадимии Чин, шаҳри Сиан, пайдо шудааст. Баъди фавти императоре чанд ҳазор пайкараи низомиёни аспсаворро бо силоҳҳои ҷангияшон сохта, онҳоро дар он ҷо ҳамроҳи ӯ гӯронидаанд, ки дар он дунё ба ӯ хидмат кунанд. Ва ҳамаи он ҳоло аз зери рег пайдо карда шуда, он ҷо ба осорхона табдил дода шудааст. Ва дар дигар тараф биноҳои осмонхароши замонавӣ, ки бо тозатарин дастовардҳои илму техник сохта, муҷаҳҳаз карда шудаанд.

Дар даврони бостон дар Чин паҳн шудани оини Будо ҳам бесабаб набуд, зеро заминаи он дар зиндагии мардум кайҳо пайдо шуда, дар таълимоти файласуфони қадими чиноӣ шакл гирифта тарғиб мешуд. Ҳатто ривояте ҳаст, ки файласуфи чиноӣ Лао-тзи, ки асосгузори даосизм мебошад, гӯё ба ғарб рафта, то Ҳинд расид ва дар он ҷо таълимоти худро интишор дод ва ному таълимоти ӯ баъдан бо номи Будо боз ба Чин баргашта, густариш ёфт. Ба замми он, дар он замон дар Чин омӯзаҳои файласуфон Конфутсий, Мао Тсзи ба ҷараёнҳои мазҳабӣ табдил ёфта, қишрҳои гуногуни ҷомеаро фаро гирифта буданд. Зиндагии чиниёни бостон таҳкурсиҳои хеле мустаҳками маънавӣ дошт, ки баъдан кишварҳои дигар онро иқтибос карданд. Осори ин маънавиёти ғанӣ ва қадим дар Чин дар сари ҳар қадам дидаву эҳсос мешавад.

Баъд аз сафари Чин дар Шӯрои Созмони байналмилалии Иттифоқҳои нависандагон, дар Маскав, баррасии манзумаи банда «Санги ман – алмос» бо иштироки шоиру нависандагон ва адабиётшиносону мунаққидони машҳури кишварҳои пасошӯравӣ баргузор гашт, ки мухтасари маводи он дар матбуоти тоҷик ба нашр расидааст. Дар он устод Расул Ҳамзатов, Темур Пӯлодов, Темур Зулфиқоров, Яков Козловский, Людмила Шипахина, Искра Денисова, Ғулом Сахии Ғайрат, Владимир Гусев, Павел Уляшов, Ашот Сагратян ва дигарон ширкат варзида, фикру мулоҳизаҳояшонро дар бораи манзума баён карда,ба он баҳои баланд доданд. Аз ҳама хотирмонаш он буд, ки ҳангоми аз тарҷумаи манзума сухан гуфта, пораҳо хондани дӯст ман – Станислав Золоттсев, ки тарҷумони манзума, шоир ва мунаққиди номии рус буд, аҳли толор борҳо кафкӯбӣ мекарданд, ки, албатта, аломати кори хуби тарҷумон буд.

Ман бо Станислав собиқаи пешинаи ҳамкорӣ доштам, баҳори соли 1987, мо ҳамроҳ дар Душанбе, дар хонаи ман, китоби таҳқиқот ва мақолаҳои маро ба русӣ

тарҷума мекардем, ки нашриёти бонуфузи шӯравӣ «Советский писател» онро бояд чоп мекард. Нисфи аввали китоб аз рисолаи номзадии банда буд, ки ба русӣ тайёр буд, мо нисфи дигарашро, ки аз чеҳраҳои адабиву мақолаҳои нақд иборат буд, ба русӣ бармегардондем. Станислав ба замми шоириаш мутахассиси забону адабиёти инглисӣ, номзади илмҳои филологӣ, адабиётшинос ва мунаққид ҳам буд. Ӯ аз ҷавониаш бо адабиёти тоҷик ҳам шавқу рағбат пайдо карда, ба тарҷумаи ашъори шоирони мо машғул мешуд ва борҳо ба ин ҷо омада буд. Ман матнро, ҷумларо, шифоҳӣ ба русӣ тарҷума мекардаму ба ӯ мегуфтам, ки акнун ту онро ба русӣ навис, ки ин ҳарф ба ӯ хеле хуш меомаду ҳар дафъа механдид. Ҳамин тариқ, мо китобро тарҷума карда шудему ба ҷустуҷӯи номи мувофиқ сар кардем, вале ҳеҷ ба як қарор омада наметавонистем, дар охир ӯ номи «Корни и крони» («Решаҳову шохаҳо») – ро пешниҳод кард. Ман гуфтам, ки манзури китобро хуб ифода мекунад, зеро пайванди шеъри имрӯзро бо классик дар назар дорад, аммо талаффузи он калимаҳои русӣ барои мани тоҷик он қадар хушоянд нест, чунки... Ӯ аввал дар ҳайрат шуд, пас хуб хандиду гуфт, ки хайр чӣ, ту ҳам дар як шеърат дар чанд мисраъ «ёбам, ёбам» мегӯӣ, мани рус ҳеҷ чиз намегӯям-ку? Пас ба ёдам омад, ки ман ба чанд вохӯриҳои шеърхониам ӯро ҳамроҳ гирифта будам ва ӯ ҳоло ба ин банди шеъри «Чу бӯе бар машоми ман бувад...» ишора мекард, ки дар он вохӯриҳо хонда будам:

*Чу бӯе бар машоми ман бувад, бӯйи туро ёбам,*
*Чу рӯе пеши чашми ман бувад, рӯйи туро ёбам.*
*Чу аз кӯе ба кӯе мекашонад кори дунёям,*
*Ба ҳар кӯе, ки роҳам мебарад, кӯйи туро ёбам.*

Пас ман ҳам «воҳ» гӯён хандидаму гуфтам, хайр, биё, то номи дигар ёфтан ҳаминро мемонем, вале вақте китобро ба нашриёт супоридем, муҳаррир онро хонда, номи «Твортси созвучий» («Навосозон»)-ро пешниҳод кард, ки ба ҳар дуямон хуш омад ва китоб бо ҳамин ном чоп шуд, ки аз ҷониби нақди адабӣ хуш пазируфта шуд. То ҷое ки ман хабар дорам, дар «Литературная газета», ки ҳафтавори мӯътабартарини шӯравӣ буд, мақолаи мунаққиди ҷиддии рус Павел Уляшов ва дар Тоҷикистон дар «Коммунист Таджикистана» мақолаи Асия Гордон ба табъ расида буд, ки ҳар ду ҳам хеле мусбату таҳсиномез буд.

Ман манзумаи «Санги ман – алмос» -ро сол 1996 навишта будам. Аввал онро ба бисёриҳо, шояд аз бист нафар ҳам бештар адибон додам, ки хонда фикрашонро гӯянд, ба ҷуз баъзе эродҳои ҷузъӣ, дигар ҳама фикрҳо мусбат буданд. Бо вуҷуди ин, ман онро пас аз чаҳор сол ба маҷаллаи «Садои шарқ» ба чоп додам. Тарҷумаи манзумаи «Санги ман – алмос» бо Станислав Золоттсев

ҳоло кори дуюми мо буд. Манзумаро худ тарҷумаи таҳтуллафз карда будам, аввал онро ба тарҷумони машҳури рус Яков Козловский додам, ки пештар як китоби шеърҳои маро барои нашриёти «Советский писател» тарҷума карда буд. Ӯ раиси шӯрои адабиёти тоҷик дар СБИН ҳам буд. Манзумаро хонда омаду гуфт, ки ман туро бо ин манзумаи хуб табрик мекунам, мо ҳар дуямон дӯст ҳастем, ман китоби туро тарҷума кардаам, он вақт ман ҷавон будам, ҳоло пираму заиф ҳам, бинобар он, эҳсосоти гарму ҷӯшонеро, ки дар ин манзума ҳаст, ман шояд ба он дараҷаи заруриаш баргардонда натавонам, аз ин рӯ, онро ба ягон шоири хуби ҷавонтар пешниҳод кунем, ки тарҷума кунад. Агар ту ҳамин гуна кас надошта бошӣ, ман бароят ҷустуҷӯ мекунам, агар наёфтем, пас ман худам тарҷума мекунам. Аҷаб шахси масъулиятшинос ва поквиҷдоне буд. Ман номи Станислав Золоттсевро гирифтам, гуфт, ки хеле хуб, ӯ ҳам шоири хуб аст, ҳам ҳамсоли ту, ҳамаи ҳиссиёти туро дар тарҷума дода метавонад, ки воқеан ҳамин тавр ҳам шуд. Станислав тарҷумаи таҳтуллафзро хонда гуфт, ки, Аскар, агар ту нахоҳӣ ҳам, ман инро тарҷума мекунам. Пас, тарҷума кард, мо ду бор ҳамроҳ нишаста, онро дида баромадем, аз рӯи хоҳиши ман баъзе ҷойҳои онро боз кор кард. Ҳоло дар баррасӣ аз он пораҳо мехонду аз ҷониби устодони варзида истиқболи гарму ҷӯшоне медиду курта-курта гӯшт мегирифт.

Манзумаи «Санги ман – алмос»-ро шоираи хуби худамон Нисо Ҷӯраева ҳам, ки ба ду забон – ба тоҷикӣ ва русӣ – шеър менавишт, ба русӣ тарҷума карда буд. Ӯ рӯзе ба назди ман омада гуфт, ки мехоҳад ин манзумаро ба русӣ тарҷума кунад, ман ба ӯ гуфтам, ки ҳоло ин корро Золоттсев карда истодааст, оё заҳмати ту зоеъ намешавад. Ҷавоб дод, ки, на, ман онро бевосита аз забони асл тарҷума мекунам, ӯ аз тарҷумаи таҳтуллафз, мебинем, кадомаш хубтар мебарояд. Ӯ ин корро анҷом дод, вале, мутаассифона, умраш вафо накард, чопи тарҷумаашро надид, ҷавон аз олам даргузашт. Сергей Сухоян, ки сармуҳаррири маҷаллаи «Помир» буд, ҳар дуи он тарҷума – тарҷумаи Станислав Золотсев ва Нисо Ҷӯраева – ва нусхаи асли тоҷикиро ҳам дар шумораи 1-3 соли 2004 (баъди раисии ман дар Иттифоқи нависандагон) чоп карда, ба баҳси сифати тарҷума оғоз дод, вале баъзе дӯстон, аз роҳбарияти Иттифоқи нависандагон, ба ин кор монеъ шуда, варо сарзаниш карданду баҳс воқеъ нашуд. Ҳеҷ қисса не, аз мост, ки бар мост. Муҳиммаш тарҷумаи равоншод Нисо ҳам рӯи чопро дид. Рӯҳаш шод боду ёдаш гиромӣ!

Ман баъд аз дувоздаҳ соли раисиам дар Иттифоқи нависандагон, ки ду навбат интихоб шуда будам, соли 2003 фориғ аз хидмат шудам, вале то соли 2005 муовини Раиси Маҷлиси миллӣ боқӣ мемондам. Аз ин рӯ, ман дигар ихтиёри вазифаи маошдор накардам, ҳарчанд ба ман дар Маҷлиси миллӣ ду бор вазифаи баланди маошдор пешниҳод карданд, аммо ман маъзарат хоста, ба кори эҷодии

худ машғул шуданро пеш гирифтам, зеро нақшаҳое доштам, ки бояд амалӣ мекардам. Ҳамин тариқ, шаш сол ба корҳои худам машғул шудам, ки беҳтарин солҳои умрам буд. Он қадар саргарми кор будам, ки шаш сол мисли як рӯз гузашт. Китоби ашъори «Замини сабзи боварҳо», ки аз 280 саҳфа иборат буда, соли 2008 ба чоп расидааст, маҳсули ҳамин давра мебошад, ки бароям яке аз мақбултарин китобҳоям аст. Таҳрири тозаи қисмати «Дӯзах»-и «Мазҳакаи илоҳӣ»-йи Данте ҳам ба ҳамин солҳо тааллуқ дорад. Баъдан, ба ман зарур омад, ки ҳуҷҷатҳоямро барои нафақа таҳия кунам, барои он ман интихобан аз рӯи даромади панҷ соли корам бояд маълумот пешниҳод мекардам, азбаски ман дар вақташ аз нашриёҳои гуногун ва шаҳрҳои гуногун ҳаққи қалам мегирифтам, чунин маълумотро таҳия кардан даводави беҳисобе дошт, ки онро таҳаммул карда наметавонистам. Бинобар ин, соли 2009 зарур шуд, ки даъвати севуми ғамхоронаи Раиси Маҷлиси миллӣ Маҳмадсаид Убайдуллоевро бипазирам ва дар он ба сифати мудири котибот ба кор шурӯъ кунам, ки баъдан барои ду сол ҳуҷҷати даромади маблағ  дошта бошам, то ба ман аз рӯи он нафақа таъин кунанд. Дар Маҷлиси миллӣ бо рафиқони хубе – Музаффари Ашӯриён ва баъдан бо Мизроб Кабиров, ки раисони Дастгоҳи Маҷлиси миллӣ буданд, кор кардам. Ҳар ду ҳам ба ман хеле меҳрубон буданд, ки сипосгузори меҳрубониашон ҳастам. Вале 29 июни соли 2011 маро сактаи дил гирифт, ки пас аз он аз хидмат даст кашидан лозим омад.

Агар қиссаро кӯтоҳ кунем, декабри ҳамон сол маро ҷарроҳии дил ва ду раги диламро иваз карданд. Аз соли 2013 ба Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакӣ ба кор омадам, ки донишманди маъруф Акбар Турсон директори он буд. Ӯ ба ҷону ҳолам намонда, маро мудири шуъбаи адабиёти муосир ва муовини сардабири маҷаллаи илмии «Суханшиносӣ» таъйин кард. Пас аз ним сол ман мудириро тарк карда, ходими калони шуъба шудам. Кор бо Акбари Турсон, олими варзида, хушиҳои бисёр дошт, суҳбат ва баҳсҳои муфиди илмӣ мекардем, ягон вақт фурсат даст диҳад, муфассалтар хоҳам навишт. Маҳсули яке аз баҳсҳои мо мақолаи «Киштинишастагонем ё киштишикастагонем?» -и ман оид ба ғазали Ҳофиз буд. Рӯзе дар суҳбате ман ба ӯ он байти Ҳофизро хондам ва ӯ гуфт, ки ба фикри ӯ «кишитинишастагон» дуруст аст, вале ман, ки ҷонибдори «киштишикастагонем» будам, чизе нагуфтаму баъди даҳ-понздаҳ рӯз мақоларо навишта оварда додам, ки бихонад. Ӯ хонду ба ман гуфт, ки, о, дар ин ҷо ин қадар гап будааст ва дар гӯшаи мақола навишт, ки маро далелҳо қонеъ карданд, дар маҷаллаи «Суханшиносӣ» чоп карда шавад.

Ман дар чанд соли охир машғули кори тадқиқотие будам, ки дар он вежагиҳои анвои шеъри ғиноӣ дар мисоли шеъри тоҷикии нимаи дуюми садаи XX

баррасӣ мешуд ва онро дар ҳаҷми бештар аз панҷсад саҳфа анҷом дода, дар ҷилди севуми «Маҷмӯаи осор» -и ҳафтҷилдаи худ ба чоп расонидам. Онро ба забони русӣ тарҷума ҳам кардам. Ба замми ин, як силсила ғазал ва қариб як китоб дубайтӣ навиштам, ки онҳо ҳам аввалин бор дар ҷилди дувуми ин ҳафтҷилда нашр шуданд.

Ҳоло мехоҳам, ба ҳамин иктифо кунам, ҳарчанд чизи навиштанӣ бисёр аст, вале умедворам, ки ман барои навиштани ҳодисаҳои дигар ҳам, ки дар байни ин воқеаҳо гузаштанд, вақти мусоид пайдо мекунам ва менависам. Алҳол, ҳамин қадар кофист.

**Декабри соли 2014 – августи соли 2017**

## МУНДАРИҶА


Чамани ишқу андеша

Рубоиёт . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .

Дубайтиҳо . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .

Байтҳо . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .

Рубоиёти тоза

Дубайтиҳои тоза

Байтҳои тоза

Достони Нону Имон

Суфраи модар . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .

Рӯзиофарин . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .

Мӯри донакаш . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .

Нонгурезон . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .

Ҷоннисор . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .

Дар музеи гандум . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .

Талбаки талбидаам . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .

Тахтасанги гушнагӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .

Некӣ куну ба дарё андоз . . . . . . . . . . . . . . . . .

Дар ҳисори гушнагӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .

Умед . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .

Саргузашти “Талбаки талбидаам (Навҳаи модар)”....................................

Манзумаҳо

Санги ман – алмос . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .

Чакомаи ризойи модар . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Анӯширвон дар додгоҳи адл . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Ба таваҷҷуҳи хонандагон! Гуфтор дар бораи худ...................................

**АСКАР ҲАКИМ**

**МАҶМӮАИ
АШЪОР**

**Ҷилди II**

Муҳаррир:
Муҳаррири техникӣ:
Мусаҳҳеҳ:

Ба матбаа санаи супорида шуд. Ба чопаш имзо шуд. Коғази офсет. Чопи офсет. Ҷузъи шартии чопӣ
Андозаи 60x84/16. Гарнитураи ҳуруф «Times New Roman Tj». Супориши . Теъдод нусха.
Нархаш шартномавӣ.

Матбааи « »
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи .....
Тел.: